**МУҲАММАДАЛИИ АҶАМӢ**

# ТАФАККУР ВА ҲИС ДАР ШЕЪР

***Нақд ва баррасии шеъри муосири тоҷикӣ***

Душанбе
«Адиб»
2008

ББК 84 (Тоҷик) 7-4
А–47

Муҳаррир
*Мубашшир Акбарзод*

А-47 **Муҳаммадалии Аҷамӣ. Тафаккур ва ҳис дар шеър.**
– Душанбе, «Адиб», 2008. – 296 саҳ.

«Тафаккур ва ҳис дар шеър» маҷмӯаи мақолаҳои шоир ва суханшинос Муҳаммадалии Аҷамӣ аст, ки таҳлилу баррасии ашъори чанд тан аз шоирони муосири тоҷикро дар бар мегирад. Мақолаҳо дар савияи баланди адабиётшиносию шеършиносӣ навишта шудаанд. Умед аст, ки барои хонандаи сухансанҷ ва донишомӯзони мактабҳои олӣ ба кор меоянд.

ISBN 978-99497-57-70-1

© Муҳаммадалии Аҷамӣ, 2008

# ДИДИ ТОЗА ДАР НАҚДИ ШЕЪРИ ТОҶИКӢ

Дар ин китоби шоири баркамоли тоҷик Муҳаммадалии Аҷамӣ шеъри 21 нафар суханвари имрӯзаи тоҷик, гузашта аз бузургсолону ҷавонони ҳудуди сисола, мавриди назар ва таҳқиқу баррасӣ қарор ёфтааст. Аз ин шоирон Лоиқ Шералӣ ва Искандари Хатлонӣ дунёи фониро падруд гуфта ва дигарон ба меҳрубонии Худованд аз файзи рӯзгор бархурдоранд. Сухани инҳо аз мавқеи сохтори ҳунарӣ, маъно ва мазмун, инчунин фарози маънавӣ ба шеъри имрӯза талаққӣ мегардад, ки дар ҳудуди рӯзгори насли бузургсолу ҷавон фароҳам меояд. Аз ин рӯ китобе, ки акнун дар даст дорем, ба намояндагӣ аз 21 нафар баҳсе дар атрофи мавзӯъу мӯҳтаво ва ҳунари суханварии шеъри имрӯзаи тоҷикист. Ҷиҳати ҷолиби ин китоб дар он аст, ки нависандааш на муҳаққиқ ва мунтақиди касбии адабӣ, балки як шоири тавонои касбӣ мебошад. Дар ин ки шоир шеъри ҳамқаламонашро нақду баррасӣ мекунад, низ иқдоме мустасно дар миёни соҳибони пешаи шоирӣ нест. Буданд ва ҳастанд шоироне, ки ба нақди шеъри ҳамкасбони худ пардохтанд ва намунаи ҳамзамони мо китоби шоир Гулназар дар сифати шеъри Лоиқ ба исми «Лоиқе чун Лоиқе» буда метавонад. Ҳангоме шоир ба нақди шеъри шоири дигар мепардозад, тозакориҳои суханаш, равиши услубӣ, бозёфтҳои шоирона, ҷаҳони маънавӣ ва нозукиҳои зиёди дигареро ба осонӣ мебинад ва меёбад. Аз ин лиҳоз роҳу равиши судмандеро Муҳаммадалии Аҷамӣ пеш гирифта ва барои ҳампешагон бо ҳиммати баландаш хидмати шоистае ба ҷой овардааст.

Аммо кори Муҳаммадалии Аҷамӣ аз чанд ваҷҳ аҷобат ва тозагие дорад, ки гуфтанӣ ҳаст ва китоби ӯ дар радифи асару мақолаҳои танқидии замони охири тоҷикӣ ҷойгоҳи хосе хоҳад дошт. Накди адабии замони шӯравии тоҷикӣ аз охири солҳои сиюм то оғози солҳои чилуми асри гузашта, яъне оғози камолоти адибоне дар низоми шӯравӣ таълиму тарбиятёфта, тадриҷан бо таъсири мафкураи адабии русӣ ва минҷумла адабиётшиносӣ ва танқиди адабии он сурат ёфт ва чунин таъсир ва натиҷаи таҳсил ду сифати муҳим дар забон ва мазмуни накди адабӣ ба бор овард. Аввалан, андак-андак мароҳили адабии тоҷикӣ, аз ҷумлаи аркони маъонию баён, луғоту истилоҳот ва балоғат аз истифода боз мондаанд. Бо ин сабаб дар таҳқиқ ва танқиди адабии баъди солҳои 50-ум як навъ костии азиме дар таҳлилу баррасии балоғати сухан ба вуҷуд омад ва ин норасоӣ то ба имрӯз идома ёфт. Баъдан, таҳлили асари адабӣ ба ҷустуҷӯи бунёди маърифатӣ ва эстетикии асар рӯй оварда, ба тадриҷ қавоиди онро, пайваста бо камию костиҳои роҳпаймоӣ дар ҷодаи наозмуда омӯхта, дар худ парварид. Ин роҳи нав, вобаста ба талаби замон, ду камбуди зотии худро дошт: якум, шинохти шадиди табақотии ҷомиа ва арзишҳои башарӣ ва дуюм, иҷтимоъгароии омиёна, ки дар қолиби русӣ онро тоҷикон сотсиализми вулгарӣ ҳам мегӯянд. Чунонки ба мушоҳида мерасад, танқиди адабии тоҷикӣ дар 50-60 соли ахир равиши хоси худро, ки мутобиқи мактаби илмии русӣ ва шӯравӣ аст, ба вуҷуд овард.

Муҳаммадалии Аҷамӣ тарбиятёфтаи мактаби замони шӯравии тоҷикӣ бошад ҳам, тарбияи ақлонӣ ва фикри адабии ӯ нишонаҳои зотии мактаби адабии ҳунарии имрӯзаи Эронро дорад. Мактаби адабии ҳунарии имрӯзаи Эронро банда бо тамоми умқи андеша, фарогирии ҷузъиёту куллиёт, кулли истилоҳоту таъбирот иддаои бархурдорӣ доштанро кардан наметавонам. Аз ҳамин рисолаи Муҳаммадалии Аҷамӣ ва адади китобҳову мақолаҳое, ки

ба мо расидаанд ва аз файзи мазмуну маъно ва бори илмию ҳунарии онҳо истифода кардаем, ин чиз мусаллам аст, ки дар накди адабии Эрон истифодаи мафоҳими адабии суннатӣ роиҷ буда ва мавриди истифодаашон бисёр ҳам густардатар аст. Яъне камбуде, ки дар шинохти балоғати сухан миёни тоҷикон ба амал омад, дар Эрон рӯй надод. Васоити ҳунарии шинохти балоғату фасоҳати сухан дар он ҷо инкишофу такмили тадриҷӣ (эволютсионӣ)-ро аз сар гузаронида, дар пайвастагӣ бо гузиниши мафоҳими милали дигар пешрафти фикри илмии адабиро таъмин карданд. Муҳаммадалии Аҷамӣ дар ин рисола корбурди суннатии мафоҳими адабӣ ва балоғати нақди суханро дар ҳамбастагӣ бо диди кунунии эронӣ дар нақди адабӣ ба мо бармегардонад. Ишораи мо ба ҷойгоҳи хоси рисолаи Муҳаммадии Аҷамӣ дар накди адабии тоҷикӣ ба ҳамин маънист. Нависанда назари хос ба маъонии шеър ҳам дорад ва онро дар пешгуфтор изҳор кардааст.

Дар муқаддима нависанда мефармояд, ки «вақте шеър матлуб аст ва ангезандаи ҳис таҳти таъсири он қарор мегирад», аз ин сухан чунин маъно бармеояд, ки шеър чизе болотар аз ҷаҳони маҳсус аст. Маълум аст, ки василаи шинохт дар олами шоирӣ аъзои ҳис омадаанд, бунёди шеърро муддаъӣ дар чизе дигар мебинад ва ин чизи дигар дар ҷумлаи баъди суханони боло ба ин тарз омадааст:

«Дастёбӣ ба шеъри асил аз тариқи тасвирҳои тоза ва таркибҳои равон ҳосил нахоҳад шуд. Балки аз тариқи андеша, он ҳам андешаи баланд сурат мегирад».

Тибқи ин назар асли шеър ҷаҳони андеша ва рӯъёи хаёл аст ва «таркибҳои равон» аз диди маънӣ нақшҳои ҳунарии сухан мебошанд, ки дар урфи адабии имрӯзаи тоҷикӣ образ хонда мешаванд. Мақсади нависанда тарҷеҳи маънӣ бар сурат дар суханварист, ки ба таълимоти роҳнамои забоншинохтӣ мувофиқат доранд. Аз ин мавқеи назар нависанда ба чунин натиҷа мерасад, ки омили муҳимтарини

ба вуҷуд омадани шеъри асил инқилоби андеша ва инқилоби тафаккур аст ва муҳаққиқ барои пур кардани ҷои холӣ дар шеъри шоир бояд шеърро пайдо кунад. Ин андешаҳо, ба назари банда, чӣ будани маънои шеърро ба сӯи якназарӣ мебарад, вале боз ҳам пайдост, ки асоси шеърро нависанда бар пояи маънӣ мегузорад, ки ба ормонҳои инсонӣ вобаста аст ва ин як навъ давоми чунин андешаҳои ӯст: «Шеър шавқи осмонӣ ва умеди осмонӣ аст». Ин қазия ҳам чунин як рукни муҳимми зебоишиносӣ аст, ки андешаи шоирро ормон ва шавқи шоир осмонӣ мегардонад. Дар ҳамин ҷо, агар назари нависандаро хулоса кунем, чунин бармеояд, ки ақидаи мазкур дар заминаи таҷриба ва мактаби шеършиносии суннатии форсӣ ва тоҷикӣ ба вуҷуд омадааст. Мувофиқи ин ақида шеър мабнӣ бар маънӣ ва дониш аст ва барои чунин сифат гирифтани омилҳои марҳалаи оғози шеъри форсӣ сабаб шудаанд.

Аз ҷониби дигар шеъре, ки дар замони ҳозира, замони инкишофи азими илмию фикрӣ суруда мешавад, наметавонад бо пазироии ангезаҳои зоҳирии ҳиссӣ қаноат ёбад ва аз назари равонӣ ба марҳалаи кӯдакии инсон таалluқи_хотир биёбад. Балки вай аз умқи назарҳо ва падидаҳои ҷаҳоншиносӣ бархоста, ба гӯши ҳавасҳо ва хоҳишҳо пайванд ёфта, дар ҷаҳони зоҳирӣ айнияти худро меёбад.

Тезиси дигари нависанда дар сифати андеша аст. Танҳо андешаи бузург ё азамати андешаро бо худ ҳамроҳ бигирад, вагарна «ин шавқу умеди осмонӣ» дар қолиби сухан ҷой намегирад. Хулосаи нависанда ба ин равиш чунин аст, ки «муҳимтарин омил дар кори шеър азамати андеша ва шукӯҳи тафаккур аст. Баъди ин хулосаи назарӣ нависанда рӯй ба шеъри имрӯзаи тоҷикӣ оварда, онро пур аз «фақри андеша ва шукӯҳи тафаккур» меёбад. Сармояи тафаккур ва андеша асоси маншаи кашфи маъниҳои бикр аст. Ба ин равиши назар нависанда омилҳо ва маҳаки шоириро дар сармоядории калимот ва кашфи маъниҳои бикр ва тасвирҳои

тоза шинохта, ба ин восита сурат ва маъноро ба ҳам мепайвандад. Аз шеъри имрӯзаи тоҷикӣ намунаи мондагори онро дар сухани Мӯъмин Қаноат ва Лоиқ ёфтааст, ки аз ҷаҳони андеша бархурдор мебошанд.

Масъалаи дигаре, ки дар муқаддимаи рисола матраҳ шуда, муносибат ба суннатҳои адабист. Суннатҳо дар қаламрави дониш ва истилоҳот (ба таъбири муаллиф–санъат) эътибор доранд. Аммо таҳаввули ногаҳонӣ ва азим хатари бесуботӣ ва таназзулро дорад. Фарҳанг ойин ва суннатҳои як миллатро аз бегона гаштан нигоҳ медорад ва дар ин равиш саҳми шоирон хеле бузург аст ва бо ин сабаб бояд шеърро ба таҳкими қувватҳои миллӣ равона сохта бошад ва дар сухани ӯ ҷилваҳои воқеии суннатҳои миллӣ намудор шуда бошанд. Ба ин восита нависанда шоирони имрӯзро ба донистани суннатҳои миллии адабӣ ва пайвастан ба арзишҳои маънавӣ даъват мекунад. Шеър рӯҳониятро комил месозад ва дарвоқеъ ҳунар ва санъат (ба маънои тоҷикии ин мафҳум) аз паси дину ойин дувумин чизе аст, ки маънавияти инсониро парвариш медиҳад ва ба камол мерасонад. Ба қавли Аҷамӣ «шеър рӯҳониятро дар инсон комил месозад».

Ба таҳлили ашъори шоирон мурочиат карда, нависанда дар навбати аввал ба ҳамин маънавияти ашъори онҳо мурочиат мекунад ва чизҳоеро мебинад ва мушоҳида мекунад, ки аз назари муҳаққиқони имрӯзаи тоҷик тамоман дур афтодаанд.

Мунаққидони аҳди шӯравӣ ва дар идомаи суннатҳои он замон мунаққидони имрӯза ҳам аз вуҷуди вусъати маънавии шеър, ки мақоми инсонро ба ҷойгоҳи улвӣ мебарад, тамоман дар ғафлат монданд.

Таҳлилу баррасии шеърро аз офаридаҳои Мӯъмин Қаноат оғоз мекунад ва ҷилваи навӣ ва ҳунарро дар шеъри ӯ дар таъсири ғании шеъри гузаштагон мебинад, ки то ин замон донишмандони мо кам ба онҳо таваҷҷӯҳ доштаанд.

Аз ҷумла сарчашмаи навӣ дар шеъри Қаноат аз дунёи андешаҳо, тасвирҳо, рехтагию пухтагиҳо, забони мӯҳтавои шеъри гузаштагон, бахусус ду пири майкадаи андеша ва маъно Мавлоно ва Бедил аст. Дар мавриди шеъри Лоиқ гуфта мешавад, ки ин назарҳо бо ҳиссиёти шоирона пайванд ёфтаанд ва сухани нависандаро аз дуруштиҳои сухани сангини касбии муҳаққиқи адабӣ ба берун бурда, бо андешаи ягонаи ҳиссу тафаккур, ки худи ӯ ҳам ҷӯёяш мебошад, пайвастаанд. Нукоти ҷолибе дар мавриди ҳунар ва ҷаҳони маънавии ҳар яке аз ин бисту як шоир изҳор шудааст, ки барои хонанда ва худи суханварон арзиши зиёде доранд. Аз ҷумла дар бораи Лоиқ мефармояд, ки устод «дар олами ҳастӣ аз лағжидан меҳаросад» ва ин жанрро мо «ҳанӯз нашинохтаем».

Бо як сухан китоби Муҳаммадии Аҷамӣ диди тоза, усули нав дар таҳлилу баррасии шеъри тоҷикӣ мебошад. Чизе, ки дар ин асар ба назари мо такмил мехоҳад, хулоса ва натиҷа аз раванди умуман шеъри имрӯза, камбуду норасоии он ва роҳи такмилу пешравиҳост.

***Профессор***
***Худоӣ Шарифов***

# ПЕШГУФТОР

Дар кори шеър ҳарф ва тасвир калима дар калима бояст, ки матлуб бошад ва ангезанда. Вақте шеър матлуб аст ва ангезанда, ҳис таҳти таъсири он қарор мегирад. Дастёбӣ ба шеъри асил аз тариқи тасвирҳои тоза ва таркибҳои равон ҳосил нахоҳад шуд, балки аз тариқи андеша, он ҳам андешаи баланд сурат мегирад. Яъне қудрати андешаи шоир аст, ки дар вуҷуди калимот таҳаввулоти тозаро ба бор меорад. Муҳимтарин омил дар шеъри асил ва шеъри баланд инқилоби андеша ва инқилоби тафаккури шоир аст. Барои пур кардани ҷойи холӣ дар шеър шоир бояд, ки шеърро пайдо кунад. Аммо барои дарёфт ва кашфи шеър шоир бояд биандешад, бояд тафаккур кунад. Иртифои андеша ва иртифои тафаккури шоир ҳар қадар, ки болотар бошад, шеър он қадар пурбортар аст. Он вақт бо гармӣ аз шеъри шоир, аз каломи шоир истиқбол хоҳад шуд. Шеър шавқи осмонӣ ва умеди осмонист. Шеър дар ноумедӣ ва сахтиҳо ба инсон шукӯҳ ва азамат медиҳад. Шоир ҳамин шукӯҳ ва ҳамин азаматро аз тариқи калимаҳо ба шеър меорад. Барои расидан ба ин шукӯҳ ва ин азамат, ки ҷозибаи шеър дар он аст, шоир бояд азамати андеша ва шукӯҳи андешаро дошта бошад. Ва ин азамат ва ин шукӯҳ дар кори шеър аз рукнҳое бисёр муҳим ва лозим аст, зеро пеш аз он ки қолаб ё устухонбандии як ҳунар шакл бигирад, бояд азамат ва шукӯҳи андеша дар он аввал бошад. Ва ин далели рӯшан аст, дар ҳавзаи шаклёбии ҳар ҳунар ва бахусус, дар ҳавзаи шеър. Ба ин тариқ азамати андеша ва шукӯҳи андешаи шоир калима дар калима, ибора дар ибора, таркиб дар таркиб бояд, ки вуҷуди шеърро бипӯшонад. Шоир бо азамати андеша ва шукӯҳи тафаккур дар ҷаҳони торик нур мепароканад. Бавижа онон, ки ба ҳунари шеър сарукор гирифтаанд, фикр мекунам, ба ин ҳарф мувофиқанд. Ба ҳар тариқ, агар бихоҳем муҳимтарин омил дар кори шеър, дар ҳунари

шоирӣ зикр шавад, азамати андеша ва шукӯҳи тафаккур аст. Иқрор бояд кард, ки имрӯз шеъри тоҷикӣ аз фақри андеша ва ақибмондагии андеша пур аст, ҳарчанд аз сару садо холӣ нест. Бо ин навъи нигариш дафтарҳои шеър ба табъ мерасанд. Ин навъи нигариш бар зеҳнҳо талқин мешавад, ки яъне шеър ҳамин аст. Дар ин сару садоҳо хонанда ба шеъри асил гумон аст, ки даст биёбад ва агар ҳам даст меёбад, ин дастёбӣ бисёр мушкил ба вуқӯъ меояд. Андеша ва тафаккур мазҳари ҳунари шоир аст. Андеша ва тафаккур дар кори шеър мадду ҷазрҳои худро дорад. Андешаи шоир як навъи нигариш, як навъи таҳқиқ, як навъи маъно кардани шеър дар шеър аст.

Осори шайх Аттор, Мавлавӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Бедил, Иқбол… намунаи боризи азамати андеша ва тафаккур аст дар шеър. Дар ҳунари шеър ҳар шоир шеваи нигариши худро ба хилқат, ба одаму олам, ба ҳастӣ дорад. Шоир бояд, ки сармоядори калима, сармоядори андеша ва сармоядори тафаккур бошад. Ҳамчунин ҳунарманд бошад дар кашфи маъноҳои бикр ва тасвирҳои тозаву диданӣ. Ҳунарманд ва чирадаст бошад дар корбурди калимаву таркибҳо, дар корбурди саноеъи шеър. Дар ифода ва танзими маъноҳои бикр ва тасвирҳои ноб шоир аз сармояи тафаккур ва андеша бояд кор бигирад. Агар шоир аз сармояи тафаккур ва андеша бархурдор бошад, бешак, дар кашфи маъноҳои бикр, дар кашфи маъноҳои тоза пешдаст хоҳад буд. Ин ду омил маҳакки асосист дар ҳунари шеър ва шоирӣ.

а) Сармоядорӣ дар калимот.

б) Кашфи маъноҳои бикр, тасвирҳои тоза ва ноб.

Ҳузури ин ду омил забони баён, забони андеша ва забони шеърро тақвият медиҳад. Ҳар шоири асил сабк ва шеваи баёни хос ба худро дар шеър дорад. Яъне забони мустақил дар андеша ва тафаккури шеър. Вақте шеър ба вуҷуд меояд, шакл меёбад, бояд донист, ки натиҷа аз он шеър чист, зеро шеър ломп нест, ки бо як даст задан ба калиди барқ рӯшан шавад. Шоири ҳунарманд бо ҳар шеъри зебо ва шевои худ инсонро ба ҳақиқат ва зебоиҳои ғурурангези қудрати парвардгор ошно мекунад. Барои ош-

кор ва иқрори ин ҳақиқат ва ин қудрат шоир ниёз дорад боз ҳам ба ҳамон шукӯҳи андеша ва тафаккур. Чи дар гузашта, чи имрӯз меъёри шеъри воқеӣ ва асил дар ин хат баррасӣ мешавад. Нигоҳе гузаро ба шеъри шодравон Лоиқ Шералӣ, шеъри Мӯъмин Қаноат кофист, то бозтоби ин ҳақиқат ошкор гардад. Агар шеъри зиндаёд Лоиқ Шералӣ ва шеъри устод Мӯъмин Қаноат мондагор аст, маҳз дар гарави азамату шукӯҳи андеша ва тафаккури онҳост.

Шоир дар шеър аз тасвир, аз шеваи баён, иҳом, рамз, ташбеҳ, талмеҳ фаровон истифода мекунад. Аммо истифода аз ин маҷмӯъ танҳо зоҳири кор аст дар шеър, ҷавҳар ва ботин дар шеър чизест дигар. Он чизи дигар ҷӯшиш, кӯшиш, ҷон ва рӯҳи шоир дар шеър аст, барои шинохти сиришт, фитрат, дил, ишқ ва маънавияти онҳо. Арзиши сухани шоирро, арзиши андешаи шоирро ҳамин ҷилваҳост, ки муайян ва мушаххас мекунад. Вақте калимот, мӯҳтаво ва тасвири як шеър рӯҳро такон медиҳад, бояд қабул дошт, ки он шеър аст. Азамати андеша, шукӯҳи андеша, тафаккури баланди шоир аст, ки ба калимаҳо, ба мӯҳтаво, ба тасовир дар шеър ҳаққи зиндагӣ медиҳад. Ҳамин ангеза ва ҳис аст, ки шоири асил беш аз ҳар кӣ дарк мекунад, ки гум кардани асолати маънавӣ барои як инсон, барои як ҷомеа, барои як миллат то чӣ ҳадде хатарнок аст. Ҳар инсон аз ҳар табақае бошад, агар аз эътиқодоти суннатӣ ва миллии худ фосила бигирад, дини ӯ, имони ӯ ба Худованд, ба аҳкоми Худованд батадриҷ ранг мебозад ё хомӯш мешавад. Дар ин хат шоирон бояд беш аз дигарон барои ҳифзи ойин ва суннатҳои миллӣ аз нерӯи азамату шукӯҳи андеша ва тафаккур кор бигиранд. Ҳар он ки бар мероси фарҳангии миллат хатти бутлон мекашад, ҳаққи маънавӣ надорад, ки бо миллат бошад ё бо миллат зиндагӣ кунад, зеро фарҳанг ва суннат наметавонад лаҳза ба лаҳза дигаргун шавад, таҳаввул ёбад, чун ин ҳолат аз сифатҳои фарҳанг, ойин ва суннат нест. Дар ин робита донишманди бузурги олмонӣ Валфгонг Баризенко хуб фармудааст: «Дигаргунӣ ва интиқоли суннатҳо дар қаламрави дониш ва санъат пешрафт номида мешавад. Вале дар қаламрави

маънавиёт ва эътиқодот ҳар таҳаввули азим ва сареъ ба таври ногаҳонӣ сурат бигирад, хатари таназзул, бесуботӣ ва фурӯпоширо ба худ ба ҳамраҳ меоварад». (Низоми арзишҳо дар Ғарб. Кайҳони фарҳангӣ, соли 1996, №29, саҳ. 16). Арзиш ва ҳифзи фарҳанг, ойин ва суннатҳо як миллатро аз бегона гаштан ба худ ҳифз мекунад. Дар ҷомеа аз ҳама бештар шоирон масъулияти ҳифзи ойин ва суннатҳои миллиро бар шона доранд. Дар ин масъулияти ҳамешагӣ нақши андеша ва тафаккури шоир бисёр муҳим аст. Фирдавсӣ аз он шоиронест, ки бо азамату шукӯҳи андеша ва тафаккур тавонист арзишҳои фарҳангии миллатро пойдор бисозад. Таҷаллии азамат ва шукӯҳи андешаи шоир то имрӯз барои пойдории ойин ва суннатҳои миллӣ хидмат мекунад. Андеша ва тафаккури шоир вусъати нигоҳ, дарки дақиқ, баёни рӯшан, ҷозиба ва кашиши фавқулода бояд дошта бошад. Андеша ва тафаккури шоир дар шеър ҷузъе аз зиндагии шоир аст. Азамат ва шукӯҳи андешаи шоир, тафаккури шоир аз зиндагии мардум, аз эътиқод ва боварҳои мардум, аз таҷаллии зебоиҳои шигарф сурат мегирад. Ин аст, ки аз шеъри шоирони асил ва воқеӣ ҷилваҳои зиндагии як миллат, бо суннат, бо эътиқодоту боварҳо, бо таҷаллии зебоиҳо ба чашм мехурад. Андеша ва тафаккури шоир ба шеваҳои зиндагии мардум, бо суннатҳои ахлоқӣ ва мазҳабии мардум бояд пайвандҳо дошта бошад. Шоир худро бар таҳкими пояҳои маънавию ахлоқӣ ва суннатҳои миллӣ бояд мутамарказ бисозад. Ишқи шоир, муҳаббати шоир, имони шоир, эътиқоди шоир дар ҳамин меҳвар бояд, ки хулоса шавад. Дар ин меҳвар шукӯҳи андеша ва тафаккури баланди шоир аст, ки шеърро муассир месозад, шеърро дар як ҳолу ҳавои зебо ва ширин ба зеҳни хонанда мерезад.

Андеша ва тафаккури шоир рӯҳи шеърро дар калимот, дар тасвир, дар мӯҳтаво, дар қолаб таъйин мекунад. Барои шинохти як шеър аз ҳар паҳлӯ ки бошад, азамати андеша ва шукӯҳи тафаккури шоирро бояд шинохт. Шеър рӯҳониятро дар инсон комил месозад, яъне инсонро ба камол мебарад. Шоир ҳамин ҳақиқатро дар шеър ҳаллу фасл

месозад. Ва агар азамат ва шукӯҳи андешаи шоир дар шеър заиф бошад, чӣ гуна метавонад ин ҳақиқатро ҳаллу фасл бисозад. Ҳол он ки шеър барои ҳамин манзур аст, яъне барои тарбияти башар. Шеър аз равишҳои тарбиятӣ аст, барои рӯҳ, барои комилтар шудан. Шеъри асил шахсиятро, рӯҳониятро дар инсон такомул медиҳад. (Манзур аз инсони комил танҳо рушди ақлӣ ва ҷисмии инсон нест, балки рушди рӯҳии инсон, яъне рушди рӯҳоният дар инсон аст). Ҳаргиз иддаои онро надорам, ки бигӯям танҳо шеър дар рушди рӯҳии инсонҳо таъсиргузор аст. Аммо бар онам, ки ҳаққи шеър дар ин росто бештар аст.

Шеър таҷаллиест аз рӯҳ. Дарунандешии шоирон, ки реша дар тафаккури баланд ва бадеъ дорад, барои шинохти рӯҳ ва кашфи асрори рӯҳ мебошад. Ҳар он шоир ки аз азамат ва шукӯҳи андеша ва тафаккури баланд бархурдор аст, аз мавзӯъ ба гунае сухан мегӯяд, ки хонандаро баночор ба дарунандешӣ водор месозад. Хонанда аз тариқи дарунандешӣ мавзӯъро калима дар калима ҳис мекунад ва ба мантиқи мавзӯъ ва рӯҳонияти мавзӯъ бештар ошно мешавад. Шоир розҳои рӯҳро дар забони шеър бозсозӣ мекунад. Азамат ва шукӯҳи андеша, тафаккури болиғ ва бадеъ бозсозии забонии шеър ошкортар зуҳур меёбад. Арз бояд дошт, ки азамат ва шукӯҳи андеша ва тафаккури баланд дар шеърҳои ирфонӣ бештар риоят ёфтааст. Таҳаввули тафаккур ва андеша ҳам аз назари мазмун ва ҳам аз назари шакл дар фазосозии шеър бисёр муассир аст. Андешаи болиғ, тафаккури бадеъ тасовирро дар шеър пурранг мекунад ва аз халои ранг дур. Андеша ва тафаккури шоир вақте саршор аст аз рӯшании ишқ, аз рӯшании имон ва эътиқод, поянда аст. Ин пояндагии андеша ва тафаккур хонандаро аз шеър то ишқ, аз ишқ то рӯҳ, аз рӯҳ то Худованд ҳидоят месозад. Ин аст, ки дар ҳар қарн шоирони бузург бо шукӯҳи андеша ва тафаккури болиғ ба шеър ворид гардидаанд. Бошад, ки ҳамеша чунин бошад.

***Муҳаммадалии Аҷамӣ***

# ХИТТАИ МУАТТАРИ ШЕЪР

Намедонам ин ҳарфро аз ман меписандад ё хайр, аммо ҳақ ин аст, ҳар хонанда, ки мехоҳад ба қаламрави шеъри шоири шаҳир Мӯъмин Қаноат ворид бишавад, аз лиҳози зеҳн ва фикр хешро аз пеш бояд омода бисозад. Дар ҳавзаи шеър талотуми рӯҳ ҳаст, ки ба андеша ва сохтори андешаи ӯ таъсир мениҳад. Шеъри ӯ аз рӯҳ ангеза мегирад, дар қолаб, дар шакл мунташир мешавад:

*Ҳар шаб дуо барам ҳама то водии талаб,*
*Дар раҳгузори боли дилам осмон намонд.*

(«Гулчини ашъор», саҳ.173)

Раҳравони водии талаб ҳамеша мардони роҳи ҳақ буданду ҳастанд. Мурод аз водии талаб расидан аст ба ваҳдати вуҷуд. Аҳли маърифат ва ошиқони ҳақ медонанд, ки водии талаб ва ваҳдати вуҷуд чист. Ангезаи ин банд он гуна, ки аз худи байт бармеояд, аз рӯҳ аст. Ин ангезаро баъд ба соғари тафаккур мерезад. Шоир ҳамин ангезаи рӯҳро дар соғари тафаккур ҷӯш медиҳад. Дар мароҳили ниҳоӣ шоир ин ангезаро дар қолаби байт мунташир месозад.

Намунаи дигар аз ҳамин ҳошия:

*Азизони ҳама олам, шаҳидони ҳамин олам,*
*Шумо рафтед он ҷойе, ки танҳо мерасад Одам.*
*Ҳамон ҷойе, ки Одам мераҳад аз ҷавшани сурат,*
*Ҳамон ҷойе, ки Одам меҷаҳад аз тавсани сурат.*
*Ҳамон водӣ, ки рӯҳи якраҳи инсон*
*Ба марзи ҷовидонӣ мешавад яксон.*

(«Гулчини ашъор», саҳ.154)

Ба тафсили ин байт муфассал намеистам. Мусаллам аст, ки ин абёт ҳам аз рӯҳ ангеза гирифта, дар соғари тафаккур шира бастааст ва дар қолаби байт зуҳур ёфтааст. Одам дар ин абёт мартабаи инсони комил аст, мартабае, ки шаҳидони роҳи ҳақ бар он мушарраф шудаанд. Ононанд, ки аз ҷавшани сурат растаанд, растагор шудаанд, аз водии талаб гузаштаанд ва ба марзи ҷовидонӣ (ваҳдати вуҷуд) расидаанд. Ин ангеза ва ин тафаккур аз фалсафаи ҳастӣ ва офариниш нумӯ мегирад. Такяи устод Мӯъмин Қаноат дар шеър рӯйи ҳамин фалсафа – ҳастии инсон ва хилқати инсон аст. Шоир ойинаи тафсири ҳамин фалсафаро пеши рӯйи хонанда мегузорад. Баён ва тафсири ин фалсафаи мутлақ дар каломи шоир тароват ва тозагиҳои дигаре дорад. Дар фалсафаи шеъри шоир ду қутб рӯёрӯйи ҳам воистодааст, нур ва зулмат, марг ва зиндагӣ. Дар миёни ин ду қутб инсон аст, ки худро бояд комил кунад, худро бояд бисозад, худро бояд бишносад. Ин ҷост, ки инсон бояд худро дар водии талаб кашф кунад ва бирасад ба марзи ҷовидонагӣ. Дар ҳамин худсозии хилқат инсон ё ба нур мепайвандад, ё ба зулмат, ё нур мешавад ё зулмат. Ҳамин шеваи баён ва эътиқод ва расолати суханварӣ сухани шоирро зулол, хушоҳанг ва дилнишин кардааст. Талотуми рӯҳро, талотуми андешаро, талотуми ҳисро устод Мӯъмин Қаноат дар беҳтарин шаклҳои баён ба тасвир мекашад. Чунончи, дуқофиягӣ ва қофияи дарунӣ дар шеъри ин шоир паҳлӯҳои дидании худро дорад.

Дуқофиягӣ:

*Ва урён мешавад шохи ниҳоли себи хубонӣ,*
*Ва гирён мешавад дар кӯҳсорон абри боронӣ.*

(«Гулчини ашъор», саҳ.128)

*Ҳамон ҷойе, ки Одам мераҳад аз ҷавшани сурат,*
*Ҳамон ҷойе, ки Одам меҷаҳад аз тавсани сурат.*

(«Гулчини ашъор», ҳамон ҷо)

Қофияи дарунӣ:

*Мардумон дар даштҳо, бо домани зарташтҳо…*

* * *

*Садои <u>арғунун</u> дар шаҳри <u>маҳзун</u> мешавад ҷорӣ...*

(Ҳамон ҷо, саҳ. 387)

Аз дигар ҷилваҳо дар каломи шоир таносуби қавии дарунӣ ва берунии қофияҳо, таркибҳо ва такрори вожа аст, ки манзур ва мақсудро ба зеҳни хонанда менишонад.

Бубинед:

*Гардуна мегардад ба тундӣ бо навои занг-занг,*
*Гардунаи ороста бо нақшҳои ранг-ранг.*
*Аз тундии гардуна в-аз кундии аспи саманд,*
*Гарди қафо аз пеш ояд бо ҳавои чанг-чанг.*

(Ҳамон ҷо, саҳ. 122)

* * *

*Ту лофи Ватан мезанӣ, тани ҷудои ман аст,*
*Ба ҳар худо, ки қасам мехӯрӣ, Худои ман аст.*
*Куҷост раҳрави вораста аз вуҷуди худӣ,*
*Ки дар висоли ҷамоли Худо гадои ман аст.*
*Ҷаҳони пур аз фитнаву шарре, ки мебинӣ,*
*Сагест, ки баргашта аз вафои ман аст.*
*Ҳамин, ки медамад аз Шарқ ояти хуршед,*
*Ба чашми пӯшида хон, муждаи дуои ман аст.*

(«Гулчини ашъор», саҳ. 167)

Шоир бо ин шеваи баён азамат ва бузургии инсонро, рӯҳи инсонро таҳқиқ мекунад. Яъне агар дар як сухан иброз шавад, шоир ба инсон риҷъат ба хештанро меомӯзад. Офариниш, хилқат, ҳастӣ, марг ва зиндагӣ, ҳақиқат ва тариқат даст ба дасти ҳам медиҳанд ва дар ин ҳамдастӣ ҳамосаи инсон ба вуқӯъ меояд. Ин ҳамоса, ин ирфон дар шеъри устод Мӯъмин Қаноат рӯҳро хобовар намесозад, балки такондиҳанда ва ангезандаи рӯҳ аст. Дар ҳошияи ин ҳарф бояд иқрор кард, ки шеър барои устод Мӯъмин Қаноат иқтидо аст ба азамату бузургии Офаридгор ва халифаи баргузидаи он зоти Ҳақ. Рӯҳи ин фалсафа дар хатхатти ашъори шоир дар таҷаллист. Дар нигоҳи ин шоири

рӯҳсанҷ офаридан башоратест худ аз ишқи Офаридгор ба ҳазрати Одам. Ва дигар бар инсон аст, ки ин ишқро бишносад ва милоди ишқро дар худ ҷашн бигирад. Инсон кӯйи ишқ аст ва кӯйи ишқ аз инсон ибтидо мегирад ва дар инсон хулоса мешавад, зеро Худованд инсонро аз хоки ишқ ва дами ишқ офаридааст:

*Дар ин фан не суолу не ҷавоб аст,*
*Чу оғозаш тулӯи офтоб аст.*
*Чу Одам аз замини ишқ рӯид,*
*Нахустин чорсӯяшро биҷӯид.*
(«Гаҳвораи Сино», саҳ. 34)

Устод Мӯъмин Қаноат бо жарфкорӣ ва жарфнигорӣ дар ин сарчашмаи лоязолӣ суханро шустушӯ медиҳад, суханро сафо мебахшад, зеро аз вазну тамкин ва ҷонофаринии сухан иттилои комил дорад, медонад, ки:

*Сухан з-осмонҳо фуруд омадаст,*
*Аз иқлими ҷонҳо фуруд омадаст.*

Суханро ба ҳамин сарчашма, сарчашмае, ки иқлими хушки ҷонҳоро шодоб мекунад, пайванд медиҳад.

*Суханро вазну тамкини замин бояд,*
*Суханро қудрати ҷонофарин бояд.*
*Суханро сеҳри мурдан, зинда гардидан,*
*Хазон дидан, баҳорон боз сабзидан.*
(«Гулчини ашъор», саҳ. 177)

Шоир хонандаи худро канори ин сарчашмаи лоязолӣ меорад, то инсон зангорҳои ҳирси дунёро аз рӯҳ бизудояд ва рӯҳро поку шодоб бисозад. Устод Мӯъмин Қаноат аз қаламрави танги эҳсос фаротар меравад, то ҳастии инсонро бипажӯҳад. Ва ин пажӯҳиш таҷаллии рӯшан аст дар сохтори манзумаҳои шоир. Ин таҷаллӣ дар «Суруши Сталинград» ва хусусан, манзумаи «Гаҳвораи Сино» бештар мавҷ

мезанад. Аз ҳамин ҷост, ки ҳарфи шоир дар кори сухан танҳо бо ҳарири эҳсос пӯшида нест, балки оканда аз ирфони эътиқод ва ирфони ҳастист. Фарзи қазияи асл дар шеъри устод Мӯъмин Қаноат, ки аз он баҳс меравад ва он дар фалсафаи ҳастӣ ва офариниш гиреҳ мехурад, кашфи ҳақиқат аст, ки инсон аз оғози офариниш дунболи он буда ва ҳаст. Расидан ба ҳақиқат расидан аст ба худ, расидан аст ба ишқ, расидан аст ба ваҳдати вуҷуд. Офариниш ва ҳастӣ дар ҳамин ҳақиқат маъно мешавад. Дар ин росто сӯҳбати фалсафии Синоро бо Абӯсаҳли Масеҳӣ, Абӯнасри Ироқӣ, Берунӣ ва Шайх Абӯсаид ба хотири шарифи худ биёред. Сӯҳбати ин мардони ирфон таъбир ва тафсири фалсафаи ҳастиву хилқат ва офариниш аст:

*Ба маҷлисҳо сухан рӯшод мерафт,*
*Зи обу оташу аз бод мерафт.*
*Ба Сино дод Берунӣ суоле,*
*Суоли содаву амри муҳоле…*
*Мусаллам ҷисм аз гармӣ кушояд,*
*Зи ҳаҷми хештан чанде барояд.*
*Ба сардӣ ҷисмҳо афшурда гардад,*
*Зи ҳаҷми хеш чанде хӯрда гардад.*
*Агар беоб бошад обгина,*
*Агар дар об бошад обгина,*
*Зи сардӣ бишканад он зарфшиша,*
*Сабаб чиву сабабро чист реша?*

* * *

*Ҷавоби ин масал чандон ҳувайдост,*
*Ки аз нафси мисоли хеш пайдост.*
*Ҳаво аз гармӣ ҷӯёи маконест,*
*Ба вусъат, лек дар он шиша ҷо нест.*
*Ба ин иллат шавад он шиша пора,*
*Бигардам аз раҳи дигар дубора…*
*…Ба сардиҳо чу оби обгина*
*Шавад афшурдаву аз худ макина.*

* * *

*Абурайҳон намуда эътирозаш,*
*Агар рафъи хало бошад ниёзаш.*
*Бубояд бишканад шиша дарунсӯй,*
*Шикастан лек меояд бурунсӯй.*
*Ва Сино гуфт: Дар ин шишабозӣ*
*На шиша, ҷавҳараш дорад ниёзе.*
*Агар ҷавҳар ба зоташ устувор аст,*
*Варо не хавфи оташ, не фишор аст.*
*Бувад ин муттасовӣ дар табиат,*
*Ҳамин пайванд бошад дар фазилат.*
*Ҳамин сон муттасовӣ дар фазо аст,*
*Ки ҳар зарра ба васл асту ҷудо аст.*

(«Гаҳвораи Сино», саҳ. 34-35)

Ҳар соҳибақл медонад, ки ҳастӣ дар як назм халқ шудааст ва инсон дар ҳамин назм зиндагӣ мекунад ва дар ҳамин назм нафас мекашад. Инсон дар ин назм водор аст, ки ҳақиқати Ҳақро, ҳастиро ва офариништро бешак ва бетардид бишносад. Фазилати ҳамин шинохт аст, ки инсон худро бо Холиқи худ мепайвандад. Ҳамон гуна, ки дар назми табиат пайдост, ҳар зарра бо заррае дар васл аст ва ҳеч заррае аз зарраи дигар ҷудо нест. Ҳарчанд дар зоҳир, дар чашми бинанда ҷудо рӯ мезананд. Ҳар нафас бо нафасе васл аст, агарчи дар зоҳир ҷудо ин нафасҳо берун дармеояд, вале чунин нест. Агар миёни нафасҳо фосилае биафтад, нафас дар ханҷара мепечад ва инсон хафа мешавад. Бо ин мисол инсон ба зоҳир аз Худованди хеш ҷудо аст, аммо дар асл аз тариқи тоату ибодат, зикру тасбеҳ, накӯкорӣ, саховатмандӣ бо Худованди хеш дар васл аст. Яъне аз Худованди худ, Офаридагори худ ҷудо нест ва агар ҷудо бошад, мисли ҳамон зарф бемоя мешавад ва мешиканад. Яъне бемоягӣ беҷавҳарист. Ҷавҳар шинохтани Худованд аст ва инсон бо ҳамин ҷавҳари зотӣ бо Худои худ пайваст аст. Иқрор бояд кард, ки бо як чашмандоз наметавон ҳама паҳлӯҳои шеъри устод Мӯъмин Қаноатро таҳқиқ ва баррасӣ кард, ҳамон гуна ки бо як чашмандоз наметавон

канорахои як кӯҳро, як қулларо ташхис дод, агарчи азамати кӯҳ бо тамоми шукӯҳмандӣ пеши чашм пайдо бошад. Барои шиносоии амиқ бо кӯҳ бояд аз он боло рафт, то бо ҳазорон сахра, умқ, теғаҳо, ки дар кӯҳ ҳаст, рӯ ба рӯ шуд ва бо онҳо эҳсоси ҳамоғӯшӣ кард. Мо аз каронаи шеъри устод Мӯъмин Қаноат бисёр рад шудаем, ба ҳашамат, азамат ва бузургии сухани шоир иқрорем. Аммо на ҳама ҷуръат доштем ё хостаем, ки аз ин кӯҳ боло биравем. Ҳол он ки кӯҳи тафаккур ва шеъри ин шоир дар худ ҳазорон сахра, теға ва дарраи андеша дорад, ки домони ҳар як аз он густардатар ва фарохтар аз вусъати як нигоҳ аст:

*Ки дарди ин ҷаҳон танҳо ба тан нест,*
*Илоҷи дардҳо танҳо кафан нест.*

* * *

*Бигуфто Ибни Сино: Аз тариқат*
*Раҳе дорем то кӯйи ҳақиқат.*
*Ду муршидему аз як хонақоҳем,*
*Ба сӯйи ҳақ ду чашми як нигоҳем.*

* * *

*Сутӯҳ аз ҳикмати ӯ чоргоҳ аст,*
*Ки фаҳми ӯ фақат дар чорроҳ аст.*

(«Гаҳвораи Сино», саҳ. 24-34)

Ба ин тариқ шеър таҷаллие аз ҷалолу ҷабарути кибриёист, ки Офаридгор ба шоир арзонӣ кардааст. Ин оинаи тамомнамо инсонро лабрез аз зиндагӣ мекунад ва саршор аз тароват. Хуш ба инсоне, ки худро дар ин ойинаи тамомнамо ба тамошо биншинад. Дар шеър ва адаби ниёгон ин мавзӯъ, ин равиш собиқаи дерин дорад. Оғози онро мешавад ба Ҳаким Саноӣ нисбат дод. Минҷумла маснавии Ҳаким Саноӣ ба номи «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа», ки дар ҳамин равиш ва дар ҳамин мавзӯъ аст. Дар қарнҳои баъд шоирони ориф Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, Аттор, Мавлавӣ дар ҳамин ҳошия баҳсҳои ирфонӣ сомон додаанд ва ҳар кадом дар хатти ҳақиқат, тариқат, шариат худро солики андешаҳо

кардааст. Фанни сайру сулук ва рози ҳолро аз нигоҳи худ ба тафсир оварда. Унвони манзумаи «Гаҳвораи Сино» низ аз ҳамин ҷо маншаъ мегирад. Гаҳвора дар нигоҳи шоир танҳо як мафҳум нест, балки розҳое дорад печида. Яъне ин гаҳвора гаҳвораи ақл, маърифат, хилқат ва ҳастист. Инсон аз ҳамин гаҳвора ба меърочи ишқ мерасад, ҳастиро, тариқатро, ҳақиқатро кашф мекунад, мешиносад.

Бояд таъкид кард, ки ин мавзӯъ дар сухани шоир танҳо як ҷилваи зоҳир нест, балки печида аст дар мӯҳтавои баланд, дар мӯҳтавои ноб. Ин ҷавҳари тахайюл ва андеша дар каломи устод Мӯъмин Қаноат ҳамон маърифати ирфонист, ки анвори он аз тариқат ва ҳақиқат таҷалло мегирад. Ва ҳамин ҷавҳар дар шеъри шоир таҷоллои ботин касб мекунад. Танҳо хонандаи хушзавқ, ҳушманд ва умқбин ба дарки он мерасад. Таҷалло ва ҷилваҳои ботин дар шеър мояи аслӣ ва ҷавҳари мӯҳтавои каломи шоир аст. Устод Мӯъмин Қаноат бо завқи баланд ва нозукхаёлӣ дар шеър маърифати орифонаро, ки аз ақл нумӯ мегирад ва маърифати сӯфиёнаро, ки нумӯи он бар завқу шавқ аст, бо ҳам омезиш дода, дар он ду, маърифати шоиронаро хулоса мекунад. Орифон ва сӯфиён дар ҳар равиш ки буданд, ин маърифатро иқроранд, зеро бештари шоирони бузург сӯфӣ ва ориф низ будаанд, аммо на ҳар ориф ва на ҳар сӯфӣ шоир буда.

Устод Мӯъмин Қаноат нақши мардони бузургро дар манзумаҳои хеш чун шоир боз намекунад, балки онҳоро зиндагӣ мекунад. Ин аст, ки кайфияти шеърӣ дар манзумаҳои шоир бисёр ҷаззоб ва тасхиркунанда аст. Ҳатто унвони ҳар як аз манзумаҳои шоир ҳокист аз ин кайфият. Тарроҳии тасвир, андеша, баён, ифода, дид, чеҳраҳо дар ҳар як аз манзумаи шоир пухтаву рехта ва ба зеҳн монданист:

Гаҳвораи Сино:

*Ва аз пайкари ғам кафан баргирифт,*
*Ки хуни ҳаким дар бадан даргирифт.*
*Чаро нест дуде ба ҷуз мӯйи ӯ,*
*Чаро нест чине ба абрӯи ӯ.*

*Аё мӯйи шабранг в– эй рӯйи рӯз,*
*Гирифтори он оташ, он хонасӯз,*
*Ки дар санги хоро асар мекунад,*
*Зи санг оҳи санге бадар мекунад.*

(саҳ. 57-58)

Суруши Сталинград:

*Саҳар рахти сафар мебаст Аҳмад, деҳаи Сина*
*Зи оби чашмаҳову чашмҳо медошт ойина.*
*...Ба хилват модари ойинадаст ӯро дуо медод,*
*Ба рӯйи ойина ойини аҷдодон ҷило медод.*

(саҳ. 201)

Достони Исмат:

*Даме одам ғуломи нафс гардад, аждаҳо гардад,*
*Бигардад аз Ҳаќу ҷӯёи ганҷи бебақо гардад.*
*Ба ҷойи роҳ паймудан хазиданро биёмӯзад,*
*Ба ҷойи лабгазиданҳо газиданро биёмӯзад.*

(саҳ. 365)

Нахустин марҳалаи раванди шеър андешаи шоир аст. Ҳамин ҷӯши андеша дар қолаб, дар шакл, дар мӯҳтаво, дар тасвир ва баён ҷавҳари шеър мешавад, ки аз он гуфта шуд. Дар кори устод Мӯъмин Қаноат шаробу гул, обу хок, боғу роғ, шукуфтану рӯидан рамзе аз олами шодӣ ва латофат аст. Рамзи шаробу гул, обу хок, боғу роғ, шукуфтану рӯиданро орифи ишқ медонад, ки чист, на он ки дар ишқ ба зоҳир хира шавад. Шоири ин рамзҳо нек донад ва ҳам дарёфта ҳамин ишқ аст, ки аз он гавҳари ақли одамӣ суфта мешавад. Устод Мӯъмин Қаноат дар ишқ ғайри ишқ ҳеч чизро талаб надорад. Вақте аз ишқ мегӯяд, бо ҳастӣ ҳамканор мешавад. Вақте аз ҳастӣ мегӯяд, ҳамканор мешавад бо ишқ. Ирфону ҳастӣ дар шеъри ӯ ҳамин ишқ аст. Ишқ дар шеъри ӯ ҳамон ирфон ва ҳамон ҳастист. Шоир абёт дар абёт ин шеваро, ин ирфонро такмил медиҳад, шарҳ медиҳад, шарҳи шарҳа-шарҳа…

Шоир дар ин масир ҷараёни тозаи андешаро вориди кори худ месозад, забон ва баёни мустақил ба худро дар сухан шакл медиҳад. Хиттаи шеъри худро бо истифода аз

иҳом, ибҳом, талмеҳ, тамсил, нимоди истиораҳо ва тасвирҳои рангбор рангин ва муаттар месозад.

Хаёлбандии андеша ва тасвир дар кори устод Мӯъмин Қаноат печида, рӯшан ва ноб аст, ки дар зарофатҳои ширин ранг баста. Дар кори шоир умқ ва маънost, ки хаёлбандӣ бар он мечархад ва аз он сурат мегирад. Як равиши тоза дар кори шоир он аст, ки дар ҳар байт хаёлбандии мустақилро ба кор мебарад. Ҳар ҷо ки хаёлбандӣ дар мисраъ ё байт, ё бандҳои шеър поин мешавад, умқ ва маънost, ки боло меравад:

*Ба тундӣ хашми дарёям,*
*Ба тамкин сабри саҳроям.*
*Ба нармӣ чун дили ошиқ,*
*Ба сахтӣ санги хороям.*
*Ба савдо рафта дунё чун Самарқанду*
*Бухороям,*
*Макун дигар ту савдоям!*
*...Ки дар савдои ту аз даст додам*
*сусту сахтамро,*
*Ки Доро будаму аз даст додам*
*тоҷу тахтамро.*
*Ба мисли кафтари дубома дидам*
*мурғи бахтамро,*
*Ба зери бол рахтамро.*
*Туро бо зевари лафзи дарӣ пардоз медодам,*
*Сукути сарду урёни туро овоз медодам.*
*Зи анҷоми суруди худ туро оғоз медодам,*
*Туро парвоз медодам.*
*Гузаштӣ аз сари чун қуллаам,*
*Гаштӣ чу парвозӣ.*
*Халосӣ ёфтӣ аз панҷаи шаҳбоз бо бозӣ,*
*Чу дидам чӯҷаи навболро дар оини устозӣ.*
*Кашидам боли шаҳбозӣ.*
*Кушодӣ аз ниқоби гулпарӣ деви ниҳониро,*
*Задӣ дар хок ишқи беғубори осмониро.*
*Рабудӣ аз вуҷуди зиндаи ман зиндагониро,*
*Ҷавониро, ҷавониро.*

*Камони рустамиро мекашам*
*бо панҷаи тақдир,*
*Пари афтодаатро мекунам пайкон,*
*Бо як тир*
*Туро дар синаи худ мекушам охир.*
(Гулчини ашъор, саҳ. 113)

Дар шеъри мавриди зикр аз калима то калима, аз таркиб то таркиб, аз мисраъ то мисраъ, аз байт то байт иртиботи ниҳонии рӯҳи шоир ҳам дар зоҳир ва ҳам дар ботин ҷараён дорад. Ҳар як аз аркони шеър дар ин намуна дар шакл додани шеър саҳим аст. Хаёлбандии тасвир ва андеша барои ифодаи мӯҳтаво ва умқи мӯҳтаво шароити лозимаро дар шеър фароҳам овардааст. Агар бо пурбини таҳқиқ бар сохтори ин шеър дақиқ бингарем, тарҳи хаёлбандии андеша ва тасвирро дар пушти байтҳо ва бандҳои шеър рӯшан хоҳем дид. Ифода, баён ва шаклгирии маъно ва умқи маъно дар вожаҳои рехта ва кам шеърро мӯҷаз кардааст. Он гуна ки дар санъати иҷоз роиҷ аст, шоир саҳми бузурги дарк ва дарёфти мафоҳими мавриди назарро дар ин шеър ба хонанда вогузор сохтааст. Аз корбурди дигар дар шеъри ёдшуда, ки шоир аз он фаровон суд бардошта, кор бурдан аз санъати иқост. Шоир таносуби муназзами амрҳои муқобилро аз қабили сукут ва овоз, анҷом ва оғоз, нармӣ ва сахтӣ, гулпарӣ ва дев ва монанди инҳоро ба кор гирифта, бо хаёлбандии андеша, тасвир, ҳамоҳангии калимаҳо, мӯҳтаворо дар вуҷуди шеър тақвият додааст. Шоир иқои шеъриро бо калимоти матлуб, солим ва мавриди назар дар хидмати тақорунҳои сифатӣ ниҳодааст. Иртиботи ҳар як аҷзо бо ҷазъи дигар дар тамоми пайкари шеър рӯшан дида мешавад. Тарҳи хаёлбандии андеша ва тасвирро дар ин шеър ва ин фурм мешавад чунин тасаввур кард: а-а-а-а=б, б. Дар хатҳои (а) тарҳи хаёлбандии андеша ва тасвир рехта шудааст ва ниҳоят дар хатти (б) мӯҳтаво ва умқи мӯҳтаво буруз мекунад. Бубинем:

(а) Ба тундӣ хашми дунёям
(а) Ба тамкин сабри саҳроям

(а) Ба нармӣ чун дили ошиқ
(а) Ба сахтӣ санги хороям
(б) Ба савдо рафта дунё чун Самарқанду Бухороям
(б) Макун дигар ту савдоям

Тамоми ин чаҳор байт, ки шартан онҳоро (а) номгузорӣ кардем, ба хотири ҳосил додан ба мӯҳтаво дар байти охир аст. Байтҳои охирро, ки бо ҳуруфи (б) ном бурдем, барои ҳосили мӯҳтаво ва умқи маъност. Кулли вуҷуди шеър дар ҳамин тарҳ сурат гирифтааст, ки хонанда худ метавонад онро баррасӣ фармояд. Бар қавли Бедил ҳоло дигар бар хонанда аст, ки дар ойина сафоро бубинад, на қафоро. Шарҳи ин шеър печида аст ва агар ба шарҳи он бипардозам, боз печидатар хоҳад шуд. Дар як сухан ин шеър аз сарнавишт ва тақдири халқи тоҷик ҳарф мезанад. Шоир худро аз ин сарнавишт ва аз ин тақдири печида ҷудо намебинад. Бояд гуфт ки умқ ва маъно, хаёлбандии андеша, тасвир дар равиши кори Мӯъмин Қаноат дар ҳоли мухталиф ҳамдигарро даст мегирад ва ҳамдигарро комилтар месозад. Хонандаи борикбину нозукхаёл бояд аз умқ ва маъно бигзарад, то лаззати суханро дар худ кашф кунад. Гоҳе чунон мешавад, ки алмоси дурахшони шеър дар хаёлбандии шоир пинҳон мемонад. Даровардани алмоси дурахшони маъно ва шеър ҳавсала ва андеша мехоҳад. Лаёқати рӯҳи шеър дар устод Мӯъмин Қаноат фитрист. Дар ҳавзаи андешаи ин шоир корбурди ифодаҳои «ҳатто, агар, чунонки, мисли, монанди, балки…» барои фирор аз бори андеша нест, ҳар кадом аз ин ифодаҳо дар шеъри шоир тобиши маънои хешро дорад. Ин ҷост, ки хаёлбандии андеша ва тасвиргароӣ дар муҳтавои шеърҳои шоир ба гироишҳои фалсафӣ, ирфонӣ, ҳикмат омезиш меёбад.Ин ҷилваҳоро наметавон дар шеъри ӯ ҷудо-ҷудо ба намоиш гузошт.

Хаёлбандӣ:

*Ҷарас дорад аҷаб назми парешон,*
*Чу бонги нӯш дар базми парешон.*
*Чу фарёди ҷудоӣ нола дорад,*
*Зи расми бевафоӣ нола дорад.*

*Бувад ин занг оҳанги дили мо,*
*Ки менолад зи кишту ҳосили мо.*

(Гаҳвораи Сино, саҳ. 27)

* * *

*Ҳадиси ҳар шаҳид аз зиндаҳо тафсир мехоҳад,*
*Набарди ҳар шаҳиде нуктаи тасвир мехоҳад.*

(Гулчини ашъор, саҳ. 329)

Тасвирбандӣ:

*Захме ба тоҷгоҳи ту дидам чу моҳи нав,*

* * *

*Моҳу ситора медамад ин шаб зи кишти ман.*

* * *

*Ниҳоли офтобӣ аз дили хоки сияҳ руста.*

* * *

*Дарёи алам мегузарад аз дили тангаш.*

* * *

*Қадде ба мисли шаршара ларзону беғубор.*

Бархе бар он мӯътақиданд, ки навгароӣ ва навандешӣ дар шеър аз Ғарб ибтидо меёбад ва шоирони мо ин таъсирро аз он ҷо бигрифтанд. Аммо чун ба авотифи шеъри клосик ва имрӯз ворид бишавем, барои тағйири назар нигоҳе ба сохтори шеъри устод Мӯъмин Қаноат кофист. Сарчашмаи нававарии устод Мӯъмин Қаноат аз дунёи андешаҳо, тасвирҳо, рехтагию пухтагиҳо, забону мӯҳтавои шеъри гузаштагон, бахусус ду пири майкадаи андеша ва маъно Мавлавӣ ва Бедил аст. Агар бо таҳқиқ ба хаёлбандии шеъри шоир нигоҳ шавад, ин ҳамонандӣ бо шеъри Мавлавӣ ва Бедил ошкор хоҳад шуд. Аммо шоир тасвир ва ҷилваҳои хоси худро ба кор гирифтааст. Сабки хоси худро шоир бо нигоҳи имрӯз, бо ҷилваҳои ранг-ранг нобтар ва

тозатар кардааст. Ин равиш, ин тамошову ин ҷилваҳо дар чанд ғазал, ки аз шоир хондаам, бештар эҳсос мешавад. Намунаҳои ин ғазал гувоҳ аст, ки табъи шоир дар гуфтани ғазал низ равон аст. Ҳайф аст, ки бо ин табъ ғазал биёр кам мегӯяд. Ҳол он ки ҷои ғазали ирфонӣ ва самоъӣ дар шеъри муосири тоҷикӣ бисёр холист. Истиороти дақиқ, тоза, мазмуни ноб ва баланд, тасвир, хаёлбандиҳо бо ранг ва шеваҳои шоирона мисли занҷирест дар пои андеша ва зеҳни шоир. Нигоҳи шоир хоса дар кори ғазал дигар аст. Баён дар ғазал бар он поя аст, ки фанни иҷоз ва ихтисор дар як муҳтавои баланд бояд шакл бигирад. Мӯҷаз ва ширин гуфтан дар кори ғазал ҳунармандӣ мехоҳад, ки аз кори назм ҷудост. Устод Мӯъмин Қаноат дар кори ғазал дар ҳамин ҳолу ҳаво қалам задааст. Рӯҳи шеър гуфтанро дар ғазал тавонистааст, ки нигоҳ бидорад. Истиора, ташбеҳот, мазмун, тасвир, баён, хаёлбандӣ дар ғазалҳои шоир сурати нав ва рангҳои тоза дорад. Як намуна дар ҳамин ҳошия:

*Даст намедиҳад ба мо, даст ба мо намерасад,*
*Садд миёни одамон то ба само намерасад.*
*Водии маърифат куҷо, воҳаи хунфишон куҷо,*
*Раҳраву раҳзанон ба ҳам сӯи Худо намерасад.*
*Дар сари водии фано, рӯҳ зи бори тан ҷудо,*
*Риҳлати ҷони мастро даст ба по намерасад.*
*Тирмакону ҷони Бурх, мепараду ҳамепарад,*
*Пири тариқати маро тири хато намерасад.*
*Пеш бирав, ба сӯи Ҳақ, то ки биёбӣ пешво,*
*Акс марав, ба сӯи кас к-он ба қафо намерасад.*

(Гулчини ашъор, саҳ. 165)

Содаву осон гирифтани матлаб дар ҳар навъ аз шеър сода гирифтани шоирист. Воқеият он аст, ки ҳунар ва кор дар шеър ва шеваҳои шеър печидатар аст. Нозукхаёлӣ, хаёлбандӣ ва тасвирбандӣ дар кори шеър дар ҳамдастӣ бо мӯҳтаво авҷ мехоҳад. Агар ки сухани шоир бар ин авҷ нарасида, аз нозукхаёлӣ, хаёлбандӣ, тасвирбандӣ ва мӯҳтавои каломи шоир баҳс кардан ба ҳован об кӯбидан

аст. Абнои маонӣ ва мазомин, тасвирбандиву хаёлбандӣ дар сухани устод Мӯъмин Қаноат авҷҳо дорад ва парвозҳое тамошоӣ, ки дур аз зеҳн ва шавқи эҳсос нест. Садои найи андешаи устод Мӯъмин Қаноат дар шеър, чи дар манзумаҳои баланд ва чи дар қолабҳои маъмулии шеър, чи дар шеъри озод аз дами гарми ирфон ва ҳикмат баланд мешавад. Ва ин садо дар корҳояш он гуна ки ишора шуд, аксар ба авҷ мерасад. Ҳамин шеваи баён ва андеша шеърҳояшро дар тасвир ва маъно тамошоӣ ва диданӣ мекунад. Шеваи мазмунбандӣ ва тасвирбандӣ дар шеъри шоир ҷилва ва рангҳое дорад бештар аз сабки хуросонӣ, камтар сабки ироқӣ ва ҷо-ҷо низ аз сабки ҳиндӣ. Ин аст, ки метавон гуфт, найи андешаи устод Мӯъмин Қаноат тарошҳое хӯрдааст аз сабки ҳиндӣ, ироқӣ ва хуросонӣ. Шоир гоҳ дар мазмунофаринӣ ва хаёлбандии андеша ба сабки ҳиндӣ дар зоҳир садафи хаёл мебандад ва дар ботин гавҳари маъноро меофаринад. Ва гоҳе бо шеваи ироқӣ маъноро баланд ва осмонӣ ифода месозад. Дар сабки хуросонӣ ифода ва баёнро сода мегирад, вале дар мӯҳтавои ғанӣ, мӯҳтавои печида дар ҳикмат, ки ногузир парвози андеша мехоҳад.

Таровишҳои ҳиндӣ:

*Гирдоби хун дар дили мо давр мезанад,*
*Мо ғарқи косаем, чу баҳри дамон намонд.*

Таровишҳои ироқӣ:

*Ҳамин ки медамад аз Шарқ ояти хуршед,*
*Ба чашми пӯшида хон, муждаи дуои ман аст.*

Таровишҳои хуросонӣ:

*Биё, косагул, фурсате май кашам,*
*Ки умрест ранҷи паёпай кашам.*
*Куҷо мебарӣ ҳикмати Шарқро,*
*Чӣ сон мебарӣ оташи барқро?*

(Гулчини ашъор саҳ 318)

Дар ин намунаҳо, ки дида шуд, шоир бо шеваи мухталифи баён мафҳумро ба мушоҳида мекашад, ламс мекунад, рӯҳи калимаҳоро ба тасарруф мегирад, то он ҷо ки ба кашфи тозае даст ёбад. Ин равиш ва ин нигоҳ, ин шева дар кори шоир нахуст аз ҷавҳари содатар шурӯъ мешавад, кам-кам ин ҷавҳар печидатар мешавад ва мерасад ба авҷи андеша, қиёми эҳсос ва маънофаринӣ. Аз он корҳои шоиста, монданӣ ва устодона, ки шоир дар сухан анҷом дода, ворид сохтани тозагӣ дар шакл, сохт ва рӯҳи манзумаҳост. Устод Мӯъмин Қаноат дар офаридани манзума аз назм кардани қисса ва ё ривояте парҳез мекунад. Балки рӯҳи ирфон, тароват, рангорангӣ, зебоии андеша, хаёлбандӣ ва шеърияти ғазалро дар манзума ба кор мегирад ва ин ҷилваҳои ғазалро ба манзумаҳои хеш ворид месозад. Ин ҷост, ки манзумаҳои шоир саршор ва оканда аз рӯҳи ғазал аст. Манзумаҳои офаридаи шоир шабеҳи ғазал шево, зебо, зулол, орифона, ҳикматбор, тасвирӣ, лабрез аз шеърият аст ва дур аз ҳама гуна назми хушк, бебор ва беранг. Барои исботи ин назар бар он намунаҳо, ки оварда шуд, иктифо мекунам, то сӯҳбати мо фишурдатар шавад. Шоир дар ҳавзаи андеша ва тасвирбандиҳои хеш аносири тахайюлро ба кор мегирад, мазмун ва тасвир метарошад. Чун мурод ба бор биншинад, ба сурат ва тасвир мазмун медиҳад.

Устод Мӯъмин Қаноат бори сангини маънофариниро ба шонаҳои нозуки хаёл ҳис мекунад. Ба ин хотир дар кори сухан дар маҷмӯи қолабҳо зариф дидан, нозукхаёлӣ ва нав кардани ҷилди андеша дар қолаби мазмунҳои қадим бо баёни устувор дар устухонбандии шеър аз шартҳои ӯст дар ҳавзаи суханофаринӣ. Шоир аз фарҳанги калимаҳо нек огоҳ аст. Донистан ва огоҳӣ аз фарҳанги калимот аз муҳимтарин омил ва шартҳо дар кори сухан аст. Шоири ин сӯҳбати мо аз фарҳанги калимот шоирона, орифона, ҳакимона нафъ мебарад. Фарҳанги калимот дар ҳавзаи хаёл ва тафаккури шоир печида, ранг-ранг, пурмӯҳтаво ва густарда аст. Ин фарҳанг дар аносири хаёл, андеша, таҳқиқ, мӯҳтавои шеър ва шеваи баёни шоир реша бастааст. Калима аз коргоҳи андешаи шоир рад мешавад, рӯҳи

худро тоза мекунад, дар мӯҳтаво ва тасвир ранги тоза мегирад. Дар интиҳо ба аносири хаёл ба забони шеъри шоир васл мешавад. Тозакориҳои шоирро дар тасвир, андеша, баён, мӯҳтаво, ки бар дӯши калимот аст, бубинем:

*Киштаҳо сар мекашанд аз киштзорони баланд,*
*Зиндагӣ сар мекашанд бо кӯҳсорони баланд.*
*Мардумон дар даштҳо, бо домани зарташтҳо,*
*Ибрати мо, ҳиммати ин хоксорони баланд.*
*Иртифои баҳру дарёи фалак ин ҷо якест,*
*Нек бодо рӯзи ту, эй рӯзгорони баланд.*
*Шӯълаи хуршед мерезад зи ташти нилгун,*
*Мезанам худро ба зери обшорони баланд.*
*Сабзаи сабзи туам, эй хок, эй деҳқони пок,*
*Бахш бар умрам самар аз обшорони баланд.*

(Гулчини ашъор, саҳ. 125)

Маъно, тасвир, андешаи шоир аз калима оғоз меёбад ва калима дар калима такмил мешавад, тоза мешавад ва ҷилд нав мекунад. Тахайюли шоир занҷираи тилоист барои иртиботи маъно ва тасвир дар миёни калимот. Дар занҷираи тилоии тахайюли шоир калима бо калима васл мешавад ва мазмун дар шеър батадриҷ ҷон дармеоварад. Хонандаи борикбин бо нигоҳи мӯшикофона метавонад худ иртиботи фаннӣ, шеърӣ, тасвирӣ ва маъноии миёни калимаҳоро дарёбад ва ташхис диҳад. Дар ҳамин равиш ва шева устод Мӯъмин Қаноат шеър мегӯяд, мунтаҳо бо ин тафовут, ки он ҳама тозагии андеша ва тасвирро аз нигоҳи имрӯз дар қоби шеър гирифтааст. Амалкард аз хаёл ва суд бурдан аз аносири тахайюл, тасвиргароӣ, ҷилваҳои баён марбут аст ба хилқати зеҳн ва идроки шоир. Решаи ин фитрат дар печидагиҳои кори шоир ниҳуфтааст. Ҳамин ҷост ки шоир дар шеър нигоҳи мушаххаси худ, ҳарфи мушаххаси худ ва тасвирҳои мушаххаси худро дорад, ба ин хотир нигоҳи шоир дар шеър тарошида ва пироянда аст. Устод Мӯъмин Қаноат бо нерӯи фитрии хеш дарк кард, ки бо дур рехтани қайду бандҳои сабки қадим метавон сабукбор шуд, аммо

бо ин болҳои сабук наметавон то ҷойи дур парвоз кард. Ин ҷост, ки боли андешаи шоир сангин аст. Вақте бар шеър меандешад, бар он паҳлӯҳо ва ҷилваҳо дар сухан, фалсафаи ҳастӣ, офариниш, хилқат, зиндагӣ ва маргро бунмояи кори худ қарор медиҳад. Ирфони хилқат ва ҳастӣ, тариқат ва шариат дар шеъри ӯ мадду ҷазрҳо, тӯфонҳо ва қиёмҳои худро дорад. Ҳол он ки дар ашъори шоирони дигар, ҳатто шинохтаи рӯз насимаке аз ин ирфон дида намешавад.

Таҷрибаи шеър дар кори устод Мӯъмин Қаноат тоза аст, бо ҷилва ва рангҳои худ. Ин таҷриба бояд аз ҷониби пажӯҳишгарон, муҳаққиқин мавриди омӯзиш қарор бигирад. Наққош тасвири мавзӯъро бо ранг мерезад, аммо шоир бо калима. Шоир ин рисолатро тавонистааст солим ва дуруст ба кор бибарад. Устод Мӯъмин Қаноат аз табори шоиронест, ки ҳақиқат ва ҳақиқатнигориро дар шеър пеша кардааст. Шоир аз калимот хиттаи муаттари шеъри худро, ки саршор аз тароватҳост, тавониста ба бор биёрад.

## ТАФАККУР ВА ҲИС ДАР КАЛИМОТ

Худоро гувоҳ мегирам, шеърро гувоҳ мегирам ва қаламро, ки дар Қуръони маҷид омадааст, «Бихон! Ва парвардгори ту арҷмандтарин аст. Худое, ки ба василаи қалам омӯзиш дод». (сураи 96, ояи 3-4). Намедонам бори чандум аст, канори мизи ғурбатҳои хеш менишинам ва ашки алам ба истиқболи чашмонам меояд. Дилам танг мешавад. Барои қалам, барои калимаҳо, барои шеър, барои устод Лоиқ Шералӣ. Аз навиштан даст бармедорам ва даст бар Қуръон мебарам, ният мекунам ва барои шоир, барои шеър, барои устод Лоиқ истихора мегирам. Сураи Мӯъминун меояд. Мӯъмин дар луғат ба маънои гараванда, боимон аст. Дар ояи 62-юми ҳамин сура мехонам. «Бар ҳеч кас ҷуз ба андозаи тавонаш таклиф накунем. Ва назди мо китобест, ки ба ҳақ сухан мегӯяд ва бар онҳо ситаме намеравад». Дигарбора аз девони орифи ишқ Хоҷа Ҳофиз барои устод Лоиқ истихора мебинам. Дар замон дасти гувоҳи ин ғазал дасти андӯҳамро мегирад:

*Манам, ки гӯшаи майхона хонақоҳи ман аст,*
*Дуои пири муғон вирди субҳгоҳи ман аст.*
*Гарам таронаи чангу сабӯҳ нест, чӣ бок,*
*Навои най ба саҳар оҳи субҳгоҳи ман аст.*
*Ғараз зи масҷиду майхонаам висоли шумост,*
*Ҷуз ин хаёл надорам, Худо гувоҳи ман аст.*
*Магар ба теғи аҷал хайма баркунам, варна,*
*Расидан аз раҳи давлат на расму роҳи ман аст.*
*Аз он замон, ки бар ин остон ниҳодам рӯй,*
*Фарози маснади Хуршед такягоҳи ман аст.*
*Зи подшоҳу гадо фориғам биҳамдиллоҳ,*
*Гадои хоки дари, дӯст, подшоҳи ман аст.*
*Гунаҳ агарчи набуд ихтиёри мо, Ҳофиз,*
*Ту дар тариқи адаб бошу гӯ, гуноҳи ман аст.*

Дар ҳамдастӣ бо ин ғазал «Марди роҳ» (дафтари шеъри устод Лоиқ Шералӣ)-ро садо мекунам. Аз ӯ ҳол мепурсам. Ва аз марди роҳ чунин мешунавам:

*Дар қатори сураи Қуръон сухан омӯхтам,*
*Аз китоби зери болинам Ватан омӯхтам.*

Буғзи фурухӯрдаамро дар ин байт мерезам ва ғурбати шеърро гиря мекунам. Ин ҷост, ки андешаҳои ғарибамро кам-кам дар худ мутамарказ месозам. Аз Худованд лутф мехоҳам, маро ҳидоят бикунад, кӯмак бикунад, тавони гуфтан бароям бидиҳад, то ёрои гуфтан дошта бошам аз ишқи Лоиқ, аз шеъри Лоиқ, аз мастии шоиронаи Лоиқ. Ва инак ба дунёи тасвирҳову тафсирҳо, дунёи ғурбатҳову ҳасратҳои шеъри устод Лоиқ қасди сафар дорам, сафари рӯҳонӣ. Дар ин сафар бо ман бошед.

Барои ин ният ва кушоиши ин сафар аз устод Лоиқ дубайтӣ мехонам:

*Намегӯям маро дур аз гунаҳ дор,*
*Ва ё дасти маро дур аз қадаҳ дор.*
*Маро аз душманон боке набошад,*
*Худовандо, маро аз ман нигаҳ дор.*

(Гулчини ашъор, саҳ. 240)

Дар ин дубайтӣ, ки хонда шуд, шефтагӣ ва ошуфтагии шоир, бо равандҳои равонии рӯҳи шоир, фалсафаи имондорӣ ва ирфони худогоҳӣ ва худёбӣ тавъам аст. Аз ҳар дидгоҳ ба ин дубайтӣ мешавад нигоҳ кард. Вале бардошт ҳамон аст, ки гуфта шуд. Яъне фалсафаи имондорӣ ва ирфони худогоҳӣ ва худёбӣ. Ин мисраъ дар ин дубайтӣ- «Худовандо, маро аз ман нигаҳ дор» рознома ва муноҷоти Лоиқ бар Худованд аст. Устод Лоиқ дар олами ҳастӣ аз лағжидан дар худ меҳаросад. Дар ин масир аз ҳама мегузарад, ба ҷуз аз Худованд. Дар ин масир аз Худованд имдод мехоҳад, то дар худ налағжад. Ин ҷо мехоҳам бигӯям, ки мо то ҳанӯз Лоиқро нашинохта будаем. Ва ҳанӯз ҳам на-

шинохтаем, зеро бо нӯшбодҳо ва шӯридагиҳо ва бехудиҳову шодиҳои ӯ ҳамканорӣ кардаем. Аз дардҳои ниҳуфта, розҳову муноҷотҳояш бехабар рад мешудем. Худи Лоиқ низ дӯст медошт танҳо шодиҳояшро, хушбахтиҳояшро барои мардум тақсим бикунад. Муноҷот, розҳо ва дардҳои худро бештар пинҳон медошт, ки чашми мо он ҳамаро наметавонист бубинад, зеро аз фитрати инсон пайдост, ки ғамро дӯст намедорад. Аз ғам парҳез мекунад. Агар ки ғамро дӯст ҳам бидорад, ғами шодиоварро дӯст хоҳад дошт. Ва ин фитрати инсонро Лоиқ Шералӣ хуб медонист. Ҳаминҳост, ки аз шӯридагӣ ва аҳволи дарунии ин шоири завқ беш аз ҳад огаҳ набудем. Ё бар он моро фурсат набуд, ё бар он омодагии рӯҳӣ надоштем. Ҳол он ки Лоиқ Шералӣ дар шеър ишқбозиҳои дигаре дошту ёри дигаре. Ҳамон ишқ ва ёре, ки ишқ ва ёри мардони ҳақиқат ва тариқат аст. Ҳамон ишқ, ҳамон ёр, ки ишқ ва ёри мардони тоат ва ибодат аст. Ин ишқ, ин ёр ҳамон ишқ, ҳамон ёри Шайх Аттор, Саъдӣ, Ҳофиз, Мансури Ҳаллоҷ ва дигар орифони сухан аст, ки Лоиқ Шералӣ дар ин замина шӯридагӣ ва бехудиҳои худро дорад. Лоиқ Шералӣ қабл аз ҳама худро фарзанди ҳамин ишқ медонад. Ҳамин ишқ канораи худогоҳӣ, худёбӣ шӯридагиҳо ва бехудиҳои Лоиқ Шералӣ буд ва ҳаст. Ин шоири розошно дар бехудиҳои шоирона ва мастиҳои шоирона бо дӯст муноҷот мекард. Мастиҳои шоиронаи худро аз кароматі ҳамин ишқ медонист. Лоиқ бо номи ҳамин ишқ маргро, зиндагиро, ҳақиқатро, хилқатро таъбир ва тафсир кард:

*Гаҳе дар худ кабирам, гаҳ сағирам,*
*Гаҳе худро амирам, гаҳ асирам.*
*Маро то ин ки аз дунё барад марг,*
*Ман андар худ, ман андар худ бимирам.*

(Гулчини ашъор, чопи Теҳрон, саҳ. 232)

Ҳоло бигзарем аз чанду чуни бисёр ва бебор. Бо шеваи андешамандон ва орифон бар ин дубайтӣ бингарем, ки чашми таҳқиқ аз чӣ равшан мешавад, пайдост агар шитоб-

зада ва бо андешаи андак аз ин дубайтӣ бигзарем, ба печидагиҳо ва хатти маънавии он нахоҳем расид. Ва чунин бармеояд, ки ин дубайтӣ низ аз қабили ҳамон дубайтиҳои риндона ва ошиқонаи шоир дар ҳавову ҳавасҳои дунёст. Аммо ҳаргиз ин тур нест. Ҳолу ҳаво ва тасвири ин дубайтӣ ба нигоҳи кованда ниёз дорад, то ранг-ранг хешро тафсир кунад. Инсон кабир аст, чун халифаи Худованд дар замин аст, инсон вақте бо Худои худ аст, ин озодагӣ, ин бузургӣ, ин кабирӣ аз ӯст. Чун Худоро аз ёд бароварад, бисёр сағир, ҳақир, ночиз ва беарзиш мешавад. Инсон он вақт озодагии худро аз даст медиҳад ва асир мешавад дар зиндагӣ, дар ҳавасҳои дунё. Шоир дар лағзишҳо ва хатоҳо пеш аз он ки марг биояд ва ӯро аз ин дунёи фонӣ бибарад, борҳо дар худ ҷон додааст. Борҳо дар худ ҷон кандааст, ин ҳама ҷон кандани шоир, ин ҳама ҷон додани шоир то омадани марг чарост ва ба кадом хотир? Бар он хотир, ки ба озодагӣ бирасад. Ҳамон озодагӣ, ки холиқ барояш додааст.

То расидани марг шоир худро ба Холиқи хеш наздиктар мекард. Бо Худованд роз мегуфт ва муноҷот мекард. Ин мавзӯъ дар осори Лоиқ Шералӣ бештар фарохтар аз он аст, ки мебинем ва мегӯем. Дубайтии дигаре аз ин шоири шӯридадил дар ҳамин росто:

*Маро як ишқ сад дунё бубахшад,*
*Маро як ҷом сад дарё бубахшад.*
*Зи сар то по гунаҳкорам гар имрӯз,*
*Гунаҳҳои маро фардо бубахшад.*

(Ҳамон ҷо, саҳ. 232)

Аз ишқ ҳар қадар бигӯем, боз ногуфта мемонад. Аз ишқ гуфтанд, гуфтем ва боз хоҳанд гуфт. Ҳар кас ишқро дар доираи тавони зеҳни худ мебинад, мепазирад, мешиносад. Достони ишқ ҳамеша тоза ва нав аст. Чаро? Зеро ишқ ҳадяи осмонист аз ҷониби Худованд барои инсон. Худованд ҳам дар ҳамин мизон, мизони ишқ бо бандагони худ ҳисобу китобҳо дорад. Ишқ кимиёест дар вуҷуди хокии инсонҳо. Фаришта бо он ҳама покӣ аз ишқ бебаҳра аст, вале ин

лаззатҳо, ин неъматро Худованд ба инсони хокӣ додааст. Ин байти Хоҷа Ҳофизро ба хотири шарифи худ биёред:

*Фаришта ишқ надонад, ки чист, қисса махон,*
*Бихоҳ ҷому шаробе ба хоки Одам рез.*

(Девони Ҳофиз)

Ҳамин аст, ки то рӯзу рӯзгор аст, ишқ ба инсон аз Худованд ёдгор аст. Ишқ ҳам ошно ва ҳам ноошност, мисли шоир, мисли Лоиқ Шералӣ. Дар рози ҷовидонагии ишқ орифон худро гум кардаанд ва аз роздорони ишқ гардидаанд. Аз як дунё гузаштанду ба сад дунё расиданд, ба дунёи ишқ, ки дунёи дунёҳост. Устод Лоиқ Шералӣ саршор буд аз ҳамин ишқ, ишқи лоязол, ишқи ҷовидон, ишқе, ки маънии инсон буданро таъбир мекунад, тафсир мекунад. Он гуна ки дидем, устод Лоиқ Шералӣ худ дар ин дубайтӣ мефармояд: «Маро як ишқ сад дунё бубахшад». Ин ҳамон ишқ аст, ки аз он нахли ҳастӣ сарсабз аст, ҳамин ишқ ҷоме бар ӯ дода, ки дар он шӯри сад дарёст. Дар идомаи ин дубайтӣ шоир парда аз манзури хеш бармедорад: «Зи сар то по гунаҳкорам гар имрӯз, гунаҳҳои маро фардо бубахшад». Бипурсед, соҳиби фардо кист? Соҳиби имрӯз ва фардо Худованд аст. Лоиқ аз соҳиби фардо умеди афви гуноҳ дорад. Аз ӯ омурзиш мехоҳад ва медонад ва бовар дорад, ки раҳмати ӯ бениҳоят аст. Рӯшан аст, ки ҳама пеши он зот гуноҳе дорем ва умед ба раҳматаш низ дорем. Лоиқ иқрор мекунад, ки гунаҳкор аст ва аз худ шайхи покдоман намесозад, медонад бо он ҳама гунаҳкорӣ касе ҳаст, ки ба карами худ фардо ӯро хоҳад бахшид. Дар Қуръони маҷид чунин омада: «Ва гурӯҳи дигар ба гуноҳи худ эътироф кардаанд, ки аъмоли некӯро ба корҳои зишт омехтаанд, шояд Худо тавбаашонро бипазирад, зеро Худо омурзанда ва меҳрубон аст» (сураи Тавба, ояи 102).

Ин ишқи шӯрида ва ҷонсӯз, ки рӯҳи шоир маст аст аз он, ишқи ҳамон ёр аст, ёре, ки парвардгори оламу одам аст. Ин ёр парвардгори замину осмонҳост. Орифони шеър ҳама аз як бодаи ишқ сармаст буданду сармастиҳо карданд.

Ҳама ҷомҳое задаанд ба ҷоми ишқ. Дар мастии шоирона бо ишқ ба самоъ рафтаанд. Лоиқ Шералӣ аз зовияи ишқи заминӣ ва замонӣ то ишқи осмонӣ ва азалӣ роҳ ёфтааст. Мо устод Лоиқ Шералиро аз даричаи ишқи заминӣ дидаем ва кашф кардаем. Ва чун шоир бишнохтаем, ҳол он ки ин гуна нест. Ҳамчунон ки дида шуд, ишқи азалиро бештар қабул дошт ва мепарастид. Ин ишқро ӯ пӯшидатар ва пинҳонтар тасвир ва тафсир мекунад. Шоир дар ҳавои ин ишқ шӯридатар ва бехудтар мешавад ва ин ҳадро ӯ худ мастии шоирона ном мегузорад. Ин ишқи шоир, ин розҳо ва муноҷоти шоир пажӯҳишҳо ва кашфҳо мехоҳад. Вагарна ин ишқи шӯридаи шоир, ин розҳо ва муноҷоти ӯ нокушода мемонад. Ин моем, ки бо ишқ ҳеч наметавонем кард ва ин, дасти мо ҳам нест. Ишқ рӯшноӣ аст, ишқ нур аст, ишқ падидаи ҳастист. Лоиқ Шералӣ ба пояи баланди ин ишқ, бешак, расида буд. Вагарна чунин муноҷот намекард:

*Бисӯзам, то ки нурамро бубинанд,*
*Равам, то роҳи дурамро бубинанд.*
*Бимирам ончунон мушкил, ки мардум*
*Ба ҳайрат хоки гӯрамро бубинанд.*

* * *

*Худоё, ҳамнишини оқилон кун,*
*Худоё, ҳамрадифи одилон кун.*
*Ба қабристон агар рӯзе бихусбам,*
*Маро ҳамсояи соҳибдилон кун.*

Ин аст, ки батакрор хоҳам гуфт, ки устод Лоиқ Шералиро он гуна ки бояд, нашинохтаем. Ӯ буд, ки моро шинохта буд. Мутобиқ ба эҳсосоти содаи мо, мутобиқ ба зеҳни содаи мо шеър мегуфт, то моро дар фаросӯи ишқ, ишқи худогоҳӣ, худшиносӣ, андак-андак ба ҳам биёрад, то ҳам ишқро ва ҳам худро бишносем.

Бо ҳамин шӯру мастӣ устод Лоиқ Шералӣ ба шеър ворид шуд. Андешаҳои зангзадаро ӯ софӣ кард. Шеъри Лоиқ

мисли сипанд дар миҷмари эҳсосҳо сӯхт ва эҳсосҳоро хушбӯву муаттар сохт. Каломи Лоиқ Шералӣ дар кавири андешаҳо, кавири эҳсосҳо, кавири шеъргунаҳо кароматӣ боронро дошт. Дар қолабҳои мурдаи арӯз чун дами ӯ дамид, қолабҳо, калимаҳо, шеър ҷон гирифт. Як нигоҳ ба дафтари ғазал, дубайтӣ, рубоии Лоиқ кофист, то ҳақиқати ин ҳарф пазируфта шавад. Ҳол он ки пиндоре роиҷ буд, ки қолабҳои суннатии шеър дигар ба рӯҳи вақт носозгор аст ва умри қолабҳо ба охир омада, зеро арзишҳои маънавӣ ва фарҳангиро наметавон аз тариқи онҳо пиёда кард. Лоиқ Шералӣ буд, ки ин пиндорро ботил сохт. Бо истеъдоди баланди хеш ин қолабҳоро дар шеъри тоҷикӣ зинда намуд.

Бар ман хурда намегиранд, агар бигӯям Лоиқ Шералӣ дар ғазал мисли Соиб, дар дубайтӣ мисли Бобо Тоҳир, дар рубоӣ мисли Хайём ҳақ ва саҳми шоирона дорад. Бо тасвирҳои тоза, диди тоза, хаёлпардозиҳои тоза Лоиқ рӯҳи ин қолабҳоро низ тоза бинмуд.

Лоиқ Шералӣ дар қолабҳои маъмулӣ ва суннатӣ эъҷозҳо ва шоҳкорҳои шоирона дорад. Аҳли завқ ва сухан аз он огаҳанд. Чанд намуна дар ҳошияи ин ҳарф:

Ғазал

*Ҳар қадар рост бигӯӣ, ба хато мепечӣ,*
*Равӣ ҳар қадр ба боло, ба бало мепечӣ.*
*Дар ҷавонӣ ба қади сарви тару тозаи ёр,*
*Фасли пирӣ ба қади хушки асо мепечӣ.*
*Баъди бехешиву бекешиву хомандешӣ,*
*Чу пушаймон шавӣ аз худ, ба Худо мепечӣ.*
*З-осмон дастату поят зи замин канда шавад,*
*Аз ҷазо гар бигурезӣ, ба қазо мепечӣ.*
*Гар насӯзӣ ба ғами халқ, бисӯзад гӯрат,*
*Шодии халқ нахоҳӣ, ба азо мепечӣ.*
*Ба ту мегӯяму бар хешу ба ҳар каҷрафтор,*
*Аз раҳи рост бароӣ, ба куҷо мепечӣ?*

Рубоӣ:

*Роҳе, ки маро ба кӯйи мақсуд барад,*
*Аз байни ҳазор оташу дуд барад.*
*Ишқе, ки мароаст, ё расонад ба мурод,*
*Ё колбадам ба рӯйи тобут барад.*

(Гулчини ашъор, саҳ. 203)

Дубайтӣ:

*Фалак, фарзонагонро куштанат чист?*
*Ҳама якдонагонро куштанат чист?*
*Ту худ девона кардӣ ошиқонро,*
*Пасон девонагонро куштанат чист?*

(Аввалу охири ишқ, саҳ. 259)

Ҳунари шоирии Лоиқ Шералӣ дар қолабҳои суннатӣ ковишҳо ва пажӯҳишҳоеро аз ҷониби муҳаққиқон интизор аст. Паҳлӯ ва ҷанбаҳои зиёде дар осори устод Лоиқ ҳанӯз дастнохӯрда боқӣ мондааст. Хеле дилам мехост дар ҳамоҳангии дубайтиҳои Лоиқ ва Бобо Тоҳир, рубоиёти Лоиқ ва Хайём, сабки ғазалҳои Лоиқ ва Соиб корҳои таҳқиқот аз тарафи ковишгарон сурат бигирад, то ба ҳунари шоирии Лоиқ аҳли сухан бештар ва амиқтар ошноӣ пайдо бикунад. Қалами шоирӣ барои Лоиқ ҳадяе аз нахли ишқ буд, ишқи миллат, ишқи Ватан, ишқи сарнавишти инсон. Ин аст, ки таҷаллии рӯҳи як миллатро дар шеърҳои ӯ метавон дид. Ва ин хидмати бузурги шоирии ӯст барои худогоҳӣ ва худшиносии милати тоҷик. Найи андешаи шеъри Лоиқ ва овози найистонҳои хаёлаш раги хоби шоиронро бедор кард. Ӯ буд, ки ба шеъри тоҷикӣ ҳолу ҳавои тоза, шӯри тоза, тахайюли тоза, диди тоза ва тасвирҳои тозаро бозовард.

Ин ҳарф аз бузургвор ҳазрати Бедил аст, ҷӯши муҳити кибриёист, ки бар як қатра ойинаҳо мезанад. Он вақт ҳангомаи мову ман аст, ки моро бо мо ошно мекунад. Ва шӯри аз худ растан, бар як қатра ойина задан дар рӯҳ ба талотум меояд. Бад-ин далел, шӯри аз худ растан, дар сози хаёли шоирон тоза нест ва оғози дуре дорад. Яъне ҳу-ҳуи

ин самоъ аз ҳамон оғоз ҳаст. Аз ҳамон сароғоз, аз ҳамон офариниш, ки Худованд ҳазрати Одамро халқ карда ва ин шӯри худогоҳӣ, худшиносии хилқат дар инсон пушт дар пушт такрор мешавад. Вале дар фитрати шоир ин шӯр, ин соз шӯридатар, печидатар ва урёнтар аст. Дар Бедил ҳамин шӯр ва соз авҷҳое дорад тамошоӣ.

Бихонем:

*Сояро ваҳми бақо дар аҷз хобонидааст,*
*Варна як гом аз худат он сӯ ҷаҳони кибриёст.*

(Девони Бедил, саҳ. 70)

Табиист, ки устод Лоиқ Шералӣ аз ин шӯр, аз ин соз барканор набуда. Ин ҷост, ки ҳолатҳои рӯҳӣ ва ирфонӣ дар осори ин шоири ҳасратҳо ва ғурбатҳо зиёд ба назар мерасад. Авҷҳо ва парвозҳои тамошоии ӯ дар хонанда таъсир мегузорад. Намунае дар ин ҳолу ҳаво:

*Эй, ки намедонӣ маро,*
*Чандин макун чуну чаро.*
*Бе шоиру ошиқ бидон,*
*Дунё шавад мотамсаро.*
*Шоир ба савдояш хуш аст,*
*Бо ҷони шайдояш хуш аст.*
*Ҳатто ба наздики Худо*
*Бо бехудиҳояш хуш аст.*

(Аввалу охири ишқ, саҳ. 7)

Дар ин ҳолатҳои шоирона, андеша, тасвир, тафаккур, завқҳои зеҳнии устод Лоиқ саршор аст аз зебоӣ, аз фасоҳат ва балоғати баён. Лоиқ Шералӣ аз даричаи тасвирҳо, аз даричаи ирфону маънавият чашми моро ба уфуқҳои рӯшантарини шеър ва андеша ошно месозад. Аз завқҳои зеҳнӣ, аз унсурҳои печидаи шеър, аз иҳом, ташбеҳ, истиора, рамз барои баёни эҳсосҳои шоирии хеш устод хуб баҳра мебарад. Баёни ширин ва ҷаззоби Лоиқ дар ҳамдастӣ бо табиат ширинтар ва ҷаззобтар гардидааст. Хонанда аз мутолиаи асрори ӯ ғарқ дар табиат мешавад. Дар

шукуфтанҳои завқ, дар чаманзори пур аз рӯёъ, дар самои абру боронҳо шеърро, зиндагиро, ҳастиро зебоиро маза мекунад. Хонанда дар ин зебоии шеър, дар ин шукуфтанҳо, дар ин чамани ранг-ранг худро ба тамошо менишинад. Зебоиро дар шеър мебинад, ҳис мекунад ва дар он ғарқ мешавад. Дар ҳамин зебоии шеър зебо мешавад. Хилқати худро, тинати худро мехоҳад ин гуна зебо бисозад ва зебо бубинад. Хонанда баъд аз ошноӣ бар ин қабил шеърҳои шоир лаззати маънавӣ, лаззати шукуфтан ва лаззати зебоандешиpo дар раг-раги худ эҳсос мекунад.

Ҳоло бо чашми тамошо бинигарем ба шукуфтан, ба зебоӣ, ба баҳор дар ин ғазал:

*Баҳор омаду ман сабзҷонӣ мехоҳам,*
*Чу сабза сабзии бахти ҷаҳонӣ мехоҳам.*
*Ба пойи ёр ба монанди арғувони баҳор*
*Зи пой то ба сарам гулфишонӣ мехоҳам.*
*Хазони умр фаро мерасад, мани шоир*
*Зи боғи шеъри Аҷам бехазонӣ мехоҳам.*
*Сабуксарони замона маро хиҷил карданд,*
*Биёр ратли гарон, саргаронӣ мехоҳам.*
*Ба ҳар кӣ менигарам, эй басо, зи худ рафтаст,*
*Зи худшинохтагон муждагонӣ мехоҳам.*
*Маро ба ҳоли худ ин дил намегузорад ҳеҷ,*
*Вагарна боз ҷавонӣ, ҷавонӣ мехоҳам.*
*Чунон ки ошиқам имрӯз аз насиби аҷал,*
*Ҳазор соли дигар зиндагонӣ мехоҳам.*

(Аввалу охири ишқ, саҳ. 145)

Тамоми зеру бами ин ғазал, бо ҳама он зебоӣ, бо ҳама он тасвир, бо ҳама он шукуфтан, бо ҳама он сабзҷонӣ дар фалсафаи худогоҳӣ, худёбӣ ва шинохти хилқати худ хулоса мешавад. Шоир дар ин ҳангомаи чуну чароҳо ба ҳар кӣ менигарад, зи худ рафтааст, вале ба худ нарасидаст ва аз худ, аз хилқати худ ноогоҳ монда. Ин аст, ки шоир аз худшинохтагон муждагонӣ мехоҳад. Ба онҳое, ки аз худ рафтаву ба худ расидаанд, худро дар худ кашф кардаанд. Ав-

вал ишқро, ҳақиқатро, хилқатро. Ҳастиро дар худ шинохтаанд ва баъд худро.

Шоир аз ин худшинохтагон интизори паём аст. Паёми худшиносӣ, худогоҳӣ, худёбӣ. Лоиқ Шералӣ аз тариқи тафаккур, отифа, тахайюл ва тасвирҳои ноб эҳсоси худро ба хонанда интиқол медиҳад. На ҳамаи шоирон дар ин самт муваффақанд. Ҳастанд шоирон, ки дар интиқоли эҳсоси худ ва рӯҳи шеъри худ ба хонанда муваффақ нестанд, зеро ин қабил аз шоирон дар назм ба камол расидаанд, на дар шеър. Ҳол он ки аз назм то шеър фосилаи зиёде ҳаст. Бигзарем аз ин ҳарфҳо. Истифода аз аносири тасвир ва тахайюл дар осори устод Лоиқ ранг-ранг, зебову шево ва шӯрангезу дилангез аст. Устод Лоиқ гоҳе низ дар пушти калимаҳо дарду андӯҳ ва ҳасрати худро пинҳон месозад ва гоҳе низ аз пушти калимаҳо он ҳамаро дармеорад ва урёнтар аз ойинаҳо мешавад:

1. Он ҷо ки шоир пинҳон аст:

   *Умеду орзуям сӯхт монади ҳинои санг,*
   *Дубайтию рубоӣ нолаамро бефано кардаст.*

   (Фарёди бефарёдрас, саҳ. 142)

Дар ин байти расо умеду орзуҳои сӯхта ва сӯхтан монанди ҳинои санг аз розҳои пӯшидаи шоир аст. Лоиқ дард, ҳасрат ва ғурбатҳои худро дар пушти калимаҳои «умед,» «орзу,» ва «ҳинои санг» пинҳон доштааст. Ва ин ҷо тасвири «ҳинои санг» чӣ ширин, чӣ зебост ва сухтан монанди ҳинои санг дигар талотуми эҳсосҳост. Барои дарёфти рози шоир бояд пушти калимаҳо рафт.

2. Он ҷо ки шоир ошкор аст:

   *Ба мисли кӯҳ якрӯям, ба сони чашма ҳақгӯям,*
   *Чунин будам, чунин бошам, ки инсонам Худо кардаст.*

   (Ҳамон ҷо саҳ. 142)

Дар ин байт шоир ҳеч чизеро аз хонанда пинҳон намедорад. Шоир дар ин байт мисли осмони софи тобистон са-

росар ошкору беғубор аст. Ҳатто як тикка абри ҳасрат ё андӯҳ ин осмони софро лаккадор намекунад, ки ҳамеша якрӯст ва ҳамеша ҳақгӯ, зеро Худованд ин гуна ӯро офаридааст. Шоир дар таҷаллии Худованд мисли ойинаи урён мешавад ва аз он розиву хушнуд аст, ки Худованд чунинаш офарида. Шоир бо таъкид ҳушдор медиҳад, ки чунин будам ва чунин хоҳам монд. Устод Лоиқ Шералӣ дар тоблуи андеша шеърро, зиндагиро наққошӣ мекунад. Рангҳои дардро, рангҳои андӯҳро, рангҳои ҳасратро, рангҳои орзуву умедро дар шеър бо ҳам меомезад. Ангезаҳои зеҳнӣ, зебоиҳои андеша, тароватҳои завқиро ба шеър меорад ва шеърро ба мардум. Устод Лоиқ рангҳои тафаккур, тахайюл, отифа ва тасвирро дар як ранг – шеър хулоса месозад. Кант, файласуфи Олмон дар таърифи шеър мегӯяд: «Шеър ҳушро вусъат медиҳад, то нерӯи хаёлро озод кунад».

Ҳамин гуна аст, шеър фитратро, заковатро, ҳушмандиро дар инсонҳо вусъат медиҳад. Нерӯи хаёли шоир кадом аст? Оё фурмули хосе дорад? Оре, хаёли шоир дорои формул аст. Аммо ҳар шоир фурмули хоси хаёли хешро дорад. Фурмули хаёли ҳар шоир ба қадри ҳиммати ӯст. Нерӯи хаёл аст, ки шеърро болу пар медиҳад ва шеър зиндагиро бо ҳама уфуқҳояш тай мекунад. Ба он шарт, ки ду боли парвоз аз нерӯи хаёли шоир насибаш бигардад. Фурмули хаёли шоирони бузург ба ҳам шабеҳанд, агарчи дар тарзҳои мухталиф фарқҳое доранд. Бигирем фурмули хаёли шоирони ориф Аттор, Саноӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Мавлавӣ, Хайём, Бобо Тоҳир… дар шакл ва тарҳ фарқ доранд. Аммо дар мӯҳтаво фурмули хаёли ин бузургон ба ҳам шабеҳанд ва ҳатто ҳамдигарро дар мӯҳтаво такмил додаанд. Фурмули хаёли устод Лоиқ Шералӣ низ дар мӯҳтаво бо фурмули хаёли ҳамин бузургон монад. Аммо дар тарҳ ва шакл фурмули хаёли устод Лоиқ дорои вижагиҳои худ мебошад. Мӯҳтаво дар фурмули хаёли ин ҳама бузургон, ки Лоиқ низ дар ин шумор аст, ҳамон худёбӣ, расидан ба худ, мастиҳои шоирона, ҳақ гуфтан ва ба ҳақ расидан, дар як ҳарф рамузҳои бехудии онҳост. Аммо он гуна ки гуфтем, ин ҳама бехудиҳо худ ба худогоҳӣ расидани ин бузургон шакл ва шеваҳои

худро дорад. Ҳамин ҷост, ки тарҳ ва шакли фурмули хаёли шоирон аз ҳам бо шеваҳои мухталиф фарқ мекунад. Бояд гуфт, ки ин кӯзаҳо ё зарфҳои фурмули хаёл дар сохт, шакл ва нақш мухталифанд, вагарна ҳама як шароб доранд. Ва он шаробро ҳам Саноӣ, ҳам Аттор, ҳам Ҳофиз, ҳам Хайём, ҳам Мавлавӣ, ҳам Иқбол ва имрӯз ҳам Лоиқ ба сар кашидаанд. Ин шароб ҳамон фалсафаи ҳастӣ ва ирфони худшиканиву худсозии хилқат аст. Шоирон аз ҳамин шароб ба мастии рӯҳ расидаанд. Ва он шароб ҳамон мӯҳтавои азалист дар шеъри шоирони ориф ва ринд. Дар ҳамин мӯҳтавои азалӣ ҳар шоир фурмули хаёли худро тарҳ мерезад. Шоир нерӯи хаёли худро дар фурмули рехтаи худ гунҷоиш медиҳад. Ва бисёр шуда, ки фурмули хаёл бо мӯҳтаво ҳулул мешавад ва шоир дар мастии рӯҳ аз қилу қолҳо мегузарад, то ба ҳол бирасад. Мастиҳои Саноӣ, Аттор, Мансури Ҳаллоҷ, Мавлавӣ ҳама аз шароби ҳамин мӯҳтаво буда. Аз ин мастиҳои шоирона аҳли дил огоҳанд. Фурмули хаёли шоир ба тамоми рукнҳо ва аркони сухан худро пайванд медиҳад. Дар садри фурмули хаёл андеша қарор дорад. Нерӯбахши фурмули хаёл андеша аст. Шоир фурмули хаёлро дар фазо ва чанбари андешаҳо месозад. Ва аз рукнҳо ва аркони шеър дар ҳадди завқ ва шавқи дошта суд мебарад. Ҳамин суд бурдан, ҳамин корбурд дар маҷмӯъ ва рукнҳо ва аркони шеър қолаби фурмули хаёли шоир аст. Фурмули хаёли устод Лоиқ дар офариниши шеър аз тарҳи сода ба тадриҷ ба тарҳи мураккаб ва печида мерасад. Таҳлил ва таҳқиқи ин назар сӯҳбати ҷудо ва густардатаре мехоҳад, ки ҷойи он на ин ҷост. Аммо зикри ин ҳарф воҷиб аст, ки фурмули хаёли устод Лоиқ бо тафаккуру тахайюли ноб, бо тасвирҳои бикр ва тамошоӣ, бо отифа ва тафсирҳои дардҳои гиреҳхӯрда, бо баёни муаттар ва рангомезии андеша дар шеъри муосири тоҷикӣ аз беҳтаринҳост. Ин ҳама шӯру қиём, ин ҳама самои хаёл ва ҳуҳуи шеър, ин ҳама печидагиҳо ва ворастагиҳои фурмули хаёли шоир, ба вижа, дар китоби охири ӯ «Фарёди бефарёдрас» (1997) рӯшан шӯрофарин ба чашм мехурад. Акнун нигоҳе кунем ба фурмули хаёли устод Лоиқ дар шакл ва мӯҳтаво бо чанд тан аз шоирони ориф:

Мавлавӣ:

*Дар гил бимонад пойи дил, ҷон медиҳам чӣ ҷойи дил!*
*В-аз оташи савдои дил, эй войи дил, эй войи дил.*

(Ғазалиёт, саҳ. 7)

Лоиқ Шералӣ:

*Бидруд оташи дилам! Бидруд ошиқӣ!*
*Бидруд саргаронии девонавори ман!*
*Акнун даруни синаам, ҷуз оҳи сард нест,*
*Бидруд ҷонфишонии парвонавори ман.*

(Фарёди бефарёдрас, саҳ. 27)

Шайх Аттор:

*Оташи ишқи ту дар ҷон хуштар аст,*
*Дил зи ишқат оташафшон хуштар аст.*

(Ғазалиёт, саҳ. 278)

Лоиқ Шералӣ:

*Ношукрии ишқ аст ҳамин пир шуданҳо,*
*Дил додаву дил бурдаву далгир шуданҳо.*
*Ҷон додаву ҷон канда, ба ҷонон нарасидан,*
*Аз ҷони худу ҷони ҷаҳон сер шуданҳо.*

(Ҳамон ҷо, саҳ. 143)

Мирзо Бедил:

*Ба ҳар дил як ҷаҳон завқи зулолаш,*
*Баҳори сад ҷунун шӯри хаёлаш.*
*Ба сад ширинӣ, аммо ночашида,*
*Саропо ҷону бар лаб норасида.*

(Осори Бедил, саҳ. 181, ҷ. 5)

Лоиқ:

*Ёдат зи дилам дар ин шаби тор гузашт,*
*Ҷонам ба хаёлат аз таги дор гузашт.*
*Аммо чӣ кунам зи ишқ ношукрии мо*
*Бисёр гузашту кор аз кор гузашт.*

(Аввалу охири ишқ, саҳ. 65)

Муҳаммад Иқбол:

*То ба ҷони ӯ супурдам ҳуи хеш,*
*Боз бинам дар дили ӯ рӯйи хеш.*

(Куллиёт, саҳ. 66)

Лоиқ Шералӣ:

*Зи ишқи ту тавонгар мешавад дил,*
*Латифу тозаву тар мешавад дил.*
*Агар ишқи ту ҷони тоза бахшад,*
*Ба сад пирӣ ҷавонтар мешавад дил.*

(Ҳамон ҷо, саҳ. 248)

Фурмули хаёли шоирон дар ин намунаҳо мухталиф аст, вале ҳама дар як мӯҳтавоанд. Дар ин пораҳо, ки мисол задем, фурмули хаёлро фаразан,сурат бигӯем, дилу ҷон аст, ки бар ин ҳама сурат маънӣ медиҳад, бад-ин далел дар ҳар фурмули хаёл маъниро бояд чуст. Яъне аз сурат маъниро, мӯҳтаворо пурсид. Фурмули хаёл, аз маъно ва мӯҳтаво шакл мегирад ва он диданӣ мешавад. Дар ин ҳама намуна, ки дидем, лаҳни баён суфта, рехта ва фурмули хаёл диданӣ ва ранг-ранг аст. Ин ҳама аз баракати маъно ва мӯҳтавост. Он гуна ки дар ҳамаи ин намунаҳо дил ва ҷон мӯҳтаво ва маънои асл аст. Ин мӯҳтаво, ин маъно, шарҳи дилу ҷон, дафтар-дафтар тафсир мехоҳад. Устод Лоиқ Шералӣ аз ҳикмат ва фалсафаи дил ва ирфони ҷон ба хубӣ огоҳ будааст. Дар намунаҳо, ки оварда шуд, вожаи дил ва ҷон маҷмӯи зебоӣ ва таҷаллии нур дар нур аст. Вожаҳои дигар дар таҷаллӣ ва зебоии дил ва ҷон нур шудаанд ва аз сояҳо буридаанд. Дил ва ҷон дар шеъри шоирон рамзу рози ҳаёту ҳастист. Дар дил ва ҷон, яъне рӯҳ дар ҷомаи тан аст. Ҳамин аст он сир, ки шоирони ошиқ ва ориф, ин ду таркибромеҳроби андешаҳои хеш қарор додаанд. Барои расидан ба лаззати ҷовидон, барои расидан ба лаззати ишқ, барои расидан ба висоли ҳазрати дӯст. Тамоми шарҳи шарҳа-шарҳаи най дар Маснавии маънавии Мавлавӣ ҳамин аст, ки гуфтем, яъне бозгашт ба худии худ, бозгашт ба асл. Нолаи най ҳамин нола аст. Ҳикояти най ҳамин ҳикоят аст.

Бозгашт кардан ба ин найистони ишқ, ки аз он бурида шудаем. Аз даричаи ҳамин ирфон, ҳамин фалсафа Лоиқро ҳамчун шоир ба камол расонид. Лоиқ дар ҳамин полоишгоҳ шеъри худро полоиш додааст. Аммо бо мазмун ва тасвирсозиҳои асилу тоза. Лоиқ дар баён, андеша, таркибсозиҳо, калимасозӣ, шӯр ва ҳоли шоирӣ завқи тамом аз худ нишон додааст. Дар қолабҳои суннатии ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, маснавӣ аз авзон истиқбол карда, вале бо мазмуну тасвирҳои худ. Дар як ҳарф устод Лоиқ Шералӣ барои худогоҳии дил ва барои худёбии рӯҳ ба шеър канор омад ва дар шеър худро ҷовидон сохт. Ин сӯҳбатро бо як дубайтии устод Лоиқ Шералӣ ба поён меорем:

*Диламро мехӯрад ҳар дам ғами ишқ,*
*Даме беҳамдамам созад дами ишқ.*
*Намедонист олам аз вуҷудам,*
*Намебудам агар дар олами ишқ.*

Аз нигоҳи Данте авроқи парокандаи олам ба сурати як китоб ҷамъ меояд, ки рӯйи он як калима – ишқ навишта шуда. Устод Лоиқро дар ҳамин калима бояд ҷуст ва шинохт. Калимаи ишқ, калимаи офариниш. Бешак, авроқе дар ин китоби ҷовидон ба номи ӯст.

# ШЕЪР КӮЧИДАН АСТ АЗ ХУД

Таъбири шеъри кӯшиш ва ҷӯшиш дар нақди арабӣ имрӯз бисёр ба кор меравад. Шеъри кӯшиш шеъре аст, ки шоир ба заҳмат ва сахтӣ меофарад ва шеъри ҷӯшиш он шеър аст, ки худ ба суроғи шоир меояд. Дар ин ду тақсимбандӣ метавон навъи севуми шеърро ҳам изофа кард. Дар ин навъ шеър кӯшиш ва ҷӯшиш, андеша ва ҷӯшиши тафаккур нақшгузор аст. Дар ин навъ шеър кӯшиш ва ҷӯшиш барои такмили ҳам меоянд ва ҷӯши андешаи шоир, ҷӯши тафаккури шоир ангури шеърро май мекунад. Дар ин ҳошия омезаи ҳис ва рӯҳ аст, ки ба авҷ мерасад. Гулназар Келдӣ аз он шоироне ҳаст, ки ҷавҳари шеърҳояш аз ҷӯшиши андеша ва ҷӯшиши тафаккур нашъа мегирад. Бихонем:

*Метаровад зи баландои манора нафаси гарми азон,*
*Шаҳри холӣ ҳама пур мешавад аз ҳавсалаи бедорӣ.*
*Ман суханро бубарам баҳри таҳорат лаби дарёи сапеда,*
*Бидиҳам машқи намозаш ба тулӯи покӣ.*
*Ман, ки сад мадраса бар дил дорам,*
*Дарси имон диҳаму номусаш.*
*То ки як рӯз нагӯяд ба алам:*
*«Гар мусалмонӣ аз ин аст…*
*Оҳ, агар аз пайи имрӯз бувад фардое!».*
*Аспи чӯбини ман он лаҳза, ки хонад ба сафар,*
*Сухани покиза, бо пойи таҳорат.*
*Бикунад наъши маро – ҷаноза,*
*Бубарад рӯҳи маро бар ҷовидон.*
*Субҳу Шомам бифиристад раҳмат!*

(Шӯълаи барқади сӯзани малоҳат, саҳ. 119-120)

Ба ин шева Гулназар феъли таҳқиқ дар калима, баён, тасвирро дар кори худ камол додааст. Аз ин ҷост, ки шеъри ӯ бештар ҷӯши андешаро дар худ дорад. Яъне

фаҳми таҳқиқ ва баррасӣ дар шеърҳои шоир бештар рӯи ақл аст, на эҳсос.

*Ману ту низ боронем, к-аз ҳар зарраи мо*
*метаровад бетанаффус*
*Садои аллаи зангӯлаи гаҳвораи қудсӣ.*
*Ба рагҳои ману ту покии беинтиҳо ҷорист,*
*Зи лабҳои ману ту покии номи Худо ҷорист.*
*Рисолат буда бар мо, чун ба боронҳо,*
*Ки чирк аз рӯҳи чиркини замин шӯем*
*Ки гард аз боли мижгони замон рӯбем.*
*Чӣ тақдире!*
*Чунон ки оби борон мешавад хира,*
*Ва бо чанги замин оҳиста пинҳон мешавад*
*Дар хушкии коми замин, мо низ*
*Қабои поки худро меканем аз тан,*
*Ғубори зиндагиро чун ридо бар дӯш мегирем,*
*Ва дар ифлосии ин раҳгузор ифлос мемирем,*
*Дареғ аз мову боронҳо,*
*Дареғ аз покии уммеду армонҳо!* (саҳ. 42)

Бо ин вуҷуд дар шеърҳои шоир шӯру ҳол ва ҷозиба бисёр дида мешавад, ки гувоҳ бар ҳисси баланди шоирии ӯст.

Ба сабаби ҳамин ҳолатҳо, ҳамдастии калимот, тоносуби дарунӣ ва берунии таркибҳо ва тасвирҳо дар шеърҳои ӯ рӯйи як мантиқи мустаҳкам қарор дорад. Мантиқи солими андеша ва тафаккури мустаҳкам, яке аз сифоти вижаи каломи шоир дар шеър аст:

*Баҳор фаро расиду вале*
*Дилам аз кушудани ғунча наёмӯхт*
*Кушудани гираҳи кӯри ғамҳоро*
*Навои ранг-ранги мурғакон назад ранге*
*Ба пардаи хаёли бенавои ман.*
*Худоё!*
*Пир шудаам*
*Ва касеро аз ин моҷаро ғам нест…* (саҳ. 63)

Чунин аст, ки тасвир ва бозёфтҳои тозаи Гулназар дар ҳолатҳои мухталифи шоир зеҳнро аз шаъшаъаи рӯшан пур мекунад ва дар чашмҳо чун гавҳар ба дурахш меояд.

Шеъри озод:

*Ҳалқаҳои дор мисли дидаи рамхӯрдаи номард*
*Мегурезад аз тулӯи равшани меъроҷ.*
*Метавон сад зиндагии бошарофат сохт*
*Аз ғурури гардани Ҳаллоҷ!* (саҳ. 60)

Ғазал:

*Чун шафақ шуд ғарқи хун танҳоии танҳои дил,*
*Чашми худ бикшову бингар мурдани зебои дил.*
(саҳ. 143)

Рубоӣ:

*Моро дами шамшери Сикандар накушад,*
*Хунхорагии лашкари Санҷар накушад.*
*Мо Юсуфи даврони худему моро*
*Ҷуз ҷаҳли мураккаби бародар накушад.* (саҳ. 190)

Ҳаракати тасвир, ҳаракати маъно, ҳаракати ранг дар шеърҳои шоир дар фазои фарохи андеша вусъат мегирад. Аммо гоҳе ҳаракати тасвир, ҳаракати маъно дар шеърҳои шоир коста мешавад. Бо ин вуҷуд вусъати ҳаракат дар чаҳорпора ва шеърҳои нимоии шоир мулоиму нарм аст, ки дар ботин саршор аз таронаҳои ниҳуфта аст. Аммо домани маъно ва тасвир пурбор ва пурранг буда, дар зеҳн менишинад. Ба лиҳози кайфият ғазалҳои шоир аз чаҳорпораҳо ва шеърҳои нимоии ӯ фаркҳое дорад. Дар ҳар сурат кайфияти маъно, кайфияти тасвир, кайфияти баён дар шеърҳои Гулназар ҷаззоб ва муассир аст. Ӯ аз шеър то шеър кайфияти маъно ва кайфияти тасвирро асолат ва балоғати бештар медиҳад. Кайфияти маъно, тасвир, баён, зебоӣ, шевоӣ, калима дар калима, таркиб дар таркиб дар забони шеъри шоир ҷараён мегирад. Кайфияти маъно, тасвир, баён, зебоӣ ҳар кадом дар шеърҳои Гулназар таъсир ва нақши вижаи худро дорад.

Маъно:
*Чашми ту сабри маро бурд ба бозору ба худ ноз харид,*
*Ҳама эҷоди маро дод ба боду ҳама эъҷоз харид.* (саҳ. 13)

Тасвир:
*Аз деҳистони дури болодаст*
*Дар кӯза «субҳ» овардам духтари рустоӣ.*
*Вақте ки шаҳр маҳви торикист,*
*Вақте ки хоб рӯйи мижгонҳо болонишин аст.* (саҳ. 26)

Баён:
*Аз азон барвақттар мехезам аз хоб,*
*Ранги субҳи оҳариро бар тани деворҳои шаҳр мемолам.*

Зебоӣ:
*Шабнам ба хоки мақдами ман рехт симу гавҳарашро,*
*Пеш аз тулӯи офтоб*
*Дарвозаи субҳро*
*Шодона кӯфтам.*
*Ман қиссаро ба қисса баргардондам,*
*Ва рӯзро ба рӯз.*
(Пештар аз офтоб, саҳ. 122)

Шоир дар ҳавзаи кори худ ҳаракатро дар ҳаракат тасвир мекунад, маъно медиҳад ва баён месозад. Дар ҳамин замина метавон фурмули хатти сайри шоирро ташхис дод. Ҳаракати маъно, тасвир, баён мавриди қабул ва эътимоди шоир дар коркарди шеър аст. Ҳамин ҳаракат дар ниҳоят ҳувият ва аслияти кори шоирро дар халқи шеър таъйин мекунад. Ҷанбаҳои лафзии забони шеъри Гулназар рӯҳи андеша ва рӯҳи эҳсосоти ӯст. Шоир вижагиҳои зоҳирии шеърро мояи ҳунари шоирӣ намедонад. Бояд ҳам чунин бошад, зеро қолаб ва шакли шеър ё вижагиҳои зоҳирии шеър шабеҳ ба толори торик аст. Чароғи шеър бояд, то ин ки толори торик рӯшан, зебо, ҷаззоб ва диданӣ шавад. Гулназар бо ин нигоҳ мӯҳтаво ва маънои шоиронаро ба тасвир мекашад, тасвири маъноро дар калимот ҳаракат ме-

бахшад ва ин ҳаракат тасвири маънoро дар қолаби шеър зинда ҷилва медиҳад:

*Кабӯтарҳои ширини табассумҳои худро ту макун озод,*
*Ки биншинанд бар талхии шохи нолаҳои ман.*
*Маро бигзор, чун дарёи кӯҳистон,*
*Ба танҳоӣ бигирям дар дили танҳои кӯҳистон.*
*Ту бодоми гулафшонӣ,*
*Ки гулханди ту натвонад, ки бераҳмии сармои замонро пеши раҳ гирад.*
*Ту шеъри нозанинӣ дар лаби марги Ҳилолӣ, нозанини ман,*
*Ки натвонад инони саркаши ҷаҳли сияҳ гирад.*
*Бигӯ-*
*Аз панҷаи номеҳрубони рӯзгори ман*
*Кабӯтарҳои поки меҳрубонии ту бигрезад.*
*Бигӯ-*
*Бо шоми ҷони номуроди ман*
*Сафои субҳгоҳии ту н-омезад.*
*Гуноҳам нест –*
*Агар пажмурдаи ин хушксоронам.*
*Гуноҳам нест –*
*Агар чун ту баҳорам ҳасту ман дур аз баҳоронам.*
*Маро бигзор, чун дарёи кӯҳистон*
*Ба танҳоӣ бигирям дар дили танҳои кӯҳистон.* (саҳ. 96)

Шоир дар шева ва сабки кори худ, дар баёни зебоии калом, равонии калом, балоғат, асолат ва назорати калом дақиқ, сахтгир ва ҷиддист. Аслият ва ҳувияти шеъри Гулназар дар гарави ҳамин кайфият, ҳамин ҳаракат, кайфияти ҳис, ҳаракати маъно ва тасвир пойдору устувор мебошад. Лафзи зебо, мӯҳтавои устувору пойдор, тасвирҳои санҷида калима дар калима шеъри шоирро ранг медиҳад. Ҳаракати зеҳн, кайфияти маъно, ҳисси зебошинохтӣ, нигоҳи вораста шеъри шоирро ҳам дар лафз, ҳам дар шаклҳои баён шевову вораста кардааст. Ҳар он кӣ бо чашми адолат ва қазоват ба корҳои шоир бингарад, ногузир ба ин ҷилваҳо рӯ дар рӯ ояд. Ва ин ҷилваҳои зебо ва расоро ба ҳеч ваҷҳ дар

шеърҳои ӯ наметавонад нодида бигирад. Бахусус, ҷалол ва камоли ин ҷилваҳо дар шеърҳои нимоӣ ва ғазалҳои шоир бештар ба чашм мехурад.

Ғазал:

*Осмон чун фикри шоир кӯч мебандад,*
*Бо пари мурғи мусофир кӯч мебандад.*

* * *

*Эй ғарқаи овоза, овоз нахоҳӣ шуд,*
*Эй болу пари хуфта, парвоз нахоҳӣ шуд.*

* * *

*Ту ҳамнафасӣ кун, ки ба имдоди нафасҳот*
*Ин гарди хазонро зи рухи хеш бирӯбам.*

Нимоӣ:

*Ин чӣ борони савоб аст, ки аз манзараи ӯ*
*Ба замине, ки ҳама айбу гуноҳ аст,фурӯ мерезад.*

* * *

*Қисса то қисса, сухан то ба сухан,*
*Ранг мерезаду бӯ мерезад. (саҳ. 63)*

Гулназар дар резакориҳои маъно, тасвир, рангравонӣ ва забони шеър ҳунарманду ҳушманд аст. Ӯ бо диққати андеша ва резакории шоирона ва таваҷҷӯҳи бештар рӯйи ҷанбаҳои дарунии шеър тафаккур мекунад. Ҳамоҳангии вожаҳо, таносуби вожаҳо дар сохтори шеърҳои шоир дар ин мантиқ шакл мегирад. Авзон, зарб, мусиқии калимот қолаби зоҳир ва шаклҳои зоҳири шеър аст дар корҳои ӯ, аммо вазни ботин дар шеърҳои шоир таносуби мантиқии калом, ҳамовоии вожаҳо, ҳаракати дақиқи тасвир ва мӯҳтавост. Вазни ботинро дар қадим вазни маҷоз низ мегуфтанд, ки ҳамон мусиқии вожаҳо ва оҳанги дарунии шеър аст.

*Осмон хокистарист,*
*Дасти растохези боде нест,*
*То бардорад ин сарпӯши дамкушро,*

*То бидонам тӯи ин сардиву ин бемеҳриву ин бенишонӣ*
*Ахгаре ё ахтаре зиндаст?!*
*Дил даруни синаи тангам ба танг аст.*
*Осмон хокистарист,*
*Чора нест.* (саҳ.97– 98)

Гулназар дар ҳунари шеър ва эъҷози шеър худро дар кашокаши вазну радиф ва қофия машғул намедорад, балки аслият ва айнияти шеър аст, ки дар шеърҳои ӯ ба қофия ва радиф шакл мебахшад. Бидуни аслият ва айнияти шеър, бидуни мӯҳтавои пурбор, рангҳои тозаву шоирона, бидуни ҷӯши тафаккур, қофия, радиф, ҳатто зарбҳои авзон аносири берӯҳ ва беҷон аст. Дар ҳавзаи шеъри Гулназар қофия, радиф, реҷаи таъйинкунанда бар маъно нест, балки маъност, ки дар шеъри ӯ қофия ва радифро таъйин мекунад:

*Кишваре ҳаст, ки аз ҷӯйи саршораш*
*Ташнагӣ ҷорист.*
*Аз лаби сери нами гандумзораш*
*Қиссаи ғамзадаи гушнагӣ ҷорист.*
*Кишваре ҳаст, ки шоҳонаш*
*Гадоёнанд.*
*Ҳама дороии нодоронаш*
*Нодорист.*
*Кишваре ҳаст, ки аз бори нигин хам зада ангуштон,*
*Лек*
*Аз Сулаймон хабаре нест.*
*Кишваре ҳаст-маро ҷонона,*
*Кишваре ҳаст-маро бегона.*
*Кишваре ҳаст-*
*Бе Охири афсона!* (саҳ. 117)

Гулназар аслият, айният ва ҳувияти шеърро мӯшикофона мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Дар ин хат, хоҳу нохоҳ, муҳити зиндагӣ ба шеъри шоир таъсири худро ниҳодааст. Гулназар аз ин таъсир вобаста ба ҳолу ҳавои ҳолатҳо сухан мегӯяд. Шоир дар тафсир ва баёни ҳолу

ҳавои ҳолатҳо аз беҳтарин ҷилваҳои тафаккур ва андеша судҳо мебарад. Шеваи баён, шевоии лафз, тозагиҳои маъно, тафсири ҳолу ҳавои ҳолатҳо дар шеърҳои ӯ қобили таваҷҷӯҳ аст. Гулназар барои кашфи беҳтарин маъно, барои кашфи ҳаракати калимот, барои шинохт ва фарқи муҳит ба зиндагии мардум ба чашми таҳқиқ ва шоирӣ менигарад. Ин сабк ва ин шеваи кор ба ӯ фурсат додааст, то маъноҳои бикр ва тасвирҳои нобро битавонад кашф кунад ва ҷаззобиятро дар шеър ба авҷ биёрад.

*Аз ду чашми беғамат ҷорист дарёҳои хушбахтӣ,*
*Дар лабони бодахори ту сияҳмаст аст ҳуюҳои хушбахтӣ.*
*Мекунад сӯям табассум, аз сафи дандони*
*заррини ту хушбахт.*
*Мечамад дар ҷомаи афрангии ту қомати болои хушбахтӣ.*
*Ай рафиқ!*
*Дар ин замини сарди бадбахтон,*
*Чун даво бахшам туро аз дарди ҷонфарсои хушбахтӣ?*
(саҳ. 67)

Ҷуғрофияи шеъри шоир саршор аз рангҳои тасвир ва маъноҳои бикру шоирона аст, ки ҳуҷҷат ба ҳунармандии ӯ дар шеър аст. Чунин аст, ки шеърҳои шоир дар ҳисси хонанда кайфияти шеър ва лаззати суханро бедор мекунад. Ҳамон тавр ки арз шуд, муҳити зиндагии мардум ба шеъри шоир таъсирҳои худро ниҳодааст. Ҳеч шоир наметавонад аз чунин як таъсир дар канор бимонад. Бидуни ин таъсир тасаввур ва таъйини хатти ҳунар ва хатти андешаи шоир дар шеър мушкил аст. Гулназар низ чун ҳар шоири дигар аз муҳити зиндагӣ таъсирҳо бардоштааст ва таъсирҳо гирифтааст, аммо дар вокуниш шеърҳои ӯ низ ба муҳити зиндагӣ таъсирҳо дорад. Ин таъсирпазирӣ ва таъсиргузорӣ дар шеърҳои шоир пояҳои мантиқӣ дорад. Яъне таъсирпазирӣ аз муҳит дар ҳавзаи шеъри шоир сохта, бофта ва берӯҳ нест. Таъсир аз муҳит ва аз зиндагии мардум, дар зеҳни шоир дар мароҳили аввал шакл мегирад ва ин шаклгирӣ аз хатти тафаккури шоир мегузарад, ба ҳаракат

мерасад, устувору пойдор мешавад, то ба марҳалаи шеър бирасад. Гулназар хостаҳои маънавии мардумро дар қолаби шеър ҳаёт медиҳад. Шеъри шоир ба хостаҳои мардум робита дорад ва аз зиндагии мардум гусаста нест. Гулназар дар ҳавзаи шеър қолабӣ ва сатҳӣ тафаккур намекунад, шиор намепардозад, балки аз саноъи бадеӣ ва шеваи баён ҳунармандона ва шоирона кор мегирад:

*Барг-барг аз шохаҳои заъфаронӣ*
*Тирамаҳ мерезадам бар сар*
*Оби рӯйи ман нахоҳад кард шодоб*
*Мушти хошоки маро дигар.*
*Дар ғурубистон тулӯи тозае нест,*
*Дар ғурубистон ғуруби орзуҳост.*
*Дар лаби афсурдаи чӯ нағма хомӯш аст,*
*Дар лаби ман номи васли ту фаромӯш аст.*
*Ман дар ин гулгашти ҳасраткуштаи пойиз*
*Он қадар пирам, ки пире дар ду олам мисли ман нест.*
*Дарди дилро бо ту натвонам кушудан-*
*Дар забони талхи ҳиҷронам сухан нест.*
*Мекашад аз доманам боди хазонкаш,*
*То диёри ҳузни ту раҳ ҳаст,*
*То баҳори ҳусни ту раҳ нест.*
*Ғуссу-ғусса баргҳоро медиҳам пош,*
*Нола-нола дардҳоро медиҳам пош,*
*Пора-пора шеърҳоро медиҳам пош,*
*То агар боде барад лоқайду бепарво,*
*Аз замини ёдҳо то марзи беёдӣ барад лоқайди бепарво.*
*Ман дар ин хоки хазонобод*
*Чун дарахти ноилоҷи тирамоҳонам хазонпӯш.*
*Эй хаёли рӯйи ту наврӯзи умрам,*
*Аз чӣ кардиям фаромӯш.*
*Барг-барг аз шохаҳои заъфаронӣ*
*Тирамаҳ мерезадам бар сар.*
*Зинда гӯрам мекунад бе ту*
*Ҳамчу ахгар,*
*Зери хокистар.* (саҳ. 58-59)

Як шеваи муҳим дар ҳавзаи шеъри шоир он аст, ки ӯ бештар аз тариқи кинoя ба воқеиятҳо ва ҳақиқатҳои муҳит ишора мекунад. Ва он чи шоир дар киноя меорад, маънои асл дар шеър нест, балки пӯшиши маъност. Хонандаи нуктасанҷ ва ҳарфшинос, дар ин пӯшишҳо маънoро аз рӯйи фаросат ва фаҳм бояд, ки худ дарёбад. Яъне аз маънои зоҳир дар шеър ба маънои ботин дар он биандешад. Киноя дар луғат ба маънои пӯшида сухан гуфтан аст. Ва дар истилоҳ суханест, ки дорои ду маънии наздик (ҳақиқӣ) ва дур (маҷозӣ) бошад, ба тавре ки ин ду маънӣ лозиму малзуми якдигар бошанд, то шахсе бо андаке тааммул маънои дувумро, ки лозимаи маънои аввал аст, дарк кунад. (Вожаҳои ҳунари шоирӣ. М. Мирсодиқӣ, интишороти «Маҳноз», саҳ. 220). Гулназар дар ин сабки баён, ҳунармандона ва зарифона дурри шеър суфтааст. Таҷаллии ин зарофат ва ин ҳунари шоир дар шеърҳои ӯ рӯшан ҳис мешавад.

*Роҳ торику бим домангир,*
*Дар куҷоед, дидарӯшанҳо.*

* * *

*Аз хазонрези беохир,*
*Ба Худо дилам, бигрифт,*
*Эй, ки ҳастӣ,*
*Аз раҳу аз дили хазонпӯшам*
*Тирамаҳро бирӯбу яксӯ кун,*
*Навбаҳор меояд.*

* * *

*Ман дар ин чорсӯйи доду ситад*
*Гар ба каф н-оварам боде,*
*Ғам нахоҳам хӯрд –*
*Оқибат раҳгумӣ тавонам ёфт.*
*Эй, ки аз кӯза барнахоҳӣ дод*
*Рӯғанам бе кажии ангуштон*
*Ин ҳунар маро н-омӯз,*

*К-аз кажӣ каждумӣ тавонам ёфт.*
*Ман зи ҷаҳли сиёҳи ин мардум*
*Мардуми дидаро panaҳ дорам.*
*Баски дар хонаи ғарибӣ чашмонам-*
*Дар баҳои сиришки ғуссаву андӯҳ*
*Гавҳари мардумӣ тавонам ёфт.*
*Эй рафиқ!*
*Аз дари муҳаббатам магзар.*
*Нони гандум агарчи камчин аст,*
*Сухани гандумӣ тавонам ёфт!* (саҳ. 38)

Рӯшантарин хат дар шеъри шоир расидан ба субҳ аст, ба субҳи ишқ, ба субҳи меҳрубониҳо, ба субҳи худогоҳӣ, ба субҳи орзуву ормонҳо. Субҳ дар шеъри шоир танҳо як субҳи табиат нест, ки баъди ҳар шаб боз такрор мешавад, балки субҳи ҷустуҷӯ аст, субҳе, ки шоир онро мехоҳад, орзу дорад, он дар фитрати инсонҳо бояд, ки тулӯъ кунад, субҳест, ки ба зулмати рӯҳ, нур, сапеда ва рӯшаниро меоварад. Гулназар аз ҳарчи мегӯяд ба субҳ гиреҳ мехурад ва субҳи умеди худро аз шеър то шеър мебарад ва ин падидаро дар шеъри шоир фоли нек медонам, як фоли хуҷаста. Субҳ мисли як парвона, мисли як симурғ дар чашми шоир пару бол мезанад ва дар дили шоир менишинад. Субҳ гоҳе низ қатра-қатра об мешавад ва рӯйи дафтари ҳасратҳои шоир мечакад ва гоҳе ин субҳи зебо аз шоир бисёр дур аст. Шоир худ медонад расидан ба ин субҳи зебо худгузаштагиҳо мехоҳад. Дар ин ҳолатҳои ҳасратбор шоир кӯчидан аз худ, рафтан аз худро ба сӯйи субҳ дар шеър қадам мезанад. Ирфони субҳ дар каломи шоир кӯчидан аст аз худ. Кӯчидан аст аз як ҳолат ба ҳолати дигар.

Дар субҳи шоир ҳама чиз аз ҷисми мурдаи худ берун меояд. Обу хоку боғу дарахт ҷилд нав мекунад, субҳи баҳор фаро мерасад. Ва ин зебоӣ, ин шукуфоӣ, субҳи зебои баҳор танҳо барои як тамошо нест, балки барои шинохтани ҳастист. Фалсафаи субҳ, ирфони субҳ дар шеърҳои Гулназар ҷилва ва паҳлӯҳои мухталифро дорад.

Субҳи танҳоӣ:
*Мӯйи субҳ аз интизори бардамидан шуд сафед, эй вой!*
*Офтоби мо асири шоми пушти кӯҳсорон аст.*

Субҳи парешонӣ:
*Субҳи оҳу рӯзи оҳу шоми оҳ аст,*
*Тирамоҳу тирамоҳу тирамоҳ аст.*

Субҳи бедорӣ:
*Аз азон барвақттар мехезам аз хоб,*
*Ранги субҳи оҳариро бар тани деворҳои шаҳр мемолам.*

Субҳи меҳр:
*Ганҷе ки дорам дар ниҳон, дар ҳеч як вайрона нест,*
*Субҳи баҳори меҳри ман аз марзи тардиду гумон*
*озода мехоҳад гузар.*

Субҳи гумшуда:
*Ин кӯча роҳи субҳро гум карда,*
*Дар интиҳои кӯчаҳои мо шом аст…*

Ҳикмат, ирфон ва фалсафаи субҳ дар шеърҳои Гулназар бо ин чанд намуна ба поён намеояд. Ҷилва ва паҳлӯҳои дастнохӯрдаи ин мавзӯъ ҳамчунон боқӣ мондааст. Фалсафаи субҳ дар шеъри шоир таҳқиқ ва баррасии дигар мехоҳад, ки баррасии ин ҷолибият ва ҷозибияти ин мавзӯъро бештар ошкор хоҳад кард. Забони шеъри Гулназар соф, зулол, самимӣ, зебо, шево аст ва он ҳисро, рӯҳро менавозад.

Гоҳе низ забони шеъри шоир сода мешавад, ки ин содагӣ бар ӯ намеояд. Гулназар дар ҳавзаи тафаккур ва андеша ба равишҳои хос, ҳолат, маъно ва тасвир меофарад.

Ҳолат:
*Танҳостам, танҳо*
*Бе сояе, ки бо ман асту ҳамраҳам нест.*
*Ман раҳгузори кӯр, дар кӯчаҳои кӯрам…*

*Эй дӯст, эй, ки аз ғами танҳоӣ огаҳӣ,*
*Он шамъи хирасӯзро, ки дар бағал нуҳуфтаӣ,*
*Бар қасди тундбоди зулмати сиёҳкор.*
*Танҳостам, танҳо*
*Дар сангнои бекарона,*
*Дар шаҳри беситора...* (саҳ. 23)

Маъно:
*Субҳро бо наърае бедор бояд кард,*
*Чанд биншинам дар ин зулмоти хомӯшӣ.*

* * *

*Вазни ҳар шеър маънии шеър аст,*
*«Фоилотун» шумурдани ту зи чист?*

Тасвир:
*Чу кафтар сар диҳам номи туро дар осмони шаҳр.*

* * *

*Пора гашта ҷомаи маҳтобии маҳтоб.*

* * *

*Зеҳни софи чашмаҳо холист аз ҳарфи «зимистон».*

* * *

*Лаззати нон рӯйи дастархони ман захмист,*
*Дар ҳарири бомдодии хаёли ман сухан захмист.*

Ба ин тариқ Гулназар мавзӯъро дар ҳавзаи шеър фароху густарда мегирад. Ин аст, ки ағлаби шеърҳои ӯ дар як замони хосе маҳдуд намешавад ва барои як замони хос нест. Суъуди нигоҳ ва андешаи шоир дар фазои шеър беш аз пеш нерӯманду баланд мешавад ва дар ин равиш дар офаридани шеъри ноб ва воқеӣ аз саноиъи адабӣ наҷиб ва ғариб истифода мекунад.

Ин бархӯрди шоир бо нимодҳои бадеӣ дар офариниши шеър ҷилваҳои ҷолиб дошта, аз омилҳои муҳим дар

шеърҳои шоир ба шумор меоянд. Андеша ва тафаккури шеъри шоир қабл аз ҳарчи барои таъйиди ҳувияти шеър аз ҳамин хат мегузарад. Боқӣ дар кори шоир василае ҳаст, ки аз он сохтор ё устухонбандии шеър шакл меёбад. Дар ҳавзаи шеъри шоир ҳар таркиб ва ҳар тасвир мутобиқ ба ҷойи худ меояд. Ва агар калима, таркиб ва тасвир мутобиқ ба ҷойи худ наояд, аз мантиқи таносуб бархурдор набошад, таъсир аз шеър коста мешавад, ҷаззобият дар шеър мешиканад. Аз ин лиҳоз, Гулназар шеърҳои худро пухта ва рехта меофарад. Бояд арз шавад, ки нуқтаи таҳаввули воқеии шеъри шоир маҳз дар ин роз ниҳуфта аст. Ва ин амр боис гардида, ки забони шеъри шоир, тасвир дар кори шоир фасоҳат ва балоғати андешаро дар худ дорад. Гулназар дар ин равиш аз абдоъи мухталифи маъноии калимот ва иборот тавониста хубтару беҳтар нафъ бигирад. Бо ин ҳама ҳуҷҷат ва далел метавон гуфт, ки Гулназар шоирест дар маънои калимот, дар маънои тасвир ва дар маънои зиндагӣ, шоирест дар маънои асл, на дар қолаби шакл. Ӯ шоирест, ки шеъри ӯ ҳувият, аслият ва воқеият дорад.

# МО ЗАВҚИ ХУДОДОД
# БА ҲАР БОД НАБАХШЕМ

Шеър бояд ойинаи макон ва таҷассуми асру замони шоир бошад ва шеър ҷонибдори ҳақиқате бошад, ки инсоният дар сояи он битавонад ба ниҳояти инсонии хеш мулҳақ шавад. Яъне инсон ҳақиқати ҳастии худро дар партави каломи шоир кашф кунад. Аз қабили чунин қаламдастон, ки дар шеъри муъосири тоҷикӣ беш аз ҳар чизи дигар рӯи ҳамин рисолат меандешад, хонум Гулрухсор аст. Шоире фарзона, фарҳехта, озода ва дилдода. Мавзӯи ҳақиқатхоҳӣ, додхоҳӣ, худогоҳӣ, худшиносӣ, ҳақталабӣ, ҳақпарастӣ бештар бар шеърҳои шоир ғалаба дошта, тасвир ва хатти зеҳнияти ӯро дар ин ҳолат нишон медиҳад:

*Ватан!*
*Эй модари аз тоқати таҳқир хаста,*
*Ватан,*
*Эй шаҳчинори аз шамоли ҷаҳл бишкаста,*
*Зи баъди садҳазорон сол*
*Зи қаъри сад қабат хоки сияҳ*
*Аламҳои ту бар ёдам расад,*
*Фарёд хоҳам кард,*
*Ватан!*
*Бо номи ту*
*Бо нанги ту*
*Бо ишқи маҷрӯҳи набарди ту*
*Ба ҷойи ошиқони ғӯрамаргу шермарди ту*
*Бинои шӯҳрату шаъни туро бунёд хоҳам кард!*
*Ватан!*
*Шаҳномаи рӯҳи туро*
*Дар партави нуру зиё*
*Бо килки уммеду бақо*
*Эҷод хоҳам кард!*
*Ватан!*

*Аз сангҳои бар сарат бишкастаи*
*фарзандҳои носазоворат*
*Туро бунёд хоҳам кард,*
*Туро обод хоҳам кард,*
(Ашки тӯфон, Теҳрон, 1378, саҳ 88-89)
(Намунаҳои баъд дар сӯҳбат аз ҳамин китоб оварда хоҳад шуд)

Тасвири мавзӯъ дар шеърҳои ӯ печида аст, вале дар таровиши рӯшаниҳо. Гулрухсор аз шеър ба шеър зеҳният ва тасвирҳои қадимро канор мезанад ва аз зеҳнияту тасвирҳои ҷадид ҳунармандона, зарифона кор мегирад. Дар ҳавзаи шеър ва андешаҳои ӯ хоҳиш ба суъуд ва ҷазб ба нур бештар дида мешавад. Суъуд ва нур дар шеърҳои Гулрухсор, дар қолаби як хоҳиш сокит намемонад, балки рӯҳи зиндагӣ пайдо мекунад.

Суъуд:
*Модари ман суруши озода,*
*Ошиқи осмон маро зода…* (саҳ.30)

*Ҳасрати парвоз дорам, қудрати парвоз на,*
*Мекашам бори пару болам чу мурғи хонагӣ.* (саҳ.31)

Нур:
*Зинда хоҳад гашт қавми ман,*
*чу Исои масеҳ.*
*Нури ушшоқи варо дар ашки Марям дидаам.* (саҳ.32)

* * *

*Ворисони дидарӯҳи зулмати шаб,*
*Рафтани хуршед,*
*Пайки бозгашти рӯшноист.* (саҳ 34)

Нуктаи муҳим, ки дар шеърҳои ӯ мавҷ мезанад, майли кашиш ба дарунандешӣ ва рӯҳи шеър аст. Гулрухсор аз шеър ба шеър ба уфуқҳои бозтар ва васеътари андеша даст меёбад. Ҳамеша ба дунболи уфуқҳои тозаи тасвир, маъно ва андеша аст, ки ба ин равиш шеърро ҷилва ва ранги тоза

медиҳад. Ҳамин хоҳиш ӯро водор месозад ба дарунандешӣ бештар майл кунад. Ӯ дар халқи шеър бештар қасд дорад бар маъно, тасвир, калимаву таркиб чира бошад. Дар ин ҳошия, мусиқии дарунии шеърро низ аз ёд намебарад. Зарб ва мусиқии шеър овози ҳис ва эҳсосҳои ӯст, ки дар қолаби калимот буруз мекунад. Чунин аст, ки тасвир, маъно,баён дар шеърҳои ӯ реша дар андешаҳои бикр ва бадеъ дорад:

Тасвир:

*Хумор дар сари зулфи нигор мерақсад,*
*Насим аз нафаси хок, нақди нася мебӯяд.*

(Хумори зулфи нигор, саҳ 58)

Маъно:

*Ман ба овои гул аз хона бурун хоҳам рафт,*
*Чун таманнои гул аз дона бурун хоҳам рафт*

(Рози гул, саҳ. 238)

Бадеъият:

*Пеш аз дасти қазо чашми туро мебӯсам,*
*Пеш аз дори ҷаҳон аз дили ту мегузарам.* (саҳ.299)

Баён:

*Баҳор омадааст,*
*Ишқи пиру хастаи ман,*
*Ту ҳанӯз дар хобӣ?*
*Ситора мешикофад,*

*Орзуи паршикастаи ман,*
*Ту ҳанӯз нусхагири маҳтобӣ?* (саҳ 243)

Гулрухсор шеърҳои худро гоҳе дар фазои озод ва гоҳе низ суннатӣ, аммо интизоъгуна нақш мезанад. Рангҳои тасвир дар шеърҳои ӯ нимапинҳон ва нимапайдост ва ҳикоят аз розҳои дарунии инсонҳо мекунад. Истифода аз рангҳои зинда ва тасвирҳои тамошоӣ, ноб, ки барои нишон додани ҳаракату пуёии калимот ва маъност,шеъри ӯро ба аслият ва воқеият наздик кардааст. Вақте ҳаракати андеша,

дар калимот набз мегирад сукут мешиканад ва шеър аст, ки ба садо меояд. Гулрухсор андеша ва зеҳнияти худро дар тасвир, дар маъно, дар ранг сурат мебахшад. Ҳаракати андеша мисли як рӯҳи дамидашуда дар шеърҳои ӯ дида мешавад:

*Зиндагӣ бо чашми гирён рафт, ҳайф,*
*Рӯи дарё ашки тӯфон рафт, ҳайф,*
*Хоб будам дар сари зонуи вақт,*
*Умр чун хоби парешон рафт, ҳайф.*
*Гулшани бо хуни дил парвардаам*
*Ҷилвагоҳи барфу борон рафт, ҳайф.*
*Атри гул дар атри борон монд монд,*
*Фасли гул дар васли ҳиҷрон рафт,ҳайф,*
*Рози гул дар нози гул ногуфта монд,*
*Сози дил бо оҳи сӯзон рафт, ҳайф.*
*Ишқи шоирзоди шоирпарварам*
*Дар вафоти худ ғазалхон рафт, ҳайф!* (саҳ.181)

Бо ин вуҷуд гоҳе чунин ба назар мерасад, ки Гулрухсор бо тасвирсозии беш меxоҳад заъфи ҳузури шеърро дар шеър бипӯшад. Аммо дар ағлаби корҳои ӯ калима дар калима, тасвир дар тасвир, маъно дар маъно, таҷаллии шеър бисёр рӯшан ба чашм мехурад ва дар ниҳоят ба авҷи худ мерасад. Хатти рӯшан дар корҳои шоира он аст, ки ӯ ҳунармандона ҳис ва ҳаракатро дар калимот ҷустӯҷу мекунад ва шеърро бо ранги хиёл маъно медиҳад. Ӯ дар кори шеър бештар ба ҳаракати зоҳир ва ҳаракати ботини маъно ва ҳис мӯътақид аст.

Ҳаракати зоҳир:

*Агар дидори ман хоҳӣ, биё бар хонаи дарё,*
*Шунав афсонаам, афсунгар, аз афсонаи дарё.*

Ҳаракати ботин:

*Сафои рӯҳро ойини покон зинда хоҳад дошт,*
*Зиҳӣ покии покиҳо, зиҳӣ ойинаи дарё.*

Ҳаракати ҳис:

*Ману дарёву бедардӣ, бирав дарду ғаму дунё,*
*Ғазалро мефишонам ҷойи гул бар шонаи дарё.*

(саҳ. 249)

Гулрухсор дар шеър сабк ва баёнро сода мегирад, аммо дар авҷи зебоӣ ва рангорангӣ. Бархе аз шеърҳои ӯ бозтобе аз фазо ва ҳолу ҳавои суннатҳои мардум аст. Фазо ва ҳолу ҳавои суннат ва ойини мардум дар авҷи зебоӣ, шевоӣ, балоғат, назофат ва рангорангии шеър хулоса мешавад. Ин ҷилваи баён, ин наҳваи нигариш ба ҷаззобияти маъно ба кашиши маъно. Чунин аст, ки шеърҳои ӯ дар ҳар қолабе саршор аст, аз ҳолу ҳавои такондиҳанда ва барои намоиш аз худ фурсат медиҳад.

*Туро бо санги кӯҳат мезананду нарм механдӣ,*
*Чӣ механдӣ, куҳистонӣ?*
*Зи шоҳаншоҳии каргас,*
*Ба номардиву шайтонӣ !*
*Зи риши обшору чашмаи чашми ту ҳайронам,*
*Сар андар дӯши гӯристон*
*Чӣ мегирйи, куҳистонӣ?*
*Зи болойи қадри зар*
*Зи беқадрии инсонӣ !*

* * *

*Дар ин дунёи пурофат,*
*ба рӯи сад балову бад*
*чаро дарвозаи худро намебандӣ, куҳистонӣ?*
*Худоро кардаам даъват ба меҳмонӣ*
*Чӣ хоҳӣ монд андар хони Яздон*
*Ҷуз гули армон,*
*Кӯҳистонӣ?*
*Як олам гиряву ханда,*
*Ду тоқӣ себи хубонӣ.*

(саҳ 1.8-1.9)

Он чӣ дар ҳавзаи андеша ва тафаккур як тасвирро, як таркибро, як муҳтаворо, як ҳолатро ва як лаҳзаро табдил ба шеър мекунад, ҳисси шеърнигарии ӯст. Дар шеърнигарӣ ниёз нест, бар касе бигӯӣ ин байт ва ё он байт шеър аст, зеро хонанда агар шеърнигар аст, худ медонад, кадом ҳарф шеър аст ва кадом ҳарф аз шеър тиҳист.

Гулрухсор фазои шеърҳои худро зебо, тамошоӣ, шоирона ва ошиқона бино мекунад. Ӯ шеърро дар равиши диолектики зеҳнии худ ба тадриҷ бозгӯӣ мекунад. Дар ҷоҳонбинии худ масъалаи таърифи инсон, яъне ҳувиятро ба миён мекашад ва ҷустуҷӯи ҳувиятро на ба сурати урён, балки бо лаҳну баёни шоирона ба як меҳвари фикрӣ дар шеър табдил медиҳад. Ӯ бо ин шеваи баён мехоҳад ҳисси худшиносии даруниро бедор кунад. Дар кӯчактарин тасвирҳо низ ӯ метавонад мӯҳтавои баландро дар пӯшиши шеър биофарад:

*Шаҳпараки атласии дӯхти фаришта,*
*Номи Худо дар хати боли ту навишта.*
*Рақси ту гӯяндатар аз шеъри шуъур аст,*
*Ишқи ту рахшандатар аз вусъати нур аст.*

*Қисмати серӯзаи ту рози илоҳист,*
*Исмати худсузии ту аз гунаҳи кист?*
*Умри ту кӯтоҳтар аз оҳи наҷот аст,*
*Марги ту умри абади ишқу ҳаёт аст.* (саҳ. 201)

Гулрухсор дар кашфи маъно, тасвир, ҳолат, ҷилва, рангҳоро аз зиндагии инсонҳо вом мегирад. Дар халқи шеър ва шакл додани аслияту ҳувияти шеър қабл аз ҳар чӣ ба ҷилваи рангҳо ба умқи маъно меандешад. Аз ин назар баёни маъно, ҳолат, лаҳзаҳо, ҷилваи ранг дар корҳои ӯ пурранг ва хотирнишин аст.

Гулрухсор дар офариниши шеър лаҳзасозӣ намекунад, балки лаҳза аст, ки шеърҳои ӯро шакл медиҳад. Ӯ аз лаҳзаҳо тасвир ва маъно меофарад, лаҳзаҳое, ки аз қабл ба онҳо ошност. Дигар аз ҷилваҳои рӯшан ва муҳим дар

корҳои шоира он аст, ки ҳақиқати зиндагии башарро дар шеър тасвир мекунад. Шеър агар пойи фишурдан бошад, бар рӯи ҳақиқатҳо, бетардид ба дарди инсонҳои гирифтор намехӯрад. Гулрухсор дар шеър ҳеч гоҳ аз ин ҳақиқатҳо чашм бар набастааст. Бо он ҳақиқатҳо сӯхтааст ва ҳамон сӯхтанҳоро ба шеър овардааст.Чунин аст, ки гармии ҳақиқатҳо ҳамеша дар шеърҳои ӯ ҷонсӯз аст:

*Аз ҳама бемортар имрӯз андар чорасозӣ*
*Пири тадбир аст.*
*Аз ҳама олимақому шӯҳраву хушном*
*Дар мақоми носавобии гунаҳ, таҳқиру тазвир аст.*

* * *

*Ҷони ман дар чанги ҷаҳли омиёна*
*Бо мавосову мадорову ҳароси шарм*
*То чӣ даврон дорбозӣ мекунад?*

* * *

*Рӯҳи саргардону хору саркаши ман*
*Сар ба пойи иллату зулмат ниҳода*
*Бар худойи офтоби абр хӯрда, балки мурда*
*Ҳар шаби ялдо аёдат мекунад?*

* * *

*То ба кай тифли ятиму ноумеди орзуҳоям*
*Бо забони раъду тӯфон*
*Қисмати дунпарвари фарзонакушро*
*Омиёна,*
*Ошёна,*
*Ошиқона*
*Васфи таҳдиду ҳақорат мекунад?*

(саҳ 132-133).

Аз баррасии шеъри фавқ чунин бармеояд, ки дар ҳавзаи андешаи шоира, шинохт ва дарёфти маъно шеърро таъбир мекунад.

Дар кори Гулрухсор агар тамоми тасвирҳо аз ҳам бипошад, боз ҳам шеър аст,ки дар дасти калимот собит мемонад. Маъно ва мӯҳтавост, ки дар корҳои ӯ тамоми сохтори шеърро тасарруф мекунад ва табдил ба рӯҳи шеър мешавад. Андеша ва тафаккури пурбори шоира шароити ҳаракат ва имконоти зуҳурро ба калимот медиҳад. Дар ҳамин хат, хатти ҳаракати калимот ва зуҳури калимот шеър шакл мегирад, ба маъно, тасвир, баён мӯҳри таъид мезанад. Кашфи маъно, тасвир, лаҳза, ҳолат, ҳис, таркиб, баён дар ҳавзаи андеша ва тафаккури ӯ бо шева ва равиши гуногун анҷом мегирад. Ҳатто дар шакли зоҳирии калимот ин бозёфтҳо, кашшофиҳои шоирона мушоҳида мешавад. Дар шеъри ҳар шоир меъёри вуруд ва ҳузури калимот, таркибот, баёни тасвир ва маъно ба шева, шакл, сохт ва чигунагии андешаи шоир вобаста аст, тафаккури бартар, андешаи бартар, ҳузуру вурудӣ мантиқии калимот таҷаллӣ ва қиёмро дар шеър бештару софтар ранг медиҳад. Қабул бояд дошт, ки мавзӯи ишқ ва инсонгароӣ дар кори Гулрухсор аз мавзӯъҳои аввал аст ва дар шеър ба ин ду мавзӯъ гаравидааст. Башар имрӯз сархӯрда аз кори худ аст ва дар ҳамин муҳит зиндагӣ мекунад ва аз зиндагии бесомони худ хафа мешавад. Бетардид шоир башарро хубтар ва беҳтар аз ҳар каси дигар мешиносад. Зиндагии пуч ва дурӯғ инсонро ба сардаргумиҳо мекашад. Шоир аст, ки дар ин бигӯмагӯҳо ба ҳолати воқеии зиндагии инсонҳо андеша мекунад. Дар ин ҳошия нигориш ва тафсири тозае аз зиндагии инсонҳоро шакл медиҳад. Гулрухсор дар сифати ин ду мавзӯъ гузаштаро фаромӯш намекунад. Инсоне, ки аз гузаштаи худ фаромӯш мекунад, худро фаромӯш кардааст.

Чунин аст, ки Гулрухсор дар кори шеър ба ин мавзӯъ сатҳӣ нигоҳ намекунад. Ин мавзӯъро дар ҳар мавриди муносиб дар шеър матраҳ месозад:

*Дур аз ойинаи чашми ватан*
*Ашки ман ойинадори ман будвад*
*Дур аз ёду диёри меҳрубон*
*Сояи ман такядори ман будвад!*

* * *

*Дида сад рӯйи зишту зебойе.*
*Кӯр чашмони нурбори дил.*
*Боз як гӯри тоза пайдо шуд*
*Дар мазори харобазори дил.*

* * *

*Зи худ пеши Худо бояд гиристан,*
*Хамӯшу бесадо бояд гиристан,*
*Барои мурдаҳо ашкам намонда,*
*Ба ҳоли зиндаҳо бояд гиристан.*

* * *

*Адл дар зарра баду неки ҷаҳон*
*Хоҳад дид,*
*Ақл дар қатра ҳаме баҳри дамон хоҳад дид.*
*Сурати хеш дар ойина надидан ҳунар аст,*
*Сирати хеш ба чашми дигарон бояд дид.*

(Дидан, саҳ. 347-349)

Гулрухсор бар он аст, ки аз печидагиҳо, сардаргумиҳо ва бунбастҳо инсонро танҳо ишқ наҷот медиҳад. Инсонро танҳо ишқ растагор мекунад.Ҷаъми роҳҳо ба поён хоҳад расид, танҳо роҳи ишқ аст, ки ҳаргиз поён нахоҳад ёфт. Ишқ аст, ки зиндагии пуч ва беҳудаи башарро маъно медиҳад ва арзиш мебахшад. Ишқ ба муҳити яхзадаи инсон гармӣ меорад. Гулрухсор саъодат, хушбахтӣ, шаҳомат ва рашодатро танҳо дар ишқ медонад ва инсонро қарздори ишқ медонад:

*Зи ишқ қарздорам,*
*Қарздорам зи ишқ*
*Ба ҳазор маънию ва матлаб*
*Баҳори умр хазон шуд!*
*Зи барги хушки хотираҳо боядам афрӯхт,*
*Ҳазорон гулхани хурду бузург дар дили сиёҳи шаб…*
*Зи ишқ қарздорам!*

*Қарздорам зи ишқ орзуи бадномӣ,*
*Агарчи бо ҳазор шева гиристам*
*Зи дарди бедавои ишқ*
*Кабутари нозпарвардаамро*
*Набувад обу донаву лона*
*Ба гӯшаи боме*
*Ба ҳалқаи доме…*
*Зи ишқ қарздорам,*
*Қарздорам*
*Зи ишқ поксӯзи оташ,*
*Худфӯрузи хуршед.*
*Дар умри боқӣ бихоҳам*
*Ба қалби сарду холии худ,*
*Навиди қудсиёнаи муҳаббат*
*Зи мазиди умед.*
*Зи ишқ қарздорам,*
*Қарздорам зи ишқ*
*Умри ҷовидонаи Вомиқу Узро*
*Ки бе нишонаи ишқ*
*Як нишони хешро намеёбам.*
*Дар ҳама дунё!*
*Зи ишқ қарздорам!*
*Қарздорам зи ишқ дарди бедармон!*
*Ки бе сӯзи ишқ хуни хеш нашнонам*
*Ғуруб аз шафақу фаришта аз шайтон…!*

(саҳ 254-257)

Ба ин тартиб ишқ аз ҷумлаи мавзуъоте буда, ки дар миёни шоирон ҳамеша ҷойгоҳи вижае доштааст ва ҳар як аз нигоҳе ба ин мавзӯъ пардохтаанд.Аз ҳар зовия, ки ба ин мавзӯъ шоирон нигариста бошанд, ишқ мавзӯъи меҳварӣ дар фаъолияти онон буда ва ҳаст.

Дар ин ҳошия метавон изофа кард, ки ишқ фақат як ҷанба надорад ва он якпаҳлӯ низ нест. Ҳаллу фасли ин мавзӯъ дар шеъри ҳар шоире чи аз диди инкор (манзур ҳолати ишқ аст) ва чи аз диди иқрор ҳамеша аз хатти отифа мегузарад ва дар зулоли андеша шустушӯ мешавад. Яъне

ҳузури ишқ дар шеъри шоирон як ҳақиқати инкорнопазир мебошад ва аз ин нахли ҳақиқат ҳар як шоир дар ҳадди завқу шавқи худ хурмои тари шеър баргирифтааст. Гулрухсор, ин қаламкаши мумтоз, бо шавқу завқи шоиста аз нахли шеър хурмои ишқ чидааст. Ӯ медонад, ки ишқ бидуни ҷонфишонӣ, худгузаштагӣ, бидуни имон, наметавонад, ки ишқ бошад. Ин ҳарф ҳақиқати собит аст, ки ҳама чиз дар марг хулоса мешавад ва танҳо ишқ аст, ки дар ҷовидонагӣ хулоса мешавад. Аз Ҳофиз бишнавем:

*Ҳаргиз намирад он, ки дилаш зинда шуд ба ишқ,*
*Сабт аст дар ҷаридаи олам давоми мо!*

Аз дами ишқ дил зинда мешавад, соф мешавад, ба зиндагии дубора мерасад, ки номи он зиндагии ишқ аст. Гулрухсор низ чун ҳар шоири дигар дар шинохти ишқ, дарёфти ишқ, зеҳнро парвоз додааст ва тахайюлро ранг. Ӯ дар ин навишта ишқро як ангора, як орзу намедонад, балки як айният, як ҳақиқат медонад дар зиндагии башар. Бо ин нигоҳ ҳақиқати ишқ, айнияти ишқро дар зиндагии худ, дар зиндагии мардум ба тасвир мекашад:

*Дили хастаи ман,*
*Ба фарқи ошёнаи танҳоӣ*
*парчами ишқро парфишон кард,*
*Ту надидӣ !*
*таронаи ошиқонаи ман,*
*дар забони оташини барқ шукуфт.*
*Ту нашнидӣ!*
*Ба роҳи ту аз гузашта то фардо*
*Дидагони нурпарвари ман*
*Як само ситора коштанд,*
*Ту начидӣ…!*
*Дилам барои ту гирист,*
*Таронаам барои ту шукуфт,*
*Дилам барои ту ахтар кошт,*
*Нашнидӣ!*

*Надидӣ!*
*Начидӣ!*
*Видоъ пайкараи санг,*
*Шамъи мурда*
*Ҳасрати сурур, видоъ!*
*Видоъ, офтоби сард,*
*Сайёраи бенур,*
*Ишқи кӯр, видоъ…!*
(саҳ 237-238)

Гулрухсор дар тасвири ишқ аз мушоҳида, таҷриба ва шинохт суд бармедорад:

Мушоҳида**:**

*Ҳанӯз ишқи ташнасӯзи ман*
*зиндадори сароб мегиряд.*
*Ҳанӯз дар гавҳари пора-пораи ашкам*
*Хандаи офтоб мегиряд.* (саҳ235)

Таҷриба :

*Хастаи ишқу барқу тӯфонҳо*
*Дар пари хок хоб мебинам.* (саҳ 60)

Шинохт:

*Эй ишқ, ба дунёи ту бармегардам,*
*Аз дина ба фардои ту бармегардам,*
*Аз олами озодии бесӯзу фараҳ*
*Бар маҷлиси зебои ту бармегардам!* (саҳ.150)

Ишқ дар шеърҳои Гулрухсор пояҳои боварманд дорад, ки ором-ором аз бешаклӣ рад мешавад ва дар шакли ҳолатҳо худро зоҳир месозад. Ишқ дар шеърҳои ӯ яксӯй (яъне танҳо занона) нест, балки ин неъматро ҳам барои мард ва ҳам барои зан баробар медонад. Чунин аст, ҳар хонанда чи зан, чи мард аз шеъри ӯ танҳо ишқро қабул медорад, танҳо ишқро мешиносад, танҳо ишқро дармеёбад, на ҷилваҳои ишқро:

*Сангро бишкаст зӯри шишаам,*
*Ишқи ҳастӣ инчунинам кардааст.* (саҳ, 121)

* * *

*Ишқ илҳоми илоҳӣ буду хораш кардаам,*
*Дар талоши маснади девону ҳам девонагӣ.* (саҳ.31)

* * *

*Ишқи шоирзода, шоирпарварам*
*Дар вафоти худ ғазалхон рафт рафт!*

* * *

*Барқро ишқи шуккуфтан об кард,*
*Дар гули оташ баҳори зиндагист.* (саҳ.430)

Гулрухсор дар шинохт ва дарёфти ишқ, худгузаштагӣ, покизагӣ, садоқат, амонатдорӣ ва вафодориро аз шартҳои аввал медонад. Ӯ бештар ишқҷӯ аст,то ишқхоҳ, зеро хостанро лаззат дигар аст ва ҷустанро лаззат дигар ва диданро лаззат дигар аст, шинохтанро лаззат дигар… Ҷустан ва шинохтан ниҳояти камоли дарёфтан аст дар ишқ. Гулрухсор бештар ин тариқатро дар мантиқи шеър воковӣ мекунад. Чунин аст, ки дар шеърҳои ӯ таҷаллии рӯҳонии ишқ низ дида мешавад.

*Мо завқи Худодод ба ҳар бод набахшем,*
*Илҳоми қадар, зевару инъоми дигар нест.*
(Илҳоми қадар, саҳ.289)

* * *

*Шамъсон дар қафаси танги нафас печида,*
*Аз гили хеш чу парвона бурун хоҳам рафт…*
*Барқсон аз ҳарами тори фалак рақскунон*
*Поку покизаву тифлона бурун хоҳам рафт.*
*Рӯҳи озоди маро миннати завлона аҷаб аст,*
*Ҳалқа аз ҳалқаи завлона бурун хоҳам рафт…*

Ҷустуҷӯи ишқ ҷустуҷӯи худ аст, шинохти ишқ шинохтани худ аст ва фирор аст аз зиндагии беҳуда ва ғофилона. Гулрухсор тафовути ишқи инҷаҳонӣ (ишқи ҷисмӣ) ва он ҷаҳониро (ишқи рӯҳонӣ) ду ҳалқаи бо ҳам пайваста медонад, ки яке бидуни дигар комил нест, ишқи инҷаҳонӣ дар зиндагии инсон бозгӯи ҷаҳони маънавии ӯст ва ишқи рӯҳонӣ бозгӯи ҷаҳони рӯҳонии ӯ. Ин ду ҷаҳон дар меҳвари ишқ мечархад ва танини мусиқии афлоку кавокибро дар худ инъикос медиҳад. Ҷалолуддини Румӣ мегӯяд:

*Пас ҳакимон гуфтаанд, ин лаҳнҳо*
*Аз давори чарх бигрифтем мо.*
*Бонги гардишҳои чарх аст, ин ки халқ*
*Месарояндаш ба танбӯру ба ҳалқ!*

(Маснавии маънавӣ,
дафтари чорум, саҳ 733-744)

Дар ҳавзаи шеъри Гулрухсор ҳар калима, ҳар таркиб, ҳар тасвир аз ҳавои ишқ нафас мекашад. Ӯ андеша ва тафаккур дар ишқро роҳи дуруст медонад ба сӯи худогоҳӣ, худшиносӣ ва камоли маънавӣ. Ӯ мегӯяд ишқ танҳо роҳест, ки инсон бояд ба он биравад, барои шинохти ҳақиқат ва шинохти ҳастӣ:

*Ман ки дидори Худоро ҳама ҷо мебинам,*
*Ҳамаро аз назари поки Худо мебинам.*
*Ошиқи рафтану боз омадани хуршедам,*
*Дар лаби рӯди равон зикри зиё мебинам.*

* * *

*Асли ман нусха надорад, якаму якдона,*
*Ҳамаро ҷуз ҳақу ҳақдор дуто мебинам.*

* * *

*Шоири хуни худу дарди худу набзи худам,*
*Ҳарчи мебинам, аз ин равзанаҳо мебинам.*

* * *

*Пунбаи меҳр ба пойи ҳамагон мекорам,*
*Ҳар гаҳ аз сангдилон санги ҷафо мебинам.*

* * *

*Нураму соя надорам, таҳи ин чархи сияҳ,*
*Ҳамаро нурнамо, нури ато мебинам….*

* * *

*Ҳамагон ташнаи рӯданду манам ташнаи рӯҳ,*
*«Ҳамагон хонаву ман хонахудо мебинам».*

(саҳ 371-378)

Гулрухсор бо нигоҳи тоза вуҷуди ишқро ба шеър ворид кардааст. Дар мантиқи ишқ, ҳаракати ишқ ба ҳолати ишқ фикр мекунад. Ишқ дар зеҳн ва тафаккури ӯ дар ин фурмул тасвир мешавад ва ба замон гиреҳ мехурад. Замоне, ки ҳаст ва ҳамеша дар гардиш аст.

# ҚИЁМИ ОФТОБИИ ШЕЪР

Фарзона дар шеъри муосири тоҷикӣ аз шоираҳои ҳушманд, фарҳехта ва андешавар ба шумор меравад. Ӯ аз зовияи андешаҳои пурбор ба зиндагӣ менигарад ва аз зиндагӣ илҳом мегирад. Дар шеър рӯҳи баланд, инсонсоз ва ошиқпешае дорад. Чунин аст, ки шеваи баён, нигоҳ, ковиши шеър дар корҳои ӯ асил, соф ва бисёр самимӣ аст. Ӯ дар кори шеър аз қабл барои мавзӯъ тарҳ намерезад, яъне шеърро қолаб намебандад, балки шеър аввал дар ӯ меҷӯшад ва он гоҳ қолаб ё шакл мегирад:

*Ин дарахт андӯҳи хушкӣ мекашад*
*Баски пайвандаш дигар бо реша нест.*
*Ман чӣ ҳам гӯям, ки дар ин анҷуман*
*Ай басо сар қобили андеша нест.*
*Ояте хондам зи субҳи равшане,*
*Дерхобон душманам бишнохтанд.*
*Баҳрашон ойина бурдам армуғон,*
*Рӯй тобиданду санг андохтанд.*
*Эй муаззин, аз гулӯи шаб манол,*
*Лаб фурӯ банд аз азони бомдод.*
*Баски фарёде дар ин ғафлатсаро*
*Чашмҳоро завқи бедорӣ надод.* (саҳ. 63)

Чунон ки ишора шуд, Фарзона ба зиндагӣ аз зовияи нигоҳи худ менигарад. Назари мунтақидон роҷеъ ба ашъори ӯ ин аст, ки ашъори ӯ бисёр нозук ва зебост. Хонандаи шеър дар ҳамин зебоӣ, нозукӣ ва латофати хаёли Фарзона ғӯта мехӯрад. Аммо ин зебоӣ, ин хироми хаёл пӯшиши зоҳир аст. Шеъри Фарзона чизи дигаре дорад, ки аз ин ду болотар аст. Яъне болотар аз хироми андеша ва зебоии шеър:

*Халқи ман, ҳар нафасам оҳи фалакбӯси ту буд,*
*Созам аз сози туву сӯзи ман аз сӯзи ту буд.*
*Хомаам шамъсифат гарчи сарафшон мерехт,*
*Лек дар зулмати ваҳшӣ шарарафрӯзи ту буд.*

*Рӯзгоре, ки аду хоки шарифатро бехт,*
*Ман барои ту гулистони сухан кардам сабз.*
*Рӯзгоре, ки муғул омаду хунатро хӯрд,*
*Ба тани хушки ту сутхони сухан кардам сабз.*

*Дӯш аз маъбади дил он бути яктоямро*
*Корвоне ба ҳарамхонаи ғурбат мебурд.*
*Санг мебаст нигоҳам ба раҳи рафтаи ӯ,*
*Зиндагӣ дар ҳама зарроти вуҷудам мемурд.*

*Ногаҳон табли ғазаб зад зи дили ман нанге,*
*Ки куҷо шуд ҳама мардӣ, бирав, ӯро боз ор.*
*Агар ӯ рафт, Ватан низ чунин хоҳад рафт,*
*Саҳл бар дасти адӯ марги ту, эй меҳандор.*

*Корвон мераваду ашки халоиқ ҷорист.*
*Чора ку, то ватанамро ба ватан пайвандам,*
*Ё Худованд, мадад кун, ки мани мӯъҷизасоз*
*Ҷони беруншударо боз ба тан пайвандам.*

*(саҳ. 8-9)*

Ончи дар ин чаҳорпора хонандаи шеърро беш аз ҳарчӣ ба худ ҷазб медорад, ҳамон зебоӣ ва нозукхиромии андеша аст. Хироми хаёл ва зебоиҳои тасвир дар шеър он қадар пурранг ва тамошоӣ аст, ки оҳи ҷонсӯз ва ашки ғурбат дар калимот санг бастааст. Дар шеър ҳар калима, ҳар таркиб ва ҳар тасвир як фоҷиа аст, як дард аст, аммо чун нигори ороста дар ҳарами зебои шеър. Вақте хонандаи бедордил вориди ин ҳарами зебо мешавад, бо он ки мафтуни он ҳама зебоӣ мегардад, ба он нигори ороста дил месӯзад. Ин аст, ки зистан, фоҷиаи он ҳама зебоии баён ва тасвирҳои тамошоӣ боз ҳам дар ҳиҷлаи ноз меболад.

Зебоии тасвир:

*Хомааам шамъсифат гарчи сарафшон мерехт.*

Фоҷиа: *Лек дар зулмати ҳастӣ шарарафрӯзи ту буд.*

Фоҷиа: *Рӯзгоре, ки адӯ хоки шарифатро рехт.*

Тасвир: *Ман барои ту гулистони сухан кардам боз.*

Фоҷиа ва тасвир:

*Рӯзгоре, ки муғул омаду хунатро хӯрд,*
*Ба тани хушки ту сутхони сухан кардам сабз.*

Ва дар ин банд хироми хаёл бисёр зебо ва нозук ба авҷ расида, аммо дар қоби андеша боз ҳамон фоҷиа аст, ки худро ранг дар ранг ба тасвир кашидааст.

*Дӯш аз маъбади дил он бути яктоямро*
*Корвоне ба ҳарамхонаи ғурбат мебурд.*
*Санг мебаст нигоҳам ба раҳи рафтаи ӯ,*
*Зиндагӣ дар ҳама зарроти вуҷудам мемурд.*

Бояд гуфт, ки ғаму дард ва ҳасрату ғурбати Фарзона дар ин шеър ва шеърҳое аз ин даст танҳо хоси ӯ нест, балки дарди тамоми мардум, яъне дарди тамоми миллат аст.

Вожаҳои маъбад, дил, бут, корвон, ҳарамхона, ғурбат, санг, роҳ, нигоҳ, зиндагӣ, заррот, вуҷуд он қадар шефтаву самимӣ даст ба дасти ҳам додаанд, ки онҳоро аз ҳам наметавон ҷудо кард. Дар ин ҳамдастӣ яккафарёди дард, ҳасрат ва зистан аст, ки фазои шеърро тамом пӯшидааст. Дар ин шеъри шево ва пур аз андӯҳ калимот баробар фарёд мекашанд ва ин фарёд, фарёди ғурбатҳо, ҳасратҳо ва фарёди таърихи як миллат аст. Фарзона дар як сутуни чаҳорпора тавониста аз ҳоли як миллат ва аз ҳоли худ ҳикоят кунад, ҳикояти печида дар шеър. Навасони ҳолатҳо дар шеърҳои ӯ ҳосили андеша ва эҳсос аст, ки аз маҷрои хаёл ва мушоҳидаҳои ӯ сарозер мешавад. Дар шеърҳои Фарзона

бунмояи тахайюл, танаввуи мавзӯъ нест, балки аслияти шеър аст дар мавзӯъ:

*Садои зарбаи қолизании ҳамсоя*
*Бигӯядам, ки ғами зистан чӣ дилгир аст.*
*Биё, биёву такон парниёни ҷони маро,*
*Ба ин ғубори куҳан бин, ки осмонгир аст.*
*Миёни ин мани ҳолию ва ин мани мозӣ,*
*Ҳазорсола ҷудоиву норасиданҳост.*
*Шикасти ойинаи тобноки рӯёям,*
*Шабеҳи рӯзи зимистон дилам ба зудӣ кост.*
*Дигар ба шодиву ғамҳои пуч таслим аст,*
*Дили ғунудаву паркандаву қафасбандам,*
*Агар ба дидани ман ойӣ, армуғон овар.*
*Баҳонае, ки бар он тори умр барбандам.*
*Пурам зи шодии, ин лаҳзаҳои тунди гурез,*
*Пурам зи ҳасрати ин рӯзҳои бебунёд.*
*Шигифтам ояд аз он ки чу офтоби ғуруб,*
*Ҳанӯз ҳам лаби ман ханда мекунад эҷод.*
*Шигифт аз он ки аз ин тундхези ҳодисаҳо*
*Ҳанӯз зиндааму ошиқи ҳавасмандам.*
*Пас аз ҳазор ғурубу пас аз ҳазор хазон,*
*Ба ин баҳори гулобӣ шукуфапайвандам.*
*Садои зарбаи қолизании ҳамсоя,*
*Бигӯядам ки ба наврӯзи тоза дар бикшо.*
*Биё, азизи дили ман, ба шодбоди баҳор,*
*Гули табассуми худро ба ҳадя ор, биё.* (саҳ. 35-36)

Фарзона, ҳамон тавр ки аз шеъри фавқ бармеояд, аз зиндагии муосир таъсири бисёр дорад. Ин зиндагӣ дар ашъори ӯ як зиндагии молихулиёии дур аз ҳақиқатҳо нест. Шеъри ӯ ҳақиқати як зиндагии воқеист, дар пӯшишҳои зебо ва нозук. Чизи дигаре, ки ба шеъри Фарзона ҷаззобияти хос медиҳад, сулуки рӯҳи инсонҳост. Ин чизи дигар машраби андешаҳои ӯ, дар ботини шеър аст. Ҳадафи аслии Фарзона дар шеър баёни ҳамин матлаб аст, яъне тасвир ва тафсири сулуки рӯҳонии инсонҳо дар фарозу фурудҳои зиндагӣ.

Шеъри ӯ аз ҳамин фазо нафас мекашад ва даст ба дасти мардум медиҳад. Ҳамин истидлоли андешаро аз шеър бо шеър нигоҳ медорад, то ба зиндагии муосир ва сулуки рӯҳонии инсонҳо жарфтар бингарад. Чунин аст, ки тасвири зиндагӣ дар шеърҳои ӯ хушку берӯҳ нест.

*Ман, ки дарахти шабам, меваи моҳам бидеҳ,*
*В-ар шафақоғуштаам, бӯйи сабоҳам бидеҳ.*
*Равшаниямро бубин, айнаки шомам бикун,*
*Тирагиямро нигар, ранги рифоҳам бидеҳ.*
*Ҳеҷ шиносӣ, ки ман доғи сувайдостам,*
*Дар дилаки лолае пушту паноҳам бидеҳ.*
*Рӯди равонро бубин, лаб ба ниёиш бардад,*
*К-аз садафу аз ҳиҷоб кифу кулоҳам бидеҳ.*
*Рӯди равонам, вале бесару по меравам,*
*Рост магӯ, каҷ магӯ, рӯҳаму роҳам бидеҳ.*
*Ин ҳарами шашдара пур бувад аз манзара,*
*Чашм ки додӣ маро, завқи нигоҳам бидеҳ.*
*Дар қафаси синаам равзанае боз кун,*
*Танг шуд охир нафас, рухсати оҳам бидеҳ.*
*Барҳадару роёгон ҳеч мадеҳ, эй азиз,*
*Меҳри гиёҳам бигир, меҳргиёҳам бидеҳ.*

(саҳ. 117-118)

Бояд гуфт, ки ин ғазал як ғазали эътиқодӣ аст, эътиқод ба ишқ, ба меҳр ва ростиву порсоӣ. Хатти ғазал ҳикоят аз як маънавияти баланди инсонӣ дорад. Дар ғазал рӯҳи шарқӣ ва рӯҳи миниётурии Шарқ ҷорӣ аст. Ин рӯҳи печида аст дар нигоҳи фалсафа ва то ҳадде ирфонӣ.

Миниётурӣ:

*Ман, ки дарахти шабам, меваи моҳам бидеҳ,*
*В-ар шафақоғуштаам, бӯйи сабоҳам бидеҳ.*

* * *

*Ҳеч шиносӣ, ки мани доғи сувайдостам,ы*
*Дар дилаки лолае пушту паноҳам бидеҳ.*

Ирфонӣ:

*Барҳадару роёгон ҳеч мадеҳ, эй азиз,*
*Меҳри гиёҳам бигир, меҳри гиёҳам бидеҳ.*

* * *

*Рӯди равонро бубин, лаб ба ниёиш барад,*
*К-аз садафу аз ҳиҷоб кифу кулоҳам бидеҳ.*

Фарзона бо нигоҳи равшану гарм фалсафаи буданро дар ғазал маъно мекунад ва хонандаро ба оғӯши ҳамин маърифат меорад. Фарзона бо нигоҳи шоирони бузурге чун Мавлоно, Бедил, Саъдӣ, Ҳофиз ва… ба фалсафаи ҳастӣ, ирфони зистан менигарад.

Бедил:

*Ноларо ҳарчанд мехоҳам, ки пинҳон даркашам,*
*Сина мегӯяд, ки ман танг омадам, фарёд кун.*

Фарзона:

*Дар қафаси синаам равзанае боз кун,*
*Танг шуд охир дилам, рухсати оҳам бидеҳ.*

Саъдӣ:

*Барги дарахтони сабз дар назари ҳушёр,*
*Ҳар варақаш дафтарест, маърифати кирдгор.*

Фарзона:

*Ин ҳарами шашдара пур бувад аз манзара,*
*Чашм, ки додӣ маро, завқи нигоҳам бидеҳ.*

Бояд бо шеъри Фарзона иртиботи отифӣ ва рӯҳӣ барқарор кард, то шеъри ӯ дарк шавад. Ӯ ҳамчун ҳунарманди асил таобири хушояндро дар баёни шеър ба кор мегирад, то таобиреро худ халқ кунад. Забон, баён, нигоҳ, тасвир, таркибсозӣ дар сохтори шеърҳои ӯ мутанаввеъ аст. Баён дар фазои шеърҳои ӯ бисёр равшану сода аст, ки дар ҳаракати шеър сахт таъсир мегузорад. Баёни равшан аз гуфтори урён дар шеър ба куллӣ фарқ мекунад. Гуфтори

урён назм сохтан аст ба номи шеър, ки имрӯз дар ҳавзаи ин ҳунар бештар мушоҳида мешавад. Аммо баёни равшан, нигоҳи равшан, тасвири равшан, тафаккури равшан, фазои равшан ва забони равшан аст, ки шеърро шакл медиҳад ва ҷаззоб менамояд:

*Дар ман мағуруб, эй ишқ!*
*Дар ман, эй умеди офтобӣ,*
*Ки ҷуз ту ҳеч касам муждаи баҳор намеорад.*

* * *

*Пироҳани гулоб ба бар кун,*
*Пироҳани гулоб, яъне чӣ?*
*Яъне дубора дил ба ҷаҳон додан,*
*Яъне дубора бо ҳаваси хуфта оштӣ кардан,*
*Яъне нигоҳи таҳзадаро дар офоқи*
*дилбарона густардан…*

(саҳ. 29)

Дар нигоҳ:

*Ҷӯбораке, ки ойинадори ситораҳост,*
*Дар синаи ҳубоб оҳанги зиндагист.* (саҳ. 27-28)

Дар тасвир:

*Субҳ*
*Хутбаи марги ситораҳоро хонд.*
*Боди савобҷӯ*
*Ба расми фотиҳа дасти дуо ба рӯй кашид.*
*Парвози рӯшноӣ чӣ зебост,*
*Шишаҳои шабкӯр*
*Бархӯрди нурро дар вуҷуди сарди худ эҳсос мекунам…*
*…Ман рӯҳи худро*
*Бо рӯшноӣ мешӯям*
*Ва ҷонамоз мегустарам*
*Аз барги ёс*
*Дар фосилаи ману Худованд*
*Як шохаи гули ёс аст*
*Ва бо риштаҳои тилоӣ бастаанд… (саҳ. 82)*

Дар забон:

*Боз ову ранг бастани моро назора кун,*
*Дар худ фурӯ нишастани моро назора кун.*
*Бо нағма ковише бидеҳ ин синарову боз*
*Қолаб зи ҳам шикастани моро назора кун.* (саҳ. 107)

Ин шеваи кор дар шеъри шоирони эронӣ пурранг аст. Фарзона низ бо ҳамин шеваи асил бо шеър канор меояд ва фазои шеъри ӯ аз атри равшаниҳо муаттар аст. Ӯ ҳамин хосияти асилро дар шеърҳои худ ҳамеша нигаҳ медорад ва ҳифз мекунад. Бо ҳамин хосият шеъри ӯро хубтар ва беҳтар метавон ташхис дод. Маънои шеър дар ҳавзаи ҳунар ва андеша барои Фарзона завқи ботин ва дарунӣ аст. Ва ин ҷавҳар дар шеърҳои ӯ аз ҳарчи бештар чашмгир аст. Ин ҷавҳар он тавр ки ишора доштем, дар зебоии зоҳир, тасвир рангҳо ва шевоии баён пӯшида аст. Фарзона дар қолабҳои мухталифи шеър табъозмуда ва муваффақ ҳам будааст. Бахусус, ғазал дар корҳои ӯ вижагии худро дорад. Ба қавли шоир Гулназар Фарзона ғазалро нозук мегӯяд, вале печида дар умқи андеша ва дар умқи маъно. Дар кори ғазал ӯ шигардҳои худро дорад. Қолабро бо он ки суннатӣ мегирад, вале рӯҳи баён ва рӯҳи тасвир ва рӯҳи маъноро меполояд. Дар қолаби суннатии ғазал маънои тоза, тасвири тоза ва нобро ба хонанда ироа медиҳад:

*Агарчи нимнигоҳи туро намешоям,*
*Нигоҳ кун, ки дар он хешро биполоям.*
*...Бибор, нарм бибор, эй шакарнами саҳарӣ,*
*Ба шохсори гул овез орзуҳоям.*
*Барои қоматат аз нур ҷома медӯзам,*
*Ки ғайри ин набувад дар бисот дебоям.*
*Кунун, ки гавҳари ишқи ту маърифат кардам,*
*Намекашад ҳаваси маълулони лолоям.*
*Баҳор дар қадаҳи гул шароби шабнам рехт,*
*Манам, ки ҳамраҳи хуршед бодапаймоям.*
*Маро бас аст ҳамин завқи содае, ки ту,*
*Ҳамора мераваму ҳеч дарнамеоям.* (саҳ. 108)

Фарзона дар қолаби суннатии ғазал нимоӣ фикр мекунад, яъне машраби фикру андешаҳои ӯ дар қолабҳои суннатӣ низ нимоӣ аст, нимоии муосир, ки ба он шеъри сапед ҳам мегӯянд. Ин шеваи баён, решакобии шеър дар ҳавзаи ҳунари шоирии Фарзона рушди матлубе дорад. Қуввати баён ва фасоҳати баён дар сиришти ӯ фитрӣ аст. Ҳамин вусъати ковишгарӣ ва фарохии мутолиаҳост, ки ин гавҳари худодод дар вуҷуди шеъри ӯ бештар равшантар ва зеботар шӯълавар аст. Фарзона ҳамон тавр ки ишора шуд, ба таври латиф ва нозук шеърро ба тасвир мекашад, аммо ин печидагиҳоро ба маъно ва мӯҳтавои баланд тобеъ мекунад. Мӯҳтаво ва маъно дар шеърҳои ӯ монанди як каҳрабост, ки латофат, зебоӣ, балоғат ва фасоҳати ҳунари ӯро ба худ ҷазб месозад ва нигоҳ медорад. Фарзона фазои маъно ва мӯҳтаворо дар шеър солим ва дуруст бунёд мениҳад. Фазои маънӣ, ки онро таносуби маъноӣ низ мешавад гуфт, дар як фазои маъноии солим ва дуруст овардани рукнҳои маънодиҳанда дар шеър ҳунар мехоҳад. Бо вуҷуди ин, гоҳе Фарзона он қадар шефтаи тасвир ва ранг мешавад, ки фазои маъноӣ дар кори ӯ тира ба назар меояд. Дар ин ҳолу ҳаво, дар ин тоблуи рангҳо ҳарфи шоир бештар ба таҷаллии як рӯё мемонад, аммо рӯёи зебое, ки дар дил менишинад ва ҳар касеро ба худ шефта месозад. Фарзона бо он ки дар баёни тасвирҳо бисёр хушнақш аст, боз ҳам ботингарост. Ботингаро дар маъно, мӯҳтаво ва рангҳои тасвир:

*Эй баҳор, эй баҳори оламзӣ,*
*Дар ман имрӯз офтоб шукуфт.*
*Дар ман имрӯз ханда зад гули себ,*
*Ғарқи мавҷи сурур меҷӯшам,*
*Ҳамчу рӯзе, ки бар қиём ояд.*
*Шираи офтоб менӯшам,*
*Андар ойинаи каҷдевор.*
*Сояҳоям маро мазоҳкунон*
*Мекунанд ишваи маро такрор.*
*Фориғам аз ғами ғурубу марг,*

*Ояти ашки сабз мехонам*
*Чу насиме ба гӯши ҳар гулбарг.*

*Эй дилат нур, в-эй, нигоҳат нур,*
*Эй шабат нур, в-эй, сабоҳат нур.*
*Эй ки ҷамъи ҳама гуноҳат нур,*
*Шаҳсавори саманди бод биё,*
*Чун саманд дасту дилгушод биё.*
*Бо калиди дари мурод биё.* (саҳ. 25-26)

Ҳамин бархӯрд ва ҳамин канор омадан бо сухан аст, ки ҳарфи ӯ бештар дар шеър хулоса мешавад ва на дар як баёни мавзун. Ӯ ҳамеша талош мекунад, ки беҳтарин таркиб ва беҳтарин тасвирро, ки шоистаи шеър аст, дар шеър биоварад ва дар ин талош низ муваффақ мешавад. Фарзона мувофиқ бо ҳолу ҳаво гоҳе мӯҳтавои воҳидеро якпорча дар шеър меоварад ва гоҳе низ аз чанд мӯҳтаво дар кори шеър баҳра мегирад. Ин ҳолатро қабл аз ҳар чиз бояд ба завқу шавқи хос ва корбурди қолабҳо марбут донист. Дар ин равиш ҳолу ҳаво ва фазои ҳар банд дар шеърҳои ӯ мутанавеъ аст. Аммо дар ниҳоят ин ҳолу ҳаво ва фазоҳои мухталиф даст ба дасти ҳам медиҳанд ва як фазои куллӣ дар шеър ба вуҷуд меояд. Ҳамин фазои ниҳоии якдастӣ тамоми шеърро дар корҳои ӯ таъйид месозад. Мӯҳтаворо дар сурати тасвир бисёр ҷаззоб, ноб, равшан ва тамошоӣ дар ҷузву кулли аркони шеър мепайвандад. Як мӯҳтаворо дар чандин рангу тасвир наққошӣ мекунад.

Борон:

*Борон ба шишаҳо*
*Аз парниёни ашк кашад пардаи сароб.*
(саҳ. 45)

*Метапад дар банди дасти шохсорон*
*Набзи борон.*
(саҳ. 59)

Баҳор:

*Эй баҳор, эй баҳори оламзӣ,*
*Дар ман имрӯз офтоб шукуфт,*
*Дар ман имрӯз ханда зад гули себ.*

(саҳ. 25)

*Ту ҳамчу пайкараи пурбаҳори ишқи манӣ,*
*Ки аз хомӯшият оҳанги сабз мехезад.*

(саҳ. 99)

Офтоб:

*Бирезад нури муборакрез*
*Аз офтоби навозанда,*
*Ки нур шавад зи тулӯъи себ.*
*Фазои боғи шакарханда.*

(саҳ. 16)

*Вале ячанд рӯзам пур шавад аз ту,*
*Пур аз ҳарфу нигоҳи офтобӣ.*

(саҳ. 41)

Бад-ин тартиб бо итминон метавон гуфт, ки Фарзона имрӯз дар ҳавзаи шеъри порсӣ хатти андешаи хоси худро дорад, ки маҳсули кофтуковҳо ва андӯхтани таҷоруби ӯ дар шеър аст.

# ҲАФТ ЧАРХУ ЯК САМОЪ

## Вуруд

Дар корбасти шеър аз муҳимтарин масоил шеваи гузиниш, тафаккур, баён ва нигоҳ ба мавзӯъ аст. Яъне шоъир дар ин равиш ҳар ончиро муфид медонад, бармегузинад, тафаккур мекунад ва бо нигоҳи шоъирона баён медорад. Аммо ончиро дар корбасти шеър ғайримуфиду нолозим медонад, во мениҳад, амсоли тафаккури сабуку бебор, баёни маҳдуд ва нигоҳи дур аз шеър.

Имрӯз дар дунёи тазоди фарҳангҳо ҳар миллати боҳуш ва ҳушёру закӣ бар он тафаккур мекунад, ки фарҳанги миллии худро аз шикаст ҳифз кунад. Аммо ба чӣ роҳҳо ва чӣ тадбир бар ин амр метавон муваффақ шуд? Фикр мекунам, қабл аз ҳарчӣ тафаккур дар ин самт бояд тафаккури миллӣ бошад. Агар тафаккури миллӣ латма бихурад, пояи устувори фарҳанги миллӣ хоҳ нохоҳ ба шикаст рӯ ба рӯ меояд. Оре, сарчашмаи тафаккур аз ҳар куҷое, ки бошад, бояд дар рӯҳи миллӣ шакл бигирад. Миллати тоҷик ҳам дар ин ҳама таҳоҷуми фарҳангҳо ниёзи бештар ба фарҳанги миллӣ дорад, ки шеъри бузургон як ҷузъи он ба шумор меояд. Имрӯз аҳли назар бар он аст, ки тарҳи тафаккури ҷадид аз фалсафаи Фронсис Бекин ва Рено Декор оғоз меёбад. Аммо дар фалсафаи Шарқ, бахусус дар шеъри ниёкон рагаҳои тафаккури ҷадид решаҳои амиқе дорад, зеро шеъри бузургони адаби форсӣ аз фалсафа (маърифати ирфонӣ) ҷудо набуд. Тафаккури фалсафӣ дар шеъри шоиронии қадими мо ҷилва ва паҳлӯҳои печидае дорад. Он ҳама тафаккур ва баёнҳои фалсафӣ дар шеъри шоирони пешин таҳқиқ ва баррасии лозимиро надидааст.

Ҷилваҳои тозатарин ва нобтарин тафаккур ва андешаҳои фалсафӣ ҳанӯз ҳам дар шеъри шоирони ҳаким ва бузурги форсу тоҷик ҳамчунон дастнохӯрда боқист. Ҳавзаи тафаккур ва андешаи он бузургонро бунмояи ҷадидтарин тафак-

кур метавон ном гузорид. Тафаккури ҷадид, ин истилоҳи фалсафӣ ва ҳунарӣ дар осори адибони машриқзамин аз ҳамон оғоз қомат афрохтааст. Шеваи нав гуфтан, нав тафаккур ва андеша кардан, нав дидан дар шеъри шоирони асил то имрӯз пӯёст. Шеваи тафаккури ҷадид дар ҳавзаи шеър низ роҳ ёфта, ки он ҳамон истилоҳи шеъри мудерн мебошад. Шеъри мудерн, яъне андеша, тафаккур ва нигоҳи тоза дар қолаби ҷадиди баён. Бо ин вуҷуд боҷуръат мешавад гуфт, вусъат, умқ, густардагӣ рӯҳоният ва ҷилваҳои тафаккури тоза дар шеъри суннатӣ гармтар аз шеъри мудерн аст. Манзур аз ин иддаъо ченаки шеъри шоирони бузург, тавоно, ориф ва асил аст на жожхоиҳо. Яъне решаи тафаккури ҷадид дар осори шоъирони ориф чун Саноӣ, Аттор, Бедил, Мавлоно, Иқбол бисёр-бисёр амиқ аст. Дар ин робита бузургтарин санад ва далели қотеъ ашъори шоъири ориф Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхист. Офтоби каломи ин шоъири ориф то ишқ ҳасту калом ҳаст ва то зиндагӣ нафас мекашад, дидаҳоро рӯшан ва синаҳоро гарм медорад. Шоирони ошиқ ва фарҳехта ҳамеша аз каломи ноби ин бузург файз бурдаанд. Тозатарин бардошт ва тафаккур, ки дар ин робита ба дасти хонандагони доно расида, навиштаи «Бозтоби офтоб»-и адиби хушзавқ Меҳмон Бахтист. Ношири китоб Ройзании фарҳангии сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон мебошад. Дар китоби худ Меҳмон Бахтӣ шеваи гузиниш, тафаккур, нигоҳ ва баёнро он гуна шакл бахшидааст, ки як шоъири ҳунарманд дар кори худ онро ироъа медиҳад. Шеърҳои дафтар рӯҳи суфиёна дошта, ду ҳадаф дар меҳвари он рух менамояд. Тамоми манзума дар фазои ҳамин ду ҳадаф бозтоб мешавад. Ва ин ҳадаф дар кори шоъир иборат аз тафаккури иҷтимоӣ ва тафаккури сиёсист. Тафаккури иҷтимоӣ, яъне рӯ овардан ба маърифати исломӣ, ирфон, рӯҳоният ва зиндагии маънавии миллат. Тафаккури сиёсӣ, яъне рӯ овардан ба худогоҳӣ, худшиносӣ ва ормонҳои миллӣ – Меҳмон Бахтӣ дар ин ду хат ҳолати худогоҳӣ, худшиносӣ, бедорӣ, ҳолати рӯҳонӣ ва ирфонии миллатро тафаккур мекунад, то рӯҳи миллатро дар воқеъиятҳои

воқеӣ нишон бидиҳад. Унвони китоб далел бар ин иддаъост, ки миллати тоҷик дар таърихи худ бузургони офтобитаборе дошта, ки машъали маърифатро ҳеч гоҳ аз даст наафкандааст. Ва имрӯз ин миллати наҷиб бозтоби ҳамон офтоб аст, офтоби ишқ ва бузургӣ. Аз ин лиҳоз Меҳмон Бахтӣ миллатро бар он ҳидоят мекунад, ки дар мақом, маром, шукӯҳу шаҳомат бояд, ки офтобӣ бошад. Дар ҳамин хат арз бояд дошт, ки шеъри муъосири тоҷик аз ҳолу ҳавои шеъри сиёсӣ саршор аст, аммо дар заминаи шеъри маърифати ирфонӣ ба шиддат фақир ҳастем. Бо таассуф майдони ин мавзӯъи ҷовид дар адабиёти муъосир маҳдуд аст.

Аммо боз ҳам ҷойи хушҳолист, ки дар ҳавзаи шеъри муъосир шоъироне ҳузур доранд, ки шеъри онҳо аз ин ҷилваҳо холӣ нест. Шоироне чун Фарзона, Низом Қосим, Доро Наҷот, Абдулқодири Раҳим, Озар, Муҳаммад Холиқ, Абдуллоҳи Раҳнамо рӯи ин мавзӯъ шеърҳо гуфтаанд. Бинобар ин ҳар эҷоди тоза дар ин хат боиси истиқбол аст. Намунаи бориз дар мавзӯъи маърифати иҷтимоъӣ, маърифати ирфонӣ ва рӯҳгарои дафтари «Бозтоби офтоб» аз Меҳмон Бахтӣ мебошад.

## ҲАФТ ЧАРХ

Чарх дар луғат бар ин маъност: ҳалқае, ки даври меҳвари худ бичархад. Ҳамчунин гардун дунё, фалак, гетиро низ чарх гӯянд. Ҳофиз мегӯяд:

*Чарх бар ҳам занам, ар ғайри муродам гардад,*
*Ман на онам, ки забунӣ кашам аз чархи фалак.*

Ва боз чарх задан даври худ дар рақси самоъ, ки расми суфиён аст. Манзумаи фавқ рӯҳи ирфонӣ дорад, ба ин мурод дар ҳафт сӯҳбат байтҳое аз онроавриди баррасӣ қарор додем. Ҳоло бихонем:

*Ё мусалмон, аз таассуб пок бош,*
*Бо ҳама ихлоси худ идрок бош.*
*Ҳар куҷо гар ҳарзаи риш аст, вой,*
*Ҳарзаи як дарзаи риш аст, вой.*

*Сӯи базми ошиқон хуррам биё,*
*То ки дарёбӣ ба ҷону дил зиё.*
*Ҳар замон девони Мавлоно кушо,*
*Роз аз ҳар ҳикмати воло кушо.*
*Маст шав, сармасти оҳанги ғазал,*
*Во шав аз қофияи танги ғазал.*
*Пок бошу бо сафо бо дини хеш,*
*Нур дар ойинаи ойини хеш!*
*Ишқи ин дунёи ҳастӣ пеша кун,*
*Рӯ ба Яздон овару андеша кун.*

**Чархи як:**

*Ё мусалмон, аз таассуб пок бош,*
*Бо ҳама ихлоси худ идрок бош.*

Аз лиҳози тавзеҳу ташреҳ ба ин байт менигарем. Таассуб ба чашми басират мил мекашад ва фардро ба партгоҳи ҷаҳолат асир месозад. Таассубгар бо он, ки сураи «Ихлос»-ро мехонад, аз дарки мӯҳтаво оҷиз аст. Дарк, яъне фаҳм, идрок, шинохтан, пазируфтан ва дақиқ дарёфтани мақсуд. Ин ҳама дар ҳоле даст хоҳад дод, ки фард худро аз таассуб биполояд, то ба дарк бирасад. Яъне раҳоӣ аз таассуби бебор пирӯзии фард бар ҷаҳл буда, он инсонро бар дарки ҳақиқат меорад. Мусалмонро шоиста нест, ки дар таассуби беранг гирифтор бимонад, балки аз он худро наҷот бидиҳад, ба ҳастӣ, ба офариниш бо чашми басират бингарад, на бо чашми таассуб.

**Чархи дувум:**

*Ҳар куҷо гар ҳарзаи риш аст, вой,*
*Ҳарзаи як дарзаи риш аст, вой.*

Ҳарза беҳуда, бекор, бемантиқ, яъне пуч. Дар ин байт ишорат ба сурати зоҳир аст, ки он фиребанда мебошад. Аҳли назар, аҳли маъно, аҳли дил ба сурат ҳеч гоҳ фирефта нашавад, зеро аз сурат то маъно фарозу фурудҳост. Мазаммати риш дар ашъори Бедил низ зиёд ба кор рафта, ки

зоҳирпарастонро ба тамасхур гирифтааст. Яъне риш бастан маънои ориф ё шайх буданро намедиҳад, балки он танҳо сурати зоҳир аст:

*Шайхон ҳама одобхироманд, валекин*
*З-ин қофилаҳо як-ду қадам риш гузаштаст.*
(Бедил, саҳ.33)

Бедил мегӯяд дар ҷамъи орифон ва шайхони ростин ҳастанд, ононе ки шайхтарош ва одобхироманд, аммо танҳо дар сурати риш.

Меҳмон Бахтӣ дар ин байт камоли маънавӣ ва рӯҳонияти ботинии инсонро мехоҳад. Хонандаро ҳушдор медиҳад, ки дар зоҳирпарастӣ гумроҳ нашавад. Пайғамбари гиромӣ ҳазрати Муҳаммад (с) мефармоянд: «Инналлоҳи таъоло ло янзуру ило суварикум ва амволикум, валокин янзуру ило қулубикум ва аъмоликум». Ба таҳқиқ Худои таъоло назар намекунад ба суратҳои шумо ва ба молҳои шумо. Валокин назар мекунад ба дилҳои шумо ва амалҳои шумо». Байти фавқ низ ишорат мекунад ҳамин маъниро дар ҳадис. Яъне ҳар кӣ иддаъои мусалмонӣ дорад, ботини хешро нуронӣ бисозад, камол бибахшад, то рӯзе пеш наояд бар худ ва зиндагии худ вой бигӯяд.

**Чархи севум:**

*Сӯи базми ошиқон хуррам биё,*
*То ки дарёбӣ ба ҷону дил зиё.*

Ишорат аст дар ин байт ба базми ошиқони ростин, ошиқони роҳи эътиқод, на роҳи гумроҳ шудагон. Дар ин маҳфил метавон худро дарёфт, худро шинохт ва бар холиқи худ наздиктар шуд. Базми ошиқони содиқ базми зиёст. Ин базм ҷону дилро зиё медиҳад. Меҳмон Бахтӣ ишорат мекунад, ки базми пири маънавӣ ҳазрати Мавлоно саршор аз нуру зиёст. Агар муриди ин пири шод ҳастем, бояд сӯи маҳфили ӯ самимӣ биёем, то ҷону дили мо зиё биёбад. Мо, ки муриди пири маънавӣ ҳастем, рӯҳонияти

худро дар ҳама ҳолат ҳозир бидонем. Дар роҳи ботин, ки камоли рӯҳ ва камоли маънавӣ ва камоли маърифат аст, аз ӯ талаб ва ёрӣ кунем. Яъне дар худшиносии миллӣ мо бояд аз ин марди ориф дарс биомӯзем.

**Чархи чаҳорум:**

*Ҳар замон девони Мавлоно кушо,*
*Роз аз ҳар ҳикмати воло кушо.*

Хуб буд, агар таркиби «Ҳар замон» ба ибораи «ҳолиё» иваз мегардид ва мисраъ ин гуна хонда мешуд: «Ҳолиё девони Мавлоно кушо». Он гоҳ вусъат ва умқи маъно дар байти фавқ худро бештар ҷилва медод.

Инсони муъосир дар гирифториҳо саргаштаву парешон аст. Мехоҳад худро кашф кунад, бишносад ва дар ин воковиҳо ҷои он, ки худро дарёбад, худро пайдо кунад, гумтар мешавад. «Ҳомиё» дар байт дар баён ин гуна таҷаллӣ мегирад: Эй инсон, ки худро пайваста ҷустуҷӯ дорӣ ва дар шинохти худ саргаштагию парешон ҳастӣ. Ҳолиё баъд аз он ҳама саргаштаву парешониҳо ва нокомиҳо девони Мавлоно рӯи даст бигир, то гиреҳи он роз, ки дар он ҳайронӣ, бароят боз шавад.

**Чархи панҷум:**

*Маст шав, сармасти оҳанги ғазал,*
*Во шав аз қофияи танги ғазал.*

Бо нудрат бояд гуфт, ки вожаҳои маст, мастӣ, сармаст, ҳолати сукр дар шеъри шоъирони ориф таъбири дигар дорад. Тавсифи мастӣ дар шеъри шоъирони ориф на он мастӣ ва сармастие ҳаст, ки имрӯз шеъру шоъиронро дар чанг бигрифта. Дар шеъри он бузургон таъбири мастӣ ва сармастӣ ишорат бар он аст, ки ошиқони комил аз бодаи ҳастии мутлақ сармаст ва бехуд мешаванд. Онон дар ҳолати сукр, яъне мастӣ аз қайди қубуди зоҳиру ботин раста, танҳо таваҷҷӯҳ бар ҳақ доранд. Вожаи «Оҳанг» дар байти зикр рамзи ҳақиқат, зиндагӣ, маъно ва худогоҳист.

«Ғазал» жанри адабист, шоъирони ориф дар ин қолаб шеър мегуфтанд. Таъбири ғазал дар ин байт киноя аз розу ниёз аст. Роз, яъне сирри офариниш, сирри хилқат, роз, яъне дуо, тасбеҳ зикр ба даргоҳи ҳақ. Эй он, ки меҳоҳӣ бар ин роз бирасӣ, худро нахуст аз қайди гирифториҳо вораҳон, гирифториҳои зоҳир, зеро ҳақиқат танҳо зоҳир нест, балки он рози пӯшидаест, ки танҳо чашми басират метавонад онро бубинад. Ин аст, ки қофиябозӣ дар ғазал ҳанӯз асли матлаб нест, балки асл расидан аст бар маъно, бар он рози пинҳон.

**Чархи шашум:**

*Пок бошу мусаффо бо дини хеш,*
*Нур дар ойинаи ойини хеш.*

Пеш аз вуруд бар асли матлаб меҳоҳам тазаккур бидиҳам, ки ҳар он миллат, ки аз дину ойини хеш фосила гирифт, ногузир чеҳра иваз мекунад. Ҳоло асли матлаб, шоъир ба аҳли дин мегӯяд: Дар дини худ поку босафо бояд буд, зеро дин худ покиву босафоист. Ҳар қавме дар дин, ойин ва суннати худ поку босафост, монандаи нур дар ойинаи ҳастӣ мунаввар ва мусаввар хоҳад шуд. Ойина як ҷисмест сайқалхурда ва суфта, ки ҳар кас дар ҳолати лозим дар он менигарад ва худро босафо месозад.

Аммо ин ҷисм дар истилоҳи аҳли завқ маънои дигар дорад, мурод аз ойина дили инсони комил аст.

Аз ин лиҳоз вожаи «Нур» ва «Ойина» дар осори шоъирони ориф беш аз ҳар вожаи дигар ба кор рафта. Аммо вожаи «Нур» ин таъбир бунёди ҳикмат ва ирфон аст дар Машриқзамин. Дар Қуръони маҷид низ борҳо ба «Нур» ишора шудааст, ки дар он ҳақтаъоло чун нури ҳақиқӣ ва мутлақ сифат шудааст. Ба ҳамин сабаб орифон ба нур зиёд аҳаммият додаанд. Таҷаллии нур дар тамоми ҳастӣ печидааст ва дорои сифатҳои мухталиф мебошад. Мисли нури ишқ, нури имон, нури шинохт, нури этиқод, нури тақво, нури ҳикмат, нури шуҳуд, нури фаросат ва … Дар байти фавқ мурод нури фаросат аст, ки он ҳар касро нест. Нури

фаросат инсонро аз ғаждиҳову кажиҳо ҳифз мекунад, ба ҳақиқат наздик месозад, зулмати ҷаҳли мураккабро бо партави худ мепарконад. Ба дил сафо мебарад, дил ойина мешавад. Комил мешавад, он гоҳ дар ин ойина ростӣ, сидқ, имон таҷаллӣ меёбад. Дар дину ойин пок будан аввалин шарт аст. Пок будан дар рӯҳоният, дар маънавият, дар тақво ва дар эътиқод.

**Чархи ҳафтум:**

*Ишқи ин дунёи ҳастӣ пеша кун,*
*Рӯ ба Яздон овару андеша кун.*

* * *

*К-ин замин даввору кайҳон довар аст,*
*Ишқи ҳақ дар дил ҳақиқатпарвар аст.*

* * *

*Оташи ишқ аз касе бегона нест,*
*Дар раҳи ҳастии мо афсона нест.*

* * *

*Ишқи ӯ дорад ба ҳақ вобастагӣ,*
*Оташи он бахшадаш ворастагӣ.*

Бояд зикр кард, ки ишқ болотарин ва волотарин неъмат ва раҳмат аст, аз тарафи парвардгор барои инсон. Аммо ҳар кас ба дарки он қодир нест, зеро дарки ишқ ҳар касро насиб нагардад. Ҳаводорони ишқро шумор бисёр аст, ҳар кас мехоҳад аз ин неъмати лоязолӣ саҳме касб кунад, то бидонад лаззати ишқро. Ишқ аз нигоҳи ирфон муҳимтарин ва зарууртарин рукни тариқат аст. Ҳар касро бар ин мақом роҳ нест ва ҳар дил шоистаи ин ҷоҳ нест. Дар ин мақом ва дар ин ҷоҳ танҳо инсони комил роҳ пайдо мекунад. Бо ин шарт, ки маротиби тараққӣ ва такомулро (дар тарбияи рӯҳ) паймудааст, ишқро ҳамин гуна як инсони комил дарк мекунад. Ин қиссаи бисёр печида аст ба қавли Ҳофиз: «Зи тоби ҷаъди мушкинаш чӣ хун афтод дар дилҳо», яъне шоҳ то дари ишқ тоҷ бар сар омаду хок бар сар рафт, дарвеш то

дари ишқ тоҷ бар сар омаду хок бар сар рафт. Аз Мавлавӣ бихонем, ки мегӯяд:

*Ишқ ҷӯшад баҳрро монанди дег,*
*Ишқ сояд кӯҳро монанди рег.*
*Ишқ бишкофад фалакро саршикоф,*
*Ишқ ларзонад заминро аз лазоф.*
*Гар набудӣ баҳра ишқи покро,*
*Кай вуҷуде додаме афлокро?*

Дар абёти фавқ ҳарфи офаридгор бар инсон аст, ки ӯро ҳушдор медиҳад. Ҳарф ин аст, ишқ агар воқеан ишқ аст бор хоҳад дод. Агар ин гуна набуд, ин кайҳонро вуҷуде набуд. Вуҷуд инчунин бар маънои ҳастӣ, зиндагӣ ва инсон низ ҳаст. Яъне инсон офарандаи ишқ аст, ҷуз ин чизе дигар нест. Чунин аст, ки сифати ишқ дар осори адибони ориф ҳамеша осмонӣ буда, бар ҳеч ваҷҳ пой дар обу гил набудааст. Мутаассифона, дар шеъри имрӯз ин симурғи маъноро он қадар пар кандаанд, ки дигар наметавонад аз домони нози маъшуқаҳои вақт фаротар биравад. Меҳмон Бахтӣ дар ин навиштаи худ ишқи инсони ворастаро бар холиқ сифат мекунад, ҳамон ишқе, ки мардони худо онро мехоҳанд:

*Ишқи ин дунёи ҳастӣ пеша кун,*
*Рӯ ба Яздон овару андеша кун.*

Меҳмон Бахтӣ мефармояд, эй инсон, ишқи ҳастӣ ва воқеиро биҷӯ. Аз ин ҳама печидагиҳо ва сардаргумиҳо раҳоӣ мехоҳӣ, рӯ биёр ба ишқе чунин ва тафаккур бикун ҳастиро, офаринишро. Ба ин абёт бори дигар таваҷҷӯҳ фармоед:

*К-ин замин давводру кайҳон довар аст,*
*Ишқи ҳақ дар дил ҳақиқатпарвар аст.*
*Оташи ишқ аз касе бегона нест,*
*Дар раҳи ҳастии мо афсона нест.*
*Ишқи ӯ аз роҳи ҳастӣ бигзарад,*
*Дар ҳавои шӯру мастӣ бигзарад.*
*Ишқи ӯ дорад ба ҳақ вобастагӣ,*
*Оташи он бахшадаш ворастагӣ.*

Замин дар ин абёт ишора аст бар инсони хокӣ, ки дар худ мечархад, дар меҳвари ҳавасҳои худ, дар меҳвари гирифториҳои худ. Ва манзур аз кайҳон, ки он довар аст, қазову қадар мебошад. Маъно: Эй инсон, то чанд даври худ ҳамечархӣ, аз худ бурун ой ва дар меҳвари ишқ бичарх ва дар сарнавишт таваккул бар Худо бикун. Танҳо ишқ ҳақиқатро, яқинро дар ту камол мебахшад. Ишқ ба масал оташ аст ва бар ҳеч кас бегона нест. Ҳар кӣ дар оташи ишқ чун Халил ворид шавад, оташ бар ӯ гулзоре хоҳад шуд.

Дар роҳи ҳастӣ ин ҳарф афсона нест, балки ҳақиқати комил аст. Ишқ аз роҳи ҳастӣ, роҳи ҳақшиносӣ дар дил шӯълавар мешавад. Ҳавои ишқу мастӣ агар ҳоли туст, ишқ бар ту рух метобад. Ишқ неъмати илоҳист ва дар ҳар дил бихоҳад онро фурӯзон месозад. Оташи ишқ наҷотбахш аст, инсонро он вораста месозад, он гуна ки оташи ишқ Халил-ро наҷот бидод.

## ВА ЯК САМОЪ

*Путку сандон ҳарб андар ҳарб дошт,*
*Този ҳастӣ зарб андар зарб дошт.*
*Лаҳзае дар байни майдон ёри нур*
*Монд дар ҷову дилаш омад ба шӯр.*
*Гӯш бар зарби чакуш бигзошт ӯ,*
*Аз ҳавои он наво бардошт ӯ.*
*Даври худ ӯ давр зад, даврон бишуд,*
*Пойкӯбон гашту дастафшон бишуд.*
*Пири риндон марди майдон гӯиё,*
*Гирди гардун гашт гардон гӯиё.*
*Чархи худ бигрифт аз чархи барин,*
*Аз ҳавои нашъаи ҷонофарин.*
*Бар само омад дили ӯ дар самоъ,*
*Оташу обу гили ӯ дар самоъ.*
*Одамон аз ҷилди худ берун шуданд,*
*Дар ҳавои рақси ӯ афзун шуданд.*
*Сӯи майдон рехт мардум аз шигифт,*
*Шавқу завқи ҳар яке боло гирифт.*

*Зарби чаккуш дилкашу пуршӯр буд,*
*Чорсӯ аз чорсӯ пуршӯр буд.*
*Одамон, то гирди Мавло омаданд,*
*Саф ба саф шогириди Мавло омаданд.*
(Ҳамон ҷо, саҳ. 12, 13)

Фишурдаи самоъ дар луғот бар ин маъност: овози хуш, суруд, мусиқии хуш. Дар ҳавои он солик ба рақс мехезад, рақси суфиёна ва тамом таваҷҷӯҳ мешавад ба сӯи ҳақ. Бархе бар ин назар аст, ки самоъ ғизои рӯҳ ва қалб аст. Аммо аз нигоҳи бархи дигар аҳли самоъ ду гурӯҳанд: яке лоҳӣ, дигар илоҳӣ.

Рақси суфиён дар миёни суфиён зиёд мавқеъ дорад. Ҳофиз мефармояд:

*Ёри мо чун созад оҳанги самоъ,*
*Қудсиён дар арш даст афшон кунанд.*

Ба ин тариқ дар самоъ ду чиз лозим ва малзуми ҳам аст, ихлос ва ният, зеро самоъ барои аҳли он талаби камол бошад. Дар абёти ёдшуда самоъи зиндагӣ, самоъи завқ ва самоъи маънавиро метавон ба тамошо нишаст. Дар ин се ҳолат аст, ки самоъи ишқ ва рӯҳи як инсони комил, ки он Мавлоност, мутантан мешавад.

**Ҳолати зиндагӣ:**

*Чак-чаки оҳангарӣ дар ҷӯш буд,*
*Бо садои набз ҳамоғӯш буд.*
*Путку сандон ҳарб андар ҳарб дошт,*
*Align Сози ҳастӣ зарб андар зарб дошт.*
*Лаҳзае дар байни майдон ёри нур*
*Монд дар ҷову дилаш омад ба шӯр.*

Ҳар он чи дар аршу фарш мавҷуд аст, дар худ оҳанги ниҳуфтае дорад. Ва ин оҳанги ниҳуфта аз набз маншаъ мегирад. Агар набз набуд, оҳанге низ набуд. Зиндагии инсон дар пӯшиши охангҳост, аммо дар ҳар инсон хурӯши хоси

худро дорад. Чунин аст, ки ҳар касе наметавонад ҳамдастӣ бо оҳанги дилхоҳ дошта бошад, зеро аз дарки он оҷиз аст.

Путку сандон ишорат аст бар сохтан, бар шикаст ва фарозу фуруд, талошҳои инсон дар масири зиндагӣ, дар масири мақсудҳо. Дигар рӯшан аст, ки бидуни талош, ранҷ, заҳмат, шикасту рехт дурри мақсуд бар даст нахоҳад омад. Инсон дар зиндагӣ бояд ҷаҳду талошҳо бикунад, то худро бисозад, худро бишносад. Ва ин худсозӣ, худшиносӣ аз ҳар фарде шурӯъ меёбад ва дар миллат хулоса мегардад. Аз ин тариқ миллат тарбият меёбад, камол меёбад ва худро беҳтар кашф месозад. Сози ҳастӣ киноят аз офариниш. Дар байти баъдӣ таъбири «ёри нур» бар маънои ёри ҳақ ва равшанзамир, ки оҳанги ниҳуфта дар вуҷуди ӯ бедор мешавад. Ва ин оҳанги ниҳуфта андак-андак вусъат мегирад ва бо сози ҳастӣ ҳамнаво мегардад.

**Ҳолати завқ:**

*Гӯш бар зарби чакуш бигзошт ӯ,*
*Аз ҳавои он наво бардошт ӯ.*
*Даври худ бас давр зад, даврон бишуд,*
*Пойкӯбон гашту дастафшон бишуд.*

Чун оҳанги ниҳуфт дар вуҷуди хуфта бедор мешавад, ҳолати завқ дар рӯҳи инсон меборад. Ва инсони ба завқ расида дар ҳавои он завқи осмонӣ ба маънои офвариниш ва хилқат тафаккур мекунад. Ҳар як инсон дар худ меҳвари эътиқод бар холиқро дорад ва дар ин меҳвар дар худ давр мезанад, мардони орифе мисли Мавлавӣ ва дигар ошиқони воқеъӣ дар роҳи ҳақ.

**Ҳолати қол**: Қол ҳолати зоҳир аст дар завқу шавқи суфиён. Ин ҳолат марҳалаи аввал ва омодагист барои вуруд ва ҳолати баъдӣ. Дар ҳолати қол ошиқ солҳо ранҷ мекашад, то хомҳои худро пухта кунад. Гузашт, убур аз ин ҳолат ҳар касро насиб намегардад, магар чун орифоне аз обу гили Мавалавӣ:

*Пири пирон, марди майдон гӯиё*
*Гирди гардун гашт гардон гӯиё.*

*Чархи худ бигрифт аз чархи барин,*
*Аз ҳавои нашъаи ҷонофарин.*

«Майдон» ишорат бар он маъноест, ки ҳар касро заҳраи вуруд бар он нест. Чун ин майдон танҳо бо ошиқони худгузашта месозад. Пири риндон, яъне ориф, ҳушёр, зирак, доно ва озода, ки аз қайдҳои дунё растааст. Дар ҳар ҷӣ менигарад, таҷаллии маъшуқро мушоҳида мекунад. Зикри ошиқ ҳавои нашъаи ҷонофарин аст ва нашъа вижаи ботини имон аст. Ин ҳолат лаҳзаи бурун шудан аз ҳолати қол ва оғози сайр аст ба сӯи камол.

**Ҳолати ҳол**: Дар назди орифон ҳолатеро гӯянд, ки бар дили поки солик аз ҷониби Ҳақ ҳар он чи ворид мегардад ва боз ба зуҳури ҳолати нафс зоил мешавад. Ин ҳолатро дар орифон ҳол меноманд. Ва агар ҳол дар орифон ҳамешагӣ шуд, онро мақом мехонанд. Ин ҳамон нуктаест, ки Шамси Табрезӣ бар он расида буд, ва Ҷалолиддини ориф бар ҳамин ҳолат, яъне мақоми Шамс дилбаста буд. Мавлавӣ мегӯяд:

*Чун бигӯяд, ҳолро фармон кунад,*
*Чун бихоҳад, ҷисмҳоро ҷон кунад.*

Дар ҳолати ҳол он тавр, ки гуфтем, зоҳир аз миён меравад ва нашъа бар дили ориф фурӯ мебОрад. Ҳама чиз дар ин ҳолати ирфонӣ дар самоъ аст, чарх, зиндагӣ, дарё, арш, фарш, рӯҳ ва ҳастӣ. Бихонем:

*Бар самоъ омад дили ӯ дар самоъ,*
*Оташу обу гили ӯ дар самоъ.*
*Одамон аз ҷилди худ берун шуданд,*
*Дар ҳавои рақси ӯ афзун шуданд.*

Ҷисм фаромӯш мешавад ва дил дар самоъи ишқ, дар самоъи рӯҳ ҳулул мегардад.

## ХУЛОСА

Сувари хаёли шоъир дар дафтари «Бозтоби офтоб» маҳсули таҷориби чандсолаи хоси ӯ дар ҳавзаи ҳунар аст. Ва онро метавон фарҳанги зиндагии Меҳмон Бахтӣ ном гузорид, ки арзишҳои адабӣ дар он шакл бахшидааст Дар дафтари «Бозтоби офтоб» беш аз ҳама сабғаи рӯҳонӣ омехта ба ранг ва таровишҳои миллӣ эҳсос мешавад. Паҳлӯҳое, ки сабғаи рӯҳониро дар ин дафтар ба мушоҳида нишастем, ҳоло бубинем, ранг ва тарвоишҳои миллӣ дар он чи гуна аст. Дар дафтари фавқ таҷориби зиндагии як миллат, ки он миллати тоҷик аст, рух менамояд. Таҷориби зиндагии фарҳангӣ ва маънавии як миллат бо ҳама монандиҳо боз тафовутҳо бар худро дорад. Ҳамин тафовут, ки ҷилваҳои миллист, дар дафтар зиёд ба мушоҳида мерасад. Сабғаи рӯҳонӣ дар ин дафтар мутааллиқ аст бар ҷамъи муъминон ва пайравони дин. Сабғаи миллӣ он тавр, ки ишора доштам, танҳо шомили миллати тоҷик аст.

**Сабғаи миллӣ**. Сидқ, садоқат, зебопарварӣ, башардӯстӣ, адл, ҳақпарастӣ, ҷавонмардӣ, инсоф, меҳргаройӣ, донишёрӣ, маърифатдорӣ шаҷараи миллӣ ва…

**Сидқу садоқат**:

*Синаи меҳри ту пок аз кина буд,*
*Бо ҳама ойин дилат ойина буд*.

**Зебопарварӣ**:

*Аз само ояд ба паҳнои замин*
*Дилрабову дилпазиру дилнишин.*

**Башархоҳӣ**:

*Тоҷику турку араб шайдои ту,*
*Рози пинҳонест дар пайдои ту*.

**Адл**:

*Ҳар дили дардошно маъвои ӯст,*
*З-ин ҷаҳон то охират маънои ӯст.*

**Ҳақпарастӣ**:

*В-он ки дилҷӯю баланду беназир,*
*Ҳақпарасту ҳамдонасту кабир.*
*Эй бузурги ҳақталошу ҳакпараст,*
*Ҷовидон рӯҳи бузургат бешикаст.*

**Ҷавонмардӣ**:

*Ҷавҳари инсони озод асту бас,*
*Ин дили аз ишқ обод асту бас.*

**Инсоф**:

*Доварӣ дар доварӣ рои Худост,*
*Ҳарчӣ аз инсоф берун, норавост.*

**Меҳргароӣ**:

*Меҳр агар поянда, сар солим бувад,*
*Ин башорат ҳаркиро лозим бувад.*

**Донишёрӣ**

*Бо забони кибриё гӯё шудӣ,*
*Дар замин ҳафт осмон ҷӯё шудӣ.*

**Маърифат**:

*Маърифат аз Мавлавӣ дарёфтанд,*
*Дар сипеҳри меҳр меҳвар ёфтанд.*

**Шаҷараи миллӣ**:

*Эй нишон аз Балх, аз Вахшони ман,*
*Решапайванди дили ман, ҷони ман.*

Дар ин баҳс мешуд бештар дар мавриди сохтмони каломӣ ва шаклии он сӯҳбат дошт, аммо таваҷҷӯҳ ба зоҳир дар ин сӯҳбат мақсуд набуд. Мақсуд аз баҳс перомуни «Бозтоби офтоб» воковии ботинӣ мебошад. Гоҳе авқот таваҷҷӯҳ ба зоҳир саҳми зиёдеро ба худ ихтисос медиҳад, ки гавҳар, асл ва ҷони шеър тамом ба вартаи нисён меаф-

тад. Берун овардани хилъати хаёл аз вуҷуди калимот, печида дар нахи ташбеҳ, истиъора, киноя, танҳо зоҳири кор дар пажӯҳиш аст. Агар пажӯҳиш дар ин ҳад бимонад, шеър бо тани хушк ба чашм барметобад. Дар ҳавзаи пажӯҳиш бояд ҳақиқати шеър, ки дар ботини калимот нафас мекашад, ташхис шавад. Он гуна, ки дар ин дафтар ҳақиқати шеър дар қолабҳо хилъат пӯшидааст, хилъати хаёл, ки саршор аз ташбеҳ, киноя, истиора, ишора ва рамз аст.

Агар аз нигоҳи қолаб ва шакл ба дафтари «Бозтоби офтоб» назар шавад, он дар қолаби шеъри суннатӣ дар чанд вазни мухталиф эҷод шуда, рамали мусаддас-фоилотун фоилотун фоилон бештар истифода ёфтааст. Аммо он тавр ки гуфтем, ин шеваи бархурди адиб дар сохтмони калом дар ин дафтар ҳолати зоҳир аст. Он чӣ дафтарро хонданӣ кардааст, рӯҳонияти мавзӯъ аст, ки дар ботини таркибот ва калимот нафас мекашад. Меҳмон Бахтӣ мегӯяд:

*Дар поси Худо одаму олам ба сипосанд,*
*Худро чу шиносанд, Худоро бишиносанд.*

Дар зоҳир ин байт шабеҳи абёти шоъирони мактаби вуқӯъист. Шоир бидуни иғроқ ҳарфи худро содаву рӯшан баён медорад, ки бояд дар зиндагӣ босипос, яъне шукргузор бояд буд, худро дар ин дунёи ранг дар ранг бишносед, то худои худро низ бишиносед. Ин байт ишора аст ба ин ҳадиси машҳур:

«Ман арафа нафсаҳу, фақад арафа раббаҳу». Касе, ки худро шинохт, пас ба таҳқиқ Аллоҳро шинохт. Инчунин дар сураи Иброҳим, ояи 7 ба ин маънӣ омадааст: «… Шукр кунед, пас ба таҳқиқ шукр барои мӯъминон фоида дорад. Дар замин, дар арш ҳар ончӣ ҳаст, зокири Худованд аст, пас чаро инсон, ки ашрафи махлуқот аст, зокир набошад. Шинохтани худ беҳтарин шукрона ва зикр аст офаридгори хешро. Ин маъно ҳамон ҷавҳари калом аст, ки шоир дар он дар ботини калимот ба кор гирифтааст.

Байти дигар бихонем:

*Садранг ба сурат ҳама, садранг ба сират,*
*Якранг, вале ишқи илоҳӣ ба басират.*

Ин байт ишорат аст ба сураи «Ҳуҷурот», ояи 13. «Ё аюҳанносу, инно халақнокум мин закарив ва унсо ва ҷаъалнокум шуъубав ва қабоила таорафу инна акрамакум, индаллоҳи атқокум» … Эй инсонҳо, халқ кардам шуморо аз марду зан ва гардонидам шуморо нажодҳо ва қабилаҳо, то ин ки бишносед якдигарро. Пас ба таҳқиқ гиромитарини шумо назди Аллоҳ парҳезкортарини шумост.

Оре, Худованд инсонҳоро дар сурат ва нажодҳо мухталиф халқ кардааст, то ҳамдигарро беҳтар бишносанд. Аммо ишқ бар Худованд, бар ҳамдигар дар як ранг таҷаллӣ медиҳад, ки он ранги ишқ аст. Байти дигар:

*Эй ҳаёти ҷовидон, Мавлои Рум,*
*Эй азизи ду ҷаҳон, Мавлои Рум.*

Ин байт дар бандҳои мухталиф ҳафт бор ба такрор омадааст. Чаро? Манзур аз такрори як байт дар ҳафт маротиб дар бандҳои мухталиф чист? Табиист, ки ҳеч кас дар ҳаёт ҷовид нест ва зиндагӣ дар ин дунё муваққатист.

Пас, чаро ҳаёти ҷовидон дар нисбати Мавлоно дар ин байт сифат шуда? Ҳар инсон дар дунё ду зиндагӣ дорад, зиндагии моддӣ (ҷисмӣ) ва зиндагии маънавӣ. Бархе дар дунёи моддӣ зиндагии ҷисмии худро ба поён мебаранд, бидуни он ки ба зиндагии маънавӣ сару коре бигиранд. Аммо бархе зиндагии маънавии худро тарбият мекунанд ва камол мебахшанд. Дар ин байт манзур аз ҳаёти ҷовидон зиндагии маънавии Мавлоност, ки ӯро азизи ду ҷаҳон кардааст. Дар дафтари «Бозтоби офтоб» ҳамин зиндагии маънавии инсон аст, ки адиб онро баён медорад. Садои возеҳи ин зиндагӣ дар хомӯшии калимот фиғон мекашад ва инсонҳоро ба худ мехонад. Китобе чунин бар аҳли дил муборак бод. Боқӣ тавфиқ.

# НИГОҲИ ДИГАР,
# ШЕЪРИ ДИГАР

Ҷараёни андеша, фикр ва тафаккури шоир, агар бар калимот, тасвир, ранг, маъно, иҳом, маҷоз… мусаллат бошад, ин ҷараён метавонад дар вуҷуди шеър, дар тамоми шеър худнамоӣ кунад. Китоби тозаи шоири хушзавқ Камол Насрулло бо номи «Дар фурудгоҳи як таманно» саршор аз ин назар аст. Дар ин равиш ҷараёни андешаи шоир бештар аз хатти навгароӣ убур мекунад. Бӯҳронҳои фикрӣ дар сухан, бахусус дар шеър, шоиронро баночор водор бар он месозад, ба шеър бо чашми дигар бингаранд. Яъне дар шеър ногузир бояст шоир наҳваи андеша ва тафаккур равиши навтар ва равонтар бар худ бигирад. Шеър бо он ки зодаи тахайюли шоир аст, боз ҳам аз ҳақиқат, воқеиятҳои иҷтимоӣ холӣ нест. Шеър аз як паҳлӯ ҳосили ҳақиқати воқеиятҳои зиндагии мардум, ҳосили амалу иртиботи байни инсонҳо низ ҳаст. Дар шеърҳои Камол Насрулло метавон ду дидгоҳро дар ин ҳошия мушоҳида кард. Ҷараёни андеша ва фикри шоир дар шеър аз ин ду хат рад мешавад. Хатти пазириш, созиш бо масоили зиндагӣ ва хатти инкор, ки шоир ба ҳеҷ ваҷҳ ҳозир нест бархе аз масоилро бипазирад.

Хатти пазириш:

*Аз киштаҳои умр фақат барги коҳ монд,*
*Аз баргу бори зиндагиям барги оҳ монд.*
*Аз роҳҳои ҳастии серӯзаам дареғ,*
*Як роҳи охирин, ки надорад, пагоҳ монд.*
*Як роҳи берафиқу пур аз сеҳру бимнок*
*Бе офтобу сояву бе сарпаноҳ монд.*
*Беҳуда сӯхтам, ҳама умрам чу дуд рафт,*
*Дар дудмони синаам ранги сиёҳ монд.*
*Дирӯз аҳди худ ба пагаҳ бастаму нашуд,*
*Имрӯз бар пагоҳу пагаҳ бар пагоҳ монд.*
*Сад ҷонсупурда нест ба ёди касе кунун,*
*Шаъну шукӯҳ бо ду сиёсатсилоҳ монд.*

*Дар ҳайрату шигифтам аз ин доварии умр,*
*Садҳо савоб ҳаҷ шуду як он гуноҳ монд.*
*Пурсанд агар, чӣ монд аз ӯ баъди зиндагӣ,*
*Мегӯ як оҳ монд, суоли нигоҳ монд.* (саҳ. 82)

Хатти инкор:

*Ба раҳи маслаки бедин ҳама одат карданд,*
*Ба ҳавову раҳи чиркин ҳама одат карданд.*
*Даҳшат аст ин ки ба ҳар пушти даре куштор аст,*
*Даҳшате беш, ки бар ин ҳама одат карданд.*
*Аз паси кина равонҳо ба чӣ мақсад бирасанд,*
*Эй шигифто, бар ин ойин ҳама одат карданд.*
*Эй баболобудагон, даст ба мардум бидиҳед,*
*Халқи афтода ба поин ҳама одат карданд.*
*Қадри миллат ҳама чун похсаҳо мерезад,*
*Халқ бар даргаҳи лойин ҳама одат карданд.*
*Болупаррехтагон, лонаи уммед куҷост?*
*Зоти симурғ ба болин ҳама одат карданд.*
*Нест бар ҳеҷ лабе нусрати бисмиллоҳе,*
*Лек бар хӯрдану «омин» ҳама одат карданд.*
*Ҳама ҷо оши худоист, бахудоӣ нест,*
*Ба «Худо»-гӯйии бедин ҳама одат карданд.*
*Бефаронанд, ки фарзонатарошӣ карданд,*
*Бетаҳонанд, ба таҳсин ҳама одат карданд.*(саҳ. 83)

Ҷараёни андеша ва тафаккури Камол Насрулло дар ҳавзаи шеър ва ҳақиқати воқеиятҳо ҳикоят аз шинохт ва огоҳии амиқи ӯ аз он мекунад. Фикрҳои тоза ва нав дар шеърҳои шоир таҳаввул ва ҷараёни бунёдӣ дорад, бунёди тағйири ҳолатҳо таҳаввули ҳолатҳо дар зиндагии мардум ва иҷтимоъ аст.

Ҳолат ва иҷтимоъ:

*Чӣ гуна хешро тоза кунам, эй рӯд,*
*Магар гуноҳро метавон ба оби борон шуст?*
*Чӣ гуна хешро тоза кунам, эй гул,*
*Ки дар канори рӯдбори табъи хеш хоҳам руст.*

*Чӣ гуна болҳои бегуноҳии худро*
*Раҳо кунам аз доми анкабути ҳирс.*
*Ки ба осмонҳо бо фараҳ кунам парвоз?*
*Чӣ гуна дида аз тамаи рӯзгор тоза кунам,*
*Ки ҳамраҳи бодҳо чун нигаҳ кунам парвоз.*

*Чӣ гуна аз паси панҷараҳои сутхонӣ*
*Мани гирифтори худро бахшам озодӣ.*
*Ки қуфли дари зиндон аз фулуз ҳам сахт аст,*
*Калидаш гум шуда дар диёри беёдӣ.*

*Ман он рӯди зулоли босафо будам,*
*Ки нозамон мурдобҳои зиндагӣ ба дӯшам рехт.*
*Чӣ моҳиёни шавқ дар ман кушта шуданд, эй вой,*
*Сафову накҳати шаббодаҳо зи ман бигрехт.*

*На тарс, на тавба, на гулӯлаҳои ашк,*
*Ба доди ман намерасанд ин нафас, эй дард,*
*Танам олудаи заҳрҳои қаттол аст,*
*Наметавонам бигӯям: -зиндагӣ, баргард…!* (саҳ. 47)

Зиндагӣ ва мардум:
*Шукр чу омад ба дил, файзи таъоло бирехт,*
*Халқ чу омад ба худ, бар ҳама кас нон расид.* (саҳ. 69)

* * *

*Шояд дар ин ҷаҳон бирасад бар муроди худ,*
*Халқе, ки бегунаҳ ба раҳи ҳақ шаҳид шуд.* (саҳ. 171)

* * *

*Эй баболобудагон, даст ба мардум бидиҳед,*
*Халқи афтода ба поин ҳама одат карданд.* (саҳ. 83)

* * *

*Ҳама ҷо оши худоист, бахудоӣ нест,*
*Ба «Худо»-гӯйи бедин ҳама одат карданд.* (саҳ. 83)

Фикрҳои тоза, нав дар шеърҳои шоир ба таровишу таҷаллиҳои ҷолиб сурат мегирад. Навгароии Камол Насрулло дар бунёди шеър зудрав нест, балки реша дар тасвирҳои ҷаззоб ва мӯҳтавои ҷадид дорад. Шоир бо умқи нигоҳ ва назари дақиқ, диққати андеша муносибати байни инсонҳо ва тағйири ҳолатҳоро дар иҷтимоъ кашф мекунад ва онҷиро муҳим мебинад, дар пӯшиши тасвир ва мӯҳтавои шоирона ба шеър меоварад.

Бихонем:

*Ҳар сухан бурун омадан аст аз худ,*
*Ҳар фарёд шикастан аст, шишаҳои хомӯширо...*
*Ҳар гиря рехтан аст дона-дона*
*гавҳари бебаҳои махзани дилро,*
*Ки ба ранҷҳое сара шуда.*
*Аз сангҳое, ки ба дӯши ту афшонидаанд...*
*Хандаҳоямро чу май аз шиша мерезам,*
*Ки афшурдаи дерсолаи дардҳои мананд...*
*Ҳар нигоҳ афкандаи нур аст,*
*аз ниҳоди фурӯзон,*
*Ҳар нигоҳ шукуфтан аст гул-гул,*
*фузудан аст барг-барг.*
*Хомӯшӣ шишаест, ки аз моварои он,*
*дуртар хоҳӣ дид.*
*Сухан ҷустуҷӯи рӯшноист,*
*Ҳар сухан бурун омадан аст аз ниҳоди худ!*

(саҳ. 42)

Бояд арз дошт, ки ин ҷанбаи шеъри шоирони тоҷик аз нигоҳи аҳли пажӯҳиш он қадарҳо мавриди баҳс қарор нагирифтааст. Шеваи андешаи Камол Насрулло дар пайкари шеър печида дар эҳсосҳои фардӣ ва эҳсосҳои иҷтимоист. Ва гоҳе эҳсосҳои фардӣ ва ҷамъиро шоир дар корҳои худ ба ҳам меомезад. Ба ин маънӣ эҳсосҳои фардӣ ва эҳсосҳои ҷамъӣ дар устухонбандии шеъри шоир ва бунмояи тафаккури шоир таъсир дорад.

Эҳсосҳои фардӣ:

*Сутуни нигоҳ...*
*Печаки андӯҳ...*
*Гулҳои яъс шукуфтаанд,*
*Аммо накҳате надоранд,*
*Зарпечаки андӯҳро меканам,*
*боз мерӯяд,*
*Меканам боз мерӯяд.*
*Ту рафтӣ... аммо*
*Дар сутуни нигоҳи ман тасвири ту*
*Ҳамеша овезон аст.* (саҳ. 48)

Эҳсосҳои иҷтимоӣ:

*Бубахшед, эй азизон, то Худо бахшад шуморо ҳам,*
*Зихудрафта куҷо ёбад худашрову Худоро ҳам.*
*Зимеҳанрафта боз ояд, зихудрафта Худо донад,*
*Ки бо худ бурдааст ӯ меҳру ихлосу сафоро ҳам.*
*Навӣ оред, аммо нест бод ин гуна навсозӣ,*
*Ки бурд аз хони мардум файзу аз дилҳо наворо ҳам.*
*Бубахшед, эй азизон, душманони ҷонии худро,*
*Ки довар ҳасту медонад дили шоҳу гадоро ҳам.*
*Муҳаммад (с) қотили ёрони худро оқибат бахшид,*
*Ки медонист рози пардаи байтулбақоро ҳам...*
*Бубахшоед, бахшидан камоли некмардиҳост,*
*Ки ҷуз бахшиш набошад ибтидову интиҳоро ҳам.*
(саҳ. 140)

Ҳисгароии шоир дар шеър барои сирати эҳсосҳо нест, балки барои кашфи маъно, тасвир ва шинохти беҳтари инсонҳост. Камол Насрулло ба ин наҳваи тафаккур ва ковишгарӣ шеърро дар тасвир ва мӯҳтаво сурат мебандад. Дар шеъри шоир қолабҳои суннатӣ дар пӯшишҳои навгароӣ ва тафаккури тоза ироа мешавад:

*То ниҳоли қадди ӯ шӯри қудсиё дорад,*
*Шохаи лабони ӯ меваи сахо дорад.*

*Дар нигаҳ намегунҷад, дар гунаҳ намеояд,*
*Ин сабои рӯъёӣ хона дар куҷо дорад?*
*Дар ба сӯйи асли ман аз дари ду чашми ӯст,*
*Меравам зи худ берун, дидаро чу во дорад.*
*Боди зулфаш афшонад, ёдҳои мушкинро*
*Ҳар куҷо, ки по монад, хок тӯтиё дорад.*
*Ҳар раҳе дар ин дунё мебарад ба сӯйи ту,*
*Ҳар лабе зи ишқи ӯ розу қиссаҳо дорад.*
*Аз пасаш нигоҳам рафт, ҳамраҳаш хаёлам монд,*
*Ин тани тиҳӣ аз ман боз дасту по дорад.*
*Гар варо намебинӣ, дидаи ту нобиност,*
*Гар варо намехоҳӣ, ҷони ту фано дорад.*
*Ман ҳама нигаҳ гаштам, ҷумла ҷисм раҳ гаштам,*
*То расам ба кӯйи ӯ, к-ӯ фақат бақо дорад.*

(саҳ. 112)

Печидагии андеша, баён, ҳаракат, дар шеърҳои шоир марбут аст ба ҳолати эҳсос ва нигоҳи ӯ ба воқеиятҳо дар зиндагии мардум. Дар ҳавзаи шеъри шоир таҳқиқи фалсафаи маърифат беш аз ҳар мавзӯи дигар мушоҳида мешавад. Шоир дар робита ба ин мавзӯъ наҳваи тафаккур, вазъи фикрӣ, лафз, баён, тасвир ва мӯҳтаворо дар фазои шеърҳои худ меъморӣ мекунад. Камол Насрулло дар қаламрави шеъри худ ба хонанда пеш аз ҳар чӣ ҳаракат, наҷот ва растагориро таълим медиҳад. Таъбири фалсафаи ҳаракат дар шеъри шоир худогоҳӣ, худшиносӣ ва худсозист. Наҷот дар шеъри шоир бар маънои раҳоӣ ёфтан аз ғафлат мебошад. Ҳар он ки дар ғафлат (ҷаҳли мураккаб) гирифтор аст, наметавонад худро дар худ кашф созад, фалсафаи вуҷуди хешро фаҳм кунад, ҳастиро ва ҳақиқати ҳастиро бишиносад. Ғафлат инсонро ба гумроҳӣ меафканад, яъне ғафлат партгоҳи гумроҳист. Ғафлат рушд ва нумӯи худогоҳиро дар сиришти инсон хушк месозад. Марҳалаи дигар дар қаламрави шеъри шоир растагорист. Растагорӣ, озодӣ, раҳоӣ, бедории рӯҳӣ ва худогоҳии инсон дар нисбат ба ғафлат мебошад.

Ҳаракат лузум аст барои наҷот ва наҷот лузум аст барои растагорӣ. Маҳз ҳаракат ва пӯёиҳо аст, ки инсонро ба наҷот мебарад ва наҷот ба растагорӣ.

Ҳаракат:

*Сад дард кашидам, ки давои ту шавам ман,*
*Сад умр фидо шуд, ки фидои ту шавам ман.*
*Сад навҳа фурӯ бурдаму сад навда шукуфтам,*
*Сад нола кашидам, ки навои ту шавам ман.*
*Берун зи ҳавои ҳавасат роҳ нарафтам,*
*Умре ба ҳавоям, ки ҳавои ту шавам ман.*
*Аз баҳри ҳама тахту фару тоҷ гузаштам,*
*То боқӣ ҳама умр гадои ту шавам ман.*
*Бар нур назардӯхтагон нур бигаштанд,*
*Бар рӯйи ту бинам, ки сафои ту шавам ман.*
*Ёди ту маро мебарад аз субҳ ба субҳе,*
*Бе ту наравам, то ки равои ту шавам ман.*
*Аз дида бароям, ки ба чашми ту бароям,*
*Аз хеш бароям, ки ба ройи ту шавам ман.* (саҳ. 128)

Наҷот:

*Омадам, рафтам… дар ин дори фано,*
*Оқибат аз банди ту гаштам раҳо.*
*Ҳастии оламшабеҳи он дарест,*
*Ҷуз ба мифтоҳи азал ӯ нест во.*
*Ҳосили дунёст ин як кунҷи танг,*
*Аз ниқоби тангдастиҳо баро.*
*То расӣ бар қадри ин кунҷи лаҳад,*
*Чархи гардун чарх гардонад туро.*
*Ин ҷаҳон дар мост, то ворид шавем,*
*Эй бурун рафта, дари худро кушо.*
*Аз насиби худ машав ҳаргиз малол,*
*Нест дар шаҳ роҳату айши гадо.*
*Аз фари худ ёб фардоро кунун,*
*Аз фарочанги фаромӯшӣ фаро.*
*Эй фидоии муҳаббат, зуд бош,*
*Худ фидо шав, то насозандат фидо.* (саҳ. 213)

Растагорӣ:

*Субҳдам нури Худо бисмиллост,*
*Дари аз банд раҳо бисмиллост.*
*Бими торикӣ надорам ҳаргиз,*
*Шабчароғи дили мо бисмиллост.*
*Он калиде, ки ҳама дарҳоро,*
*Бикунад боз ба мо, бисмиллост.*
*Эй ту раҳгум зада аз бедастӣ,*
*Даст деҳ, дасти раҳо бисмиллост.*
*Ту чӣ медонӣ, чиҳо дар дили мост,*
*Гули ҷон дар гили мо бисмиллост.*
*Равнақи ҳар қадами шоҳу вазир,*
*Муждаи нони гадо бисмиллост.*
*Хотири ҷамъи парешоншудагон,*
*Сипари тири бало бисмиллост.*
*Ӯст зангӯлаи даргоҳи мурод,*
*Эй Худо, маънии мо бисмиллост.* (саҳ. 192)

Вижагиҳои фавқ дар корҳои Камол Насрулло дарбардорандаи дидгоҳи ӯ ба ҳолатҳои мухталифи зиндагии мардум, иртиботи байни мардум ва иҷтимоъ аст. Ба-дин ҷиҳат аст, ки шоир ҳатто унвони шеърҳои худро мутобиқ ба дидгоҳ ва шароити ҳозир интихоб кардааст. Услуби тафаккур, вазъи фикрӣ, ангезаи ҳис дар корҳои Камол Насрулло қолабӣ ва аз пеш таъйингардида нест, балки мутобиқ ба ҳолатҳоест, ки дар он ҳузур дорад ё дар зеҳн он ҳамаро соф кардааст. Шоир ҳолатҳоро зиндагӣ мекунад ё бо ҳолатҳо пайванди зеҳнӣ меёбад ва меояд то ҳолати шеър. Як нуктаи ҷолиб ва муҳим дар шеъри Камол Насрулло он аст, ки ишқро, эътиқодро, ойину суннатҳоро ба бозӣ ва тамасхур намегирад. Каломи шоир дар

бардорандаи чанд нуктаи асосӣ аст, ки шеъри ӯро аз дигарон мутафовит сохтааст. Аввал он ки Камол Насрулло дар кори шеър, лафз, баён, мӯҳтаво, тасвир фурмул ва муделҳои фикрии худро дорад. Дувум, навгароиро дар қолабҳои суннатӣ ҳунармандона ва шоирона ба кор меги-

рад. Севум, ҳам аслият ва ҳувияти тасвир, маъно, таркиб, ранг, тафаккур, ҳис дар шеъри шоир ҳукумат мекунад.

Камол Насрулло аз пояҳои диди худ сахтӣ ва мушкилоти ҷориро ба тафаккур мекашад ва аз тарафе низ масоили таърихӣ, динӣ ва фалсафиро баррасӣ мекунад. Дар ин ҳошия шеъри шоир аст, ки бори сангини масоили печидаро ба шона мегирад. Камол Насрулло аз тариқи шеър мехоҳад ба масоили печидаи рӯз, бӯҳронҳои ахлоқӣ посух бигӯяд ва дар рафъи он ҳама масоил ҳақ бигзорад.

*Ин ҳама бодичаҳо обсуворанд ҳанӯз,*
*Ин ҳама роҳравон роҳ надоранд ҳанӯз.*
*Тирамоҳ аст, вале ин ҳама баргони дарахт*
*Бехабар аз худу дар фикри баҳоранд ҳанӯз.*
*Шаҳр бозоргаҳу як сари бесавдо нест,*
*Мефурӯшанд ҳама, ҳарчӣ ки доранд ҳанӯз.*
*Ранги рӯ рафтаву дар хеш авезон чун ҳарф,*
*Ҳама аз коҳилӣ побанди шиоранд ҳанӯз.*
*Ин дарахтон, ки ҳавас кишту басе заҳмат рафт,*
*Сол бигзашт, басе мева надоранд ҳанӯз.*
*Ҳар кӣ он давр гадо буд, ҳам ин давр гадост,*
*Дар сари кор касе буд, ба коранд ҳанӯз.*
*Эй басо рафта расиданд ба сарманзили ишқ,*
*Ин ҳама шишта ба уммеди саворанд ҳанӯз.*
*Ҳама осемаравонанд, куҷо? Сӯйи... фано,*
*Хабар аз оқибати кор надоранд ҳанӯз.* (саҳ. 85)

Камол Насрулло дар кори шеър ба шеър меандешад, қолаб, тарҳ ва шаклро баъд аз кашфи шеър ба кор мегирад. Дар ҳавзаи шеъри шоир тафаккур, ранг, тасвир, мӯҳтаво, лаҳза дар лаҳза, ҳолат дар ҳолат, калима дар калима ба авҷ мерасад. Дар ин авҷ, ё самоъ, маъно, тасвир, шеър аз ҷилди калимот берун меояд. Ин ҷост, ки хонандаи нуктасанҷ арзёбии як шеъри асилро дар ин фазо воковӣ мекунад. Авҷ ё самои калимот дар ин ҳолу ҳаво дар ҳис, дар ранг, дар маъно, дар шакл ҷорӣ мешавад:

*Мехоҳам гулҳоро шукуфам,*
*Мурғаконро сароям.*
*Боронҳоро биборам…*
*Мехоҳам посух бошам, на суол,*
*Мехоҳам соҳили ишқро дарёи «оре» бошам.*
*Муҳаббат гулест*
*барои гузаштагон*
*ба безаволӣ…*

*Чашма суруди покист,*
*Хуршед суруди амният.*
*Инсон қалъаест дар замини эътиқод,*
*Субҳро аз сапедаи дастони ту мешавам рӯшан,*
*Ҳаворо аз накҳати нафасҳои ту мекашам нафас.*
*Мехоҳам аз озарахши хандаи лабҳои оташгунат*
*Чароғи шодӣ фурӯзон шавад дар чеҳраи мардум.*
*Мехоҳам чароғҳоро фурӯзон бошам,*
*Мехоҳам одам аз одам шавад рӯшан.* (саҳ. 43)

Дар ин ҳолу ҳаво, зебоии шеър дар ранг мерезад, ранг дар тасвир, тасвир дар маъно, маъно дар қолаб. Малоҳат ва балоғати шеър ба навҳаи тафаккур, ангезаи ҳис, умқи нигоҳ ва кашфи маъно ҳам марбут аст. Наҳваи тафаккур, сифати ҳис дар шеърҳои шоир шаффоф, соф, зулол, суфта ва рехта аст. Тафаккури пурбор ва ҳисси бедори шоир дар зеҳни калимот ба ҳаракат дармеояд ва дар шеър хулоса мешавад. Шеъри Камол Насрулло аз мушоҳидаҳо саршор аст ва ин мушоҳидаҳо дар шеърҳои ӯ сатҳӣ нест, балки умқҳо ва авҷҳое дорад:

*Чу хандон омадӣ, гуфтам, ки сад шукр*
*Ҳанӯз ин маҳ чароғи осмон аст.* (саҳ. 102)

* * *

*Дастони ту субҳро бедор мекунанд…*
*шабро навозиш…*

*Дастони ту давоми рӯдҳои зулоланд,*
*ки ба дилҳои мо*
*накҳати шаббодаҳоро мерасонанд.*

(саҳ. 50)

* * *

*Ҳар баҳоре як баҳор ишқ аз дилам афшондаам,*
*Мисли гул бо ханда хоҳам мурду бо ҷони ҳалол.*

(саҳ. 124)

Ин таҷруба шеъри шоирро зеботар, шевотар, бедортар ва пурбортар кардааст. Вусъати тафаккур, вусъати нигоҳи Камол Насрулло ба ашё, ба зиндагӣ, ба иҷтимоъ дар ин таҷориб тозатар мегардад ва фазои шеърро аз авҷҳо пур месозад. Ҳамин асораи тафаккур ва ҳис дар зеҳни калимот, рангҳои тасвир, бори маъно, шеърҳои ӯро ҷаззобтару шодобтар сохтааст. Заминаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ низ ба ҷилваи тафаккур, ангезаи ҳис дар шеърҳои шоир таъсирҳо дорад. Шоир дар ин печидагиҳо ҳақиқат ва воқеиятҳоро ҷустуҷӯ мекунад, таҳқиқ мекунад ва ба шеър меорад. Ба жарфои калимаи инсон меандешад, он жарфо аз нигоҳи шоир дили инсон аст. Ва дил ватани меҳру ишқ, ватани имон ба Худованд мебошад. Шоир дар шеърҳои худ бо шеваи мухталиф аз ҳолатҳои дил сухан мегӯяд. Дили одам аст, ки аз озори дунё роҳат надорад, вале даст аз ишқ, аз меҳр барнамедорад. Дили инсон ҳамеша мӯҳтоҷ аст ба меҳр, ба меҳрубонӣ, ба ишқ. Ҳар он дил, ки аз меҳр, аз меҳрубонӣ, аз ишқ, аз имон тиҳист, гунаҳкор аст ва гунаҳкор бояд, ки кафораи гуноҳи хешро бипардозад. Шоир розҳо ва нозҳои худро тақсим бо дил мекунад, танҳоии камранги худро бо ҳузури дил ранг мебахшад. Камол Насрулло дар печидагиҳои рӯзгор гоҳ аз худ фирор мекунад ва гоҳе низ худро ба оғӯши дил мезанад, зеро дар қаҳтии меҳру муҳаббат, қаҳтии садоқат, қаҳтии ишқ касеро ҷуз дил содиқ, ошиқ ва меҳрбор ба худ намеёбад. Агар ишқ дар дил набуд, дил дар вуҷуди инсон ҳақир буд. Агар ишқ дар дил набуд, сукут ба шеър намерасид ва танҳоӣ ба худ.

Шоир садои шеърро аз даруни шеър ҷустуҷӯ мекунад ва дар фалсафаи дил маърифати шеърро. Камол Насрулло вожаи дилро бо вожаи ишқ ва рӯҳ пайванд мезанад. Ишқ, дил ва рӯҳ дар шеъри шоир ба маънои вуҷуд мерасанд ва он маъно инсон аст.

Дил:

*Сад диле ҳамнабзи дил дорам, дили огаҳ куҷост?*
*Сад зимистонро гузаштам, то баҳорон раҳ куҷост?*

(саҳ. 166)

* * *

*Ҳама ҷисми ман чу гӯрест, ҳазор дони мақсуд*
*Ба дил арчи киштаам ман, ба нумӯ нахезам аз худ.*

(саҳ. 146)

Ишқ:

*То ки ёбад шишаи ҷонат ҷилои файз,*
*Ишқро ойинаи ойинаҳо кун, хез!*

(саҳ. 63)

* * *

*Зи ман мапурс кистам, аз куҷо ҳастам,*
*Саломи ишқам, ояи вафо ҳастам.*

(саҳ. 67)

Рӯҳ ва инсон:

*Юсуфи гумгаштае дорам дар ин саҳрои ғам,*
*Чоҳ бисёр аст дар ин раҳ, вале он чаҳ куҷост.*

(саҳ. 166)

Юсуф дар байти фавқ киноя аст аз инсон ва рамзи рӯҳи пок. Аз Бедил ҳамин маъниро бихонед:

*Нури ҷон дар зулматободи бадан гум кардаам,*
*Оҳ аз ин Юсуф, ки ман дар пироҳан гум кардаам.*

(саҳ. 79)

Ба ин тариқ шеъри Камол Насрулло реша дар зиндагии мардум дорад ва рӯҳи зиндагии мардум дар шеърҳои шоир метапад. Чунин аст, ки шеъри Камол Насрулло аз сина ба синае мунташир мешавад. Дар дафтари хотираҳо, зеҳн ва

завқи мардум сабт мегардад. Бе муҳобо, тасвир, баён, мӯҳтаво дар ҳавзаи шеърҳои шоир ҷаззоб аст ва гоҳе низ ҳайратангез:

*Садои рӯшанӣ аз пушти дар дигар намеояд.*

* * *

*Дар ин пойиз ман мерезам аз худ.*

* * *

*Устухонҳои танам панҷараи зиндон аст.*
*Ман вақтро шумурдаам,*
*Ба меъёри муҳаббат,*
*Чанд бӯса зистаам,*
*Чанд ханда рӯидаам,*
*Чанд нола шикастаам...*

Шоир бовар дорад, инсонро зиндагии пок, ҳалол ва боварҳои беҳиял малакутӣ хоҳад кард. Бо ин назар сифати ишқи пок, сифати зиндагии ҳалол сифати боварҳои беҳиял ва шинохти Худованд дар шеърҳои ӯ фаровон ба кор рафтааст. Ва аммо нақши ин мавзӯъ дар шеъри шоир аз аҳли таҳқиқ сӯҳбати ҷудо мехоҳад. Камол Насрулло ба ҳурмати ишқи пок, зиндагии ҳалол, боварҳои беҳиял ва эътиқоди мардум қалам бармедорад, то шеър бигӯяд:

*Дунё зеботар аст аз ниятҳои рангин,*
*Дунё хонаи мост,*
*Мо метавонем,*
*Зиндагиро*
*Як нигоҳ,*
*Як салом,*
*Як дуо,*
*Як табассум зеботар кунем.*

# БОРОНИ РАҲМАТ

Бешак, яке аз он ҳунарҳои ҳамида ва осмонӣ, ки танҳо ва танҳо барои рушд, парвариш ва камоли рӯҳи инсонҳост, шеър аст. Ҳарчанд дар парвариши маънавии инсонҳо театр, синамо, наққошӣ, пайкарасозӣ, мусиқӣ ҳама нақши бевосита дорад.

Ойинаи ҳунар агар бо маънавияти инсон пайванд нахурад, маънавиёт ва зиндагии инсонро таҷассум накунад, ин ойина шикаста беҳ. Тамоми ин ҳунарҳо бо ҳам ҳалқапайванданд, аммо дар ин миён бахси шеър ҷудост. Ин нукта ба исбот расида, ки шеър ҳунари инсонсоз аст. Ва имрӯз рисолати шоирӣ беш аз ҳар вақти дигар дар ҷомеа бояд мавриди таъйид қарор бигирад. Ба рисолати шоирӣ имрӯз ҳам бояд иқрор кард, зеро ҷомеа имрӯз беш аз ҳар вақти дигар ба рушди маънавӣ, парвариш ва камоли маънавӣ ниёзманд аст. Дар ин фазои олудаи маънавӣ, дар ин давраи зиндагии ҷисмҳо ва марги рӯҳҳо зуҳури шоирони воқеӣ, кам аз каромот нест. Атри ҳавои нафаси шоири ҳунарманд ва тавоно фазои маънавиётро аз олудагиҳо соф ва пок месозад. Даму нафаси шоири асил рӯҳи инсонҳоро аз марги тадриҷӣ наҷот медиҳад.

Шоир борони раҳмат аст, дар хушксолии ишқ ва имон, дар хушксолии шукуфтан ва рӯидан, дар хушксолии муҳаббат ва меҳрубонӣ. Шоир чароғи ҳидоят барои инсонҳост дар шабҳои сардаргумӣ. Воқеан, агар шоири ҳунарманд рисолати худро дар ҷомеа аз рӯйи сидқ ва имони шоирӣ самимона, бағаразона анҷом бидиҳад, дар рушд ва ҳамдилии ҷомеа хидмати бузурге хоҳад кард. Ин аст, ки гуфтаам ва боз хоҳам гуфт, ки шоирӣ танҳо ҳунар нест, балки рисолатест бар асолати маънавӣ. Бояд шоир онро барои ҳидояти мардум ба сӯйи ҳаққхоҳӣ, ҳақшиносӣ, худогоҳӣ барои ҳушёрии рӯҳи инсонҳо анҷом бидиҳад. Шоир то шоир аст, чароғдори шаб асту хуршедбардӯши рӯз. Ӯ бори амонати ҳидояти авлоди Одамро бар шона до-

рад ва ногузир аз рафтан аст, ба қадаме пештар аз дигарон дар саҳрои талаб. Хушбахтӣ ва толеи рӯшани халқи тоҷик ва шеъри тоҷикист, ки шоироне дорад аз ин обу гил.

Раҳмат Назрӣ, ки ин сӯҳбат аз баракати ӯ ва аз баракати шеъри ӯст, шоирест аз ҳамин сиришт. Раҳмат Назрӣ шоирест некпай, ошиқ ва дилсӯхта, шоирест, ки бар қадду қомати ишқ ҷомаи сухан дӯхта. Як калоба офтоби меҳр дорад, як сари сӯзан кина надорад. Ӯ бар олам ва қаламрави шеър ин гуна соф ворид шуд.

Рисолати шоирӣ бар дӯш, ишқ ва муҳаббати халқ бар дил. Шеъри ӯ дар сохтори зиндагии ҷомеа таъсири хешро дорад ва шеъри ӯ шеърест омӯзанда, инсонсоз, саршор аз тафаккури ҳақшиносӣ ва худогоҳӣ. Дар давоми сӯҳбат аз он хоҳам гуфт ва онро баррасӣ хоҳам кард.

Раҳмат Назрӣ дар шеър соҳиби тафаккур ва андешаи худ аст. Тафаккур ва андешаи ӯ дар фарҳанги мардум, ойин ва суннатҳои мардум реша дорад.

Аз шеъри «Гаҳворасанг»-и ӯ ин пораро дар ин нигоҳ мехонем:

*Модари ман ҳафт чалпак ҳафтае*
*мепухт*
*Назди оташдон сипос оварда*
*Яздонро.*
*Аз сарам гардондаву мебурд*
*бахшидан*
*Дар мазори ҳазрати Мири Кабир*
*онро.*

(«Садои мардум», 13.04.1996)

Ё худ:

*Фолбинзан бо дуои зери лаб*
*Мекушояд суфраи худ сӯйи кас.*
*Орд мебезад ба китфи кас аз он,*
*Об мепошад аз он бар рӯйи кас.*

(Шеъри «Фолбин», «Дайри муғон» №1-3, соли 1998)

Ё ин ҷо:

*Шаҳри дар дил нолаҳои най,*
*Шаҳри хунёи «Фалак» дар хун.*

*Шаҳри сар дар зонувони хеш,*
*Шаҳри дар андешаи гардун.*

* * *

*Офтоби сӯзаниҳоят*
*Аз бари деворҳои ту*
*Кош, сӯзамро барафрӯзад*
*Як сари сӯзан барои ту.*
(Шеъри «Хоки пок», «Чархи гардун», 17.10.1996)

Ин ҷо аз таҳлили як-як ин пораҳои шеърӣ даст нигоҳ медорам, чун сухан ба дарозо мекашад. Ҳар кӣ аз ойин, суннат ва фарҳанги мардум огоҳ аст, муроди шоирро аз ин пораҳои шеърӣ дармеёбад. Танҳо ин қадар мехоҳам дар ин робита бигӯям, ойин суннат ва фарҳанги мардум шеъри ӯро ширинтар ва дилнишинтар кардааст.

Ойин, суннат ва фарҳанги мардум бар шеъри ӯ таъсири бисёр амиқ дорад. Ойин, суннат ва фарҳанги мардум бо ҳама печидагӣ ва зебоиҳояш дар шеъри ӯ нафас мекашад. Ойин, суннат ва фарҳанги мардум гули ҳафтранги бостонист, ки дар шеъри ӯ шукуфта ва ҳавои шеъри ӯро атрогин карда.

Яъне шеъри Раҳмат Назрӣ ранг-ранг ва пора-пора сӯзании ишқ, муҳаббат ва орзуҳоест дар девори сухан. Шеъри ӯ инсонро ба тафаккур водор месозад ва такондиҳанда аст, зеро фитрат ва рӯҳи мардум дар шеъри ӯ метапад. Бемуҳобо ва бешак Раҳмат Назрӣ шоирест сухансанҷ, дардманд ва огоҳ. Дардманд ба он маъност, ки ҳамеша ҳамдил ва ҳамдарди халқ ва миллати хеш аст. Бедард шеър намегӯяд, бедард даст ба қалам намебарад.

Оҳи ӯ дар шеър оҳи дил аст, ашки ӯ дар шеър ашки дил аст, ишқи ӯ дар шеър ишқи дил аст… Ягонагии рӯҳ ва дард аз омилҳои бисёр муҳим дар шеъри ӯст. Дарди ӯ дар шеър ҳамон дарди мардум аст, ин дардҳоро шоирона, ҷаззоб, рӯъёӣ ва дилнишин бар шеър оварда.

Биёед дубайтие аз ин шоири дардошно ва дилошно бихонем ва дар пойи ин дубайтӣ як нафас ба андеша биравем.

Он вақт хоҳем дарёфт, ки чӣ дард ва чӣ фоҷиаи бузурги инсонӣ дар ин дубайтӣ ниҳуфтааст, ки ин фоҷиа ва ин дард агар бар дӯш бошад, камарро мешиканад. Ӯ мегӯяд:

*Ба дунё як алам андеша дорам,*
*Ба шодиву алам андеша дорам.*
*Ту бо чашмони худ андеша дорӣ,*
*Вале ман бо дилам андеша дорам.*

(«Садои Шарқ», №9, 12, соли 1996, саҳ. 17)

Як чаман ноз, як сина оҳ, як боғ шукуфа, як осмон хоҳиш, як дашт нигоҳ. Як ойина шавқ ва инак як қалам андешаи Раҳмат Назрӣ. Ин сабк ва шеваи баён дар шеъри шоирон фаровон пайдо мешавад. Шоир ба ин шакли баён пеш аз ҳама мехоҳад ҳаҷми дард, зебоӣ, дилбастагии худро барои хонанда во намояд. Раҳмат Назрӣ низ ҳунармандона ва шоирона аз ин шеваи таъбирсозӣ истифода кардааст. Ҳоло бигзарем аз ин ҳунар ва шеваи баёни шоир, то бубинем ӯ чӣ мехоҳад бигӯяд дар ин дубайтии хеш.

Шоир ишораи зебо бар маънои ниҳуфта дорад. Ӯ мегӯяд, дар зиндагӣ, дар ин дунё бо қалам ҳамроз аст. Ҳамон қалам, ки бар қавли Мавлавӣ чун «бар ишқ омад, сари худро шикофт…»

Дасти ӯ бар қалами ишқ ошност ва ин қалам барояш арзиши ҳама чизро дорад. Дар шодиву ғам қалам бо ӯст ва ӯ бо қалам. Ба инсоне, ки андешаи ишқро аз хотир бурдааст ва танҳо бо чашм мебинад ва бо чашм андеша мекунад, афсӯс мехурад, ки зоҳирро мебинад, на ботинро. Афсӯс мехӯрад, ки инсон дилро аз ёд бурдааст. Андешаи инсони имрӯз андешаи чашм аст, на андешаи дил. Раҳмат Назрӣ бо ишораи бисёр нозук ва зарифона ба инсон ҳушдор медиҳад, ки дилро ба хотир биёрад. Дили фаромӯшкардаи худро.

Вақте инсон дилро аз ёд мебарад, чӣ бадбахт аст, зеро дили инсон хонаи ишқ, хонаи раҳм ва хонаи Худост. Шайтон дар тамоми вуҷуди инсон ба ҷуз дил ҷо дорад. Худованд шайтонро иҷоза надод, ки дар дили инсон ҷой бигирад, чун он ҷоро мансуб ба худ медонист. Вақте инсон

дилро фаромӯш мекунад, ишқро, муҳаббатро, раҳмро бахшишро, Худои худро аз хотир мебарад. Тамоми фоҷеаи инсон имрӯз дар ҳамин аст, зеро бо дил ва барои дил намеандешад. Ин аст, ки дар зиндагӣ раҳгумзада аст ва бисёр худхоҳ аст.

Қалам Раҳмат Назриро бо ишқ ва дил наздик кард ва аз тақдири худ розӣ аст, ки бо дил андеша мекунад. Инсонҳоро ба меҳроби дил мехонад, то ҳамдил ва меҳрубон бошанд. Аз роҳи дил бо ҳам биёянд ва ҳамдигарро хубтар бишносанд.

Раҳмат Назрӣ, ончунон ки ишора рафт, шоирест сухансанҷ, огоҳ ва дардпеша. Шоири огоҳ бар он маънност, ки бар рисолати шоирӣ вафодор аст. Шоириро суханбозӣ ва ё ҳавасбозӣ намедонад. Ин аст, ки дар осори Раҳмат Назрӣ ин шоири хушандеша ҷозибаи ишқ, ҷозибаи инсонгарӣ, ҷозибаи муҳаббат хонандаро дар ҷазби худ мегирад. Ин ҷозибаҳо дар шеъри ӯ сохта, берӯҳ ва каззоб нест. Сармояи тафаккури ин шоир дар шеър инсон ва инсонгарист. Шеър мегӯяд, то ошиқро ба ишқ бирасонад. Шеър мегӯяд, то ҳамдилиро ба инсонҳо биомӯзад. Ба ҳар мавзӯъ огоҳона менигарад, огоҳона канор меояд, сипас дар қоби шеър бо ранги сухан ва хиёл мавзӯъро ба тасвир мекашад.

Шоири сухансанҷ ва суханшинос аст. Калимаро дар маҳакки андеша сӯҳон мезанад. Аз ганҷинаи забони халқ беҳтарин калимаҳоро дармеоварад ва чун заргари чирадаст гавҳари калимаҳоро дар зевари шеър мечинад. Таҷаллӣ ва ҷавлони хотири шоир калимаҳост. Калима дар дасти шоир соиқа мешавад, нур мешавад, овоз мешавад, парвона мешавад ва ранг. Ҳар шоир, ки тавониста ба калимаҳо канор биёяд, бо калимаҳо унс бигирад, набз ва ҳисси калимаҳоро бишнавад, шоири муваффақ аст.

Дар ин ҳисоб Раҳмат Назрӣ шоири муваффақ мебошад. Агар ба шеъри ӯ аз диди таҳқиқ ва баррасӣ таваҷҷӯҳ шавад, ин шеваро дар шеъри ӯ мешавад ташхис дод. Ҳамин дардмандӣ, огоҳӣ, сухансанҷӣ решаи ширинӣ, шевоӣ ва равонии шеъри ӯст. Ин ғазалро аз ӯ бо номи «Мӯҳри маҳтоб» мехонем, ки худ номи ғазал як тасвир, як наққошист:

*Ба сарзамини пур аз сӯзи офтобзада*
*Ғунуда нимашабон пуштаҳои хобзада.*
*Гузашта пораи абре чу рӯҳи овора*
*Ба хоки сӯхта бо ашки хеш об зада.*
*Ба сояҳои парешони боғу роғи хазон*
*Вазида аз дара шаббодаи шитобзада.*
*Хазида рӯди таболуд аз канори адир*
*Ба роҳи танги гиреҳхӯрда печу тобзада.*
*Ба хоки кишварам имшаб ситора меборад,*
*Ба хоби дидаи ман фоли беҳисоб зада.*
*Чӣ рӯз мерасад аз раҳ, ки осмон хомӯш*
*Ба хобномаи худ мӯҳри моҳтоб зада…*

Ин ғазал як пора тасвир аст, саршор аз рангҳои дард, ҳасрат ва ишора. Интихоби вазни ғазал бо мусиқии андӯҳ, ҳасрат ва дарди шоир созгор аст. Ҳамоҳангӣ ва ҳамдастии калимаҳо ва ибораҳо мусиқии дарунии ғазалро пару бол дода. Андешаи шоир дар ҳамоҳангии калимаҳо, дар тасвирҳо ва мусиқии шеър печидааст.

Корбурди калимаҳо дар ҳамоҳангӣ низ аз ҳунарҳои шоирӣ дар шеър аст. Дар матлаи ин ғазал ҳарфи зо, ки дар калимаҳо такрор шуда ва калимаҳоро ҳамоҳанг карда. Дар калимаҳои сарзамин, сӯз, офтобзада, ҳарфи зо омадааст ва дар форсӣ низ ин ҳарфи зо дар ин калимаҳо як шакли навишт дорад.

Ин ҳамоҳангӣ ва ҳамдастии калимаҳоро дар байтҳои баъдии ғазал низ метавон дид, ки ташхиси он ба хонанда ҳавола мешавад. Он гуна ки гуфтем, Раҳмат Назрӣ шоирест, ки аз ганҷинаи забон беҳтарин вожаҳо ва калимаҳоро берун меорад. Бо дами нафаси шоирии хеш бар калимаҳо ва вожаҳо дубора ҷон медамад. Бо хиёл, тасвир, андеша калимаҳо ва вожаҳои куҳанро ранг мезанад ва онҳоро дар тоблуи шеъри худ меорад. Намунае чанд дар ин маврид:

**Сангоб:**

Аз сари сангоб селоби дамон бигзаштааст.

**Девбод:**

Девбоди гирдгардон хоки ӯро бехта.

**Тӯмори ашк:**

Ашки худро кош тӯморам диҳӣ.

**Чиллабарф, чилланишин:**

Бар сари танҳоии пиронаи деҳ,
Чиллабарфи чилланишин бориду борид.

**Гаҳворасанг:**

Хуфта буд гаҳворасанге дар канори боғ.

**Ҷонсарак:**

Ҷонсарак аз зиндагӣ, аз ҷони худ серам.

**Як сӯзи хас:**

Маро як сӯзи хас дилсӯзии кас ногаҳонӣ
мекунад гирён.

**Сияҳбод:**

Ғами дерини дунё чун сияҳбоде
Ба роҳи кӯри худ дорад сияҳпӯӣ.

**Гулсанг:**

То кунун дорад шино гулсанги зери об.

**Чашми раҳбин:**

Ба роҳам чашми раҳбини ту раҳбон буд.

**Пуркидан:**

Ту бо андешаҳои талх хоби маро бипурконӣ.

**Навидан:**

Навида хуфишон, соли навад ҳуш дор, ҳуш дор.

**Лабчанг:**

Бизан лабчангро дар зери дандон.

**Ҳампира:**

Чу оташ ҳаммуриди офтоб аст,
Гули оташ бувад ҳампираи ман.

Дар ҳамин ҳошия бояд гуфт, ки Раҳмат Назрӣ ҳунари таркибсозӣ ва таъбирсозиҳои хоси хешро дорад. Дар таркибсозӣ ва таъбирсозӣ аз калимаҳои бостонии мардум истифода мекунад. Дар ин маврид низ чанд намунаро бубинем:

Шаҳтути умр, риштаи тӯмор, сарҳуи дунё, офтоби сӯзанӣ, хоби хорой, дили фулх, ойинаи бедор, гиряи дар гулӯ, роҳи кӯр, боғи урёни дил, сархони худой, гавҳари

чашми гадоӣ, гирдаи нон, чодари роз, зангӯлаи тут, хоби фаромӯшӣ, сояи сабз, парастуҳои сабз, пири тадбир, хуршеди хушхоб…

Аз сабк, шева, вижагиҳои дигари Раҳмат Назрӣ дар шеър тасвирсозиҳои ӯст. Рангҳои тасвир дар мӯҳтаво ва фалсафаи шеърҳои ӯ печидааст. Тасвир дар шеърҳои Раҳмат Назрӣ танҳо як тасвири хушк нест, балки баёнгари эҳсос, андеша ва дунёи инсонист. Дар офариниши тасвир, қувваи хаёл, сувари хаёл аст, ки ба кӯмаки шоир меояд. Қувваи хаёл дар ин таъбир диққат шавад. Шоир бо қувваи хаёл ва сувари хаёл тасвир меофарад ва ҳақиқати пӯшидаи инсонро баён мекунад. Шоир бо қувваи хаёл, эҳсос, тасаввур он ҳақиқати пӯшидаро рангоранг тасвир мекунад. Ва ин тасвирро ба зеҳни хонанда медиҳад. Нуктаи ҳақ дар осори Раҳмат Назрӣ он аст, ки тасаввур ва тахайюл дар шеърҳои ӯ аз воқеият дур ва ғариб нест. Шоир ҳамон воқеиятро, ки инсон дар он зиндагӣ мекунад, ба қолаби шеър меорад. Раҳмат Назрӣ дар як мавзӯъ шуда, ки чанд шеър бигӯяд, аммо бо тасвири тоза, хаёли тоза ва ҳамон отифаи шоирӣ, ки хонандаро ногузир ба худ шефта месозад. Аз ин рӯ, ҳарфҳои ӯ дар шеър такрорӣ, пуч ва беҳуда, бетаъсир нест. Ҳамчунон ки ишора буд, шеърҳои Раҳмат Назрӣ дар оин, суннат ва фарҳанги мардум реша дорад. Ин шева ба таъбирсозӣ, тасвирсозӣ ва мӯҳтавои шеърҳо ва дубайтиҳои ӯ хатти ишорат аст. Ва ин хатро дар шеърҳои Раҳмат Назрӣ ба ҳеч ваҷҳ наметавон нодида гирифт ва аз он бетараф рад шуд. Ҳамин хатти тасвир хонандаро ба шеъри Раҳмат Назрӣ ошно мекунад. Дунёи шоирии Раҳмат дар ин хат таъбир мешавад, тафсир мешавад ва мечархад. Агар ин хатро дар шеърҳои ӯ нодида бигирем, дунёи хаёли ӯро, тасвирҳои шеърашро, ҳисси ӯро, шеъри ӯро наметавонем дарк бисозем. Ва ин хатро, ки роҳнамои хонанда дар шеър аст, дар осори ҳар шоири ҳунарманд метавон пайдо кард. Ин хатро дар шеъри шоир хатти тасвир, хатти тахайюл, хатти эҳсос, дар маҷмӯъ хатти шеъри шоир мешавад ном ниҳод. Ҳар шоир ин хатро дар осори хеш бо ҳис, шева, дид, ангеза ва тахайюли худ меофарад. Ба ҳеч ваҷҳ ин хатро намешавад сабк ном бурд, зеро ҳар шоир дар

заминаи сабкҳои мавҷуд хатти шеъри худро мекашад. Офаридани ин хат марбут мешавад ба ҳунари шоир. Раҳмат Назрӣ дар натиҷаи заҳмати шоирӣ тавониста, ки хатти сабзи шеъри хешро дарёбад. Андеша, дид ва тасвири бадеии Раҳмат Назрӣ шевост. Ин хатти таъбир ва ин хатти тасвир аз ҳақиқати осори ӯст. Ба ҳаллу фасли тасвиргароии Раҳмат назрӣ ин ҷо намеистам, зеро мавзӯи тасвирсозӣ дар шеъри Рҳмат Назрӣ сӯҳбат ва таҳқиқи бешро аз муҳаққиқин интизор аст. Танҳо бо овардани намунае чанд ба он иктифо мекунем, то ин ки хонанда ба тасвирсозиҳои ӯ дар шеър ошно гардад.

*Риштаи тӯмор мебандад*
*Дар сутунҳои ту фарҳангат.*
(Дайри муғон, №1-30, с. 1998)

*Кӯдакиям ҳанӯз мебинад*
*Рӯшаниро ба хоб ними шаб.*
(Адабиёт ва санъат, 10.01.1997)

*Офтоб аз дастам афтод*
*Чун булӯри хунчаконе.*
(Адабиёт ва санъат, 29.08.1997)

*Ки аз пешонии ойинаи бедори девор*
*Кушоӣ нимашаб андешаи ожангии хеш.*
(Адабиёт ва санъат, 19.02.1999)

*Сояи андӯҳ дар анбӯҳи меҳ зад,*
*Барф дар андешаҳои сарди деҳ зад.*
*Роҳро дар гардани кӯҳ чун раги хоб*
*Панҷаи сармо ба ҷодуе гиреҳ зад.*
(Садои мардум, 22.12.1995)

*Бод гарди доманашро мефишонад,*
*Сурфа мегирад гулӯи бодҳоро.*
(Садои мардум, 16.11.1996)

*Саҳар дасти дуоят аз нигоҳи ман*
*Ба як каф рӯшанӣ мешуст хобамро.*
(Чархи гардун, 17.10.1996)

Ин шеваи баён ва тасвиргароии шоирро дар силсилаи дубайтиҳои ӯ, ки ба унвони «Хирмани моҳ» гирдоварӣ шудааст, метавон дид. Раҳмат Назрӣ дар дубайтиҳои худ аз вижагиҳои забон, аносири шеваи баён, аз талмеҳ, иҳом, ташбеҳ, истиора, киноя, ишорот, воқеият хуб ва ҳунармандона суд бурдааст. Ин аст, ки дубайтиҳои ӯ омеза ва таҷаллии зиндагии мардум аст. Ҳасрат, андӯҳ, дард ва шодии инсон дар дубайтиҳои ӯ ширин ва шоирона шакл гирифтааст. Ҳамин хусусиёт дарунмояи дубайтиҳои ӯст. Андеша, ангезаи нозук ва латиф дар дубайтиҳои Раҳмат Назрӣ бо тасвирҳои тоза, диди тоза тавъам омадааст. Тасвирҳои тоза, андеша ва мазмунҳои латифу нозук, мӯҳтаво ва рӯҳи дубайтиҳои Раҳмат Назрист. Омезиши сабкҳои хуросонӣ, ироқӣ, ҷо-ҷо ҳиндиро дар дубайтиҳои ӯ мешавад дид. Раҳмат Назрӣ ин се сабки баёнро бо ҳам пайванд дода, аз дард, ишқ, орзу ва ҳасрати инсони имрӯз хирмани тасвир месозад дар қолаби дубайтӣ. Дубайтиҳои шоир, дубайтиҳои замон аст, аммо бо замон маҳдуд намешавад, зеро дид, андеша ва фалсафаи шеърҳову дубайтиҳои ӯ фаротар аз он аст, ки дар як замон маҳдуд шавад, яъне мавзӯъ ва мӯҳтавои шеърҳо ва дубайтиҳои Раҳмат Назрӣ фалсафаи инсон, ҳикмати инсон тафсири ишқ ва зиндагист, рӯшан аст, ки фалсафаи инсон, ишқ ва зиндагӣ маҳдуд ба як замони хос нест. Ин мавзӯъ, мавзӯест ҳамешагӣ. Раҳмат Назрӣ аз ҳамин дид, аз ҳамин ранг, таобир ва тасвирҳои шоиронаро дар дубайтиҳои хеш овардааст. Ба ин далел тасовир ва таобир дар дубайтиҳои ӯ ранг гум намекунад. Дар дубайтиҳои Раҳмат Назрӣ тасвирҳоеро метавон пайдо кард, ки хос ба худи ӯст. Тасвирҳоеро мешавад пайдо кард, ки баёнгари эҳсос, фалсафа ва мӯҳтавои дубайтиҳои шоир аст, яъне тасовир, забони рангҳо, забони эҳсос, забони дид дар дубайтиҳои ӯ мебошад. Дар ҳар дубайтие, ки Раҳмат Назрӣ ба тасовир канор омадааст, дар ҳошияи он мазмуни шоиронаеро низ овардааст. Раҳмат Назрӣ дар тасвирсозӣ аз ташбеҳ ва истиора фаровон истифода кардааст. Бо мадади ташбеҳ ва истиора шоир тавониста нобтарин ва беҳтарин тасвирҳоро дар пеши чашми хо-

нанда мусаввар кунад. Дар ин ҳисоб ба чанд дубайтии ӯ аз силсилаи «Хирмани моҳ» нигоҳе меафканем:

*Ҷабини хоҳарам месӯхт аз таб,*
*Парастуҳо намехуфтанд он шаб.*
*Ки гул аз гулбаҳори хеш мерафт*
*Ба хоби ҷовидонӣ лоба дар лаб.*

* * *

*Кабудиҳои гардун ранги оҳ аст,*
*Ба шохи боғи зардаш, барги моҳ аст.*
*Сарандози сафеди модари зор*
*Сафед аз мотами хоки сиёҳ аст.*

* * *

*Чу найсон най кашид, оҳанг бишкуфт,*
*Ба рангорангии гул ранг бишкуфт.*
*Ба як во кардани чашми шигифташ*
*Гули борон ба рӯйи санг бишкуфт.*

Дар ин намунаҳои дубайтиҳо Раҳмат Назрӣ ангораҳоро он гуна оварда, ки барои дарк ва тасаввури мӯҳтаво ба хонанда ёрӣ медиҳад. Хонанда тасовирро дар зеҳн мегирад ва аз тариқи тасаввур ба мӯҳтаво ва андешаи шоир мерасад. Хонанда мӯҳтаво ва андешаи шоирро дар рангҳои тасовир тамошо мекунад ва дар рангҳои тасовир таҷаллои мӯҳтаво ва андешаро мебинад. Дар дубайтии нахуст, ки дидем, дард ва рангҳои тасвирро шоир бо ҳам оварда. Шоир дар ин дубайтӣ бо рангҳои тасовир дарди худро, ғуссаи худро хубтар нишон додааст. Бубинем:

*Парастуҳо намехуфтанд он шаб,*
*Ки гул аз гулбаҳори хеш мерафт.*

Тамоми тасовир ва дарди ҷонсӯзи худро Раҳмат дар ин ду мисраъ овардааст. Ё худ бубинем дубайтии дигареро дар ҳамин ҳошия:

*Чу найсон най кашид, оҳанг бишкуфт,*
*Ба рангорангии гул ранг бишкуфт.*
*Ба як во кардани чашми шигифташ*
*Гули борон ба рӯйи санг бишкуфт.*

Ин дубайтӣ ҳама тасвири шукуфтан аст, ҳар калима дар канори калимаи дигар як ранги тасвир аст. Дар ин дубайтӣ ранги тасвир, ранги зебоӣ. Рангҳои шукуфтан даст ба ҳам додаанд. Борони найсон най мекашад, оҳанг мешукуфад ва рангоранг шукуфтани рангро дар рангорангии гулҳо мебинем. Ва қатра-қатра шукуфтани гули боронро ба рӯйи санг. Дар ин ҷо чашми шигифт аст, ки ин ҳама тасвирро, ин ҳама зебоиро ба тамошо менишинад.

Вақте шоир дар сухани худ, дар шеъри худ имон дорад, шеърро фарзанди имон садоқат ва муҳаббат медонад, шеъраш низ шеъри эътиқод ва имон аст. Хонандаро таҳти таъсири каломи худ мегирад. Хонанда ба шеъри шоир ҷазб мешавад. Дар қарне, ки сармоя, моддиёт ба эҳсосҳои отифӣ ва завқҳои зеҳнӣ печидааст ва пирӯз аст. Фарҳанги сармоядорӣ ва моддиёт ба отифаҳои инсонӣ, завқҳои зеҳнӣ соя густарда, зуҳури шоирони асил эъҷоз, падидаи муборак аст. Зуҳури ин қабил шоирон отифаро, имонро, эътиқодро дар инсонҳо бедор месозад. Ин қабил шоирон инсонҳоро ба меҳроби худогоҳӣ, худшиносӣ ба намози ишқ меорад. Нури каломи ҳамин шоирон аст, ки рӯзгори тираи инсонҳоро рӯшан мекунад. Раҳмат Назрӣ бо ҳамин мурод ва ният дар масири шеър қадам бармедорад. Аз ғами халқ, аз ғами Ватан як нафас ҷудо нест. Аввал оҳ мешавад, ашк мешавад, дард мешавад ва баъд шеър. Ба халои маънавӣ ва рӯҳии инсонҳо шеър меорад, шеъри ишқ, шеъри имон, шеъри инсон буданро. Ӯ мегӯяд:

*Меҳр варзидам ба зебоӣ,*
*Меҳрубонӣ ашкборам кард.*

(Ҷунбиш, марти соли 1988)

Раҳмат Назрӣ ба зебоӣ, ки отифаи баланди инсонист, ишқ меварзад. Ба зебоӣ ошиқ аст ва аз мардум меҳрубонӣ

хоҳон аст. Аз меҳрубонии андак чашми ӯ тар мешавад. Аз ин назар муҳимтарин ва кашиштарин сабк дар шеърҳо ва дубайтиҳои Раҳмат сабки андешаи ӯст, ки дар шараёни шеърҳояш ҷорист. Мусиқии эҳсос, мусиқии ишқ, мусиқии шукуфтан, мусиқии розҳо ва ниёзҳоро мешавад аз сабки андешаи ӯ шунид. Дар қолабҳои маъмул Раҳмат Назрӣ тавониста, ки сабки андешаи худро биофарад, зеро муҳимтар ва гиромитар дар шеър аз тамоми сабкҳо, сабки андеша аст. Аз сабки андеша қолаб, шакл зинда мешавад, рӯҳ мегирад ва дар гарави андешаи шоир ҳаққи буданро пайдо мекунад. Чун ҳама шоирони навпардоз ва тозаандеш Раҳмат Назрӣ тозаҷӯӣ, навгӯӣ ва навовариҳои худро дар шеър дорад. Раҳмат дар ҳар қолаб ё шакл, ки шеър бигӯяд ба сабки андешаи худ вафодор аст. Агар шоир қодир бошад, ки шеъри худро бо иҷтимоъ ва мардум пайванд бидиҳад, аз дарди мардум, аз зиндагии мардум наметавонад ҷудо бошад. Ишроқ ва идроки баланди Раҳмат Назриро дар ин робита метавон дар шеърҳояш дид ва ламс кард. Ӯ шеърҳои худро бо иҷтимоъ ва зиндагии мардум пайванд додааст ва дар ин масир аз шоирони пешгом аст. Шеър мегӯяд, то ин ки инсонҳоро пок, меҳрубон самимӣ ва ошиқ бубинад. Бо ҳама фарозу нишебҳо, шикасту рехтҳо, гирифториҳо Раҳмат Назрӣ аз ишқ, аз муҳаббат, аз растагории инсон дил нагирифтааст. Ӯ мегӯяд:

*Зист бояд, зинда бояд монд*
*То баҳори дури фаррухзод.*
*Кош як бори дигар ҷонам*
*Гул кунад, пас ҳарчи бодо бод.*

(Дайри муғон, №1-3, соли 1998)

Ва ин гул, танҳо шукуфтани як гул аз қадами баҳор, аз нафаси баҳор дар шохсори умри ӯ нест. Ин гул, гули ишқ, гули имон, гули умед ва гули фарёди шоир аст. Раҳмат танҳо шукуфтани ин гулро орзу дорад, гуле, ки рӯҳи ӯро, ҷони ӯро муаттар мекунад. Баҳор дар роҳ аст. Баҳори шукуфтанҳо, баҳори тапиданҳо ва рӯиданҳо. Баҳоре, ки

инсонҳоро бегуноҳ месозад. Баҳоре, ки бо худ шукуфаҳои савоб меорад. Баҳоре дар роҳ аст. Баҳоре, ки ойинаи ишқ аст. Кинаро, кудуратро, адоватро ба ишқ, ба меҳрубонӣ, ба муҳаббат табдил медиҳад. Баҳоре меояд, ки дар он инсонҳо ҳама ошиқанд ва ба ишқ мерасанд. Баҳоре, ки дар он инсонҳо ба қадду қомати ишқ намоз мегузоранд. Орзуи ба ин баҳор расидан, орзуи дидани ин баҳор, орзуи сабзи шоир аст ва ин орзуи сабз ӯро зинда медорад.

Раҳмат Назрӣ ба раҳмати инсон, ба ишқ ва муҳаббати инсон, ба ҳиммати инсон бовар дорад. Ҳамин бовар орзуи сабзи ӯст. Ин шеваи баён ва тасвир дар ҳамоҳангии дарунӣ ва берунии шакл ва мӯҳтавои шеърҳои таъсири амиқ дорад. Бояд ишора кард, ки то ин марҳала Раҳмат Назрӣ ройгон ва осон нарасидааст, зеро роҳ ба сӯйи шеъру шоирӣ, фармоишӣ ва супоришӣ нест. Ҳарчанд назар бар он аст, ки як шарти шоирӣ илҳом аст, ки ба шоир ато мешавад. Оре, чунин низ ҳаст, вале шоир бояд то марҳалаи илҳом, ки камоли шоирист худро бирасонад. Раҳмат Назрӣ дар дарёи тӯфонии шеъру шоирӣ андак-андак шиновар шуд. Аз гирдобҳо ва тӯфонҳои ин дарё бигзашт, ба соҳили камол расид. Тавонист рӯҳи шоиронаашро дар шеър бидамад. Дар шеър ба мазмунҳои урён, ҳарири тахайюл ва тасвир бипӯшонад. Ин шоири хушхаёл бо кашфҳои тоза ва андешаҳои такондиҳанда дар шеъру шоирӣ роҳи хоси худро пайдо кардааст. Он гуна ки дида шуд, Раҳмат Назрӣ дар шеъру шоирӣ, танҳо таркибсозиҳои худро ворид накардааст, балки дар ин ҳошия тасвир, андеша, бозёфт ва тахайюли тоза низ аз ӯ дида мешавад. Ҳамин тозагиҳо ва навандешиҳо бунмоя ва ҷавҳари эҷодиёти ӯ мебошад. Шеъри фаровон, ки имрӯзҳо ба интишор мерасад, мутаассифона, аз ин бунмоя ва аз ин ҷавҳар тиҳист. Раҳмат Назрӣ аз маҳдудаи фикрӣ мегузарад, то фарозотар ва фарохотар аз он чӣ ҳаст, бар шеър биандешад.

## ЭЪТИҚОД ВА БОВАР ДАР ШЕЪР

Доро Наҷот аз табори шоирони гӯянда ва ҷӯянда дар шеъри тоҷикист. Андешаи ӯ аз шеър то шеър навтар мешавад, ранг мегирад, густардатар мегардад ва дар тазодҳои ҳастиву нестӣ мепечад. Ҳолатҳои дарунӣ ва берунӣ дар ин тазодҳо, бунёди андешаҳои ӯст. Доро Наҷот шоири зебоиҳост ва ин зебоиҳоро дар сиришти инсон ҷустуҷӯ мекунад. Дафтари шеъри ӯ «Дар он сӯи хобҳо» ин ҳисро дар ман бедор кард. Дарёфтам, ки ҷӯяндагӣ ва пӯяндагии ӯ дар шеър қабл аз ҳарчӣ дар эътиқод ва бовар реша дорад. Яъне, эътиқод ва бовар ба худ, ба зиндагӣ, ба ҷаҳон, ба ҳастӣ ба офариниш. Ҳар шоир ба як чиз эътиқод ва бовар дорад. Дар фазои ҳамин эътиқод, ҳамин бовар шеър мегӯяд. Ҳамин эътиқод ва ҳамин бовар ҷавҳари андешаҳои шоир аст дар шеър. Эътиқод ва бовари Доро Наҷот дар шеър тавҳид аст. Тавҳид ягона донистан аст Худойро. Тамоми пӯяндагӣ ва ҷӯяндагии Доро Наҷот дар шеър аз ҳамин хат мегузарад. Хатти эътиқод ва бовар ба тавҳид:

*Ва ман*
*Иброҳиме дар оташ будам,*
*ки кабӯтариро*
*қуқнусӣ*
*ва оташро гулистон кардам.*
(Кабӯтар ва ҳумо)

*Дар ин гарева*
*хилқат ҳастиямро таҷриба кард.*
*Вуҷуби мазоҳир*
*аз офтобии Худо ба сабӯи рӯҳам рехт.*
(Сиришт)

*Сапедаи тавҳид*
*ба анбӯҳи баргҳоям тӯр танид.*

*Ман ба шабоҳанги маҷнунбедии худ*
*ошно шудам*
*дар васати кӯҳе, ки қабл аз милоди инсон*
*ба хирқае алафин*
*ва дасторе барфин ба намоз истода буд.*
(Рӯйиш)

Калима дар ҳавзаи андешаҳои Доро Наҷот аз як мафҳуми дошта тиҳӣ мешавад. Калима ранг тоза мекунад, нав мешавад, садо мешавад, тасвир мешавад ва даст ба дасти шеър медиҳад. Корбурди калима дар сохтори шеър, дар офаридани шеър ба корбурди ранг мемонад, чун дар ҳунари наққошӣ. Наққош барои тамошоӣ ва ҷаззобияти тасвир рангҳоро ба ҳам меомезад, ранг месозад.

Шоир ҳам дар кори шеър бо калимот чунин як муносибате дорад. Калимаҳоро ба ҳам меомезад, маъноро дар калимаҳо нав месозад ва калима ихтироъ мекунад. Бихонем:

*Дар он сӯи хоби аспҳо*
*гулдӯзии хаёли алафҳост*
*бо шабнами арақи таковароне,*
*ки нафасзанон аз субҳ меоянд.*
*Заррагулҳои наъл*
*мешукуфанд*
*дар таронаҳои шабдезиям.*
(Дар он сӯи хобҳо)

Ин шеър ишора аст ба сураи Одиёт ва риҷъати чобуксавони муваҳҳид.

*Хандарезтарин гуле будӣ*
*ва гирёнтарин диле*
*аз гулоби як ханда*
*ва гулобитарин борон*
*аз савоби як гиря.*
(Таронаи кабӯтарона)

Дар ин ду банд, ки оварда шуд, муносибати шоир бо калима аст, ки аз он гуфтем. Шоир барои ифодаи ҳис ва андеша калимаро тағйири маъно медиҳад. Ҳамон калимаро баъд аз он ба тасвир мекашад. Дар ниҳоят шеър бо тамоми зебоӣ ва бо тамоми ҷилва ва вусъати маъно дар қолаб шакл мебандад. Барои дарки бештар ва ошноии бештар ба ҳавзаи хаёл ва андешаи шоир ба ин ҷадвал таваҷҷӯҳ шавад:

| а) калима | б) тағйири маъно | в) тасвир |
|---|---|---|
| гул | гулдӯзӣ | гулдӯзии хаёли алафҳо |
| гул | заррагул | заррагулҳои наъл |
| гул | гулоб | гулоби як ханда |

Ё бар ин шаклҳо:

*Шигифт маро мебӯид,*
*Шигифт мебӯсид маро.*
*Мастиям сабз мешуд дар хушбӯии шигифт.*
(Сиришт)

а) калима — мастӣ
б) тағйири маъно — сабз мешуд
в) тасвир — дар хушбӯии шигифт

*Рӯд,*
*мӯя мересад шигифтона,*
*ки ғизоле рамида*
*зи бегургии ин дашт...*
(Борони гургзо)

а) калима — рӯд
б) тағйири маъно — мӯя мересад
в) тасвир — шигифтона

Мешавад аз таҳқиқи шеъри Доро Наҷот як ҷадвали томи хатти андешаи ӯро дар иртибот ва таносуб бо калимот тартиб дод. Аммо муҳимтарин ҳарф дар ин сӯҳбат он аст, ки шеъри Доро Наҷот дар низоми эътиқод ва бовар эҷод мешавад. Шеър дар зеҳни ӯ, дар тафаккури ӯ, дар рӯҳи ӯ аз

эътиқод ва бовар рангу бор мегирад. Меъёр, ченак ва ҷавҳари эътиқод ва бовари шоир зиндагии башар аст. Зиндагии башар дар гузашта, дар имрӯз ва дар оянда.

Гузашта:

*Он ҷо,*
*дар соярӯшани канори олам,*
*ки тулӯъ афшураи ғуруб асту*
*уқёнус*
*шукуфаи каҳкашон,*
*рӯҳам*
*бо қойиқе маҳтобӣ*
*сафаре ба уфуқи азал кард.*
(Сукутвора)

Имрӯз:

*Биёед,*
*битаконем ҳастиро,*
*мундиҳои ҷисми худро бишканем.*
*Рӯҳамонро*
*дар половани фано полем,*
*полударо ба гулоби бақо омезем.*
*Бошад, ки бӯи биҳиштии маи висол кунем.*
(Салое ба рақсу самоъ)

Оянда:

*Мегустарам*
*пойандозе*
*зи тугмагулҳои қатраборон*
*ба қудуми исодаме,*
*ки меояд аз тулӯъ.*
*Ва ҳазор сол аст,*
*ки атри дурияшро*
*мебӯсам аз боли парастуҳои хиёл.*
(Нолапайванд)

Доро Наҷот нахуст шеърро дар ҳавзаи зеҳн ва тахаюл ташхис медиҳад, ин ташхис аз шабакаи эътиқод ва бовари

шоир мегузарад. Шоир дар ин ташхис иртиботи мантиқӣ, иртиботи берунӣ ва дарунии калимаҳоро нигоҳ медорад ва аз ҳар паҳлӯ қавитар месозад. Маҳорати шоирро тарзи баён, тасвир, андеша, иртиботи бавосита ва бевоситаи калимаҳо таъин мекунад. Дар ин ҷамъбандӣ қабл аз ҳарчӣ хонанда ба суроғи шеър меравад, шеъре, ки фарзанди эътиқод ва бовари шоир аст. Доро Наҷот дар шеър он гуна, ки ишора рафт, эътиқод ва бовари худро дорад ва ба он содиқ аст. Тамоми ҳарфи шоир дар шеър, дар ҳамин меҳвар мечархад, меҳвари эътиқод ва бовар.

Доро Наҷот азамати ҳунари худро дар ин меҳвар ошкортар ва рангинтар ба ҷилва меорад. Аз калима то калима, аз тасвир то тасвир, аз шеър то шеър эътиқод ва бовари шоир ба авҷ мерасад. Дар ин авҷ шеър аз калимот берун меояд, чун ойина соф мешавад ва нурбор аз таҷаллии эътиқоду бовар.

Доро Наҷот гоҳе мантиқи эътиқод ва боварро фишурда, дар як ифода ба кутоҳӣ, вале дар авҷи завқ баён месозад:

***а) Намози пешини алафҳо***
(Нидое аз зуҳур)
***б) Суҷудро бигӯ, баёзи намозамро сафҳа гардонад.***
(Шатҳиёт)
***в) Маҳтобе хамида дар рукӯъ...***
***Қуллае шикаста дар суҷуд...***
(Вожаҳои акс)
***г) Фариштае мебӯид фариштаеро,***
***рӯҳ рӯҳеро***
(Дар падруд ва дидор)

Арзиши маърифатии сухани шоир дар ҳамин эътиқод, дар ҳамин бовар аст. Эътиқод ва бовари шоир иртиботи мустақим дорад ба фалсафаи фитрат, ҳастӣ, хилқат, ки мояи аслӣ дар он инсон аст ва ҷаҳон, ки инсон дар он зиндагӣ ба сар мебарад. Шоир бояст, ки огоҳии фаровоне дошта бошад, аз инсон, ҳастии инсон, хилқати инсон ва ҷаҳоне, ки инсонро оғӯш дорад. Шоир эътиқод ва боварро бояд бар

инсонҳо талқин кунад. Эътиқод ва бовар дар сиришти ҳар инсоне мавҷуд аст, танҳо дар бархе он хобидааст ва дар бархе бедор. Шоири оянданигар ва камоландеш, танҳо дар тасвир ва нигориш маҳдуд намемонанд, балки рӯҳи эътиқод ва боварро дар шеър медамад. Бо дамидани ин рӯҳ тасвир, нигориш, ифода, зебоӣ, шевоӣ, иртиботи мантиқии калимот дар шеър ҷон мегирад. Меъёри адабии шеър барои хонанда он қадарҳо муҳим нест. Хонанда дунболи он нест, ки бо ин меъёрҳо сару коре бигирад. Хонанда дар шеър пушти эътиқод ва бовар аст, аз шеър онро меҷӯяд. Эътиқод ва бовар хостаи ҷузъи шоир аст дар тасвирҳо, вурудҳо, ки дорои моҳияти кулл аст. Дар ин ҳошия муҳаққиқи эронӣ Зиё Муваҳҳид чунин фармуда:

«Хостгоҳи кулл ҷузъӣ аст ва шоирон дар ин ҷузъ куллро меёбанд. Баночор нишондиҳандагони кулл аз роҳи ҷузъ ҳастанд. («Шеър ва шинохт»). Шоир аз тариқати эътиқод ва бовар, ки ҷузъи шоир аст, моҳияти кулли ҳақиқатҳоро баён месозад. Доро Наҷот бо он ки аз воқеъият фаротар меравад ва шеърро дар ҳарири тасвир, ранг, баён мепӯшад, ҳамеша рӯҳи эътиқод ва боварро дар шеър нигоҳ медорад. Сухани шоир дар шеър бо он ҳама пӯшишҳо ва ҷӯшишҳои ҳунарӣ таҳаққуқ пайдо мекунад. Яъне хонанда ҳарфи ӯро дар шеър қабул медорад, эътиқод, бовар ва сидқ аз шеъри ӯ меомӯзад.

*Ҳотифе ҷеғ мезанад маро,*
*ба сароҳати зуҳур...*
*Бояд биравам*
*ва дар ин раҳгузор*
*дар сабзтарин толоб*
*аз акси ҷангал*
*таҳорати сабз кунам,*
*ва аз намози пешини алафҳо дер намонам.*
(Нидое аз зуҳур)

*Ҳанӯз,*
*дар водии ашк*
*ва муҳаббат*

*дили бе Карбалое нест,*
*диле,*
*бе шақоиқи хаймаи азо...*
*(Навҳарез)*

*Ва чӣ буд оғозам?*
*Шояд*
*оғози ишқи будане дар набудан буд,*
*ки гадоӣ мекард*
*худиямро*
*аз Худо?...*
(Пиндор)

*Ман,*
*ба имомати кӯҳ иқтидо кардам.*
*Кӯҳ бо лаҳҷаи об оя хонд.*
*Тафаккури об*
*ба шараёни навдаҳоям давид*
(Рӯйиш, саҳ. 129)

*Имшаб*
*зи обгинаи чашмони майкашат*
*Нури Худой мечакад бар соғари танам.*
(Қудсошён)

Он гуна ки аз ин намунаҳо пайдост, ҳадди эътиқод ва бовари Доро Наҷот реша дорад дар рӯҳ, сиришт, фитрат ва хилқати башар. Ин ҷост, ки ҳар ҷой дар шеъри Доро Наҷот гул ҳаст, шукуфа ҳасту шукуфтан ва ҳайрати муаттар, ки нафас печидааст дар нафҳаи ризвон ва атри имон:

*Ҳайратам муаттар,*
*иштиёқам гулобӣ...*

*... Дар он сӯи хоби чашмаҳо*
*мазоҳир*
*бол мезанад*

*дар рӯшании тафаккури хилқат*
*ва дар шафақи ёли он таковароне бомдодӣ,*
*ки нафаскашон*
*нафҳаи ризвон мепошанду атри имон.*
(Дар он сӯи хобҳо)

Дар тасаввуф ҳайрат зинаи аввали солик аст. Ин ҳайрат шак нест, балки ҳайрати як ошиқ аст, ки шефтаи қудрати офаридгор аст. Он тур ки дар Қуръон омадааст: Фатабораکаллоҳу аҳсанул холиқун. (Мӯъминун, ояти 14).

Ағлаби шеърҳои Доро Наҷот ҳам рӯҳи эътиқод ва боварро дар хонанда бедор мекунад, ҳам пур аз тасвирҳои тамошоӣ ва зебоист. Хонанда зебоиро дар шеъри Доро Наҷот маза мекунад ва тасвирро тамошо. Шеъри ӯ ба як тасвири тамошоӣ ва зебо шурӯъ мешавад ва бо ҳамон зебоӣ ва ҳамон шевоӣ поён меёбад.

Гоҳе он қадар калима дар калима ғарқ дар тасвир мешавад, ки ноогоҳ аз канори шеър мегузарад, аммо эътиқод ва бовар ва сидқро дар шеър канор намегузорад.

Дигар аз ҷилваҳои ҷолиб, дар шеъри Доро Наҷот, ки меарзад аз он бигӯем, парвоз аст. Мафҳуми овоз, садо дар шеърҳои ӯ парвозро таъбир мекунад. Овоз ва садо дар шеъри ӯ парвоз аст. Парвоз то ба худ, парвоз ба бесӯӣ. Парвоз ба он сӯи хобҳо. Парвоз ба тавҳид, ба эътиқод ва боварҳо. Парвоз ба ишқ, ишқе, ки майгун буду дурдрез аз вокуниши ваҳдат. Ишқе, ки Ҳофизро ба харобот бурд, Бедилро ба кибриёи аҷз, Сайидоро ба косагардонии кӯи ёр:

*Кирдгоро!*
*хаёламро ба дашти шаб афшон,*
*ҷунунамро бивазон,*
*ки бешаҳо ба фарёд оянд.*
*Овозам деҳ...*
*...Парвозам деҳ*
*аз паноҳи дили мусичаҳо*
*то паноҳи дили фариштаҳо*

*... Ишқе буд*
*майгун*
*ва дурдрез аз вокуниши ваҳдат,*
*ки Ҳофизро бурд харобот,*
*Бедилро ба кибриёи аҷз,*
*Сайидоро ба косагардонии кӯят.*

(Шатҳиёт)

Тахайюли мумтоз ва рангини Доро Наҷот дар зеҳни шеър, дар зеҳни калимот, дар зеҳни тасвир ба ҷилва дармеояд. Дар шеъри шоир тахайюл, тасвир, рангҳо, муҳтаво, таъбирҳо ҳама дар ҳаракатанд ва тағйирпазир. Аммо эътиқод ва бовар дар шеъри шоир собит мемонад, шакл тағйир намедиҳад, танҳо рушд меёбад ва комилтар мегардад. Эътиқод ва бовари шоир худогоҳӣ, худшиносӣ, ҷаҳоншиносӣ, маънавиёт ва маърифат аст. Меъёрҳои адабӣ дар шеъри шоир бо шеваи мухталиф ташхис мешавад. Истидлоли ин ташхис эътиқод ва бовари шоир аст, ки дар қолаби меъёрҳои адабӣ ифода меёбад:

*Осмони Худо*
*обе дод*
*гавҳараконӣ дидаи анҷумро*
*зи шукуфойии нилуфари ҷонамозам.*
*Ва меҳробе аз буруҷ*
*хами абрӯйи биҳишт,*
*ки бувад мӯи зарҳалинаш*
*решаи гули ҷонамозам.*

(Нилуфар)

Зебоии зеҳн ва андешаи Доро Наҷот, он гуна ки дар оғози сӯҳбат дидем, аз калима шурӯъ мешавад, ба тасвир мерасад ва аз тасвир ба шеър, ки дар зебоии мутлақ гиреҳ мехурад. Шоир дар ҳавзаи андеша ва тахайюл бархӯрдҳои тоза ва ҷолибе дорад бо калимаҳо ва таркибҳо. Ин корбурдҳо ва бархӯрдҳо дар ҳавзаи шеър

таҷориби хусусии Доро Наҷот аст. Баррасии ин паҳлӯи шеъри Доро Наҷот сӯҳбати дигаре мехоҳад, бигзорем онро барои баъд.

Ба ин тариқ, Доро Наҷот саропо шоири эътиқод ва бовар аст ба тавҳид. Аз рӯи ҳамин рисолат шеър мегӯяд. Дурӯғ ва кизбро аз шеър табъид мекунад, сидқ, эътиқод ва боварро ба шеър меорад. Ба қавли худи шоир дар шинохти ҳастӣ, хилқат ва офариниш ҳанӯз дар нимароҳ аст. Дар нимароҳ аст бо ҳамон эътиқод, бо ҳамон бовар, бо ҳамон сидқ ба Худованд:

*... Дар нимароҳи бовар*
*ноштойӣ кардам ҳайратро,*
*ҳаҷмам ситора шуд,*
*бовари хоколудам*
*шарора шуд,*
*нафсам дидан шуд*
*ва тафаккурам*
*гулбоғи чашмҳо.*
*Дар нимароҳи бовар*
*диданро дидам,*
*ки донистанро мебӯйид*
*ва донистан*
*аз бӯйи дидор*
*мерӯйид.*
(Дар нимароҳ)

# ДАР САБЗТАРИН ФАСЛИ ВОЖАҲО

## Руҷӯъ

Чанд рӯз мешавад, ки дар қоби хаёл тасвири хотира мекашам, аз ёди Искандар, аз зиндагии Искандар аз сарнавишти Искандар,аз шеъри Искандар. Андӯҳ ва ёди ин шоири шавқ ҳолу ҳаворо аз ман гирифтааст. Мисли тасвири азқобафтода гоҳ зард мешавам ва гоҳ дард. Ва пеши чашмонам солҳоеро мебинам, ки бо ӯ дар як қисми низомӣ хидмати сарбозӣ доштем. Аз дурҳои дур, аз пушти солҳо, аз миёни дуди хотираҳо овози нарми ӯро мешунавам. Шайхи Аҷамӣ (Искандар бо шӯхӣ маро ин гуна садо мекард), биё акс бардорем. Ва акс мебардорем. Бо тамоми қад, дар канори ҳам. Дар як рӯзи барфӣ, дар як рӯзи баргрезон, дар як рӯзи наврӯзи хуҷаста… Овози рӯъёие маро ба худ меорад. Ӯ буд, ки аз ман мепурсид:– Он ҳама аксҳо ҳанӯз бо туанд? Мегӯям: – Оре, ҳанӯз бо мананд, дар хотираҳоям. Мепурсад: – Чаро дар хотираҳо? Ҷавоб медиҳам: – Ҳама дар оташи худсӯзиҳо оташ гирифт ва сӯхт. Овозашро боз мешунавам: – Ҳузнро ба дил роҳ мадеҳ. Як чиз ҳаст, ки насӯхтааст, намесӯзад ва ҳамеша мемонад. Он ишқ аст, ишқи мо, ишқ ба хоки Ватан, ишқ ба хоки бобоӣ. Хомӯш мешавам. Ҳақ бо сукут буд, ки садоро дар гулӯ мешикаст. Искандар дар пушти дуди хотираҳо батадриҷ пинҳон мешавад. Ман мемонам ва бороне, ки мебораду меборад… Бо хаёли Искандар аз хатти «Парвоз», ба фасли «Шукуфаҳо» меоям. Ва бо «Садои пои вожаҳо» мерасам то «Кушоиш». Кушоиши ниҳуфтатарин роз, рози як ошиқ, як шоир. Шоири фарёдҳои дар гулӯ гиреҳхӯрда, шоири чашмбароҳ, ба роҳи як дӯст, як ёр… Шоири ангезаҳои ранг ва рӯшноӣ. Инак бардоште,ки аз шеърҳои ин шоири ҷавонмарг насибам шуд, назри шумо, хонандагони азиз месозам.

## Дастҳоямро бовар кун…

Дар аввалин нигоҳ ҳикмате, ки аз шеърҳои Искандари Хатлонӣ дарёфтам, ҳикмати ранг ва рӯшанӣ аст. Аз шеърҳояш дарёфтам, ки ҳикмати ранг ва ҳикмати рӯшноиро беш аз ҳар чизи дигар дӯст медорад ва дар шеър месарояд. Шоир дар хилвати шабҳо, вақте ҳамнишин бо танҳоии худ аст, як пора рӯшанӣ аз офтоб ва як пора рӯшанӣ аз моҳро бо худ дорад. Шеър мегӯяд, то хонандаи худро ба сӯйи рӯшанӣ, ба сӯйи нур ҳидоят фармояд. Ба дилҳои шикаста, ба дилҳои ғариб, нур ва рӯшанӣ мебахшад. Ба ман, ба ту, ба ӯ, ба мо мегӯяд: «Бирои мову ту дардҳоро дар хирмани рӯшанӣ тасвир мекунад». Ин пораро бихонем:

*Дар хилвати вожаҳо нерӯест,*
*Ва ман метавонам*
*Чашмеро бинотар аз он созам, ки дар рӯзи равшан*
*Марде дар ҷустуҷӯи хештан гумроҳ набошад,*
*Ва ҳақиқат рӯспӣ нашавад…*

(Кушоиш, саҳ. 39)

Оре, агар ҳақиқат рӯспӣ шавад, инсонро ба гумроҳӣ мекашад. Инскандар шоирест, ки нерӯи суханро хуб дарк мекунад ва аз он огоҳ аст. Дар худсозӣ ва худшиносии инсонҳо ба таъсири сухан қоил аст ва имон дорад. Ин аст, ки дар ниҳоди вожаҳо ҳамон нерӯро мебинад ва мешиносад. Ҳамин нерӯро ба инсон муаррифӣ мекунад, То инсони пӯё дар рӯзи равшан, дар ҷустуҷӯи хештан гумроҳ набошад. Ва ҳикмат дар зиндагӣ рӯспӣ нашавад. Ин нерӯ, ки шоир аз он васф мекунад, ҳамон ҳикмат аст, ҳамон рӯшанист, ки аз он ёд шуд. Ангезаҳои ранг дар ҳамин рӯшанӣ васл мешавад. Балки тамоми вожаҳо ба шеърҳои Искандари Хатлонӣ пайванди ногусастанӣ дорад ба ҳикмати рӯшанӣ, ба ҳикмати нур. Ҳикмати рӯшанӣ, ҳикмати нур, имони худогоҳӣ, имони худшиносӣ ва имони ҳақшиносии ӯст. Ҳамин фалсафаро барои инсон таъбир мекунад. Дар шеъри «Даричае ба сӯйи раҳоӣ» Искандар фалсафаи рӯшаниву нур ва ангезаи рангҳоро ғанитар, пурбортар, рангинтар ва шевотар баён месозад:

*Чанд гоҳест ба марг меандешам...*
*Танҳо пиндорам ин аст,*
*Ки фардо коре бояд кард,*
*Гиреҳеро боз намуд,*
*Душвореро осон сохт,*
*Ба дидоре расид,*
*Ва бояд номае навишт.*
*Ва интизор кашид*
*Ва чашм ба роҳ буд*
*Ва ё ба ҷойе рафт...*
*Инҳо,*
*Ва боядҳои бешумори дигар*
*Ҳар гоҳамро, ба дарозои як ҷовидон мекашонад*
*Ва ман аз андешаи мурдан растагор мешавам...*
*Танҳо тарс бо ман мемонад,*
*Бими танҳо будан.*
*... ба ёдам мерасад,*
*Ки фардо коре дорам,*
*Ва ба дунболаш бояд биравам*
*Пас ман ҳам гурезгоҳе дорам,*
*Даричае ба сӯйи раҳоӣ...*
*Ва марг,*
*Бигзор ба дунболам биёяд*
*Зеро вазифааш ин аст.*

(Кушоиш, саҳ. 14)

Агар аз фурми ин шеър сухан шавад, он дар қолаби шеъри сапед ё навнимоӣ эҷод шудааст. Ва аз қайди авзони арӯз озод аст. Вале дорои вазни дарунист ва ин вазнро вожаҳо дар ҳамдастӣ ба ҳам ба вуҷуд овардаанд. Ин вазни даруни маҳсул аз мусиқии вожаҳост. Ин шакли шеър дар шеъри ҳамзабонон бисёр роиҷ аст, аммо на ҳама дар ин шакли шеър муваффақият доранд. Искандари Хатлонӣ дар ин шеър мусиқии вожаҳоро хуб ба кор гирифта, ҳаққи мӯҳтаворо ҳам шоирона таъмин кардааст. Мӯҳтавои пурбор дар ин шеър ҳамон рӯшанӣ асту ҳамон ангезаҳои ранг. Искандар ҳатто вақте ки ба марг меандешад, дар тасвири

марг ҳикмати рӯшаниро мебинад. Ва ин рӯшаниро ба дарозои як ҷовидон мекашад. Бинои таснифи андешаи шоир дар ин шеър бар ин ҳикмат аст. Фардо ба коре расидан, гиреҳеро боз намудан, душвореро осон сохтан, дидореро бидидан, нома навиштан, интизорӣ кашидан, чашм ба роҳ будан ин ҳама таркибҳо ва таъбирҳо ишораҳоест ба сӯйи рӯшанӣ, ба сӯйи нур. Рӯшанӣ аз ҳамин дарича дар шеърҳои ӯ ба таҷаллӣ, ба нур мерасад. Хонанда дар ин таҷаллӣ, дар ин нур ҳақиқати зиндагӣ, ҳақиқати ҳастиро, буданро кашф мекунад. Ва кам-кам ҳароси маргро дар дил фурӯ менишонад. Дар паноҳи рӯшанӣ, дар паноҳи нур зиндагиро ламс мекунад. Маъюсӣ ва навмедӣ аз дил дур мешавад. Дилгарм мешавад бар зистан ва бар зиндагӣ, зеро даричае дорад ба сӯйи раҳоӣ. Ва он дарича ҳикмати нур аст, ҳикмати рӯшанист. Таҷаллии он дар ангезаи рангҳо маъно пайдо мекунад, мӯҳтавои зиндагӣ аз нигоҳи Искандар расидан аст ба ин рӯшанӣ, ба ин нур. Бар инсоне, ки дар фосилаҳо қарор дорад, мегӯяд: – Ман роҳи расиданро медонам ба сӯйи нур. Бо ман биё, ба ман даст бидеҳ, дастатро бар дастам бовар кун, то туро ба нур бирасонам. Пушти сароб чӣ меравӣ, бо ман биё, туро ба ҳақиқат, ба нур ошно кунам.

*Биё, бовaратро ман боварам:*
*Биё ба жарфистон биравем!*
*Он ҷо фариштагони бефаноӣ*
*Ҳанӯз он мужда бар нишастаанд…*
*Дастамро ба дастат бовар кун,*
*Ман роҳи расиданро медонам,*
*Сароб нест,*
*Биё,*
*Биё, ки рӯз нима шуда…*

### Насими ситоразор

Дар коргоҳи калом Искандари Хатлонӣ барои баёни эҳсос ва андешаҳои худ шеваи мухталифи адабӣ ва паҳлӯҳои дастнохӯрдаи суханофариниро интихоб мекунад. Ин шоири саропо завқ ва эҳсос, ифодаи сабуки эҳсос ва

андешаро қабул надорад. Эҳсос ва андешаҳои хешро дар парниёни тасвир рангрезӣ мекунад. Бинобар ин, дар шеърҳои ӯ эҳсос, андеша, мӯҳтаво, забон ва тасвир, ранг-ранг ҷилва дорад. Тасвирҳои минётурӣ, андешаҳои ноб забони равон, мӯҳтавои пурбор аз ҷанбаҳои муҳим дар шеърҳои ӯст. Искандар ҳам дар қолабҳои суннатӣ ва ҳам дар қолабҳои ҷадид табъ озмудааст. Дар кори шоирӣ ӯ ҳама гуна қолабро муҳим ва зарур медонад. Дар ҳар қолаб, ки кор анҷом додааст, он қолабро ҷиддӣ гирифта. Назари Искандар бар он буда, ки дар қолабҳои куҳан ҳам ҳамеша бояд як кори тоза ироа шавад. Қолаб барои ӯ мизон ва таъйинкунандаи шеър набуд. Мизони шеър, таъйинкунандаи шеър барои ӯ сухани тоза, баёни тоза, диди тоза, андешаи бикр ва тасвирҳои тоза аст. Ин шеваро худ дар корҳояш анҷом медод. Чун шоире буд аз таҳаввулоти адабӣ огоҳ, медонист ба қолабҳои адабӣ чӣ гуна канор биёяд. Хуб медонист, ки ғазал имрӯз танҳо моли шоирони суннатгаро нест, зеро ғазал дар мӯҳтавои худ дигаргун шуда буд. Оғози ин дигарсозӣ дар ғазал марбут аст ба номи шодравон Лоиқ Шералӣ ва устод Мӯъмин Қаноат. Маҳз ин ду шоир бештар ва фарохтар дар мӯҳтавои ғазал, забони ғазал, тасвирҳои ғазал дигаргунӣ ворид кардаанд. Ин шоирон калимаҳоро аз нақши мавҷуд дар ғазал наҷот додаанд. Дар бадеият низ шакли навро вориди ғазал намудаанд. Искандари Хатлонӣ дар ҳамин шева ба қолабҳои суннатӣ, аз ҷумла ғазал бархӯрд дошт. Корҳоеро дар ин росто ба равиши имрӯз анҷом додааст. Барои намуна як кори ӯро, ки дар қолаби ғазал эҷод кардааст, мехонем:

*Саҳаргаҳе ба суроғам ба ин диёр биё,*
*Шабе ба сони насими ситоразор биё.*
*Агар наойӣ хушдил, сафои ханда ба лаб,*
*Ба доғу дард биё, зору сӯгвор биё.*
*Гиёҳи хушки кавирам, нишаста бар сари санг,*
*Ба гомҳои сапедат чу рӯдбор биё.*
*Ба роҳи омаданат ҳар куҷост хонаи ман,*
*Яке ду бор наё, сад ҳазор бор биё.*

*Чу рози ишқ саранҷом ошкор шавад,*
*Бихезу парда барандозу ошкор биё.*
*(Хуршедҳои гумшуда, саҳ. 234)*

Тасвир, забон, ифода, дид, таркибҳо ва андеша дар ин ғазал нимоист. Аммо қолаби ғазал ҳамон қолаби суннатӣ аст. Породукс, ишораҳо ва таркибҳо рангҳои ҷадиде дар бар доранд ва ин рангҳо ҳосили тахайюли худи шоир аст. Ин шеваи кори шоир рӯйи радиф ва қофия низ таъсир ниҳодааст. Нақши радиф ва қофия дар канори тасвирҳо ва ишораҳову таркибҳо диданӣ ва монданист. Калимаҳо ва ибораҳои ғазал бадеияти шеъри имрӯзро бар дӯш доранд. Вазифаи радиф ва қофия дар ин ғазали ноб тоза ва имрӯзист. Зикри ин нукта воҷиб аст, ки гуфта шавад дар ғазали баланд ва пурбор радиф ва қофия ба мӯҳтаво тобеъ аст ва дар ғазали заиф мӯҳтаво тобеъ аст ба радиф ва қофия. Дар ғазали Искандари Хатлонӣ мӯҳтаво ғанӣ ва пурбор аст, тамоми радиф ва қофия тобеанд ба мӯҳтаво. Таркибҳо зебо ва хотирнишин мисли насими ситоразор, сафои ханда, гиёҳи хушки кавир, гомҳои сапед нигини гаронбаҳо ҳастанд дар ангуштари мӯҳтаво, зебоӣ ва ҷаззобии ғазал мадюнанд бар ин таркибҳо ва тасвирҳо. Агар ин таркибҳо аз ғазал берун оварда шаванд, ғазал хушку бемоя мегардад.

## Манбаи тағзияи завқ

Он гуна, ки ишора шуд, тасвирҳои ноб ва бадият дар шеърҳои Искандар фаровон аст. Фурм, қолаб ва шаклҳои шеъри ӯ он гуна ки баррасӣ шуд, ҳамон қолаб ва шаклҳои роиҷи шеър аст. Аммо дар ҳавзаи тафаккур, баён, мухтаво, тасвир ва таркиб шеъри ӯ вижагиҳои худро дорад. Эътиқод бар сухан, ормонгароӣ ва рӯшанфикрӣ ҳосили заҳматҳои ӯст дар кори сухан. Ёфтани ҳалқаи итисол (пайвастагӣ) миёни шеъри ӯ ва шеъри муосиронаш заҳмати зиёд лозим надорад. Ноқили хаёл ва андешаи зотии Искандар манбаи тағзияи завқи ӯст. Ҳамин нуктаи таъйиншуда аст, ки бо-

ризтарин ваҷҳи шеъри ӯ мансуб мешавад. Андешаи ин шоир дар баён ва кашфи шеър дар як шакл, як фурм, як шева рехта ва маҳдуд набуда, балки аз шеър то шеър дар таҳаввул аст. Шеваи баён, истифодаи мӯҳтавои ғанӣ, корбурди авзони мухталиф, талмеҳ, иҳом дар шеърҳои Искандари Хатлонӣ қобили мулоҳиза ва таҳқиқ аст. Ин шоири ҳасратҳо дар шеър гироиши ифротӣ надошт. Дар шеър арзишҳои инсонӣ ва хилқати ҳамешагии инсонро тасвир мекард. Ҳамин арзишҳо нуктаи таҳрик аст дар шеърҳои ӯ. Ҳамин тафаккур, ҳамин андеша ва гироишҳои ҳамешагии ӯст дар шеър. Искандар аз ҳамон оғоз, ки рӯй ба шеър овард, аз ҳарфҳои такрорӣ, камранг, аз баёни беҳис ва бемоя сар зад. Эътиқоди отифӣ бар сухан ва имони шоириро бар шеър ҳамеша дар худ нигоҳ медошт ва ҳам аз он амал менамуд. Дар шеър ӯ чеҳраи худро дорад. Агар такроре дорад, худро такрор кардааст. Мусаллам аст, ки агар шоир зери услуби шоири аз худ қавӣ бимонад, ҳаргиз аз бунбасти андеша раҳоӣ намеёбад. Ва дар сояи шеъри шоири аз худ қавӣ гумном мемонад. Искандар бо истеъдоде, ки дошт, тавонист аз тақлид ва пайравии беҳосил худро канор гирад. Агар тақдир бевафоӣ намекард, ин шоири ҳушманд аз қабили шоирони ҷараёнсозе мебуд, дар шеъри муосири тоҷикӣ. Баёни мафҳум ва ифодаи таркибҳо дар шеъри ӯ танҳо шиор ва ба хотири фирор аз банди андеша нест. Балки андешаро дар ба кор гирифтани мафҳум ва аркони шеърӣ сайқал медиҳад, то ҷавҳари шеърро дарёбад.

*Ҳарфе ба содагии хок*
*Ва нигоҳе*
*Ба рӯшании об*
*Аз ту ниёзи ман ин аст.*
*Дар рӯзи марги зимистонҳо,*
*Аз фаросӯи расидан меоӣ.*
*Ва садое*
*Дар сапедасор.*
*Эй бартар аз нубуғ,*
*Зулоли ростӣ,*

*Ноби ноб,*
*Хушкистони рӯҳамро*
*Абри раҳмат бош!*
*Гаҳе, даме бибор.*
*Сухан дар сӯги мӯрчагон мемӯям,*
*Дар андӯҳам танҳо магзор!*
*(Хуршедҳои гумшуда, саҳ. 235)*

Ин ҳарфи ба содагии хок таъбири ниёзи рӯҳии як инсон аст. Инсоне, ки дар қарни сардаргумиҳо мӯҳтоҷи як навозиш, як меҳрубонист, мӯҳтоҷи нигоҳи бериё, пок ва самимист ба рӯшании об, инсони рӯшанитаборе аз фаросӯи расидан меояд, бар қаламрави ҳастӣ, чун сапедасор дар садост ва чун садоест дар сапедасор, шоир ин садоро мешиносад, мешунавад ва мебинад. Инсоне меояд, ки зулоли ростист, ноби ноб аст ва бартар аст аз нубуғ. Шоир ӯро мехоҳад, ин абри раҳматро, то хушкистони рӯҳаш аз ин абри раҳмат шодоб шавад. Дар ин банд баён ва ифода ойинаи тамомнамост ва андӯҳи танҳоии шоирро он гуна ки ҳаст, таҷассум мекунад ва ба хонанда нишон медиҳад.

## Рози парвози баланд

Он гуна ки дидем, Искандари Хатлонӣ аз ҳамон оғоз, ки ворид ба дунёи шеър мешавад, худро чун шоири навгаро ба хонандагон муаррифӣ мекунад. Ва ин равишро то охир дар кори шеър нигаҳ медорад. Дар ин равиш Искандар танҳо қолаб ва шаклро ба кор нагирифтааст, балки муваффақ бар он шуда, ки ҳинҷори гуфтор ва чашмандози худро дар шеър дошта бошад. Навгароӣ ва навандешӣ дар шеъри сапед танҳо шикастани авзон ва мисраъ нест, банд то банд шоир боистӣ фарохтар, амиқтар бубинад ва биандешад. Яъне мӯҳтаворо аз як қолаби маҳдудаи байт ба маҳдудаи нисбатан васеътари банд интиқол диҳад. Искандари Хатлонӣ ин паҳлӯи шеъри сапедро зарифона эҳсос мекард ва аз он дар кори шеър истифодаи судманде дошт. Ин шоири ҳис ва андеша диди румонтикии худро бо

суннатҳои миллӣ омехта, ҳақиқати зиндагӣ ва иҷтимоъро он гуна ки ҳаст, тасвир мекунад:

*Падарам*
*Хонае аз гил дорад…*
*Боғча рӯйи кафи дасти Худо мерӯяд,*
*Ва дарахти бодом*
*То ба ширинсамариҳои балоғат бирасад,*
*Борҳо меваи талх ба бор овард…*
*Модарам мегӯяд,*
*Мо ҳама аз хокем*
*Ва ба хок*
*Боз бармегардем…*
*Барф меборад,*
*Роҳро гум кардам*
*Ва намедонам,*
*Ки ба он боғчаи рӯйи кафи дасти Худо*
*Аз куҷо,*
*Аз куҷо,*
*Аз куҷо баргардам!?*
*(Кушоиш, саҳ. 27)*

Кашиш ва ҷозибаи шеър он аст, ки ранги хомӯшӣ дар лаби калимаҳо ба садо меояд. Боғча лабрез аз нафаси як рӯзгор аст. Рӯзгоре, ки шоир аз он дур афтода, кист дар ин лаҳза дари ғамро ба рӯйи шоир бубандад ва дари шодиҳоро бикшояд. Магар нест он ёди сарзамини падарӣ, ёди модар, ёди дарахти бодом ва ёди боғчае, ки аз раҳмати Худо гулбор аст. Шоир аз ойинаи хотира ғубор мешӯяд, то дубора боғчаро, дарахти бодомро, хонаи гилии падар ва кӯдакии гумкардаи худро бубинад. Шеър лабрез аз замзамаи ҳис, парвози хаёл, андӯҳи ширин ва хотираи сабз ва боғчаи падарист. Муаммои роҳро гум кардани шоир ҳамин ҷост, ки дигар наметавонад ба кӯдакӣ баргардад. Ва ин роҳро гум кардааст. Панҷараи хотира мекушояд шоир ва он ҳама сурати тасвирро аз ин дарича ба шеър меорад. Ҷойи гиреҳ хӯрдани эҳсоси шоир ба хотираҳо, бо кӯдакӣ, хонаи гилии

падар, модар, дарахти бодом боғча аст. Мавзӯъ ва мазмун ҳам аз омилҳои муҳим аст дар шеъри Искандар. Хатти сайри ин шоири ҳақбин бештар дар мавзӯъ ва мазмун таъбир мешавад. Искандари Хатлонӣ бо истеъдоди хуби шоирона метавонист як ҷараёни бузурги мӯҳтаворо дар як тасвир, дар як калима хулоса кунад. Хонанда аз шеъри ӯ ҳам мутаассир мешавад ва ҳам лаззат мебарад ва ҳам паҳлӯе аз зиндагиро бо рангҳояш дармеёбад, ки аслан бояд шеър ин гуна бошад. Ин се пайванд-мутаассир шудан, лаззат бурдан ва дарёфтан ҳамеша дар ашъори шоирони бузург канори ҳам қарор доранд. Шеваи кори Искандари Хатлонӣ дар шеър бо ин ки мӯҷаз ва фишурда аст, вале бори маъноии шеърҳояш сангин ва пурбор аст. Шоир дар шеър бештар услуби баёни фишурдаро дӯст медорад. Аз гуфтани тӯлонии дунболадор парҳез дорад, балки ин шеваи баёнро он қадарҳо қабул надорад. Ҳоло шоирони ҳамзабон шеърҳои тӯлонии сапедро дар бандҳо ҷудо мекунанд, то хонанда аз банд то банд роҳат битавонад шеърро дар худ ҳулул бикунонад. Искандари Хатлонӣ хонандаро дар шеър ба саргардонӣ намебарад, дар як бозии андеша, дар ойинаи тасвир мӯҳтаворо фишурда хулоса мекунад. Таваҷҷӯҳ кунед:

*Номатро*
*Дар лоҷварди шабонгоҳи шаҳр меҷӯям,*
*Дар дуртарин чашмаи кӯҳистон*
*Ҳангоме ки об*
*Андӯҳи бе ту буданро*
*Бо ман месарояд.*
*Садоятро мешунавам,*
*Ва интизоратро*
*Чун санги гӯри хеш,*
*Ба дӯш мекашам.*

* * *

*Бишнав!*
*Тардиде нест,*
*Фарёдест,*
*Ки дар фосила мепечад.*

* * *

*Дастҳоятро*
*Дар лаҳазоти ятимии хотираҳо*
*Фарёд мезанам...*
*(Садои пойи вожаҳо, саҳ. 2)*

Яке аз ҷанбаҳои дигар дар шеъри Искандар ин аст, ки ӯ худбин нест. Ҳамеша дар шеър дигаронро меҷӯяд, дигаронро кашф мекунад, то фалсафаи инсониро беҳтар дарёбад ва беҳтар бишносад. Худбин ҳаргиз бар он нест, ки ҷуз худ дигаронро бубинад. Худбин ҳатто одамонро намешиносад. Искандари Хатлонӣ дар шеър ин суннатродарёфтани дигаронро ба инсон тарғиб мекунад. Таҷаллии ин маърифат дар шеърҳои ӯ бисёр рӯшан аст. Аносири аслии шеърҳои ин шоир истифодаи суннатҳои миллӣ, таркибҳои мардумӣ, сифати ишқ ва ҳастист. Ин аносир шабакаи андеша ва тафаккури ӯст дар шеър. Шеваи баёни ӯ дар мӯҳтаво ҷаззоб мешавад, ранг мегирад ва табдил меёбад ба шеър. Зебоии андеша, тасвир, шеваи баён, отифа ва зарофати эҳсос ҳуҷҷати таъйиншудаест дар парвандаи шоирии ӯ. Ва ин ҳуҷҷатро наметавон дар ҳунари шоирии Искандар нодида гирифт. Ҳоло зебоии андеша, зарофати эҳсос, тасвир ва шеваи баёни ӯро дар ин пора бихонем:

*Ман ташна будам,*
*Омадам ба остони хонаат,*
*Вале ба косаи мани ятими ишқ*
*Заҳри ҷудоиро нарехтӣ.*
*Гурехтӣ,*
*Гурехтӣ.*
*На аз ману на аз нигоҳи ман,*
*Аз сарнавишти худ гурехтӣ.*

## Хилқат, ҳастӣ ва ишқ

Искандар шоири андӯҳи ҳасрат ва танҳоист, аммо ҳамеша дар ҷустуҷӯ ва орзуи ишқ. Ин аст, ки дар шеърҳои худ ҳастиро, хилқатро, ҳақиқатро, дӯстиро, меҳрубониро

ва ишқро решаёбӣ мекунад. Ба ҷаҳон ва ҳастӣ дар ин росто чашмандози худро дорад. Ба ғами инсон, ба ҳастии инсон аз даричаи таҳқиқи худ менигарад. Ғами инсон, тафсири ҳастӣ, хилқат ва ишқ дар таърихи шеър тоза нест. Балки ин ғамро, ин ҳастиро, ин ишқро дар шеър кашф кардан ҳунар аст. Искандар ҳам бо дид ва андешаи худ, фалсафаи ҳастӣ, хилқат ва ишқро дар шеър тафсир мекунад. Агар ки дар ҷойе шак дорад, бар он шак дорад, ки оё метавонад бар ишқ бирасад. Ҳастиро, хилқатро дар ишқ дарёбад, ҳастиро, хилқатро дар ишқ ва ишқро дар ҳастиву хилқат тафсир кунад. Бар он мекӯшад, ки бо иксири калом, бо иксири шеър ба одами хокӣ зари ишқро ошно кунад. Одами хокӣ ин ишқро, ин зари ҳастиро бишносад ва қадрдон бар он бошад, зеро хилқат ва ҳастӣ аз ҳамин ишқ сиришта шудааст. Искандари Хатлонӣ аз тариқи калимаҳо ва шеър мехоҳад таъми ишқро маза кунад. Хаёли ӯ, шеъри ӯ аз ишқ ва эътиқод ба ҳастӣ ва хилқат реша мегирад. Дар шеър аз ин ду мафҳум-ишқ ва эътиқод ҳамеша пайравӣ мекунад, ҳамин ҳисро хонанда аз шеърҳои ӯ дармеёбад. Ҳисси ишқ ва ҳисси эътиқод. Хонанда дар шеърҳои ӯ бо ин ду мафҳум ҳамнафас ва ҳамнишин мешавад. Ишқ дар шеърҳои Искандар боли парандаи афкор аст, афкори ишқ, афкори ҳастӣ ва афкори хилқат. Дар шеъри Искандар, агар ба дарки ин мафҳум бирасем, он гоҳ мафҳуми ишқро ҳам дар шеъри ӯ роҳаттар хоҳем фаҳмид. Ӯ як шоири ишқгарост, ки дар фалсафаи ҳастӣ ва хилқат барои тафсири ишқ ба шеър канор меояд. Яъне инсонро ба маърифати ишқ ошно мекунад ва медонад, ки инсон танҳо аз ҳамин роҳ комил мешавад. Худро мешиносад, ҳастиро мешиносад ва хилқатро. Инсон вақте ишқро дарк мекунад ва мешиносад, зебоиро, ҳастиро ва хилқатро метавонад бишносад. Искандари Хатлонӣ андӯҳи худро, ҳасратҳои талху ширинашро ва ҳатто танҳоии худро дар ишқ мепайвандад, то ба ҷовидонагии ишқ бирасад. Ишқ мазмуни ҳастии инсон аст ва ҳастӣ аз ишқ шакл мегирад. Шоире, ки ғурбати ишқро гиристааст, чӣ гуна метавонад бо ишқ бегона монад? Вақте аз дунё ва зиндагии бемазмуни инсонҳо дилгир мешавад,

панҷарае мекушояд ба сӯйи ишқ. Аз ин ҳама бемазмуниҳо ва парешониҳо ба паноҳи ишқ меравад. Дар кӯчаҳои танҳоӣ ва ғурбат дасти ишқро мегирад, то ки танҳо ва ғариб набошад. Искандари Хатлонӣ ба ишқ,ба мазмуни ҳастӣ ва хилқат роҳ мепӯяд:

*Дар бепаноҳӣ шабаҳе будам,*
*Бешаклу мазмун...*
*Сояи девори баланди ноилоҷӣ,*
*Оташаке нимҷон,*
*Дар хокистар надонам, чӣ кунам...*
*Ту аз куҷо омадаӣ?...*
*Ному нишонамро кӣ бароят гуфтааст?...*
*Бигӯ, аз куҷо омадаӣ.*

(Кушоиш, саҳ. 36)

Хулоса ишқ дар шеърҳои Искандари Хатлонӣ рӯшанӣ асту покӣ. Ишқ дар шеърҳои ӯ афсона нест, бофтаву сохта нест. Ишқ дар шеърҳои ӯ ғурбат аст, андӯҳ аст, зебоист ва меҳробест дар ҳошияи ҳастӣ ва хилқат.

## Бо кӯлаборе аз вожаҳо

Искандари Хатлонӣ шоире буд бо кӯлаборе аз вожаҳо, вожаҳои раҳмат, меҳрубонӣ ва муҳаббат. Дар шабакаи зеҳн шеваи мухталифи баён ва тасвирро дар иртибот бо калимаҳо таҷруба мекард. Мӯҳтаво, андешаҳояшро ба таҷруба менишинад ва дар боғи маъно гиёҳи вожаҳоро сабз мекунад. Дар ҳарими оромиши андешаҳояш ба кашфи ҳақиқати сухан мепардозад. Калимаҳои ғарибро аз фаромӯшиҳо бо ранг ва маънои тоза ба ватани шеър меоварад. Ҷавҳари тафаккур, ҷавҳари шеърашро аз чунин вожаҳо ранг медиҳад:

*Бо вожагонат*
*Сангро об мекунӣ.*

(Кушоиш, саҳ. 7)

*Оҳ, дигар мурғи дилам мурдааст*
*Дар вожагони шифобахш.* (саҳ. 8)

*Дар ҷангали вожаҳо паноҳ мебарам.* (саҳ. 18)

*Ва садои пойи вожаҳоро*
*Дар сутунмӯҳраҳоям мешунавам...* (саҳ. 19)

*Маро ҳавои вожа ба жарфнои хеш мехонад...* (саҳ. 22)

*Лабон омодаи милоди кадом вожа аст...* (саҳ. 34)

*Ба ҷуз вожаҳо ҳеч надорам,*
*Пойандози туро аз чӣ бисозам!?* (саҳ. 38)

Бешак, шеъри берӯҳ хастакунанда аст ва ба ҳеч дарде намехурад. Искандар дар ҳар қолаб, ки шеър бигӯяд, нахуст рӯҳи шеърро дар қолаб медамад. Дар рӯҳонияти шеър сарнавишти мӯҳтаво ва калимаҳоро таъйин мекунад. Мусиқии дарунӣ ҳам дар шеърҳои Искандар саршор аз танини эҳсос аст, зеро ӯ вожаҳоро хуб дарк мекунад, ҳис мекунад, бо вожаҳо шоирона ва огоҳона канор меояд. Ҳамин таҷрибаҳост, ки шоир дар дамидани рӯҳи мазмун дар тани калимаҳо пешдаст аст. Хонанда фалсафаи вожаҳоро дар шеъри ӯ аз тариқи ҳамин ҷозибаҳо мешиносад, дармеёбад ва дар зеҳн мегирад. Искандари Хатлонӣ чун бо ҳисси вожаҳо хуб ошност, таъбири дупаҳлӯиро бо баёни ороста ва зебо дар шеърҳояш ба кор мебарад. Кашиши вожаҳо, отифаи қавӣ, тафаккури суннатӣ, тасвиргарой дар маъно аз паҳлӯҳои бисёр зариф аст дар шеъри ӯ. Тафаккур ва андеша дар шеърҳои ӯ шарқист. Завқи навҷӯӣ, навгӯии худро дар тасвирҳои ноб ва мӯҳтавои бикр мерезад. Аз зарофат ва ҷаззобияти калимаҳо дар кори сухан огоҳона баҳравар мешавад:

*... ӯ мерасад рӯзе канори чашмаи Хизр,*
*то сояи сабзи дарахти ормонҳояш.*
(Садои пойи вожаҳо, саҳ. 14)

*... Инак баҳор, ҷангалҳои Нимост дар Мозандарон,*
*ки бо поиз мегарояд,*
*Агар ту наоӣ.*

(Кушоиш, саҳ. 7)

*Лаҳзаеро дидам,*
*Ки ба осудагии марди пир*
*Менишинад лаби ҳавз*
*Ва асое бар каф...*
*...Лаҳзаеро дидам,*
*Ки ба лабханди як кӯдаки шӯх,*
*Нур мерехт,*
*Шодӣ мебахшид...*

(Шукуфтаҳо, саҳ. 42)

Ҳине ки ҳамсолони шоир пой дар обу гили кӯдакӣ монда буданд ва дар мавзӯъҳои сатҳии рӯз шеър мегуфтанд, ӯ ба муҳимтарин ва доғтарин мавзӯҳои рӯз даст зад. Мавзӯи доғро на ба шиор, балки ба шеър пайванд дод: «Сӯгномае барои Қаҳҳори Осӣ» (шоири Афғонистон), «Манзил харидам», «Хоби сангин ва оғози нангин», «Қуфли шикаста, калиди гумшуда», «Шиноварони дарёи хун» аз корҳои шоистае мебошанд дар мавзӯҳои доғ. Бад-ин тартиб бояд иқрор кард, ки Искандари Хатлонӣ шоири тафаккур ва зиндагист ва дар ҳар шеър ҳузури худро нишон медиҳад, истеъдоди истиқлоли баён ва андеша дар ӯ фитрист. Таъсирпазирӣ дар шеъри ӯ аз дигарон камранг аст, агар ҳам ҳаст, онро ё такмил дода ё аз ҳар паҳлӯ тозатар ва навтар кардааст. Дар кори сухан ва шеър ихтиёри калимаҳоро ҳамеша метавонист дар худ нигаҳ бидорад. Ин аст, ки мусиқӣ, равонӣ, ҳамоҳангӣ ва ҳамдастии калимаҳо дар шеъри ӯ пухта ва рехта аст. Ёди ӯ дар сабзтарин фасли вожаҳо барои ҳамеша хоҳад монд.

# НАДОРАМ ТАКЯ ҶУЗ БАР ХОМАИ ХУД...

Башар дар ду ҳастӣ аз вуҷуди хеш башорат медиҳад ва дар ду ҳастӣ зиндагӣ ба сар мебарад. Ва ин фалсафа ҳастии зоҳир ва ҳастии ботинро дар сиришти башар шакл медиҳад. Ҳастии зоҳирро зиндагии моддии башар метавон гуфт ва ҳастии ботинро зиндагии маънавии он. Ҳастии зоҳир инсонро ба маҳдудият ва қайдҳои моддӣ гирифтор мекунад. Аммо инсони худогоҳ дар ин нишеман гирифтор дар қайди моддиёт нахоҳад монд. Балки зиндагии маънавиро дар худ рушд медиҳад, ҷавҳари ҳастии хешро дар ин доира ошкор месозад, худро мешиносад ва худ мешавад. Садои шоир инсонро ба сӯи ҳамин ҳастӣ, ҳастии ҷовид, ҳастии рӯҳ фаро мехонад. Шоирони асил ҳамвора дар ҳама давр инсонро бо ин ҳастӣ сифат кардаанд. Васфи инсон бо ин сифат дар шеъри шоирон имрӯз ҳам идома дорад.

Низом Қосим дар шеъри муъосири тоҷикӣ як тан аз он шоирон аст, ки андеша ва тафаккури ӯ дар ҳамин меҳвар шакл мегирад ва ҳастии маънавии инсонро ба номи шеър сифат мекунад. Аз фаросӯи тафаккур, аз фаросӯи андеша мегузарад ва бо каломи шеър аз ҳастии маънавии инсон сухан мегӯяд. Тафаккур ва нигоҳи Низом Қосим дар кашфи ин мавзӯъ бештар жарфият мегирад ва дар шеър гиреҳ мехӯрад. Барои баррасии бештари мавзӯъ дафтари шеъри ӯро ба номи «Барги саломи сабз» мекушоем ва мехонем:

*Дар гулистони ҷаҳон бо хор одат кардаам,*
*Буда беозору бо озор одат кардаам.*
*Чорасозӣ кардаам якчанд андар орзу,*
*Гарчи бо бечорагӣ ночор одат кардаам.*
*Хушктабъам дигар аз бозоргониҳои давр*
*Ман, ки бо шеъри тари Бозор одат кардаам.*
*Дида афзун ёрии ағёру ағёрии ёр,*
*Бо хаёли ёр бо ноёр одат кардаам.*

*Ҳалқи Мансурам, ки чун чарби аналҳақ хӯрдаам,*
*Дар мадори зиндагӣ бо дор одат кардаам.*
*Аз амалҳои ҷаҳон дигар хушу нохуш наям,*
*Бо баду некаш дигар бисёр одат кардаам.*

(Одат, саҳ. 31).

Низом Қосим дар таъбири «гулистони ҷаҳон» ҳастии маънавии инсонҳоро маъно мекунад. Мақсуд аз «ҷаҳон» башар мебошад ва аз «гулистон» – маърифат, фарҳанг, маънавият. Яъне, шоир арз медорад, ки башар аз тариқи маърифат ва ҳастии маънавӣ шукуфо мешавад, самар медиҳад, ҳақиқати зиндагиро дармеёбад. Ба ин тариқ, Низом Қосим зиндагии маънавиро сифат мекунад ва ин сифат дар таркиби «гулистони ҷаҳон» таъбир мешавад. Гулистони ҷаҳон барои шоир рамз ва сифати ҳастии ботин, яъне ҳамон зиндагии маънавии башар аст. Низом Қосим бар он аст, ки бақо ва сафои башар танҳо дар нумӯ ва шукуфоии зиндагии маънавист. Ҳар инсони худогоҳ ва соҳибдил дар вуҷуди хеш ин сифат, ин гулистонро бояд ки бедор ва гулбор кунад. Хор аз нигоҳи шоир рамзи заҳмат, озор ва ранҷ аст. Яъне, барои шукуфтан, барои расидан ба ҳақиқати зиндагӣ бояд, ки ранҷҳо кашид. Аз нигоҳи дигар калимаи «хор» киноя аст аз ҳастии зоҳири як инсон. Ҳар он ки барои ҳастии зоҳир рӯз мебарад, зиндагӣ мекунад, ногузир ҳосил аз он хор аст. Яъне, ҳеч аст ва он ҳеч беҳудагиву беборист, ки ба инсон билохира пушаймонӣ меорад. Шоир гулистони маърифат аст дар канори хор, дар канори зоҳирпарастон. Шоир бо он ки ба ин ҳолу ҳаво одат кардааст, аз хор озорҳо мекашад. Ҳарчанд чун гулистон зебо ва беозор аст, боз ҳам бар ӯ озорҳо мерасад. Аммо ӯ зиндагии маънавӣ, гулистони маънавиро, ҳастии маънавиро бартар ва беҳтар аз озорҳои хор медонад:

*Дар гулистони ҷаҳон бо хор одат кардаам,*
*Буда беозору бо озор одат кардаам.*

«Бечорагӣ» дар луғат ба маънои нодориву дармондагист. Бечора касеро гӯянд, ки ҳеч коре аз дасти ӯ сохта

нест. Аммо ин калима дар ғазали шоир ба маънои фақри маънавист. Фақри маънавӣ барои як миллат фоҷиа ва даҳшат аст. Шоир орзу мекунад, ки чорасози бечора (фақри маънавӣ) бошад. Калимаи орзу ҳамон зиндагии маънавист ва онро чорасози бечорагӣ медонад.

*Чорасозӣ кардаам якчанд андар орзу,*
*Гарчи бо бечорагӣ ночор одат кардаам.*

Шоир бар он орзуст, ки мардумро ба тарфи гулистон (зиндагии маънавӣ) бихонад. Ва бо мардум аз ҳақиқати зиндагӣ, маънои будан, хирад, озодиву озодагӣ сӯҳбат биорояд. Аммо ҳеч гӯши суханшунав нест, ки ӯро бишнавад, соҳибдилеро барои сӯҳбат намебинад ва ба ночор беҳтар медонад, ки бо як девор сӯҳбат кунад. Калимаи «сӯҳбат» дар шеъри шоир ба маънои ёриву ҳамдилӣ, муъоширать, гуфтугӯ, ҳамнишинӣ ва ҳамдилӣ омадааст. Он чи инсон имрӯз бар он сахт ниёз дорад, ҳамин аст. Яъне, ҳамдилӣ дар зиндагии маънавӣ, дар худогоҳӣ ва худшиносӣ:

*Такябардеворҳоро дидаам нотакягир,*
*Рафтаву бо сӯҳбати девор одат кардаам.*

Табъи равони шоир ҳамон гулистони маърифат, ҳамон ҳастии маънавист. Ин табъи равон аз бозоргониҳои бебор ва беҳуда хушк мешавад. Табъи равонро метавон бо хотира, зеҳн ва хирад, ки башар ба он зинда аст, ташбеҳ дод. Низом Қосим нигарон аст,ки мабод ин ҷавҳари ҳастии инсон, яъне зеҳн, хотира дар инсонҳо бихушкад. Дар ин бозори моддиёт инсон аз зиндагии маънавӣ батадриҷ дур мешавад, ҳақиқати зистанро аз ёд мебарад. Балки ҷавҳари ҳастиро нохудогоҳ дар вуҷуди худ маҳв месозад. Баҳс ва таҳқиқи ин мавзӯъ дар ҳавзаи шеъри шоирон таърихи тӯлонӣ дорад ва ҳаллу фасли ин мавзӯъ дар осори қаламкашон аз мавзуъоти аввал будааст. Ҳунармандони асил ҳамеша аз он нигарон буданд, ки мабод башар

ҳақиқати зистанро фаромӯш кунад. Мабод аз зиндагии маънавӣ канор бигирад, мабод худро дар худ аз ёд бибарад. Ба ин хотир ҳамеша шеъри онон башарро ҳушдор медиҳад, то башар аз ҳастии маънавӣ фаромӯш насозад. Ин ҷавҳари ҳастиро Низом Қосим дар кори худ ба шеър ташбеҳ медиҳад. Калимаи шеър дар кори Низом Қосим таъбири ҷавҳари ҳастӣ, рамзи зиндагии маънавист. Шоир бар он аст, ки бидуни ин ҷавҳар вуҷуди башар хушк хоҳад шуд:

*Хушктабъам дигар аз бозоргониҳои давр*
*Ман, ки бо шеъри тари Бозор одат кардаам.*

Шоир дар бозори печида ва сардаргум ёри худро меҷӯяд. Яъне, ҳамдил, ҳамроз ва ҳамнишини худро. Бозоргониҳои даври бераҳм ёр, ҳамдил, ҳамнишинро аз ӯ рабудааст. Ёр дӯст, рафиқ, ҳамдам, ҳамдил, маҳбуб, мададгор, маъшуқ ва гулистони маънавии шоир мебошад. Шоир бар он ишорат медорад, ки бозоре чунин азизонро аз ҳам ҷудо мекунад, дар ин бозор инсон аз инсон бегона мешавад. Низом Қосим нозук шикоят мекунад аз ёр, вале дил аз ӯ барнамедорад:

*Дида афзун ёрии ағёру ағёрии ёр,*
*Бо хаёли ёр бо ноёр одат кардаам.*

Бо ин вуҷуд боз ҳамон ёр, ҳамон ҳамдил ва ҳамрози маънавист, ки шоирро аз печидагиҳо ва сардаргумиҳои бозори зоҳирсоз наҷот медиҳад. Ин шеваи шикоят аз ёр дар Ҳофиз ҳам вуҷуд дорад:

*З-он ёри дилнавозам шукрест бо шикоят,*
*Гар нуктадони ишқӣ, бишнав ту ин ҳикоят.*
(Девони Ҳофиз,саҳ.63).

Бо ин тартиб зиндагии шоир ба бозоргониҳои давр дар зоҳир ҳамранг аст, аммо дар асл ва дар воқеият аз он ҷудост. Шоир аз ишқ, аз маърифат, аз рӯҳоният гулистоне

дорад шукуфта. Зиндагии маънавии ӯ дар ҳавои ҳамин гулистон мешукуфад. Дар фарозу фуруди зиндагӣ мансурвор меравад (Мансур рамзи инсони комил аст), ҳамчун Мансур дар талаби ҳақ аз мадори зиндагӣ ба дор (сахтиҳои дунё) менигарад. Шоир мехоҳад бигӯяд: «Эй он ки ёр талаб мекунӣ, дар ин роҳ бояст, ки Мансур буд».

*Ҳалқи Мансурам, ки чун чарби аналҳақ хӯрдаам,*
*Дар мадори зиндагӣ бо дор одат кардаам.*

Ҳақиқат он аст, ки шоир дар ин ҳама зоҳирбозиҳо ҳақиқати зиндагиро, ҳақиқати буданро, муъоширатро, ҳамдилиро аз ёд набурдааст. Бузургии ин ҳайсият дар он аст, ки шоир тавониста аслияти худро ҳифз кунад ва худ бимонад. Ҳастии маънавии худро, гулистони маънавии худро алорағми ҳама он бечорагиҳо гулбор нигаҳ бидорад ва бигӯяд: ҳар инсон дар худ гулистоне чунин бояст, ки дошта бошад. Он гаҳ аст, ки дарахти зиндагии ҳар инсон аз меҳрубонӣ, аз муҳаббат шукуфабор мешавад. Ба ин хотир инсон бояд ба амалҳои бебору бекор даст биафшонад ва бозгардад ба аслияти худ, ки он ҳамон зиндагии маънавист:

*Аз амалҳои ҷаҳон дигар хушу нохуш наям,*
*Бо баду некаш дигар бисёр одат кардаам.*

Сифати ин ҳақиқат, бо ҷилваҳои мухталиф ва рангҳои мухталиф, аз шеър то шеър дар дафтари шоир дида мешавад. Барои бозкушоии ин мавзӯъ Низом Қосим шеърро аз нигоҳи ботин таҳқиқ ва ҷустуҷӯ мекунад. Дар ин ҷустуҷӯ ва ковишҳо як дарунмояи воҳиди мӯҳтавоӣ ва маъноиро дар шеърҳои худ шакл медиҳад. Яъне, кори Низом Қосим бар он нест, ки шеърро фаҳм кунад ё маъно диҳад, балки мехоҳад онро биофарад, бубинад ва аз ҳар паҳлӯ таъкид кунад:

*Суханро дар ин нукта кӯтаҳ кунам,*
*Шаби ғусаамро саҳаргаҳ кунам,*
*Ки бар ҷо на мову на ман мондаист,*
*Сухан буданиву сухан мондаист.*

*Сухан буд оғозу анҷом низ,*
*Сухан буд бадномиву ном низ,*
*Суханро чунин бояд анҷом дод,*
*Ки кори сухан некфарҷом бод.*
*На аз мову ман ин сухан будааст,*
*Сухан бартар аз мову ман будааст.*
(«Дар поёни «Шоҳнома»,саҳ.18)

*Чи дарёӣ, ки соҳилро бисӯзӣ?*
*Чи раҳҷӯӣ, ки манзилро бисӯзӣ?*
*Чи дилдорӣ, ки аввал дил бисозӣ,*
*Сипас бедард он дилро бисӯзӣ?!*
(Дубайтиҳо, саҳ.187)

Ҳисси зебо, нигариши завқ ва зебошиносии шоир дар сохтани тасвир, сохтани таркиб ва таъбир ҳунармандона аст. Низом Қосим мавзӯъро дар шеър фарох ва густарда мегирад. Чунин аст, ки ағлаби шеърҳои шоир ба як замони хос маҳдуд намешавад ва барои як замони хос нест. Суъуди нигоҳ ва суъуди андешаи шоир дар фазои шеър аз мавзӯъ то мавзӯъ, аз ҳолат то ҳолат баландтару қавитар мегардад. Низом Қосим дар ҳавзаи шеър аз саноиъи бадеӣ метавонад шевову зебо истифода кунад. Бархӯрди шоир бо нимодҳои бадеӣ дар кори шеър ривоҷи маҳз дошта, аз вижагиҳои хос дар шеърҳои ӯ ба шумор меояд. Аммо корбурди абзорҳои бадеӣ, чун талмеҳ, тамсил, ташбеҳ, рамз, иҳомро дар кори Низом Қосим наметавон меъёр ё ҳадди андешаи ӯ донист. Меъёр ва ченаки андеша дар кори Низом Қосим қабл аз ҳар чӣ мавзӯъ, нигоҳ, мӯҳтаво, маънавият ва рӯҳонияти шеър аст. Андешаи шоир, тафаккури шоир барои таъйиди шеър, қабл аз ҳар чӣ, аз ҳамин меъёр ва ҳамин ченак мегузарад, – меъёри маънавият ва меъёри рӯҳоният. Боқӣ барои шоир василаест, ки сохтори шеър аз он шакл мегирад. Низом Қосим хонандаро дар шеър ба андеша вомедорад. Ба ин тариқ хонанда дар шеъри шоир тафаккур мекунад, андеша мекунад, ба ҳасрат, ғурбат, шодӣ ва хушиҳои ӯ худро шарик медонад.

Дигар аз аносир, ки дар шеърҳои Низом Қосим арзиши маънавӣ ва таҳқиқӣ дорад, ҳаракат мебошад. Тамоми шай дар шеърҳои ин шоир дар ҳаракат қарор дорад, дар ҳаракати маъно. Ҳаракати шай дар шеърҳои шоир аз як маъно хориҷ мешавад, ба маънои нав мерасад. Аз ин ҳаракат шеъри шоир шевотар, зеботар, латифтар ва зарифтар мешавад. Бояд арз дошт, ки ҳаракат дар шеърҳои Низом Қосим ҳаракати тунд нест, балки ҳаракати ором аст.

Аммо ин тамкин ва ин оромӣ дар қаъри худ фарёдҳои ниҳуфта ҳам дорад, ки он дар зеҳни калимаҳо ҷараён дорад:

*Шитоб мекунам,*
*Ба сӯи ту шитоб мекунам,*
*Ба сӯи офтоби рӯи ту шитоб мекунам.*

*Ман он ниҳоли навбарам,*
*Ки офтоби рӯи ту агар натофт, хушк мешавам,*
*Ман он навои зиндаам,*
*Ки бе лабони хандабори ту хамӯш мешавам.*

*Ба ёди чашмҳои масту пурхумори ту*
*Хумору масти рангҳои зиндагониям.*
*Ба ёди чеҳраи ҷавону чун баҳори ту*
*Ҳамеша бо баҳору бо ҷавониям.*

*Чунон ки рӯз меравад ба сӯи шом,*
*Чунон ки рӯд сӯи дашт меравад мудом,*
*Чунон ки офтоб меравад ба хонаи шафақ,*
*Чунон ки ҳақталаб кунад шитоб сӯи ҳақ,*
*Ба сӯи ту шитоб мекунам.*

*Барои нима ҷони хеш*
*Тамоми умр мебарам ниёзи ту,*
*Ба гирди хеш чарх мезанам тамоми шаб*
*Ва субҳ боз медавам ба пешвози ту.*

*Ба кӯи ту шитоб мекунам,*
*Ба сӯи офтоби рӯи ту шитоб мекунам,*
*Чу пир сӯи марг,*
*Чу тифл сӯи зиндагӣ*
*Ба сӯи ту шитоб мекунам.*

(Шитоб мекунам, саҳ. 108)

Ба унсури ҳаракат дар шеърҳои шоир табиати андешаро низ метавон изофа кард. Табиати андешаи Низом Қосим дар шеър бештар рӯи табиати маънавист. Табиати маънавии андеша дар шаклгирии табиати шеъри солим судманду муфид аст. Табиати маънавӣ низ дар зиндагии шоир фаслҳои худро дорост. Шоир дар ин фаслҳо умр ба сар мебарад ва ба зиндагӣ менигарад. Шоир дар муҳити фаслҳои маънавӣ ҳақиқати будан ва ҳақиқати зистанро ҳис мекунад, таҷриба мекунад. Ва ҳамин ҳис ва ҳамин таҷрибаи андӯхтаро дар ҳавзаи корҳои худ ба шеър меоварад. Ин асолат решаи собит аст дар шеърҳои Низом Қосим. Хонанда дар шеърҳои Низом Қосим иртиботи мантиқӣ ва таносуби маъноиро аз байт то байт, аз банд то банд дар зеҳн метавонад нигоҳ бидорад. Низом Қосим бо дид ва шеваи шоирона ба ҳолатҳои фикрӣ ва ҳолатҳои равонӣ шакл мебахшад. Ва ин ҳолатҳои фикрӣ ва равониро ранг дар ранг, диданӣ ва зебо дар дастраси хонанда қарор медиҳад. Шеъри Низом Қосим дар айни шевоӣ ва зебоӣ аз арзишҳои маънавӣ, арзишҳои равонии хос низ бархудор аст.

Бихонем:

*Чу як деҳқони рустозодаам ман,*
*Ба ғайр аз тинати деҳқон надорам.*
*Қатори ҳар ниҳоле мешавам сабз,*
*Чу гардад сабз саҳроҳои корам.*

* * *

*Сари ҳар мисрае чун дар сари марз*
*Ба сар меоварам андешаи ӯ.*
*Ҳамеша решааш дар об бошад,*
*Ки сабз аст ин ҷаҳон аз решаи ӯ.*

* * *

*Равам раҳ қад-қади ҳар сатр мушкил,*
*Равам гӯё ки бо норафта роҳе.*
*Надорам такя ҷуз бар хомаи худ,*
*Наҷӯям ҳамчу деҳқон такягоҳе...*

(Такягоҳ, саҳ. 61).

Ба ин тариқ, Низом Қосим дар кори шеър бештар ба садои дарунии шеър сару кор мегирад. Ӯ сараввал садои дарунии шеърро ҳис мекунад, мешунавад, он гоҳ руҷӯъ мекунад ба шеър ва шеър ҳуббут мекунад дар ӯ аз кайҳони бекарони андеша.

Руҷӯъи Низом Қосим ба эҳсосоти отифӣ ва рӯҳонии инсон ба хотири шинохти бештари сиришт ва фитрати башар аст. Нигоҳи ӯ дар кори шеър ба ин ду ҷанбаи инсонсоз бебор ва бекор нест. Шоир дар кори сухан ва шеър ҷиддӣ ва дақиқ аст, шеърро, суханро ба бозӣ намегирад. Низом Қосим бар он аст, ки шеър як ҷаҳони зеҳнии дигар аст дар ҳастии маънавии башар– ба бозӣ гирифтани ин ҳастӣ башарро ба гумроҳӣ мебарад:

*Танг омад зиндагӣ, андешаро паҳно кунед,*
*Роҳи саҳро баста бошад, синаро саҳро кунед...*
*Ҳар куҷо дар гӯшатон овои ҳақ бидҳад садо,*
*Сӯи ҳам он гуна ҳақ чун кӯҳҳо ово кунед.*
*Ҳар киро бинед нобино ба сатри роҳи умр,*
*Чанд сатр аз Рӯдакӣ хонедашу бино кунед.*
*... Умрро бо фикру зикри оқилон бар сар баред,*
*Фикри Бедил мушкил ояд, зикри Мавлоно кунед.*

(«Овои ҳақ», саҳ.89)

Маънои будан ва зистани башар дар ҳамин ҳастӣ, ҳастии маънавӣ хулоса мешавад. Ҳастии маънавӣ, тавсиф ва сифати маънавии инсон дар шеъри Низом Қосим барои бедорӣ ва худшиносии инсон аст. Башар дар давоми мавҷудияти хеш зуҳури худро, ҳақиқати вуҷуди худро дар зиндагии маънавӣ ба намоиш гузоштааст, зеро будани

башар, ҳастии башар аз тариқи зиндагии маънавӣ маъно мегирад. Ҳастии моддӣ барои зиндагӣ ва бақои ҷисм аст, аммо ҳастии маънавӣ барои зиндагии рӯҳ ва бақои рӯҳи инсон. Хиради башар такдарахти бузург ва тановар аст, сухан дар он баргҳои сабзро монад ва шеър – меваи тилоии онро. Шоир дар анбӯҳи ҳазор-ҳазор барги сухан меваи тилоиро меҷӯяд. Бояд ҳам арз кард, ки ҳар чашм ин меваи тилоиро намебинад ва ҳар он ки ин меваи тилоиро бо табъи худодод дармеёбаду ба даст меоварад, рӯҳи шоирона дар ӯ медамад.

Дар ҳамин лаҳазоти қудсӣ он нектолеъ шоир аст. Низом Қосим мекӯшад меваи тилоӣ (шеър)-ро аз анбӯҳи ҳазор-ҳазор барги сухан дарёбад. Шеър барои ӯ танҳо баёни тамсил, ташбеҳ, маҷоз, таъбир ва тасвир нест. Шеър барои ӯ як ҳақиқат, як воқеият аст, ки дар ин воқеият, дар ин ҳақиқат зиндагӣ ҷараён дорад. Низом Қосим ба зиндагии мардум аз ҳамин дарича нигоҳ мекунад, даричаи ҳақиқат ва воқеиятҳо. Ҳамин ҳақиқат ва ҳамин воқеиятҳоро пӯшиши шеър медиҳад. Рӯҳи ҳақиқат ва воқеиятҳоеро, ки худ мебинаду худ мешиносад, дарк мекунад, дар шеър медамад. Ҳамин шеваи кори ӯ дар сухан аст, ки бештари шеърҳояш ин ҳақиқат ва воқеиятҳоро дар худ гирифтааст. Низом Қосим дар шеър кизбро дӯст намедорад, ҳақиқат ва воқеиятҳоро шоирона ба тасвир мекашад:

*Шавад мағлуби ин майдон ҳама кас,*
*Худоё, як ту ғолиб ҳастиву бас.*

(Амир ва асир. Саҳ. 10)

*Макун айби ман, гар туӣ додрас,*
*Ки беайб танҳо Худо ҳасту бас.*

(Нома ба шоҳ. Саҳ. 16)

*Эй мулки ман, ки шӯри ту дунё гирифтааст,*
*Бори ту дар аробачае ҷо гирифтааст.*
*Қисмат, ки бар ту баччаи бисёр додааст,*

*Кай гуфтааст,– аробаи пурборашон бидеҳ,*
*То шомгаҳ зи субҳдам озорашон бидеҳ,*
*Бори тамоми кӯчаву бозорашон бидеҳ,*
*Бисёрбаччаӣ, ғами бисёрашон бидеҳ?!*

*...Шаб дидаам ба хоб даре пурдаробаро,*
*Як ғӯлу дар бараш бачаҳои харобаро.*
*Дидам ба хоб: он ҳамаро кардаам раҳо,*
*Пайвастаам ба гардани он ғӯл аробаро!*

(Ароба, саҳ. 20).

*Дӣ дар ҳама ҷо сад дари бозам нигарон буд,*
*Чуз хотира имрӯз даре боз намонда.*
*Атре зи Самарқанду Бухорои ман имрӯз*
*Ҷуз дар ғазали Хоҷаи Шероз намонда.*

(Бими ба зер омадан, саҳ. 28).

Тасвир аз воқеиятҳо ва ҳақиқатҳо дар шеъри Низом Қосим танҳо ба хотири зебонигорӣ нест, балки як навъ нигариш аст, як навъ маъно кардани шеър дар шеър аст:

*Дар канори ҷангали Мозандарон, эй кош,*
*Соъате фориғ зи ғавғои ҷаҳон бошам,*
*Дар паноҳи шохсори ҷовидон сабзаш*
*Ҷовидонӣ дур аз чашми хазон бошам.*

*Ҳамчу дасти нозуки ҳуре дар он ҷаннат*
*Дасти сабзи шохае бар гарданам ояд.*
*Чашмаро чун чашми пуробе бубинам боз,*
*Аз алам ногоҳ гиря карданам ояд.*

*Ҳар дарахте чун бародар розҳо гӯяд*
*Бо забони баргҳо дар бехи гӯши ман.*
*Қумрие, кабке ва ё ҷуфти парастуе*
*Ояду бетарс биншинад ба дӯши ман.*

*Дур аз хайли забонсозу забонбозон*
*Хушзабониҳои обу бод омӯзам.*
*Барги сабзе чун забони беша гар сӯзад,*
*Дар дилам сад нола, ман ҳам безабон сӯзам.*

(Ҷангал, саҳ.64)

Вусъати нигоҳ, жарфои андеша, дарки дақиқу саҳеҳи мавзӯъ, баёни рӯшану зебо ҷозиба ва кашиши фавқулъода бахшидааст ба забони шоир дар ин шеър. Ин шеър бо ҳама он кайфияти аҷиб ва наҷиб, ки дар худ дорад, бо он ҳама шевоӣ, зебоӣ ва тозагии тасвир саршор аз ҳақиқат ва воқеиятҳои зиндагист. Яъне, ин шеъри дилнишин ҷузъе аз зиндагии як инсони муосир аст. Шеъри Низом Қосим бо шеваи зиндагии мардум, ба суннатҳои ахлоқӣ ва мазҳабии мардум пайванди амиқ дорад:

*То дидаи маро ба рухи даҳри безавол висол аст,*
*Ҳар гоҳи сол баҳри мани лол аз дигар сари сол аст.*

*Эй ҷони рафта аз бадану дар мағоки ман,*
*Резад ба хоки тираи ту ашки поки ман.*
*То аз туям бадард буридаст ин ҷаҳон,*
*Резад чу ток ашки ҷудоӣ маро зи ҷон.*

*Даҳ сол бигзарад,*
*Сад сол бигзарад,*
*Дар пушти пуштаи ту, аё дарди ҷони ман,*
*Ман низ пуштае шавам, эй пуштибони ман.*

*Даҳ сол бигзарад,*
*Сад сол бигзарад*
*Ва дар он водии хамӯш*
*Ҳар кас, ки ҳамчу сол бар он хок бигзарад,*
*Бинад, ки лолаҳош ба бар покдоман аст,*
*Яъне, ки доғҳои ту дар хок бо ман аст.*

(Доғи айём, саҳ.39-40)

Шеъри Низом Қосим аз зиндагии мардум, аз эътиқод ва бовариҳои мардум, аз таҷаллии зебоиҳо сурат мегирад. Ин аст, ки аз шеъри ӯ ҷилваҳои зиндагии як миллат бо суннат, бо эътиқоду бовариҳо ва ормону орзуҳо ба чашм мехурад. Бахусус шеъргҳои «Лолахун», «Эй азизон», «Аҳли фарҳангем», «Пуштибон», «Бобои Балогардон», «Агар хоҳед», «Такягоҳ» ва чанде дигар дар ҳамин ҳолу ҳаво эҷод гардидаанд.

*Мурдаем афзун зи доғи ормонӣ мурдаҳо,*
*Зандаем андар хазони зиндагиозурдаҳо.*
*Ҳар баҳорон ёдҳое аз хазон дорад ба дил,*
*Боғ гӯристон бувад аз ҳасрати пажмурдаҳо.*
*Нисбате моро агар бо санг ҳаст, ин асту бас:*
*Нест озоре ба кас моро зи санги гурдаҳо.*
*Баҳри мо, то гармдил бошем ҳар рӯзи Худо*
*Рӯи гарме кофӣ андар олами афсурдаҳо.*
*Ҳоли ҷонбиспурдаҳоро ҷумла медонанд, лек*
*Кас намедонад ба дунё ҳоли дилбиспурдаҳо.*
*Дурдамон дар бар басову дардамон дар сар набуд,*
*Дардҳое монда моро ин дам аз он дурдаҳо.*
*Гӯӣ, устурдем беғам ёру кореро зи дил,*
*Нақшҳое монд барҷо з-он ҳама устурдаҳо.*
*Боғи гул оварда, вопас доғи дил бурдему бас,*
*Инак, эй даъвогар, он овардаву он бурдаҳо.*
(Аз боғи гул, саҳ. 42).

Чунин аст, ки рангҳои тасвир дар шеърҳои шоир зариф, латиф, шаффоф ва омӯзанда аст. Низом Қосим зимни ҳар тасвир, ки дар шеър меорад, чизеро барои дидан арза медорад. Ӯ дар фазои шеър бо хонанда сӯҳбат намеороял, балки дар як ҳолу ҳавои зебову ширин шеърро ба зеҳни хонанда мерезад. Ва дигар бар хонанда аст, ки тасвир, мӯҳтаво, зебоӣ ва шеъриятро аз шеър дарёбад, зеро барои дарки ҳарфи шоир рӯҳи шеърро дар калимот, дар мӯҳтаво, дар тасвир бояст, ки шинохт. Низом Қосим дар кори шеър таҷрибаи лузумро андӯхтааст, дар баён, маъно, тасвир,

таркибсозӣ равишҳои худро дорад. Ва бо ин равиш таркиб, тасвир мӯҳтаво ва шеър меофарад:

*Офтобиву ҳама дам паси девори фироқ*
*Меравӣ аз назару роҳи назар мебандӣ.*
(Дар пушти ин акс, саҳ.44)

*Андар ин дунёи урёнҷониву урёндилӣ*
*Бар тани ҷону дилам пероҳани ишқи ту буд*
(Ғазал, саҳ. 30)

*Барги саломи сабз ба дастони кас бинеҳ,*
*Барги саломи сабз зи дастони кас бигир.*
(Барги саломи сабз, саҳ. 91).

Ин нукта мусаллам аст, ки шеър қабл аз ҳар чи баёни ҳис ва эҳсоси дарунии инсон аст. Ва ин ҳисси дарунӣ ва рози дарунӣ бо рангҳои худ дар ойинаи маърифати инсон таҷаллӣ меёбад.

Низом Қосим ба сухан, ба шеър аз ҳамин дарича менигарад ва ҷилваҳои шоистаи шеърро дар кори худ мекӯшад бештар биёрад. Ӯ шоири ҳолатҳои рӯҳ аст ва сарчашмаи ин ҳолатҳо дар шеъри ӯ воқеият ва ҳақиқатҳои зиндагист. Шоир гоҳе кори худро дар ҳиҷоби тахайюл мегирад, бо баёни шоирона ва нерӯи фаҳм шеърро суратбандӣ мекунад. Шеъри Низом Қосим, он гуна ки ишора рафт, реша дар ҳақиқат ва воқеиятҳои зиндагӣ дорад. Кори тафаккури асил замина аст барои бозёфти шеъри асил ва ноб. Аз ин рӯ, на ҳар он ки ба номи шоирӣ шеър гуфт, ба шеър расид. Барои шеъри асил тафаккури асил мебояд ва ба қавли Хоҷа Ҳофиз, табъи худодод. Бинобар ин, мавзӯъи баҳси шеър танҳо нимод, баён, ташбеҳ ва шевоӣ нест, балки табъи тафаккур ва табъи андеша низ ҳаст. Табъи тафаккур ва андешаи Низом Қосим шоирона аст. Асолати тафаккур ва асолати шеъри ӯ инсони муосирро аз саргаштагӣ, сардаргумӣ, аз инҳироф ба сӯи маънавият ва рӯҳоният фаро мехонад:

*Зиндагӣ сахт аст, Хизро, зиндагӣ аз сар магир,*
*Киштии анвар мабахшо, киштаи бебар магир.*
*Қисмато, моро нагардон бенасиб аз хушку тар,*
*Ҳалқи моро хушк манмо, чашми моро тар магир.*
*Ҷониби марг, Одамо, ин дам шиоре соз кун:*
*Зиндагӣ ҷони маро бигрифт, ту дигар магир,*
*Дар раҳи парвоз агар ҷӯёи лоиқ ҳампарӣ,*
*Мурғи рӯҳи ман, ба ҷуз оҳи маро ҳампар магир.*
*Зодаи туст, Оташо, хокистари сарду сиёҳ,*
*Сар макаш аз аслу сар аз пои хокистар магир.*
*Осмоно, ахтаронро ҳар куҷо рӯшан бидор,*
*Аз само ахтар марез, аз хокдон ахтар магир.*
*Корвонкуш ахтаронро, эй хирад, пайрав мабош,*
*Раҳзанонро дар раҳи тақдири худ раҳбар магир.*
*Саргаронӣ дорад аз пас, эй Дил, ин ҷоми сабук,*
*Сар гарон дор ин дам аз андешаву соғар магир.*
(Дар раҳи парвоз, саҳ.40).

Бардошти ниҳоиро аз ғазал ба хонанда вомегузорам, вале як нуктаро арз бояд дошт, ки шоир дар ин ғазал аз бузургии инсон, тавоноии инсон, рисолати инсон ёд мекунад. «Ҷоми сабук» ҳамон зиндагии берисолат ва бебандубор аст, ки ба инсон аз он танҳо дарди сар мемонад. Шоир бар он аст, ки инсон бояд ҷоми маърифат баргирад ва аз он худро комил бисозад. Низом Қосим ҳамин мавзӯъро тафаккур мекунад, меандешад ва онро дарунмояи шеърҳои худ қарор медиҳад. Ӯ ин мавзӯъро шеър то шеър пай мегирад ва аз он ҳамеша таъкид дорад. Низом Қосим дар кори худ шеъриятро дар ҳамин сохтор ва ҳамин устухонбандӣ маъно мекунад. Чунин аст, ки ӯ дар ҳавзаи андеша шеърро ба дурустӣ мешиносад ва ба жарфноӣ ҳис мекунад. Низом Қосим дар ин ҳошия аз хатти ҳис, тасвир, аз фароҳӣ ва жарфноии баён мегузарад ва дар як нуқта, ки номи он дарёфт аст, ба шеър мерасад. Шеър барои шоири вақеӣ танҳо масъулият нест, ки дар он бояд бинишинад, балки рисолат

аст, ки бояд онро барои раҳнамоии башар анҷом бидиҳад. Низом Қосим дар хатти шеъру шоирӣ аз ин рисолат огоҳ аст ва ҳамин огоҳист, ки рӯҳи озодиву озодагӣ дар шеърҳояш мавҷ мезанад:

*Барои мурғи дил аз чӣ қафас дуруст кунем,*
*Баҳор омада, боз о, нафас дуруст кунем.*
*Нагуфта дод зи хешу касон, кунун бояд*
*Барои хешу касон додрас дуруст кунем.*
*Биафканем ба хок ин замон бинои ҳасад,*
*Бинои маънавие аз ҳавас дуруст кунем.*
*Дар ин ҷаҳон бишавад то сазои пои касе,*
*Барои хеш диле дастрас дуруст кунем.*
*Бинои ҷаҳл ба бунёди худ кунем хароб,*
*Бинои ақл зи бунёд пас дуруст кунем.*
*Дуруст шуд, ки баҳор омаду зимистон рафт,*
*Расед, ҳамнафасон, то нафас дуруст кунем!*

(Барои мурғи дил, саҳ. 86)

Шеъри Низом Қосим хонандаро дар рӯҳи озодиву озодагӣ, худогоҳиву худшиносӣ тарбият мекунад, дили хонандаро ба зиндагӣ, ба муҳаббат, ба обу хоки Ватан гарм медорад, ҳамин ҳисси ворастаро дар вуҷуди хонанда бедор месозад. Шеър барои Низом Қосим ҳастии ботин аст, ҳамон ҷаҳони маънавӣ ва рӯҳии ӯст, ки дар он зиндагӣ мекунад. Бисёр аз вижагиҳои шеъри ӯро метавон дар ин хат мушаххас ва баррасӣ кард. Низом Қосим аз ҳамон оғоз, ки рӯй ба шеър овард, худро чун шоири тозакор ва навҷӯ тавонист ба хонандагон муаррифӣ кунад. Дар кори ӯ намунаҳоеро метавон дид, ки бемуҳобо бо беҳтарин ва комилтарин шоҳбайтҳои шеъри муосир паҳлӯ мезанад:

*Чанд дарди дил гуфтам пеши зиндагӣ бесуд,*
*Мурда буд бечора, зиндааш гумон кардам.*

(Рӯ ба боғ, саҳ. 26.)

* * *

*Ин даҳр то қиёмат майдони дову дев аст,*
*Доваш чу рафт, деваш шуд довари Сулаймон.*

(Ангуштари Сулаймон, саҳ. 36.)

* * *

*Ҳар баҳорон ёдҳое аз хазон дорад ба дил,*
*Боғ гӯристон бувад аз ҳасрати пажмурдаҳо.*

(Аз боғи гул …, саҳ. 42)

* * *

*Интизори зинда гаштан мекушад охир маро,*
*Сури Исрофили ман, эй зиндасози дил, биё.*

(Биё, саҳ. 44)

* * *

*Бо Сақар наздику дурам ҳолиё аз Ҳовия,*
*Шевану фарёд аз дури ману наздики ман!*

(Қисса кун… саҳ. 78)

Низом Қосим тозакорӣ, тозаҷӯӣ ва тозагуфтанро дар корҳои худ беш аз беш вусъат медиҳад. Мавзӯи ишқ ҳам дар ҳавзаи шеъри шоир аз тозаҷӯиҳову тозакориҳо файз гирифтааст. Ӯ шоирест, ки ишқро лухт, урён ва сабук сифат намекунад. Ишқ дар шеърҳои Низом Қосим зебо, шево, латиф ва зариф тасвир мешавад. Ишқ дар шеърҳои ӯ чун соя нопайдо нест, балки мусаллат, пухта, рехта, устувор аст. Чун мавзӯи ишқ дар ҳавзаи шеъри Низом Қосим ба сӯҳбати умда ниёз дорад, бо намунае аз шеъри ошиқонаи шоир аз баҳси ин мавзӯъ мегузарем:

*Роҳест ишқ, ҳеҷ ба поён намерасад,*
*Дардест ишқ, ҳеҷ ба дармон намерасад.*
*Коҳест ишқ, Коҳкашон паст пеши ӯст,*
*Оҳест ишқ, ҳеҷ ба кайҳон намерасад.*
*Ҷисмест ишқ, ҳеҷ ба ҷонаш ниёз нест,*
*Ҷонест ишқ, ҳеҷ ба ҷонон намерасад.*
*Ганҷест ишқ, ҳеҷ ба ҷустан наёбияш,*
*Бе лутфу меҳрубонии Яздон намерасад …*

(Ғазал, саҳ.115)

Ҷилваи муҳимми дигар дар шеърҳои Низом Қосим он аст, ки бештар дар авзони мушкил шеър мегӯяд. Дар шеър авзонро сабук намегирад. Фикр мекунам, ин шеваи кори ӯ ба хотири маънавият ва рӯҳонияти шеър аст, ки аз он дар оғози сӯҳбат гуфта шуд. Ба ин тартиб, шеъри Низом Қосим рӯҳи хастаро дар хонанда ором мекунад. Шеъри ӯ ба рӯҳ шодӣ меоварад, ба хонанда ҳақиқатхоҳиро, ҳақ гуфтанро меомӯзад. Сифати ҳақиқатнигорӣ ва ҳақиқатхоҳӣ дар шеъри Низом Қосим ҷаззоб ва муассир аст. Сиришти инсон, фитрати инсон ҳамеша ба ҳақиқатхоҳӣ, ба озодиву озодагӣ, ба маърифат ва рӯҳоният ниёзманд мебошад. Шеъри Низом Қосим дар хонанда ҳамин ниёзи ҳамешагиро бароварда месозад. Маърифат, маънавият ҷавҳари ҳастии ҳар ҳунар аст ва ҳунар дар ҳунарманд аз он ба камол мерасад. Низом Қосим ба ин шеваи кори худ дар шеър пойдор ва вафодор аст. Андешаҳои худро, ҳисси худро дар ин хат айният мебахшад, то хонанда ба ҳарфи ӯ, ба шеъри ӯ бовар кунад ва итминон дошта бошад ва, хушбахтона, хонанда аз шеъри ӯ ҳамин эътиқод, ҳамин бовариро дармеёбад.

Дар ҳавои ҳамин эътиқод ва ҳамин бовар сӯҳбатро бо як ғазали бисёр хуб ва хонданӣ аз Низом Қосим ҳусни хитом мебахшам.

*Омад баҳор, аз сари раҳ хору хас бигир,*
*З-ин пас зи атри боғи саҳаргаҳ нафас бигир.*
*Чун ҳаст асли ҳол басо хуштар аз хиёл,*
*Мурғи хиёлро нафасе дар қафас бигир.*
*Барги саломи сабз ба дастони кас бинеҳ,*
*Барги саломи сабз зи дастони кас бигир.*
*Дилбастагӣ бубар, ба ҳама ҷо, ки бигзарӣ,*
*Ҳар дилгирифтагӣ дигар аз хосу хас бигир.*
*Он роҳро биҷӯй, ки сӯи ҳавас барад,*
*Бероҳро бигӯй, ки роҳи ҳавас бигир.*
*Дар барги гул навис дигар нома баҳри ёр*
*В-он номаҳо, ки додӣ аз ин пеш, пас бигир.*

# ФУРӮҒИ ИШҚ ДАР СУКУТИ ШЕЪР

Шеър фурӯғи як андеша аст ва ин андеша танҳо як андешаи соф нест, балки он як андешаи рақиқу шоирона аст. Чунин аст, ки ҳар андешаро наметавон ба номи шеър дар қолабҳои адабӣ овард. Андешаи шоир бояд мабнои шеърият, ҷаззобияти шеърият ва кашиши шеъриятро дар худ дошта бошад. Шоир танҳо барои риояти авзон, қолаб, зарб ва шакл шоир нест, балки мазмуни ноб, иртифои андеша, шеърнигарӣ, на шеърнигорӣ дар ин ҳунар аз лозимтарин омилҳост. Бо ин дастур миёни шоирони боҳунар ва беҳунар, миёни шоирони воқеӣ ва тақлидӣ хатти фарқ метавон кашид. Муҳаммад Ғоиб аз он шоирони муваффақ аст, ки шеърҳои ӯ ин ташхисҳои мусбатро дар худ дорад. Дар корҳои ӯ ҷилваи шеърнигарӣ аз шеърнигорӣ ба назар меояд. Муҳаммад Ғоиб шеърро танҳо дар зоҳири қолабҳо намесозад, балки воқеияти шеърро дар қолабҳо ва шаклҳо фурӯ мерезад. Завқу шавқи фитрии Муҳаммад Ғоиб аз шеър то шеър пухтаву рехта пурбортару бедортар мегардад ва ин боис мешавад, ки аслият ва ҳувияти шеър дар корҳои ӯ сурати ҷиддӣ бигирад. Ин таҷаллӣ дар китоби шеърҳои шоир «Боли сипеҳр» бештару хубтар эҳсос мешавад:

*Ба амри дил бигӯям шеъри худро,*
*На байти аз китоб оварда дорам.*

(Ганҷи обовард, саҳ. 3)

Баёни «амри дил» дар ин байт ҳамон як фурӯғи андеша аст, ки аз он дар оғози сӯҳбат гуфта шуд. Шоир фурӯғи шеърро дар худ ҳис мекунад, таҷаллии шеърро дар зеҳн дарк мекунад ва дил ӯро амр мекунад ба шеър. Шоир бо ин амр шеър мегӯяд ва фурӯғи андешаро дар калимот, дар тасвир, дар мӯҳтаво фурӯ мебарад. Муҳаммад Ғоиб

шеваҳои шеъри куҳанро дар фазосозии ҷадид рангу бори тоза медиҳад:

*Роҳи кӯйи орзу саргаштатар аз мо,*
*Ҷойи ҳар як нақши по садҳо қадам рӯйидааст.*
(Лутфи қалам, саҳ. 3)

* * *

*Ҳар кӣ санге дар бағал омад ба қасди ҷони ман,*
*Ормонаш санг шуд дар пойи кӯҳистони ман.*
(Тоҷик, саҳ. 5)

* * *

*Ҷанг бо халқе накардам, дар Ватан биншастаам,*
*Ман шикастеро надонам ҷуз хати бишкастаам.*
(Тоҷик, саҳ. 6)

Шоир дар ин байти худ чӣ мехоҳад бигӯяд, оё манзур ҳамон аст, ки дар зеҳн меояд? На, чунин нест, дар зеҳни калимот, маънои дигаре рух пинҳон медорад, ки бояд онро воковӣ кард. Шоир мехоҳад бигӯяд, ки ба халқе ситаму ҷабрро тоҷик раво надидааст. Бо он ки худ ҳамвора дар ҷабру ситам ва зулм аз тарафи миллатҳои ғайр қарор дошта. Аммо бо ин ҳама сарнавишти талх ва хунбор тавониста худро, ойини худро, дини худро, забони худро, девони худро ҳифз кунад. Хатти бишкаста дар мисраи дувуми ин байт бар маънои дониш, илм, фарҳанг ва ҳунар аст. Хатти бишкаста навъе аз хатти ниёкон аст, ки шикаста навишта мешавад. (Мисли девони Бедил) ва хондани ин хат душвор аст. Муҳаммад Ғоиб ишорат бар он дорад, ки тоҷик танҳо як шикаст дорад, ки он аз худгузаштагӣ барои омӯхтани дониш, илм ва ҳунар аст. Яъне тоҷик дар масири сарнавишти худ, ки дигарон дар даст шамшер доштанд, қалам дошт ва бо қалам худро ҳар бор аз нобудӣ дубора эҳё кардааст.

Муҳаммад Ғоиб дар қолабҳои мухталифи бадеӣ ва мавзӯоти лузуми вақт шеър гуфтааст. Аммо мавзӯи ишқ ба

Ватан дар шеърҳои шоир бештар аз ҳар мавзӯи дигар қалам хӯрдааст.

Ватан:

*Нарм ояд чу аллаи модар*
*Шир-шири оби ҷӯй бар гӯшам.*
*Тифли гирёнаму натонад кард*
*Ҷуз Ватан сад диёр хомӯшам.*

(Шаби диёр, саҳ. 19)

* * *

*Ҳарду дар боғи ҷаҳонем, ба ҳам нахли уммед,*
*Барги ман барги туву барги ту ҳам барги ман аст.*
*Ай Ватан, ҳарду ба сад ришта ба ҳам пайвандем,*
*Марги ман марги туву марги ту ҳам марги ман аст.*

(Пайванд, саҳ. 55)

Ва аммо ин шеваи нигоҳ ва ин шеваи тааҳҳуд ба Ватан-ро ба ҳеч ваҷҳ наметавон қабул дошт.

*Бигзор гадо бошам, дар хоки Ватан бошам,*
*Дар банди ҷафо бошам, дар хоки Ватан бошам.*
*Гар ёр шавад душман, меҳраш биканад аз ман,*
*Маҳруми вафо бошам, дар хоки Ватан бошам.*

Ватан рамзи сарбаландӣ, садоқат, оромиш, осоиш, номус ва озодиву озодагист. Бигзарем:

Ишқ:

*Дар дилу сози вуҷуди худ алам мепарварем,*
*Баҳри як оҳанг садҳо зеру бам мепарварем.*

(Ғазал, саҳ. 68)

* * *

*Аз маскани ишқе раҳи эҷод гирифтем,*
*Аз сӯхтадилҳо ҳунаре ёд гирифтем.*

(Ғазал, саҳ. 38)

* * *

*Эй дил, зи рӯди ишқ агар нӯш мекунӣ,*
*Бедор хоки синаи хомӯш мекунӣ.*

(Ғазал, саҳ. 102)

Ҳоло бингарем нақши ишқро дар шеърҳои шоир. Муҳаммад Ғоиб дар шеърҳои ошиқонаи худ ишқро зиндагӣ мекунад ва ин зиндагии худро бо ғаму шодиҳояш ба шеър пайванд мезанад. Ишқ маҳсул ва дарки лаҳзаҳои мухталиф, ҳолатҳои мухталиф аз зиндагии шоир аст. Дар шеърҳои шоир ишқ, муҳаббат, меҳрубонӣ, садоқат рамзи хушбахтӣ ва рамзи ободии инсон аст. Ва инсоне, ки аз ишқ, муҳаббат, меҳрубонӣ, садоқат фосила мегирад, мафҳуми хушбахтӣ ва ободиро ҳеч гоҳ дарк нахоҳад кард. Ишқ дар ташаккули шеъри Муҳаммад Ғоиб саҳми бениҳоят дорад. Шоир барои тасвири солим ва муассири ишқ дар шеър ишқро ҳис мекунад, ишқро нафас мекашад, ишқро зиндагӣ мекунад. Муҳаммад Ғоиб зиндагии ишқро асли зиндагӣ медонад. Ҳар он ки аз ин хат берун меояд, мӯҳтавои зиндагии худро гум мекунад. Таҷассуми ишқ, матлаби ишқ, сифати ишқ дар шеър сахт ва душвор аст. Аз ин назар Муҳаммад Ғоиб тавсифи ишқро дар шеърҳои худ осону сатҳӣ намегирад. Ин байтро дубора бихонем:

*Дар дилу сози вуҷуди худ алам мепарварем,*
*Баҳри як оҳанг садҳо зеру бам мепарварем.*

**Алам** дар ин байт бар маънои ғами ишқ аст, **сози вуҷуд** рамзи зиндагӣ ва рамзи низоми ҳастист. «Зеру бам» фарозу фуруди умр аст, ки ҳар фард ба ҳар сурат дар он гирифтор аст. Ва аммо **оҳанг** садои ишқ аст, овои ишқ аст, ки шоир дар дили хеш танҳо онро мепарварад ва онро мешунавад. Зиндагиро дар ҳавои оҳанги ишқ мехоҳад зебо бисозад ва зебо бубинад, то зиндагӣ дар худ маъно бигирад. Муҳаммад Ғоиб дар ин фарозу фурудҳо, (зеру бамҳо) аз худ хаста мешавад ва аз ишқ фирор мекунад, вале боз бар-

мегардад ба сӯйи ишқ, остонеро ҷуз остони ишқ намедонад, намешиносад:

*Рӯҳи ман аз фикри дарди зиндагонӣ хаста аст,*
*Роҳи ман аз сангҳои сангдилҳо баста аст.*
*Умрҳо бар сози тақдири ман аз носозиям*
*Торҳои нағмаи ноошно пайваста аст.*

(Ғазал, саҳ. 78)

* * *

*Аз муҳити хеш то худро берун овардаам,*
*Аз диёри дил ба мулки дида хун овардаам.*
*Шуд сари ангуштҳоям сурх мисли арғувон,*
*То ба базме нағмаҳои арғунун овардаам.*
*Додаанд илҳоми фарҳодӣ маро ширинвашон,*
*Санги маъниро зи кӯҳи Бесутун овардаам.*
*Дидаам доғи хазону сардии сармои умр,*
*Рӯй то бар пуштаҳои лолагун овардаам.*
*То нагардад сард чун гӯре танӯри зиндагӣ,*
*Ахгар аз чашм, оташ аз сӯзи дарун овардаам.*
*Ҳарфҳоямро, Муҳаммад, рағми раҳзанҳои ақл*
*Рӯйи дафтар ҳамчу чашми раҳнамун овардаам.*

(Ғазал, саҳ. 87)

Ранҷу андӯҳи ишқро ҳам шоир бериё ва содиқона дӯст медорад ва мехоҳад ҷону дил ва рӯҳи худро саршор аз ишқ бубинад. Ғаму дард, ранҷу андӯҳи ишқ дар шеърҳои шоир дурахшон ва зиё дорад ба рӯҳ бо он ҳама шодӣ меоварад. Ва дил мехоҳад ғами ширини ишқро барои ҳамеша дар дил дар худ бигирад. Ишқ дар шеърҳои шоир гоҳе чунон нарм ва латиф аст, чу бориши борон дар чаман ва гоҳе низ тунд, дар қаҳр чун фарёди барқ дар умқи сукути осмон.

Нарму латиф:

*Ғунчаи чашмам шукуфт аз офтоби рӯйи ту,*
*Дидаи уммед чун вартоҷ дӯзам сӯйи ту.*
*Бар машомам аз ту бӯйи нарми борон мерасад,*
*Абри боронист дар пиндори ман гесӯи ту.*

*Камсамар чун ток умри бебаҳоям мегузашт,*
*То намезад хадраҳоямро қалам абрӯи ту...*

(Ғазал, саҳ. 102-103)

Хашин, тунд:

*Чашм аз дидану ғам хӯрдани мо гирён аст,*
*Дил зи хун гаштану афсурдани мо гирён аст.*
*Хешро хонда гунаҳкори раҳи умр мудом,*
*Нафас аз ҳар дами бишмурдани мо гирён аст.*
*Кафад охир дили бадхоҳ зи гирдоби ҳасад,*
*Обила аз дами озурдани мо гирён аст.*
*Ҳар кӣ бераҳм фишорад дили моро чу анор,*
*Панҷаҳояш дами афшурдани мо гирён аст.*
*Ба ягон тугмаи барқи худ итоат накунад,*
*Ишқ шамъест, ки то мурдани мо гирён аст.*
*Гузарад ном, Муҳаммад, зи ҳаво нам резад,*
*Абри хомӯш дами бурдани мо гирён аст.*

(Ғазал, саҳ. 69)

Муҳаммад Ғоиб аз ишқ лутф ва навозишро интизор надорад, балки мехоҳад ишқро бо тамоми маънӣ, бо тамоми вуҷуд бишносад ва бо ишқ панҷа нарм кунад. Ишқи Муҳаммад Ғоиб дар шеър ишқи мӯидан, ишқи нола ва ишқи ашк нест, ишқи ӯ ишқи ғурур ва ишқи сарбаландист. Тасвири ишқ дар шеърҳои ӯ якпаҳлӯ нест, балки омехта бо ҳастӣ ва табиат аст. Дар шинохти ҳастӣ ва зебоии табиат ба ҷуз гармии ишқ, ба ҷуз ҳидояти ишқ дигар ҳеҷ чизеро қабул надорад.

*Хайма зад ишқ ба саҳрои дилам, дилшодам,*
*Нестам гӯшаи вайрона дигар, ободам.*
*Корвони ғаму дардаш гузарад аз раҳи дил,*
*Зи дарояш расад овоз дами фарёдам.*
*Мижаи дидаи пурмеҳр бишуд нохуни раҳм,*
*Гираҳи риштаи печидаи дил бикшодам.*
*Новаки ғамза кунад пур ҳадафи синаи чок,*
*Ба арӯси нигаҳи нозфикан домодам.*

*Соҳиби номи ғами ишқ шудам, лек куҷост*
*Ғамшиносе, ки биёяд ба муборакбодам...*

(Ғазал, саҳ. 106)

Шоир бар он аст, ки ҳастиро, зиндагиро, табиатро, ҳарорати ишқ, гармии ишқ зинда медорад. Ҳарорати ишқ барои шоир танҳо гармии хуршед нест, балки нафаси замин, шукуфтани гулҳо, боридани борон, меҳрубонии дастҳо, муҳаббати чашмҳо ҳама дар худ ҳарорате аз ишқ, гармие аз ишқ дорад. Ин ҳама иртиботи ҳалқа дар ҳалқаи низоми ҳастӣ исботи вуҷуди ишқ аст. Тамоми ин иртиботи ҳалқаии табиат, зиндагӣ ва ҳастии башар аз ишқ мояҳо гирифтааст. Шоир ба ин ҳақиқати вуҷуд эътимод ва имон дорад, ин аст, ки ишқ дар шеърҳои ӯ як тасаввур нест, балки таҷассуми зиндагии башар аст. Бунмоя ва ҳастии рӯҳи башар ишқ аст ва ишқ аст, ки зиндагии башарро ғанӣ месозад. Бешак, ишқ дар такомули зотии башар нақши аввалиндараҷа доштааст ва дорад. Базри ишқ дар зоти ҳар як инсон кишт шудааст, дар бархе он сабз мешавад ва дар бархи дигар хушк. Нахуст Худованд инсонро дар қаламрави ишқ офарид ва базри ишқро дар зоти инсон кишт кард. Ва баъд инсонро аз қаламрави ишқ дур сохт, то дубора инсон ишқи гумшудаи худро биҷӯяд, дубора ба ишқ роҳ ёбад, ба ишқ васл шавад.

*Номаи ёре нагардад коғази афсурдаам,*
*Хома меларзад миёни панҷаи афшурдаам.*
*Дар бисотам буд ҳар ганҷина, он бераҳм бурд,*
*Гавҳаре бар каф наомад, гарчи сад ғам хӯрдаам.*
*То диламро бозгардонад ба ман, ҷон додамаш,*
*Дил нашуд пайдо, дареғи ҷонаки биспурдаам.*
*Сояи ғамро висолаш мекунад аз дида дур,*
*Бе нигоҳи офтобияш гули пажмурдаам.*
*Сӯзи ишқаш қудрати эҳё намудан доштаст,*
*Чун самандар зинда гаштам, гар ба ёдаш мурдаам.*
*Ҳастии беишқро донам, Муҳаммад, нестӣ,*
*Бо умеди ишқи поке умр бар сар бурдаам.*

(Ғазал, саҳ. 102)

Мушаххас аст, ки инсон бидуни ишқ комил нест, бидуни ишқ таҷаллии рӯҳ дар инсон тира аст. Башар вақте ишқи гумкардаи худро дубора бозмеёбад, комил мешавад ва рӯҳ дар сиришти башар нурбор ва таҷаллибор мегардад. Башар дар ин ҷустуҷӯҳо ва дар ин ковишҳо худро комил месозад, агар ишқ набуд, ҳеҷ набуд. Инсон дар ишқ хулоса мешавад ва ишқ дар инсон. Ишқ дар инсон ошкор шуд ва инсон дар ишқ ошкор гашт. Ишқ таҷаллие аз инсон аст ва инсон таҷаллие аз ишқ аст. Ба ин тариқ инсон дар қаламрави ишқ арзи ҳастӣ кард ва дар ин қаламрав инсон то ҳанӯз худро ҷустуҷӯ дорад. Агар ишқ ба таври дақиқ таъриф шавад, чунин аст, ишқ яъне инсон ва инсон яъне ишқ. Зиндагии инсони муосир бидуни ишқи воқеӣ пуч ва ҳеч аст, зеро фитрат, сиришт ва ҳастии инсон аз азал дар тору пуди ишқ дарҳам танида шудааст ва инсон то ҳаст мадюни ишқ аст. Ишқ канор омадани ду сиришт нест, балки бештар аз он аст, ки тасаввур меравад.

*Аз ҷароҳат ҷигарам гулзор аст,*
*Нур дар чашми тарам гулзор аст.*
*Аз раҳи сӯхтанам бехабарӣ,*
*Шамъи пур аз шарарам гулзор аст.*
*Ба хаёлат гули ахтар шумарам,*
*Осмон дар назарам гулзор аст.*
*Ҳаст агар тухми гули рӯйи ту хол,*
*Ман ба рӯят нигарам, гулзор аст.*
*Туӣ дар дидаву дар хона манам,*
*Ҳама девору дарам гулзор аст.*
*Гузарӣ аз гузарам ишвакунон,*
*Қадамат дар гузарам гулзор аст.*
*Хабарат нест зи гулҳои ғамам,*
*Дили ғамбохабарам гулзор аст.*
*Самари умр зи гулзори вафост,*
*Умри пур аз самарам гулзор аст.*
*Гули эҷоди Муҳаммад, гули ишқ,*
*Ҳарфҳо дар асарам гулзор аст.*

(Ғазал, саҳ. 100)

Ишқ сӯхтан аст, ҳар он ки сипанди ишқ дар маҷмари тан бисӯхт, ӯ бидонад, ки сӯхтан дар ишқ чист. Ишқ пуртавонтарин вожа аст дар шеъри шоир. Ишқ бо ҳама волоиҳо ва шигифтҳояш ниҳуфта дар вуҷуди инсон аст. Ишқ, яъне ҷовидонагӣ. Ҳофиз мефармояд:

*Ҳаргиз намирад, он кӣ зинда шуд ба ишқ,*
*Сабт аст дар ҷаридаи олам давоми мо.*

Инсон барои ҷовидонагии худ дар паҳнои зиндагӣ ишқро рақам мезанад, ишқро меситояд ва ишқро мехоҳад. Шоир аз шеър то шеър ин ҷовидонагиро дар шеваҳои мухталиф ва ҷилваҳои мухталиф сифат мекунад:

*Гудози бенишону ранҷҳои бефароғат нест,*
*Дарахти ишқ аз сӯзу аламҳо борҳо дорад.*

* * *

*Аз оташи сӯзони вуҷудам хабарат нест,*
*Дар тобаи ишқи ту дили зор сипанд аст.*

* * *

*Азбаски набарди ғами ишқ аст дигар нанг,*
*Парчам ба ҷуз аз дидаи хунбор надорам.*

* * *

*Чеҳраи ёрам намедидам, валек аз ишқи пок*
*Ман ба меҳри қисмати бемеҳр бовар доштам.*

* * *

*Созам матои дилро ман парчами муҳаббат,*
*Фахри диёри ошиқ ҷуз ин дигар набошад.*

(Ғазалҳо, саҳ. 71,78,87,93,97)

Шоир ҳамин ишқи ҷовидонагиро меҷӯяд, тафаккур мекунад ва беҳтарин дарёфтҳои хешро дар шеър шакл

медиҳад. Шоир бо ҷилваҳои рӯшани андеша инсонро ба сӯйи ишқ даъват мекунад. Сомонҳо аз ҳам мепошад, вале сомони ишқ ҷовид ва пойбарҷо хоҳад монд. Ба қавли шайх Аттор, ки мегӯяд:

*Ҳаст дар ҳар сабқа овозе дигар,*
*Зери ҳар овози ӯ розе дигар.*

Шоир бар он бовар аст, ки танҳо ишқ башарро аз сардаргумиҳову худбохтагиҳо наҷот медиҳад. Танҳо ишқ аст, ки дар гусастанҳои он пайванд ҳаст, дар фаслҳои он васлҳост. Танҳо ишқ аст, ки инсони худбохтаро ба асли худ бозмегардонад. Ишқ ҷони мурдаро ба шӯр меоварад. Ҳисси ишқи азалӣ дар вуҷуди шоир ба ҷӯш меояд ва ҳамин ҷӯшиши ботинро дар қолаби шеър фурӯ мерезад. Муҳаммад Ғоиб дар қолаби шеър ҳолатҳои гуногуни хешро дар робита ба ҳолатҳои ишқ сифат мекунад:

*Дар лаби боми ту кафтар шиштааст,*
*Сӯзад аз сӯзи нигаҳ чашмони ман.*
*Номае дар каф маро бошад ҳанӯз*
*Чун нишони ишқи бесомони ман.*

* * *

*Ишқ сеҳре дораду аз сеҳри ӯ*
*Бахти азкафрафта гаҳ баргаштааст.*
*Шояд он оҳи дили зори ман аст,*
*Дар лаби боми ту кафтар гаштааст.*
(Кафтар, саҳ. 66)

* * *

*Гарде намонд аз ашкам дар роҳи интизорӣ,*
*Боде намонд аз оҳам дар кӯйи ғамгусорӣ.*
*Ҷони балабрасида роҳи забони ман баст,*
*Дигар зи ман мапурсед ойини ҷонсупорӣ.*
*Санге шудам, ба фарқам борони санг омад,*
*Хоке шудам,ба чашмам зад хок хоксорӣ.*

*Ман бар умеди фардо бигзаштам аз гузашта,*
*Бурде гаҳе набинӣ, аз дасти бурдборӣ.*
*Дар кӯҳу пуштаи умр, умрам ба сайди ӯ рафт,*
*Аз бешабон нафаҳмӣ ҳоли дили шикорӣ.*
*Аз лутфи ӯ, Муҳаммад, дар сина монд доғе,*
*Он сон, ки бар замине аз чашмаи баҳорӣ.*

(Ғазал, саҳ. 84)

Тамоми талоши шоир бар он аст, ки ишқро дар вуҷуди худ кашф кунад. Шоир мехоҳад аз хатти шавқу завқи ҳолҳо бигзарад ва бирасад то мароҳили самоъи ҳолҳо. Ҳисси худбинӣ, ҳисси худпарастӣ, баргу бори ақл аст, ҳисси худгузаштагӣ, озодӣ ва озодагӣ баргу бори ишқ аст. Ишқ дар ирфон агар барои гурӯҳе разилат аст, барои гурӯҳе фазилат аст. Муҳаммад Ғоиб дар ҳавзаи шеър бештар фазилати ишқро маъно медиҳад. Жарфковӣ, нозукхаёлӣ ва борикнигарии шоир дар тавсифи ишқ зебо ва шоирона аст. Шоир аз тариқи ҳаллу фасли мавзӯи ишқ мехоҳад гузаштаро ба рӯзгори имрӯз гиреҳ бизанад:

*Чорае нест, ки доғат зи дилам тоза шавад,*
*Ҳар қадар тоза кунам, беш зи андоза шавад.*
*Тифли ишқи ту ба гаҳвораи дил мехобад,*
*Тарсам ин роз дами гирямам афсона шавад.*
*Ҳаст дар лолаи рӯям асари хуни ҷигар,*
*Ҳусни зебои ту зебойтар аз ғоза шавад.*
*Ҳама шаб ахтари бахтам зи фалак меҷӯям,*
*Хоб аз тоқати ман душмани хамёза шавад.*
*Наканам чашм зи дарвозаи пӯшидаи ту,*
*Оқибат дидаи ман баста чу дарвоза шавад.*
*Риштаи меҳри Муҳаммад, ки ту худ бофтаӣ,*
*Ба лаби домани тақдири ту шероза шавад.*

(Ғазал, саҳ. 106)

Ҳарфи шоир дар ғазали фавқ доманаи фарохтару густардатаре дорад, ки тасаввур аз он меравад. Ҳарчанд ан-

дешаи шоир дар баёни маъно, рангҳои тасвир мубҳам, торик, лағзанда нест, боз ҳам ҳарфи ниҳоне дар ғазал, пушти таркибҳо ва тасвирҳо рух пинҳон кардааст. Ба ин тариқ ишқ бо ҷилва ва маъноҳои печида дар ғазалҳои шоир дар тасвири маъно фарох ва решадор аст. Ишқ ба равиши зиндагии Муҳаммад Ғоиб пайвандҳо дорад ва ин пайвандҳо дар кори шеър андеша ва арзёбӣ мешавад. Ишқ бо ҳузури худ аз зиндагии шоир, аз шеъри шоир якрангӣ ва якнавохтиро мезудояд. Ишқ шоирро ба зебонигарӣ, зебоандешӣ, ба сӯйи балоғату асолати андеша ҳидоят месозад. Шоир барои шинохти дурусти ишқ, ҳувияти ишқ ва умқи зиндагӣ, сиришт ва хилқати инсонро андеша мекунад. Муҳаммад Ғоиб дар корҳои худ мавзӯи ишқро рӯшан ба кор мегирад, вале бардошт ва тасаввур аз ишқро вомегузорад ба хонанда. Ва ҳамин тасаввур ва бардошт аз ишқ ҷавҳари тафаккур ва андешаи шоир дар кори сухан аст.

Сабки баён дар шеърҳои Муҳаммад Ғоиб печида дар ибҳом ва иҳоми таркибот нест, сабки баён, яъне забони шеъри шоир содаву нарму ширин аст ва ин содагии баён дар худ маъноҳои ниҳуфта дорад. Шоир дар шеъри худ забони дигаронро тақлид намекунад, чунин аст, ки таркиб, таъбир, баён, тасвир дар шеърҳои ӯ ҷилваҳои хоси худро дорад. Муҳаммад Ғоиб баён, тасвир, маъно, калимотро ба шоир тобеъ месозад, то шеър битавонад худро бештар ба намоиш бигзорад. Муҳаммад Ғоиб бо ҳушмандӣ, ҳунармандӣ, шоирона мизроб ба сози ишқ мезанад ва калима, тасвир, ранг, маъно, шеър пур аз овози ишқ мешавад. Муҳаммад Ғоиб асли зиндагиро, мазмуни зиндагиро, ҳақиқати зиндагиро танҳо аз ишқ медонад. Аз нигоҳи ӯ агар ин рози сарбаста набуд, зиндагиро на асле буд, на мазмуне буд, на ҳақиқате буд. Ӯ ҳамин асл, ҳамин маънӣ ва ҳамин ҳақиқатро дар зиндагии башар ишқ ном мегузорад. Шоир бар он аст, ки ишқ далели ишқ мехоҳад, то парда аз рух бардорад:

*Дилам аз баҳри ту аз сина бурун меояд,*
*Аз дараш соҳиби ганҷина бурун меояд.*
*Хотири меҳр бузург аст, ки аз хотири меҳр*
*Ноилоҷ аз дари дил кина бурун меояд.*
*Хок бардошта бар сар, зи таҳи мазраи ишқ*
*Дони ёди ғами дерина бурун меояд.*
*Чашми мешии туро гургсифат ҳам бинад,*
*Тарки хӯ карда, зи гургина бурун меояд.*
*Лаззати акси ту гӯянд ба ойина агар,*
*Зуд аз хонааш ойина бурун меояд.*
*Умрро ишқ, Муҳаммад, асари такрор аст,*
*Ки аз имсоли ту порина бурун меояд.*

(Ғазал, саҳ. 99)

Пири Балх, ҳазрати Мавлавӣ дар ин робита мефармояд: «Офтоб омад далели офтоб», яъне ишқ далели ишқ омад, бо он ҳама рӯшанӣ, бо он ҳама сӯзандагӣ ва созандагӣ. Муҳаммад Ғоиб ишқро дар қолаб, дар шакл, дар зоҳир намеҷӯяд, балки аслият, ҳувият ва ҳақиқати ишқро меҷӯяд. Ба далели ишқ дар шеър тафаккур мекунад ва сухани худро, ҳарфи худро, шеъри худро ба ҳақиқати ишқ пайванд медиҳад:

*Ошиқ аз дарду ғами хеш шикоят накунад,*
*Бевафо мераваду меҳру вафо мемонад.*

Ба ин тариқ ишқ дар зиндагии шоир, дар шеъри шоир як рӯйдоди заминист, вале вусъат ва тафсили он осмонист.

# ҚИЁМИ ШЕЪР АЗ ҶОНАМ ДАМИДА...

Ҳар шеър, ки шоир мегӯяд, аз зоти асл ва шабоҳатҳои зоҳир бархурдор аст. Ин ду ҷанбаи лузум аз сиришт ва ҷаҳонбинии шоир бурун меояд.

Дар шеъри Назри Яздон зоти асл тафаккур аст, тафаккури шоирона, тафаккур ба шеър ва тафаккури олимона. Боқӣ шай, ҳис, талмеҳ, маҷоз, тасвир, киноя, ташбеҳ... дар шеъри ӯ аз шабоҳатҳои зоҳир аст. Бигирем китоби шеъри шоирро, ки бо номи «Меҳрубон» интишор ёфтааст. Меҳрубон дар шеъри шоир чӣ муҳтаво дорад?

1. Ишора аст ба меҳрпарастии атиқа, ба тамаддуни пешдодӣ, тамаддуни авастоӣ.

2. Ишора аст ба ин мисраъи машҳур:
Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон.

3. Ишора аст бар он, ки моҳӣ бо об зинда аст ва инсон зинда аст бо имон ва бо меҳрубонӣ.

Китоби дигари шоир ҳам бо номи «Пораи навбаҳор», ки сӯҳбат аз он хоҳем дошт, аз ин таровишҳо саршор аст. Бо ин нигоҳ, қабл аз ҳарчи шеъри Назри Яздонро дар ин хат мешавад таҳқиқ ва баррасӣ кард: а) тафаккур, б) ҳис, в) зебоӣ. Тафаккур дар шеъри шоир ба ҳис, ба зебоӣ, ба тасвир, ба калимаҳо эътибори тоза ва ҷилваҳои тоза мебахшад. Тафаккури Назри Яздон дар шеър хушку урён нест, балки умқ, ранг, ҷилва ва таҷаллии зебо дорад дар пӯшишҳои шоирона. Решаи тафаккур ва зеҳн дар ақл аст, ин ақл аст, ки тафаккур ва зеҳнро сӯҳон мезанад. Агар тафаккур ба шеър наҳиф ва заиф бошад, ҳис, дарк, ва зебоӣ

низ наҳифу заиф хоҳад буд. Тафаккур ба шай меандешад. Шай дар шеъри шоир аз тариқи ифода ранг мегирад, тоза мешавад, шакл тағйир медиҳад (чӣ дар маъно, чӣ дар ботин, чӣ дар зоҳир) ва ба ҳис ҷон мебахшад. Мафҳумнигории шоир ҳалқа-ҳалқа дар ин доира ё дар ин фазо воқеият пайдо мекунад. Дар ин ҳамдастӣ тафаккури шеър, ҳисси шеър, зебоии шеър ба низом меояд. Сохтор ва устухонбандии шеъри Назри Яздон тафаккур ва андеша аст. Шоир тафаккури шоирона ва тафаккури олимонаро дар шеър ба ҳам пайванд медиҳад. Дар шеъри «Эй осмон» ин таъсир бештар мушоҳида мешавад. Шеър дар шеваи баён аввалин намунаи муноҷот аст баъди танаффусҳо. Мухотаби аслии шоир дар шеър ҳамон қудрати ягона бар олами барин аст.

**а) Тафаккур ва ниёиш:**

*Осмон,*
*Эй осмон, эй осмон,*
*Оби раҳмонӣ фиристон.*
*Обҳои ҷӯйҳо зардоб гардида,*
*Обҳои рӯйҳо партоб гардида.*
*Оби дарё гандаву мурдоб гардида...*

Калимоти осмон ва оби раҳмат дар ин банд ҷавҳари тафаккур аст, ки ба шеър баргу бор дода. Шоир аз осмон абри раҳмат таманно дорад. Ӯ медонад, ки ҷӯйҳои зардобгаштаро, дарёи мурдобгаштаро, берӯйиҳои инсони имрӯзро танҳо оби раҳмати Худованд қодир аст, поку мусаффо бисозад ва биполояд. Дар ин банд тафаккур ниёиш аст ва ниёиш тафаккур аст.

**б) Илм:**

*Боми нилии ту дар як рӯзи бедодӣ*
*Пора шуд аз дасти худхоҳии бедодӣ,*
*Он бунафшии нурҳои офтобӣ,*
*Бар замин бингар, ки нополуда мерезад.*

Аммо дар ин банд ҷанбаи илмии шеър бар ниёиш, ҳис ва зебоӣ тасаллут дорад. Бунмояи тафаккури шоир дар ин банд илм аст. Шоир нигарон аст, ки шаддодиҳои инсон чатри нилии осмонро пора мекунад. Дар ин порашавӣ нурҳои бунафши офтоб, заҳрбор мегардад ва нополуда бар замин меборад. Ин назар дар илм ба исбот расида, шоир онро аз илм вом гирифтааст ва ҷӣ зебо ба шеър овардааст.

**в) Ниёиш ва илм:**

*Осмон, эй бепаноҳи асри кайҳон,*
*Бахя мехоҳам бигирам.*
*Роғҳои ҷомаи афсурдаамро,*
*Лек сӯзан нест...!*
*Дар тамоми растаи ғаззолии инсон*
*Як ваҷаб ҳам ресмони поку маҳкам нест.*
*Боз хоҳам пур кунам бо шевану фарёд*
*Он халои заҳрборон,*
*Лек сад ҳайҳот,*
*Қудрати фарёду шеван нест.*

Дар банди севуми шеър, он тавре ки худ мулоҳиза мефармоед, шоир илм ва ниёишро ба кор гирифтааст. Осмон барои шоир сарпаноҳ аст, сарпаноҳи ҳастӣ ва рӯҳонӣ, вале ин сарпаноҳро афсурда мебинад. Шоир сӯзани меҳр ва садоқат мехоҳад, то роғҳои ҷомаи афсурдаи башарро бидӯзад. Аммо он сӯзан дар дастраси шоир нест. Ҳатто як ваҷаб ресмони поку маҳкам намеёбад. Шоир мехоҳад бигӯяд, ки ҳама ба ресмони ишқи худованд чанг бизанед. Ҷуз ресмони ишқи Худованд, ки ресмони ростиву садоқат аст, дигар ресмонҳо гусастанист. Шоир ба ин ояти шарифа ишорат дорад:

«Чанг бизанед ба ресмони илоҳӣ якҷоя ва пароканда нашавед» (сураи Оли Имрон, ояти 102). Шоир қудрати фарёд надорад. Чаро?

Зеро инсони муосир сахт моддигарост. Шоир аз адами рӯҳоният фарёд мекашад ва ӯ бар он аст, ки рӯҳоният ҷавҳари башар аст. Башар дар худ фурӯ рафта ва ҳеч гӯше

садошунав нест. Танҳо осмон аст, ки садои шоирро, ниёиши шоирро бо он ҳама дурӣ мешунавад, ҳис мекунад. Шоир медонад, ки халои заҳрбор на танҳо дар осмон, балки дар рӯҳи инсонҳо низ рахна карда. Халои заҳрбор дар илм чунин аст:

Киштии кайҳонӣ ё худ мушаки кайҳонӣ аз қишри (пӯшиш) биосфера убур мекунад ва он месӯзад. Он хало дигарбора пур намегардад ва нурҳои заҳрбори офтоб нополуда ба замин меборад. Назри Яздон ҷилваи илмӣ ва ҷилваи шеъриро бисёр зебо дар калимаҳо ба кор бурдааст. Он чи гуфтем, аз нигоҳи илм буд, аммо шеърият дар ин банд чунин аст.

Инсон беш аз ҳар вақт ба тоат, ба меҳр, ба садоқат, ба ростиву некӣ ва ба рӯҳоният ниёзманд аст, то он халои заҳрборро дар рӯҳи хеш биполояд.

**г) Ниёиш ба тафаккур:**

*Додгоҳо!*
*Додгоҳи ҷовидон,*
*Аз шарофатҳои бурда аз миён*
*Пораеро бозгардон,*
*Осмон,*
*Эй осмон, эй осмон,*
*Оби раҳмонӣ фиристон,*
*Ин заминро ғусл деҳ*
*Аз ҷумлаи қубҳу кароҳат,*
*Одамиро боз деҳ оби таҳорат.*
*Об деҳ аз оби раҳмонӣ,*
*Шустушӯ кун насли инсонӣ,*
*Деҳ ту бозаш фарри яздонӣ.*

Назри Яздон дар банди охири шеър ниёишро тафаккур мекунад ва аз ин тафаккур ниёиши шоир сабз мешавад. Тибқи як ривоят Ҳазрати Ҷабраил боз ба замин фуруд меояд ва даҳ ганҷро батадриҷ ба осмон мебарад. Он даҳ ганҷ садоқат, меҳр, амонат, вафодорӣ, порсоӣ, ростӣ, имон... ва

Қуръон аст. Шоир дармеёбад, ки инсони муосир ин ганҷҳои ҷовидро дар худ маҳв месозад.

Назри Яздон аз олами барин барои инсонҳо ҳамин даҳ ганҷро бозмехоҳад. Шоир орзу мекунад, ки инсон аз кибру кароҳат тоҳир шавад ва фарри Яздонии хешро бозёбад.

Назри Яздон дар ҳавзаи андеша калимаро, шайро, баёнро, рангро дар тасвир ба мушоҳида мекашад. Дар ин мушоҳида мантиқи калимот, ашё, ранг дар тасвир тафаккур мешавад. Тафаккур дар ин мушоҳида ҳис ва зебоиро кашф мекунад. Ҳис ва зебоӣ дар ботин ва зоҳири шеър ҷилваи воқеӣ мегирад. Калима, шай, ранг, тасвир, талмеҳ, ифода... дар ин ҷилва ба зуҳур меояд ва устухонбандии як шеър шакл меёбад. Тафаккур ба шеър ҳис ва зебоиро дар шеър комил мекунад, ҳис ва зебоӣ тоза мешавад, мутлақ мешавад ва ба мӯҳтаво мерасад. Тафаккури Назри Яздон фарох, густурда ва қавиву дақиқ аст. Ин ҷост, ки ӯ метавонад таҳаввули лаҳза ба лаҳзаи зеҳниятро дар калимот дунбол кунад ва дар ниҳоят ҳис ва зебоиро ба шеър интиқол бидиҳад:

*Дастҳоям аз биёбонҳо,*
*Аз миёни хокборонҳо*
*Омада то рӯди зулфонат,*
*Омада то обшори ту.*
*Рӯди зулфи мушкбори ту*
*Обшори мавҷдори ту,*
*Эй Худо, сероб гардида,*
*Гавҳари ноёб гардида*
*Дастҳоям об гардида.*

Дар ин абёт ҳамон таҳаввули лаҳза ба лаҳзаи зеҳният дар калимот ва шай ҷорист, ки аз он набзи ҳис ва зебоӣ дар шеър шунида мешавад. Дар ин банд тафаккур бо он ҳама печидагӣ ва мураккабӣ гироише дорад ба содагӣ, содагие, ки ба жарфноӣ ва расоии том ҳис ва зебоиро метавонад таъбир кунад. Моҳият ва латофати ҳис ва зебоӣ дар печидагиҳои тафаккур таҳқиқ мешавад ва бозмегардад ба

зоти худ ба сиришти худ ва дар шеър зуҳур мекунад. Дар ин шаклбандӣ ҳис ва зебоӣ ҳам печидагиҳои худро дорад. Ин печидагиҳо дар баёни мафоҳим, дар рангҳои тасвир ва зеҳни калимаҳо сурат мебандад. Шеваи суратбандии ин печидагиҳо дар ҳар тарҳ марбут аст ба завқ, ҳунар ва халлоқияти шоир.

Назри Яздон аз қабили шоирони хушзавқ ва ҳушманд аст. Ӯ ҳисси ношинохтаро, зебоии ношинохтаро аз шай дармеёбад, тафаккур мекунад ва ба шеър меоварад. Назри Яздон ҳис ва зебоиро тафаккур мекунад ранг дар ранг, ангеза дар ангеза, тоза ва ноб. Дар ин шеър бар ҳар кадом аз он нақше қоил аст ва ҳар кадом аз ин аносир дар шеър дигареро комил месозад ва тақвият медиҳад. Назри Яздон зарифона ва шоирона ба тасвир ранг медиҳад, ба муҳтаво тарҳ, қолаб, шакл, ба ҳис ҳаракат ва набз:

*Зари сурх оварад дарёи Вахё,*
*Гули сурх оварад дарёи Вахё.*
*... Яке озодае дар ҷони кишвар,*
*Ту рӯҳи тозаӣ, рӯҳи тавоно.*

* * *

*Озод меояд наво,*
*Озод монанди ҳаво.*
*Ё нозанине пардагӣ*
*Аз парда мегардад раҳо.*

* * *

*Сари санги мазори марди хаста*
*Гиёҳе аз хати бишкаста раста.*

Дар ин ҳошия мешавад гуфт, он чи шеъриятро дар шеъри Назри Яздон ба бор меорад, қиёми тафаккур, қиёми ҳис ва қиёми зебоист. Барқи шеър аст, ки аз сими тафаккур ва андешаи шоир ҷараён мегирад ва чароғи калимот дар шеър рӯшан мешавад. Дар ин рӯшанӣ ҳис бедор мешавад

ва зебоӣ нурбор мегардад ва баҳори ранг дар калимаҳо шукуфа мебандад. Тафаккури пурбор, ҳисси бедор, зебоии саршор ҳувият ва аслияти воқеиятҳост дар шеъри Назри Яздон. Шоир аз шеър то шеър мекӯшад, ки ҳувият, аслият, воқеият, тароват ва балоғати тафаккур, ҳис ва зебоиро дар шеър камол бубахшад ва ҳифз кунад:

*Аз раҳи себзори гулборон,*
*Аз раҳи сабзи кишт меомад.*
*Докаи барқадаш ҳаво хӯрда,*
*Ҳамчу ҳури биҳишт меомад.*

*... Шамси ман, шамси навбаҳори ман*
*Нур меафканиду кам мешуд.*
*Ҷисму ҷони фишурдаи модар*
*Пухта-пухта қиёми ғам мешуд.*

*Аз дари хираи хазон дидам,*
*Аз раҳи зарди боғ меомад.*
*Равшанӣ дода хиразоронро*
*Модарам чун чароғ меомад.*

*Аз раҳи зарди боғ меовард*
*Буғчае ҳамчу хӯшаи ангур.*
*Остини фарох пурсавғо,*
*Чеҳраи меҳрубони ӯ пурнур.*

*Аз дари хираи хазон дидам,*
*Докаи барқадаш ба тан печид.*
*Хуштарин пораи сафедӣ буд,*
*Бар танаш ҳамчунон кафан печид.*

*Ормонҳои номуроди ман*
*Ҳамчу парвонаҳои саргардон*
*Дар шабистон чароғ гумкарда,*
*Дар шабистони тирае сарсон...*

Агар шеър ҳофизаи таърихи як миллат аст, дар ин шеър модари тоҷики кӯҳистон дар ҳамин ҳофиза тасвир ёфтааст. Модар бо докаи баркад, остини фарох, ки маъмулан пур аз савғост, ҷоннисориҳои бедареғи модар ба ҳофизаи таърих рафтааст. Тасвир ва чеҳраи ин модари биҳиштӣ дар тасвири наққошон дида намешавад. Хушбахтона, дар шеъри Назри Яздон, чеҳраи ин модар дар калимот наққошӣ шудааст ва тасвири онро метавон дар шеър тамошо кард ва дид.

Дар ин шеъри зебо ва шево ҳолатҳои тафаккур, таҷаллии ҳис ва рангҳои тасвир ваҳдати дарунӣ ва берунии шеърро таъмин кардааст. Иртиботи солим ва мантиқии калимот дар фазои кулли шеър сатрҳоро ба ҳам васл дода ва сатрҳо дар канори ҳам тамоми шеърро.

Дар ин ҳамоҳангӣ ва ҳамдастии тафаккур, ҳис ва зебоӣ ҳақиқати вуҷуди шеър маъно бигрифта. Тафаккур, ҳис ва зебоӣ се унсури собит аст дар вуҷуди ин шеъри пурбор ва нурбор.

Назри Яздон ба ширинӣ, шевоӣ, зебоӣ, малоҳат ва балоғати шеъри шифоҳии мардум нек ошност. Таъсири ин ошноӣ дар шеърҳои ӯ бисёр ошкор аст. Назри Яздон бо басирати шоирӣ зебоиро дар зеҳни калимаҳо кашф мекунад, зебоиро мебинад ва зебоиро дар шеър ба наққошӣ мекашад. Дар наққошии шеър ранги матлуб ва писандида барои шоир ранги сафед аст. Ранги сафед барои ӯ покист, ростист, растагорист, сидқ асту садоқат. Ранги сафед дар тафаккури шоир калима мешавад, калима ранги зебоӣ ба худ мегирад, ки ниҳоят дар шеър меомезад. Фалсафаи ранги сафед дар шеъри Назри Яздон ҳастиро, хилқатро, маънои будан ва зистанро дар шеър таъбир мекунад, шарҳ медиҳад. Шоир ранги сафедро тафаккур мекунад, таҷаллии ҳис ва зебоиро дар ин ранг бештар ва амиқтар мебинад. Дар ин таҷриба фазои шеърро аз ҳолатҳо пур месозад. Хонанда дар шеъри Назри Яздон ҳолатҳои мухталифи равонӣ ва рӯҳониро дарк мекунад ва бар ин ҳолатҳо дар шеър ворид мегардад. Дар як ҳарф ранги сафед дар шеъри Назри Яздон ҳувияти инсони комил аст, балки ҳамон даҳ ганҷ аст, покӣ, меҳр, амонат,... ва Қуръон.

***1. Ганҷи сафед:***

Аз шарарбории ин ганҷи сафед...

***2. Фонуси сафед:***

Гӯиё дар дили фонуси сафед...

***3. Тирамоҳи сафед:***

Мавсими зардии диёри ман
Пайки роҳи сафед овардӣ.
Зардии тирамоҳро бурдӣ,
Тирамоҳи сафед овардӣ.

***4. Риши сафед, ҳарфи сафед:***

Чун ба риши сафеду ҳарфи сафед
Менамудӣ дуои хайри башар.
Рӯи саҷҷодаат фурӯ мерехт
Рӯи дунё ҳама сафедиҳои саҳар.

Ранги сафед дар шеъри шоир дар як ҳолат ва як тасвир нест, балки қадам ба қадам бо инсонҳо зиндагӣ мекунад, нафас мекашад. Ранги сафед вобаста ба ҳолатҳои рӯҳӣ ва равонии шоир тағйир меёбад: бонги азон, субҳи роз, имон, хандаҳои гавҳарӣ, ҷомаи кафан, атри саҳар ва ҳавои наврӯзӣ мешавад.

***Азон:***

Аз куҷое мерасад бонги азон,

***Атри саҳар:***

Гунае тозатар зи атри саҳар.

***Имон:***

Мепарастам шамси имон.

***Кафан:***

Ва ҷомаи сафеди охирини ман
Ҳалоли ман шавад.

***Ҳавои наврӯз:***

Сӯҳбатат чун ҳавои наврӯзӣ
Поку соф асту ранг рангин аст.

Назри Яздон ба шеър шиносоии дуруст ва солим дорад ва дар фанни шеър такя мекунад ба асолат, воқеият ва ҳақиқати калом. Шоир асолат, ҳақиқат ва воқеиятро дар тасвири ҳолатҳо нигоҳ медорад ва бар калимот ва таркибот мусаллат мешавад. Нигоҳи ӯ дар як калима шеърро мешиносад. Ҳамин ҷӯшиш ва кӯшиш аст, ки ӯ дар шеър калимот ва таркиботро тобеъ ба ҳолатҳо месозад. Тафаккур, ҳис ва зебоӣ дар шеъри Назри Яздон бозтобе ҳаст аз зиндагии мардум, аз ҳасратҳои мардум, аз боварҳои мардум. Ин бозтоб ҳамон қиёми тафаккур, ҳамон қиёми ҳис, ҳамон қиёми зебоӣ, ҳамон қиёми шеър аст, ки аз ҷони дардманди шоир дамида:

*Чу зарбехи қиём андар давоҳо*
*Қиёми шеър аз ҷонам дамида...*

## ПАРДАИ РОЗЕ, КИ СУХАНПАРВАРИСТ...

Ёдам ҳаст, рӯзе буду рӯзгоре буд ва маҳфилҳое аз шеър... Абдулқодири Раҳим дар он рӯзу он рӯзгор, дар он маҳофил аз худ шеърҳо мехонд ва ҳар бор, ки шеър мехонд, мегуфтанд, қасди шоир аз шеър маълум нест...

Дар он рӯзгор бар он набудам, ки чаро қасди шоир аз шеър маълум нест. Ё худ чаро ҳарфи ӯро дар шеър намешавад фаҳмид. Ҳоло ки солҳо аз он рӯзгор рафта ва ин рӯзҳо бо шеъри ӯ маҳшурам, дарёфтам, чаро чунин буда. Абдулқодир зуд, сареҳ, шиорӣ ва лухт шеър намегӯяд. Шеъри ӯ пур аз ибҳом, иҳом, нимод ва истиора аст. Ӯ дар ботини калимот ва таркибот муҳтаворо, шеърро меофарад. Дар шеъри ӯ зеҳният, тафаккур, андеша, нигоҳ аз ботини шай, ботини калимот ва таркибот ҷорист. Шеъри Абдулқодир шеъри ботин аст, на шеъри зоҳир, ки имрӯз ин шева дар шеър бисёр роиҷ аст. Дар кори ӯ андеша, тасвир, муҳтаво, ҳисс дар ботини калимот ва таркибот нафас мекашад. Шеър дар кори ӯ аз ботини калимот ва таркибот сар бар меорад ва тулӯъ мекунад. Абдулқодир шеърро дар маъно меофарад, на дар нақш.

Нақш барои ӯ зоҳири калимот аст ва маъно ботини калимот. Аз ин шеваи кори шоир дар давоми сӯҳбат боз хоҳем гуфт. Ҳамин ботингароӣ, барангехтани ҷозибаи шеър дар ботини калимот ва таркибот муҷиби тақвияти тафаккури ӯст дар кори сухан. «Нусхаи парешонӣ»-и ӯро боз мекунем:

*Шеър гар як инқилоби тоза мехост,*
*Рӯи як гул рӯ намедид,*
*Шамъро бо ҳамсариҳо ҳам намехонд,*
*Бар гуноҳи бегуноҳиҳои ҳар парвона мебахшид,*
*Об мешуд пӯшти ҷӯй аз оби дарёҳо.*

*Абрро бо ханда мегуфт:*
*Офтоби дигаре ҳаст,*
*Зиндагӣ ранги ба ранг аз зиндагонӣ мекунад гул,*
*Рӯи борон бори он уфтода пинҳон аст,*
*Ҷавфурӯшӣ суд н-орад,*
*Гандумӣ кардан баҳои пораи нон аст.*

*Ашк дар ҳангомаҳои мардуми доно баҳор овард,*
*Аз шикебоӣ мағок оинадорӣ кард.*
*Ҳар кӣ дилдорӣ намуд, аз рӯи дилдоре,*
*Мурғ тоби офтоби оламороро замон пиндошт,*
*Он ҳама гуфтори нодир рӯи як овоз ҷорӣ кард.*
*Ғамшарикон хандаро уфтода диданд,*
*Даст нагрифтанду хандиданд.*
*Рӯз дар як баргаке пинҳон ҳамешуд,*
*К-остони ин дарахтон бӯи шаб дошт.*
*Гум шудан то гум шудан афсона мебофт*
*Аз Ҳавову Одаму он сӯи Ҳиндустон.*
(Шикебоӣ)

Мазори Ҳазрати Одам, он гуна ки дар «Ҳудудулолам» зикр ёфта, дар Сарандеб (Сейлон) аст. Ҳар кӣ қиссаи Одаму Ҳавворо хонда ё медонад, ин шеъри печида дар муҳтаворо хоҳад фаҳмид. Абдулқодири Раҳим дар офаридани шеър танҳо ба завқ ва салиқа иктифо намекунад. Чун медонад, ки шеър танҳо завқ, шавқ ва салиқа нест, балки болотар аз он аст:

*Пардаи розе, ки суханпарварист,*
*Сояе аз сояи пайғамбарист.*

Аҳсану-ш-шеъру акзабуҳу дар ҳаққи шеър тӯҳмат асту бас. Шеъри шоир агар танҳо шавқ буду ҳамин завқ буду салиқа, ҳаққи шоир набуд, ки рисолати ҳидояти мардумро бар шона дошта бошад. Абдулқодири Раҳим шуҳуди шеърро дар фитрат, дар сиришт, дар хилқат ва машийят

ҷустуҷӯ мекунад. Шеър барои ӯ офтобест, ки аз шарқи ҳайрат тулӯъ мекунад ва дар ойинаи ҳастӣ мешукуфад. Мӯҳтаво ва шеъри ӯ дар зовияи андешаҳо печидааст, яъне шеъри ӯ шеъри андеша дар андеша, тафаккур дар тафаккур, ҳолат дар ҳолат, тасвир дар тасвир мебошад. Ҳамин печидагиҳо дарк ва фаҳми шеъри ӯро барои хонанда мушкилтар кардааст:

*Дарахти пир дар ойинаи бишкаста мегиряд,*
*Ва ман дар гиря механдам ба дунёи ҷавониҳои зебоям.*

(Тарс)

*Оби ҷӯ дар ҳасрати як санг нақши*
*рӯзгори кӯдакиро бо нигаҳ мебаст.*

(Роздорӣ)

*Хаёлам бӯи борон дошт*
*Ва гул мерӯид аз андешаам имшаб.*
*Чароғи субҳ андар ашки Марям нур мепошид,*
*Худоро ёд мекард аз тиловатҳои Қуръон решаам имшаб.*

(Хаёлам бӯи борон дошт)

*Аз хазонам пари товус бифурӯшанду бинозанд.*

* * *

*Он тараф нолаи най мешунавам,*
*Ин тараф гиряи пиронаи даҳр.*

* * *

*Гушнагӣ нони саховат дорад...*

(Нусхаи парешонӣ)

Шеър барои Абдулқодири Раҳим дар пардаи розҳо огоҳист, отифа аст ва бедорист. Ӯ дар шеърҳои худ аз ҳарчӣ бештар маърифатро талфиқ медиҳад, зеро инсони қарни ҳозир беҳтарин арзишҳои маънавӣ ва маърифатии худро аз даст медиҳад. Шоир инсонҳоро ба сӯи ахлоқи

ҳамида мехонад ва ахлоқи маънавии инсонҳоро тарбият мекунад:

*Эй масти хеш, ойинаро пушту рӯ мабин,*
*Дар хонаи Худо ҳама гумгаштаи Худост.*

* * *

*Бо ҳама қиблафурӯшӣ, ба Худо,*
*Шукр, рӯҳам ба намоз аст, намоз.*

* * *

*«Бояд имшаб биравам»,*
*Аз ҷаҳон ҳарфи Худоро ба ҷаҳон хайр намоям.*

* * *

*Мо дар ин уфтодагиҳо мулки ҷонро мехарем,*
*Остонро мефурӯшем, осмонро мехарем.*

(Нусхаи парешонӣ)

Ҳавзаи андешаи шеъри Абдулқодири Раҳимро бидуни калимот ва таркиботе чун санг, шиша, нигоҳ, ҳайрат, ойина, водии аҷз наметавон тасаввур кард. Шоир бо истифода аз ин калимот, бо кайфияти шоирона, бо нигоҳи ҳайратбор вуҷуди инсонро мӯшикофӣ мекунад, ки сӯҳбати ин мавзӯъ ҷудост. Он тавр ки дар оғоз арз доштем, Абдулқодир аз шоирони ботингарост. Ба қавли Мавлавӣ:

*Ба Ҳиндустони аслӣ шав барои мардуми маънӣ,*
*Ба Чини сурате то кай пайи мардумгиё рафтан?*

(Девони Шамс)

Нигоҳи Абдулқодир шеърро дар Ҳиндустони маъно ҷустуҷӯ мекунад ва меёбад, на дар Чини суратҳо. Яъне нигоҳи Абдулқодир дар шеър нигоҳи ковишҳост, нигоҳи розҳост ва нигоҳи ҳикматҳост:

*Нигоҳам бар рухаш з-ойинаи бишкаста меафтад,*
*Нафас пушти нафас пайваставу пайваста меафтад.*

(Рӯзи бедорӣ)

Дар ин байт ойина, ки рамзи худогоҳист, тоза шакл мегирад. Ин ойина ҳанӯз соф нест ва дар тиккаҳои шикаста тақсим аст. Аз ҳар тиккаи ойина як нигоҳ ба ҷаҳон, ба офариниш менигарад. Ва агар ҳам ойина дар нигоҳи шоир дунёст, мехоҳад, бигӯяд, ки билохира, ин ойина шикастанист ва он аз нафасҳои пок боз васл хоҳад шуд.

*Даруни сина оҳеро ба занҷири нигаҳ бандед,*
*Дигар ойина аз дастам намеафтад.*

Аммо дар ин банд, камоли нигоҳ аст, ки амиқ, фарох ба ҷаҳон, ба офариниш менигарад. Ойина ишқ аст, орзуст ва шоир онро худ дар худ сохтааст, ки дигар аз дасти ӯ барнамеафтад.

*Ман нигаҳ бар сӯи шеъри нотамомам мекунам*
*бо оҳи сард аз дур,*
*Пешпоӣ мехурам, гар як қадам сӯяш гузорам.*

Нигоҳи шоир дар ин банд ба мафҳуми замон гиреҳ мехӯрад. Шеър зиндагии шоир аст ва зиндагӣ шеъри шоир, ки ба он аз дурҳо менигарад. Нуқтаи дур замони физикист ва фосилаи миёни зиндагиву шоир. Қадам зиндагӣ аст, пешпо хӯрдан – фитодан аст ва ишора аст ба замони марг. Ҳатто як қадам бардоштан дар ин фосилаи фишурда дар худ пешпохӯрданҳое дорад. Мафҳуми нигоҳ дар шеъри Абдулқодир дар маъноҳои мухталиф омехтааст. Ин нигоҳ аз фарозу фурудҳо ва тӯфонҳо мегузарад, гум мешавад, аммо беасар нест, бо лолаҳо мешукуфад ва ниҳоят ба офтоб мерасад:

*Аз ман нигоҳи гумшуда ҳам беасар намонд.*

* * *

*Аз ман нигоҳи гумшуда бо лолае шукуфт,*

* * *

*Аз ман нигоҳи гумшуда бо офтоб рафт.*

(Нусхаи парешонӣ)

Бар ман хурда магиред, агар бигӯям, мафҳуми нигоҳ дар шеърҳои Абдулқодир пур аз ҳарфи Худо ва пур аз ҳақиқати Худост. Нигоҳи ӯ, нигоҳи як солик аст, нигоҳи як ошиқ аст, нигоҳи як мӯъмин аст, нигоҳи як шоир аст, ки дар ҳар ҳарфе дусад баҳри Худоро мебинад:

*Ва ба як миму алиф лом муборак бинед*

* * *

*Рӯи ҳар ҳарф дусад баҳри Худост.*

(Нақш)

Абдулқодири Раҳим дар меъмории андеша ҳунарманд ва ҳушманд мебошад. Шеъри ӯ дилро аз ҳавасҳои бебор холӣ месозад, рӯҳро рифъат мебахшад. Маърифати ақл ва маърифати дил ду абзори дарунист дар шеъри шоир, барои шинохти худ ва шинохти ҳақиқати низоми ҳастӣ. Шоир дар шеър бетакаллуф аст, он гуна ки ҳаст, ҳамон гуна дар шеър таҷаллӣ медиҳад. Асораи андешаи ӯ дар маърифат, дар ирфон, дар шеър аз зиндагӣ, аз иҷтимоъ ва аз Қуръон аст. Худшиносӣ, худогоҳӣ, шинохти Худованд аз роҳи шуҳуди қалбист. Ҳисси инсон мутобиқ ба амали хориҷ қарор гирифта ва аз ин тариқ инсон ба маърифати худ (ақл ва дил) ба шинохтҳои ҳиссӣ даст меёбад. Баҳси ин мавзӯъ дар шеъри Абдулқодир баррасӣ мехоҳад ва он мавзӯи ҷолиб аст барои аҳли таҳқиқ. Ба ин тариқ шеъри Абдулқодири Раҳимро дар се мартаба метавон лиҳоз кард;

Мартабаҳои шариат, тариқат ва ҳақиқат. Шоир бар ин се мартаба дар шеър бештар меандешад. Шариат барои ӯ зоҳири андеша аст, тариқат ботини андеша ва ҳақиқат ботини ботинҳои андеша. Чашми Абдулқодир ба қавли Калим «ошнои маънои бикр» аст. Ӯ дар кашфи маънои бикр ва тасвирҳои бикр ба сабки ҳамин шоирон, ки он ба номи сабки ҳиндӣ дар шеър ёд мешавад, меандешад. Хатти андеша ва рангҳои тасвир дар кори ӯ ба мо чунин мегӯяд:

*Бо ҳубоб аз ошноиҳо чароғ афрӯхтам, афсӯс.*

* * *

*Шеъри тарам ба хушкии лаб ханда мекунад.*

* * *

*Дарахти пир дар ойинаи бишкаста мегиряд.*

* * *

*Гулрӯи ман, гарчи ҳама чашм боғ шуд.*

* * *

*Ҳасрат дар интизори гули орзу шукуфт.*

* * *

*Ойина аз ғубори қадамҳо наметапад...*

(Нусхаи парешонӣ)

Ҷозиба ва ҷилваи шеъри Абдулқодир дар он аст, ки ӯ шеърро ба сӯи осмони ишқ аз пилла то пилла боло мебардорад. (Мо зи болоему боло меравем). Дар ин уруҷи рӯҳӣ калима, таркиб, тасвир, баён, ранг ва ниҳоят шеъри ӯ сурати дигаре ба худ мегирад. Яъне ин ҳама сурат ба маъно мерасад. Абдулқодир ба мавзӯъ (чи гузашта ва чи муосир) аз даричаи тоза нигоҳ мекунад. Зарофати бадеъро зарифона ва шоирона ба шеър меоварад. Агар аз ин зовия ба шеъри шоир нигоҳ шавад, зебоиҳои ҳунари як шоири ҳунарманд, ки дар калимот пинҳон аст, ошкортар хоҳад шуд:

*Мо дар ин уфтодагиҳо мулки ҷонро мехарем,*
*Остонро мефурӯшем, осмонро мехарем.*
*Нест мӯҳтоҷӣ дар ин ҷо бе карамҳои Худо,*
*Бо ҳама бедонагиҳо каҳкашонро мехарем.*
*Рӯзгоре гар ба хорӣ хор дар по мехалад,*
*Хандаро пинҳон кунед, ин гулситонро мехарем.*
*Эй ба гармиҳои бозори ҷаҳон нозидаӣ,*
*Қудрате дорем, бо оҳе ҷаҳонро мехарем.*
*Арсаи ойинадорӣ ҷойи ҳар номард нест,*
*Бингаред ойинаҳоро, имтиҳонро мехарем.*
*Зар яке хокест рангину ба ранге мебарад,*
*Хок гардед, ин ки умри ҷовидонро мехарем.*

(Харидорӣ)

Шеъри ӯ аз тасовири бикр, аз ташхис, аз мусиқӣ, аз породукс саршор аст. Шоир шоирона аз вожаҳои суннатӣ суд мебарад. Маъноро, тасвирро, шеърро дар фазои тоза ва нав меофарад.

Бахусус породуксро дар шеър бисёр дилнишин ва хотирнишин ба кор мебарад, дар ҳадди камоли андеша ва зебоиҳои баён. Породукс таркибе ҳаст, ки аз ду калимаи ба зоҳир мутазод сохта мешавад, аммо як маънои мунсаҷим медиҳад... «Тасвирҳое, ки аз ин таркибҳо ҳосил мешавад, тасвирҳои породуксӣ, ё таркибҳои породуксӣ меноманд. Таркибҳое монанди дард – бедардӣ, ранг – беpангӣ, сар – бесарӣ, харобобод ва... намунаҳое аз ин навъ ҳастанд. (М.Мирсодиқӣ, «Вожаномаи ҳунари шоирон», саҳ 46)

Намунае чанд:

*Сарват аз андешаҳои пуч меафзуду фахре*
*аз <u>кулоҳу</u> аз <u>кулаҳдорӣ</u> зи нав мекард,*
*Чарх <u>давре</u> мезаду <u>бо даври</u> ӯ <u>даврон</u> ҳамерондам*
*ба пиндорам.*

* * *

*<u>Нотавониҳо тавонам</u> дод, пои хешро бастам ба оҳе...*

* * *

*Побанди деҳ ба олами пурдеҳ зи як вуҷуд,*
*Пурсӣ чӣ шаҳр буд? – Яке шаҳри нури нур.*

(Нусхаи парешонӣ)

Дар ҳамин ривол мусиқии зеҳнӣ ва мусиқии маънавӣ дар шеъри шоир якнавохт, якзарб ва якрез нест, балки мутобиқ ба ҳолу ҳаво ва фазо авҷҳо дорад. Абдулқодир шеърро дар тасвирҳо ва таркибҳо ташхис медиҳад ва аз мусиқии зеҳнӣ, мусиқии маънавӣ, мусиқии ҳуруф барои дилнавоз кардани шеър баҳраҳо мебарад.

Ҳамвора ҷӯшиш ва кӯшиши ӯ бар он аст, ки шеърро дар коркард бо забон ва дар матни забон пайдо кунад. Аз ин рӯ медонад, ки бо калима дар шеър чӣ бояд кард. Ҳар калима дар кори ӯ метавонад ҳаққи шеърро адо кунад. Ба ин тариқ шоир дар ҳавзаи андеша забони шеърро меофарад, калимаҳоро дар шеър гӯё месозад. Калима дар шеъри ӯ ҳарф мезанад, гунг нест. Ҷилва ва таровишҳои ирфонӣ дар шеъри Абдулқодир зебо ва шево ифода ёфтааст. Ин ҷилва ва ин таровиш дар шеъри ӯ пурбортар ва саршортар мешавад. Ӯ бо ҳастиву нестӣ ба чашми ишқ менигарад. Ишқ барои шоир парвоз аст ба сӯи бехудиҳо ва бесӯиҳо. Ишқ ӯро аз қайди дунё, аз қайди вобастагиҳо мераҳонад ва ба Худо наздиктар ва ошиқтар месозад.

*Дастҳоямро буриданд,*
*Дастҳое, к-аз дарахтон буд боло*
*Бо дуо*
*Баҳри халоиқ,*
*То Худо.*

*Дастҳоямро буриданд,*
*Баргҳо*
*Аз саҷдаи номардҳо*
*То куфр рӯ бурданд.*
*Як асар аз меҳр то пайдо накарданд,*

*Чун мусалмон*
*Бар Худои меҳрубон*
*Бо меҳрубонӣ ҷон супурданд...*

*Дастҳоямро буриданд,*
*Аксҳои дастҳои бударо дар коғази беҷон ҳамебинам,*
*Бо дарахти Одаму номи паямбарҳо,*
*Бо ҳама рангобарангиҳои ин дунёи зебо.*

*Дастҳоямро буриданд,*
*Бо дарахтон мекашам болотарак қад,*
*Ҳам ба болотар барорам дастҳо аз нав,*
*Офтобе ҳаст,*
*Моҳтобе ҳаст,*
*Хоку обе ҳаст,*
*Чун Худои меҳрубоне ҳаст..*

(Роҳ)

Хонанда дар шеъри шоир ҳис, ҳаракат ва зиндагии инсони муосирро ба гунаи бориз мебинад.

Абдулқодир мафтун ва шефтаи инсони бедоррӯҳ ва бедордил аст. Инсоне, ки рӯҳи бузург, рӯҳи беқарор ва саршор аз отифа дорад. Инсоне, ки (ба қавли худи шоир) аз ҳар гуна ҳаваси бебор озод аст ва панҷарае дар худ кушудааст ба сӯи олами беинтиҳоӣ. Инсони вораста худи шоир аст, ки чунин панҷараро тавониста дар худ бикушояд, то ба меъроҷи рӯҳ бирасад:

*Водии аҷз ба мижгони гиёҳе шуда гум,*
*Толиб Ӯ асту ман аз роҳи талаб мегузарам.*

(Водии аҷз)

Дар охири сӯҳбат мехоҳам бигӯям, Абдулқодири Раҳим дар шеъри муосири тоҷикӣ шоирест навсохта, худороста бо машъали гарм ва рӯшании андеша дар торикиҳои ин рӯзгор.

# АЗ ҚАЛАМРАВИ ШЕЪР ТО ҚАЛАМРАВИ ИШҚ

Қазоват ва баррасии ҷанбаҳои ҳунарии шеъри як шоир аз тарафи ҳар мунтақид ҳамеша нисбӣ аст, зеро ҳар баррасӣ наметавонад хулоса ё ниҳояти ҳунари як шоир дар шеър бошад. Ҳар мунтақид бар ашъори шоири дилхоҳ бо шеваи худ канор меояд ва дар баррасии шеър пойбанди милокҳои хеш аст. Шеъри Салими Хатлонӣ нигоҳи маро бо ду омил ба худ ҷазб сохт. Нахуст офаридаҳои шоиронаи ӯ дар шеър ва дувум ҳам ормонгароиҳои ӯ. Бояд арз дошт, ки офаридаҳои шоиронаи Салими Хатлонӣ якранг ва якнавохт нест, офаридаи як шоири ҳушманд ва ҳунарманд аст. Ӯ маънoро, баёнро, калимаро, таркиброро, тасвирро дар шеър фарох, гусутарда, санҷида ва фаҳмида ба кор мегирад. Бихонем:

*Роҳи ҳазор нози шукуфтан нуҳуфта монд,*
*Гул парда гашт дар нигаҳи интизори мо.*
(Дар гуҳарбори садаф, саҳ 20)

*Зарра то зарра даромехт нафас дар гили мо,*
*Хок гаштему ба таъмири худ олам кардем.*
(Дар гуҳарбори садаф, саҳ 22)

*Покбозӣ чун нигаҳ дур аз назар афтодааст,*
*Маърифат афшурдаи ақл аст, аз дастор нест.*
(Дар гуҳарбори садаф, саҳ 29)

Дар идомаи баҳс аз ин ҷанбаи шеъри Салими Хатлонӣ муфассалтар сӯҳбат хоҳад шуд. Ҳоло бингарем ба дигар ҷанба аз шеъри шоир, ки он ормонгароист. Ормонгароиро дар шеъри Салими Хатлонӣ чунин метавон тақсимбандӣ

кард: ормонгароии фардӣ, ормонгароии иҷтимоӣ, ормонгароии эътиқодӣ, ормонгароии миллӣ, ормонгароии башарӣ:

*а) ормонгароии фардӣ:*
Нахоҳам, ҷуз пари парвона барге бар кафан гирам,
Ҷаҳоне завқ бандад, ман агар банди сухан гирам.
(Шикастанҳо… на бастанҳо… саҳ 51)

Ҳама рафт умри ширин ба ғами ту дар ҷудоӣ,
Ману орзуи дерин, туву расми бевафоӣ.
(Дар гуҳарбори садаф, саҳ 49)

*б) ормонгароии иҷтимоӣ:*
Ӯ ҳама фанд медиҳад ҷониби Мансурам аҷаб,
Дил ҳама панд медиҳад, ақли маро ба дори ӯ.
(Шикастанҳо… на бастанҳо… саҳ 53)

Саодат наомад ба сарвақти ғам,
Чӣ ҳангомаҳо пушти ҳангом рафт…
(Дар гуҳарбори садаф, саҳ 46)

*в) ормонгароии эътиқодӣ:*
То ба фалак шуд оҳи ман, зад ба малак нигоҳи ман,
Сӯи Худост роҳи ман, рошиди раҳнамои ман.
(Балоғати нур, саҳ 34)

Эй, ки сӯзи Ҳақ зи оҳат мерасад,
Нури маънӣ аз нигоҳат мерасад.
(Дар гуҳарбори садаф, саҳ 58)

*г) ормонгароии миллӣ:*
Фалакзодо, зи афлокат кашидем,
Сари бебокӣ бар бокат кашидем.
Ало, эй қавми мо, бахшой бар мо,
Ки хокӣ гуфта бар хокат кашидем.
(Дар гуҳарбори садаф, саҳ 175)

Боядам роҳе ба кӯйи асли худ,
Бар ҳавои рӯзгори васли худ.
(Балоғати нур, саҳ 63)

*д) ормонгароии башарӣ:*

Ҳамдами аҳли назар шав ҳамчу ман,
Аз раҳи дил бохабар шав ҳамчу ман.
(Балоғати нур, саҳ 63)

Бе муҳобо дар дили кас фарқи куфру дин гузашт,
Сабқати ойина омад, сӯҳбат аз ойин гузашт.
(Дар гуҳарбори садаф, саҳ 41)

Ин тақсимбандии фишурда боз ба шохаҳои мухталиф ҷудо мешавад. Ва ҳар он шоха ҳам аз такдарахти шеъри шоир бар гирифта аст. Барои тасаввури бештар аз ин ҳарфҳо ба ҷадвали зер таваҷҷӯҳ шавад:

*Ормонгароӣ*

| Эътиқодӣ | Иҷтимоӣ | Фардӣ | Миллӣ | Башарӣ |
|---|---|---|---|---|
| дин, оинҳо, суннатҳо, фарҳанги мардум | воқеиятҳо, муно-сибатҳо | орзуҳо, ормонҳо, бурду бохтҳо, ишқ… | таърихӣ, худогоҳӣ, худшиносӣ, ифтихори миллӣ | инсони комил, ваҳдати вуҷуд, ишқи башарӣ |

Салими Хатлонӣ дар ҷустуҷӯи ҳамин эътибор (офаридаҳои шоирона ва ҳамин ҳувият (ормонгароӣ) аз унсурҳои бадеӣ шинохта, дониста ва огоҳона истифода мекунад. Ҳосили ин ҷӯшиш ва кӯшишҳоро дар шеъри ӯ ба дурустӣ метавон таъйид кард. Ин эътиборро, ин ҳувиятро бунмояи тафаккур, андешаҳои шоир дар кори шеър бояд донист. Рушд, тавоноӣ ва шукуфоии ҳунари шоирии Салими Хатлониро дар ин ду хат бештар бояст, ки ҷустуҷӯ

кард, зеро рӯй овардани Салими Хатлонӣ ба фалсафаи фардӣ, иҷтимоӣ эътиқодӣ, милливу башарӣ бозгӯи офаридаҳои ӯст дар ҳавзаи шеър. Ҳар он, ки аз ин ду хат дар шеъри Салими Хатлонӣ ғафлат варзад, он гуна, ки бояд, шеъри ӯро фаҳм намекунад. Ошноӣ ба орову андешаҳои Салими Хатлонӣ дар ин замина, дар ин хат, дар ин аслият бояд, ки сурат бигирад. Ҳавзаи ҳувият,эътибор, балоғат,сухансанҷӣ ва суханшиносии шоир дар ҳамин фазои андеша аз шеър то шеър зебову шево мешавад. Дар ин фазо ӯ офаридаҳои шоиронаи худро беш аз беш суфта месозад, беш аз беш сайқал медиҳад. Салими Хатлонӣ бо ормонҳои иҷтимоӣ, фардӣ, эътиқодӣ, миллӣ ва башарии худ дар шеър зиндагӣ мекунад ва хонандаи худро низ ба чунин як зиндагӣ фаро мехонад. Бо он намунаҳо, ки дар оғози сӯҳбат овардам, муроҷиат шавад.

Ба ин тартиб ормонгароӣ дар шеърҳои шоир аҳаммият ва ҷилваи чашмгире дорад. Ормонгариҳои Салими Хатлонӣ дар шеър бештар фаннӣ ва камтар рӯъёист. Дар ин ҳол офаридаҳои шоирона аст, ки ормонгариҳои ӯро дар шеър умқ медиҳад ва ин ду ҳалқаро наметавон дар шеърҳои ӯ аз ҳам ҷудо кард. Тамоми диққат, завқ ва шавқи Салими Хатлонӣ дар баёни маъно, шинохти воқеъияти шеър, аз ҳамин ду хат мегузарад:

*Охир, эй пайки аҷал, дасте ба идрокам задӣ,*
*Сад ҳилол аз нохуни ғам дар дили чокам задӣ.*

*Бокам аз андешаи суду зиёни раҳ набуд,*
*Сабр кӯтаҳ шуд, сало бар қалби бебокам задӣ.*

*Гӯш аз фарёди нобарҷо фаро медоштам,*
*Нолае аз ҷон шудам, бо ҷон ба афлокам задӣ.*

*Наъши ман аз шодии бемунтаҳо осуда буд,*
*Гарди бебунёди ғам дар хотири покам задӣ.*

*Бодаи мастӣ ба бод омад зи баргу донаам,*
*Наштари номеҳрубонӣ дар раги токам задӣ.*

*Интизорам дошт ин рӯъё ба авҷи осмон,*
*Мавҷи тӯфонзои ғам, аз авҷ дар хокам задӣ.*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ 5)

Дар ин ғазали хонданӣ, таркиби «сад ҳилол», «нохуни ғам» ва ҳамчунин чанд таъбири дигар аз офаридаҳои шоиронаи шоир барои баёни ормонҳои фардист. Ва ин офаридаҳои шоирона, болотар аст аз як ҳисси урён ва гузаро. Дар ин ғазали шево ҳис ва эҳсоси фардӣ дар пероҳани офаридаҳои шоирона ранг мебандад ва аз ин ҳамдастӣ набзи як ҳунар дар пайкари ғазал ба таҷаллӣ дар меояд ва ин набз ҳамон шеър аст, ки шоир тавониста онро ба дурустӣ кашф кунад. Мисраъи аввал дар матлаъи ғазал «Охир, эй пайки аҷал, дасте ба идрокам задӣ» бо он ҳама мӯҳтаво, ки дар худ дорад, боз дар ҳадди як хабар аст. Аммо мисраи дувум аз ин байт «Сад ҳилол аз нохуни ғам дар дили чокам задӣ» як ҳола аст, ҳолаи рӯшану саршор аз тасвирҳои диданӣ ва тамоми ғазал мӯҳтаво, маъно, балоғату назофат дар ҳамин ҳолаи тасвир хирман задааст. Ин ҳисси вораста, зебоиву шевоӣ ва балоғати баён дар шоир аз он ҷо нашъат мегирад, ки ӯ саноиъи шеърро чун хишт қолаб дар қолаб намечинад. Балки он саноиъро нахуст кашф мекунад, меофарад, мешиносад, баъд ба қолаби шеър меоварад.

**Дар ғазал:**

*Айби гунаҳ маҷӯй, ки овардаи кас аст,*
*Узри ҳазор тавба чӣ бошад, савоб рафт.*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 46)

Бо он ки дар ин байт аз ҳазрати Одам ҳарфе нест, аммо ишора аст ба нахустбашар ва қиссаи гандум хӯрдани он.

**Дар маснавӣ:**

*Аз баҳорон рафт фасли эътимод,*
*Барги мо дар интизори роҳи бод.*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 109)

Муроди шоир аз байтмаснавӣ ин аст, ки бас дар баҳорон шукуфта будем, аммо он шукуфтанҳо дар зоҳир будааст, моро бо чунин баҳор дигар эътимоде нест, зеро аз шукуфтанҳои зоҳир ба ҷойе наметавон расид. Вале боз ҳам моро баргу бар аз эътиқоду имон аст ва дар интизори боди мурод воистодаем, ки он меояд ва мо аз дигар шукуфта хоҳем шуд (бояд арз дошт, ки баҳори дурӯғин миллатро ба ҷанг кашид ва баҳори ростин, ки ҳамон боди мурод аст, миллатро ба сулҳ овард). Интизории шоир бар медиҳад баҳори ростин аз роҳ мерасад ва дубора эътимоди шоир шукуфтабор мешавад. Ва ин шукуфтан, ин баҳор, баҳори худогоҳӣ, баҳори худшиносии як миллат бояд, ки бошад. Бод насими ҳидоят аст, ба сӯйи меҳрубонӣ, ба сӯйи дӯст доштан, ба сӯйи зиндагӣ, ба сӯйи рӯшаниҳо аз торикиҳо…

**Дар шеъри нимоӣ:**

*Дар ин рӯиё,*
*Ба ҳаққи вопасин инсон,*
*Каломи «Сураи Ихлос»-и Одамро*
*Ба лаб гардон,*
*Ки меояд зи пушти пардаи пиндор,*
*Ҳавои пойи шабгардон…*

(Шикастанҳо… на бастанҳо…, саҳ. 67)

Дар ин пора аз шеъри нимоӣ Одам ба маънои мӯъмин аст. Ва мӯъмин сураи «Ихлос»-ро дар тангдастӣ, тарс, навмедиҳо мехонад. Ба ин тариқ ба Худованди якто эътиқод мекунад. Яъне аз шикасту рехт ва ҳар он чи ҳаст, мӯъмин танҳо паноҳ бар Худо мебарад, Худоро

шукргузорӣ мекунад ва аз Худо кӯмак мехоҳад. Сураи «Ихлос» ҳамчунин мӯъминро аз сеҳри сеҳргарон ҳифз мекунад. Салими Хатлонӣ тавониста бо як ҳунармандии зебо дар ин шеър аз сураи «Ихлос» истифода кунад. Дар ҳавзаи шеъри шоир аз ин намунаҳо фаровон ба чашм мехурад. Ҳатто қофия, радиф ҳам дар кори ӯ барои кашфи маъно ва кашфи шеър хидмат мекунад, на барои риояти як қолаб, ки он бояд нигоҳ дошта шавад.

Аммо гоҳе Салими Хатлонӣ он қадар таҳти таъсири ормонҳои шоиронаи худ аст, ки аз офаридаҳои шоирона фаромӯш мекунад. Ва ё фурсати андеша барои офаридаҳои шоирона дар шеър бар ӯ бисёр танг мешавад. Ва аммо хушбахтона ӯ худро бисёр зуд аз ин тангно наҷот медиҳад. Бо нигоҳи тоза, баёни шево, кашфи маъниҳои шигарф ба офаридаҳои шоирона даст меёбад.

Салими Хатлонӣ шоири хушзавқ аст ва медонад, ки шеър танҳо дар маъно сохта намешавад, лафз, зебоӣ ва шевоии баён, тасвирсозӣ, ташбеҳ, рамз, талмеҳ… низ аз аносири муҳим дар сохтори шеър аст.

Салими Хатлонӣ дар кори тасвир ҳам мумтоз аст. Ӯ тасвирро бештар дар маъно месозад ва аз тасвири бидуни мӯҳтаво парҳез дорад. Дар шеърҳои ӯ тасвирҳои тоза ва бикр, дар рангҳои рӯшану зебо фаровон аст. Шеваи тасвирсозиҳои шоир дар ҳавзаи шеър ба тасвирсозӣ дар сабки ҳиндӣ шабоҳат дорад. Дар ин сабк офаридани тасвир, он ҳам дар мӯҳтавои баланд ва аслияти шеър корест бисёр сахт ва душвор. Ин шеваи баён ва ин сабки тасвирсозӣ бештар дар ғазалҳои шоир дида мешавад. Аммо дар ин шева ӯ аз нигоҳи худ тоза ва муосир шеърро наққошӣ мекунад ва меофарад.

Бихонем:

*Пушти ашк аст ниҳон атри нигоҳам, чӣ кунам.*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 23)

*Ситези айши маҷро бар талоши мавҷ механдад.*

(Шикастанҳо… на бастанҳо…, саҳ. 49)

*Хушксорам, нам ба чашми тар намеояд маро.*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 35)

*Кафи баргам, ки ранги нашъа додам нози шабнамро.*

(Балоғати нур, саҳ. 26)

*Мезанам боди нафас бар хотири хокистарам.*

* * *

*Сеҳри гардун манзари хоб аст чашми мурдаро.*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 38)

Ва аммо такбайти охир, тасвири «чашми мурда» таъбирест пурбор. Таъбири «чашми мурда» киноя аст аз чашми беҳис, чунончи он чашм мебинад ва аммо боз ҳам намебинад. Муроди шоир аз «чашми мурда» инсони ҷоҳил аст, ки бар ҳама чиз бетафовут ва берабт менигарад, дарк аз нигоҳ надорад. Ҳар манзар ва ҳар он чи ҳастро чунон мебинад, ки гӯё дар хоб. Ҳол он ки ҳар манзар ва ҳар он чи дар дунёи бекарон ҳаст, ҳар кадом як рамз, як маънои ниҳуфта аст. Яъне ҳар он чи ҳаст, танҳо барои як тамошо нест ва инсон ашрафи махлуқот аст ба ҳар мавҷуде ба чашми таҳқиқ бояд, ки бингарад. Дар ҳар мавҷуд бикӯшад рамзеро, маъноеро аз қудрати офариниш дарёбад. Он гоҳ инсон ҳақиқати худро, ҳақиқати ҳастиро хубтар ва беҳтар дарк мекунад ва мешиносад.

Салими Хатлонӣ дар шеваи кори худ дар баён, дар маъно, дар тасвир, дар ҳамбастагии калимот, таносубро дақиқ ва зариф ба кор мегирад:

*Дар ниҳод аз тоби ишрат мекашид ангури мо,*
*То расид аз боғ бар хумхона, дар ованг шуд.*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 42)

Дар ин байт таносуби зоҳирӣ ва ботинии калимот дар маъно, дар тасвир, ҳаққи мушорикати калимот чӣ қадар тавъам омадааст, хонанда худ он ҳамаро аз рӯйи фаросат метавонад дарёбад. Шоир бо нигоҳи ҷӯянда ва ёбанда тасвирҳоро тоза ва ноб дар қоби шеър меорад. Ӯ бо ҳунармандӣ ва ҳушмандӣ дар сабки классикӣ тасвирҳои тамошоӣ меофарад, аммо бо шеваи шоири муосир, ки ҳар шоир имрӯз аз ин тавоноӣ ва аз ин қудрат бархурдор нест. Салими Хатлонӣ аз ҳолу ҳавои шеъри қадим нафас тоза мекунад. Нафас тоза мекунад бо андешаҳои расида ва ҳамида. Дар шеъри шоир манзур аз андеша ҳикмати андеша аст:

*Шамъсон месӯзаму об аз назар меафганам,*
*То ба чашми кас наафтад хок аз хокистарам.*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 6)

Ин байт, танҳо як баён дар қолаби малзум нест, балки бозёфти тоза ва ноб аст, бо аслияти шеър, бо ҳикмати шеър.

Салими Хатлонӣ дар тасвир бо он ки нигоҳи наққошӣ дорад, бештар маъногарост, яъне дар кори шеър бештар дар маъно андеша мекунад. Ин таъсир беш аз ҳарчи дар кори ғазал ва шеърҳои нимоии ӯ ба мушоҳида меояд. Дар ин хат шоир асолати забон, шевоии баён, зебоии тасвирро дар зоҳири шеър (қолаби калимот) ва шигарфи маънoро дар ботини шеър кашф мекунад. Салими Хатлонӣ дар шеваи кори худ, дар баёни зоҳир ва дар баёни ботин рӯйи калимот ва таобир аз балоғати андеша кор мегирад. Ӯ чун як шоири ҳунарманд шеърро дар бӯъди маъно, дар бӯъди мӯҳтаво, дар аслият ва айнияти шеър меёбад, на дар мушорикати қолабии калимот. Чунин аст, ки шеъри Салими Хатлонӣ дар ҳавзаи маъно, андеша, тасвир, забон, маҳдуд, такрорӣ ва тақлидӣ нест. Агар ҳам дар ҷойе маънои

қадимро дар шеър ба кор мегирад, он маъноро бо полоиши андеша ранги тоза медиҳад.

Салими Хатлонӣ ҳамчунин дар шеваи кори худ аз санъати талмеҳ огоҳона ва зарифона суд бармедорад. Ин шеваи баён шеъри шоирро ҷаззоб ва таъсиргузор кардааст. Талмеҳ дар луғат ба маънои «Ба гӯшаи чашм ишора кардан ва дар истилоҳи фанни бадеъ он аст, ки шоир дар зимни калом ба достон ё масал ё оя, ҳадис, ки маъруфият дошта бошад, ишора мекунад» (Маймонаи Мирсодиқӣ (Зулқадр), «Вожаҳои ҳунари шоирӣ», саҳ. 83)

Суд бардоштан аз санъати талмеҳ, он тавр ки гуфта шуд, таъсири шеъри шоирро аз ҳар паҳлӯ ҷаззобтар ва нобтар мекунад. Истифода аз санъати талмеҳ ба он ишорат медорад, ки шоир аз фарҳанги ғании андеша бархурдор аст. Ойин, суннат ва фарҳанги пешиниёнро ба хубӣ омӯхтааст ва хуб медонад. Ҳоло бингарем ба ин саноиъи бадеъ дар ҳавзаи шеъри Салими Хатлонӣ.

Қиссаи Фарҳод ва Ширин:

*Бесутун ғарқ аст дар ашке, ки Ширин медамад,*
*Теша то дар синаи Фарҳод мезад ноларо.*

(Балоғати нур, саҳ. 29)

*Чун теша фурӯ рафт ба ҷонам нафаси оҳ,*
*Ширин дами марг омаду Фарҳод фано шуд.*

(Ҳамон ҷо, саҳ. 30)

Қиссаи Юсуф:

*Эътибори ҳастиям аз ин Ватан афсона зад,*
*Нағмаи Яъқуб гӯ, Канъон чӣ кор ояд маро?*

(Балоғати нур, саҳ. 36)

*Фақр биншонд ба ин маснади хоколудам,*
*Ҳокими Мисраму вобастаи чоҳам, чӣ кунам?*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 23)

Қиссаи Сулаймон:

*Эътибори хешро дидан ҷалоли ҳашмат аст,*
*Мӯрро ҳам, шавкати тахти Сулаймон мекашад.*

(Ҳамон ҷо, саҳ. 45)

*Мурғи хаёлам зи саропарда рафт,*
*Бар ғами дил нест Сулаймони ман.*

(Балоғати нур, саҳ. 40)

Қиссаи Мансур:

*Пешаи Мансур хоҳад тӯшаи роҳи назар,*
*Хобро овеза кун бар дору бедорӣ талаб.*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 15)

Қиссаи Юнус:

*Бадар биё зи фиреби баҳори афсона,*
*На ҳастӣ Юнуси бахт, аз наҳанг огаҳ бош.*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 29)

Қиссаи Одам:

*То бани Одам хурофобовар аст,*
*Рӯзи ӯ тор аст, розаш абтар аст.*

Қиссаи Иброҳим

*Гар фаротар аз ҳавои бим шавӣ,*
*Шӯъларо гулбоғи Иброҳим шавӣ.*

(Ҳамон ҷо, саҳ. 123)

Аз ин намунаҳо он тавр ки бармеояд, таъсирпазирии Салими Хатлонӣ дар истифода аз санъати талмеҳ созанда аст ва ба таъсирпазирии қолабӣ рабт надорад. Бо ин роҳ шоири ин сӯҳбат аз санъати талмеҳ фаровон суд бардоштааст, ки гувоҳи вусъати хаёли ӯ дар ҳавзаи шеър аст. Баррасии санъати талмеҳ дар кори Салими Хатлонӣ мавзӯи дигар аст, барои аҳли таҳқиқ ва пажӯҳиш. Таҳқиқ ва

пажӯҳиши ин мавзӯъ дар ҳавзаи фаъолияти шоир дорои аҳаммияти вижаи адабист ва маҳсули он метавонад, ки як фарҳангвора дар ин ҳавза бошад. Дар шеъри муосири тоҷикӣ чизи шоистае дар ин мавзӯъ ба бор наомадааст. Чунин аст, ки боз тасдиқ медорам, шеъри Салими Хатлонӣ шеъри андеша дар ҳикмат аст, эҳсос ҷузъи дувум аст дар кори ӯ. Дар ҳамин ченак, дар ҳамин меъёр Салими Хатлонӣ инсонро, хилқатро, офаринишро тавъам бо масоили иҷтимоӣ, маърифатӣ ва фалсафӣ андеша мекунад. Чаҳорпораҳо, дубайтиҳо ва рубоиёти шоир аз ҳолатҳои мухталиф ва лаҳзаҳои мухталифи як зиндагӣ башорат медиҳанд. Дар ҳамин лаҳзаҳо, дар ҳамин ҳолатҳо инсон зиндагии худро месозад, зиндагии маънавии худро ва дар ҳамин зиндагӣ комил мешавад. Баҳс аз ин қолабҳои шеърӣ дар кори шоир сӯҳбатро ба дарозо мебарад. Бо ин назар аз он мегузарам. Ва аммо он тавр ки ишора рафт Салими Хатлонӣ бо нигоҳи тоза, баёни шоирона, маънии шигарф дар шеър меандешад. Дар офаридаҳои шоиронаи Салими Хатлонӣ таркиб ва таъбирҳои тоза бисёр аст. Ин таркиб ва ин таъбирҳо маҳсули андешаҳои ӯст дар ҷодаи шеър. Намунае чанд дар ин робита: *Миқрози нафас, гушназавқ, нози назар, ойинаи ойин, зулоли маънӣ, насими сӯҳбати хок, хушксори лаб, атри нигоҳ, сози ангушт, ҳарфи шӯъла, сатри лолагун, найистони вуҷуд, боди нафас, хотири хокистар, гурги қисмат, рӯҳи сабзи об, нози ранг, хайратнисор, фоли раҳо, қадаҳбозӣ, қадаҳгадо...*

Ҳамин тариқ, он гуна ки ишораҳо доштам, Салими Хатлонӣ дар шеър бештар пуштибони маъност ва он ҳам маънои пухта, рехта ва шоирона. Яъне маъное, ки аслият ва айнияти шеърро шакл бидиҳад. Ӯ бештар маъноро дар маъно тафаккур мекунад, маъноро дар маъно ҳувияти шеър медиҳад. Ин ҷилва қабл аз ҳарчи марбут мешавад ба шева ва сабки кори ӯ дар ғазал ва маснавӣ. Ҳувият, аслият ва айнияти шеър дар ғазалҳои шоир бештар ҷараён дорад, дар маснавиҳои ӯ ин таҷаллӣ камтар аст. Офаридаҳои шоирона, баён, таносуби мантиқии калимот, кашфи маъно дар

ғазалҳои шоир ба куллӣ дигар аст. Бо ин вуҷуд Салими Хатлонӣ гоҳе дар ғазал ҳарфи охирро намехоҳад бигӯяд ё ҳавсалаи онро надорад. Ғазалҳое чунин дар корҳои ӯ хушбахтона кам аст, вале боз ҳам ҳаст.

*Ҳарки раҳ андар мақоми некномӣ мебарад,*
*То ба фардо номаи умраш гиромӣ мебарад.*
*Пухтакорон аз мазоқи сифлатабъон огаҳанд,*
*Хирамағзонро раҳи матлаб ба хомӣ мебарад.*
*Орзу гар аз дари арбоб раҳ боло набурд,*
*То нафас боқист, ҳоҷат бар ғуломӣ мебарад.*
*Номи Рустам чира шуд дар ҳалқаи кундоварон,*
*Эътибори нанг аз эъҷози Сомӣ мебарад.*
*Баҳри додан ҳиммати дасти тавонгар бишканад,*
*Ҳоҷати ҷон оқибат аз марги ҳомӣ мебарад.*
*Шеърро бар дафтар аз хуни ҷигар овардаанд,*
*Шоиронро табъи хуш бар шодкомӣ мебарад.*
(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 18)

Чунон аст, ки ғазал дар ҳавзаи кори шоир нотамом монда ва шоири худро интизор аст, то биёяд ва ҳарфи охирро дар кори он бигӯяд.

Ҳоло нигоҳе гузаро ба шеърҳои нимоии Салими Хатлонӣ. Шеъри нимоӣ чист ва чаро шери нимоӣ гӯянд, фикр мекунам хонандаи тоҷик аз ин ҳарфҳо огоҳ аст. Яъне вақте таъкид аз шеъри нимоӣ мешавад, хонанда, бешак, мақсудро хоҳад фаҳмид, ки ҳарф аз кадом навъи шеър аст. Хуб, бозгардем ба шеърҳои нимоии Салими Хатлонӣ. Шеърҳои нимоии шоир дар нисбат ба ғазал ва маснавиҳои ӯ ранг дар ранг саршор аз тасвир аст. Дар шеърҳои нимоии худ шоир дар як хатти мусовӣ тасвир ва маъноро тарҳ мезад. Тасвирро дар мӯҳтаво шеърият медиҳад ва мӯҳтаворо дар рангҳои тасвир. Дар шеърҳои нимоии Салими Хатлонӣ бештар тасвир ҷараён мегирад, тасвири ранг дар ранг.

Бихонем:

*Ҳавас*
*Шикаст дар нафас,*
*Паёми мунҷамиди ишқро.*
*Ҳавас*
*тарона зад навиди ишқро,*
*Ниёзи як булуғи сабз*
*то балоғати сафед,*
*Намози як ҷавона бар суҷуди сабз.*
*Назокати баҳор*
*Ба хуни рӯзгор медамид.*
*(Балоғати нур, саҳ 49)*

Боз ҳам:

*Бӯшаҳр…*
*Бар гӯш мезанӣ,*
*Афсонаи дамидани хуршедро ба об.*
*Ҳангомаи садои шикастанро*
*Аз пора-пора сози сада*
*То гӯши марворид,*
*Дар соғари ҳубоб.*
*Бӯшаҳр!*
*Дар каронаи афсона*
*Нилуфари хаёлро монӣ,*
*Дар обҳои сокит*
*Бар хоби рӯидан.*
*Хокат баҳонаи ноз аст*
*Бар бӯйидан.*
*Нахлат, доман-доман ҳосил*
*То чидан.*
*Бӯшаҳр!*
*Эй ҳамосаи зебо!*
*Эй тозаоби обии дунё,*
*Шаҳре, ки дар қаламрави дарё,*
*Хуршеди рӯзамро,*

*Бо чеҳраи оташ,*
*Мекашӣ ба ком…*
*Рӯъё идомаи таъбир аст*
*Бар хоби нотамом.*

(Ҳамон ҷо, саҳ 54)

Хуб, дигар ин ҳарф рӯшан аст, ки созандагӣ дар шеър аз сиришти шоир ва фитрати шоир бармеояд ва ин созандагӣ аз халлоқияти зеҳнии шоир нумӯ мегирад. Салими Хатлонӣ дар сиришти худ ин созандагиро дорад. Ӯ метавонад тасвир ва маъноро дар қолаби калимот, дар қолаби таркиб ва таъбир шоирона биёрад. Шоирона аз баракоти халлоқияти зеҳнӣ, калима, таъбир ва таркибҳо бисозад. Халлоқияти зеҳнии шоирро дар қаламрави таркибот ва таъбир ба он намуна, ки дар боло овардем, метавон ташхис дод. Созандагии тафаккур ва андеша дар кори шоир аз калима дар таркиб, аз таркиб дар такбайт, аз такбайт дар байт, аз байт дар шеър хулоса мешавад. Ва аммо такбайт… Такбайтҳои шоир ҳам кадом як мӯҳтаво, як тасвир, як ҳолатро баён медорад. Ин таҳаввулоти мӯҳтавоӣ, ҳолат дар шеърҳои ӯ якдаст ва якхат нест, балки печида аст, дар мавзӯъ, дар шеваи тафаккури шоир. Гавҳари андешаҳои Салими Хатлонӣ дар маҷмӯъ соф ва тарошхӯрда аст. Рамзу розҳо дар шеърҳои ӯ бархурдор аст, аз латофат, зарофат, наҷот ва балоғати андеша, чунин аст, ки бархе аз такбайтҳои Салими Хатлонӣ ҳар кадом дар мавқеияти худ як шеъри фишурда аст.

Бихонем:

*Гул кард чашми мову надид аз баҳори ту,*

* * *

*Ҳаво бишкаст охир гунбади сабзи ҳубобамро.*

* * *

*Инак насими сӯҳбати хок аст бо бадан.*

* * *

*Ба меъроҷи назар то омадам, раҳ аз дарун бастам.*

* * *

*Най ғариб аст ба сарвақти найистони вуҷуд.*

* * *

*Мезанам боди нафас бар хотири хокистарам.*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 8,10,20,33,34,51)

Салими Хатлонӣ дар шеър таҷориби лузумро андӯхтааст ва дар ҳар қолаб, ки бихоҳад, шеър накӯ гӯяд. Мӯҳтавои дарунии шеърро ӯ дар шевотарин ва зеботарин шакл метавонад баён кунад. Дар чаҳорпораҳо ва шеърҳои нимоии ӯ бештар ишқи ҷисмӣ сифат мешавад. Дар ҳолу ҳавои ҳамин ишқ зиндагиро таҷруба мекунад ва ин таҷрубаро ба шеър меорад:

*Эй, ки танҳоӣ...*
*Бо шамими резаборон,*
*Бо сафои обҳо,*
*Бо вазиданҳои боди бомдодӣ,*
*Бо хаёли атрбези гулпаракҳо,*
*Дар масири чашму раҳпоӣ,*
*Кош медидам, ки меоӣ.*
*Раҳгузорат аз карони абрҳои симгуна,*
*Манзари чашмат гулоби осмонҳо...*
*Ай нисори мақдамат ҷонҳо!*

*Аз фаросӯйи расиданҳо*
*Омаданҳои ту чун хоби сафед,*
*Офарад рози туро дар тобиши барги сафедорон,*
*Бо хаёли роздори офтоби баъди борон,*
*Чеҳраи қуи сафеди биркаҳои сабзи обӣ,*
*Биркаҳо обанд...*

*Эй, ки танҳоӣ...*
*Аз фаросӯи расиданҳо,*
*Кош медидам, ки меоӣ!*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 88)

Аммо дар маснавӣ, дар ғазал шоир аз ишқи ҷисмӣ фосила мегирад ва ба ишқи рӯҳонӣ наздик мешавад. Ишқ дар ғазалҳо ва маснавиҳои Салими Хатлонӣ ҷанбаи рӯҳӣ ба худ касб мекунад. Баҳси ин мавзӯъ низ дар кори шоир тӯлонист. Аммо дар як ҳарф мехоҳам бигӯям, ки Салими Хатлонӣ дар ғазал ва маснавиҳои худ маъшуқро ҷилвае аз зоти Ҳақ медонад.

**Дар ғазал:**

*Як сина шудам холӣ аз оҳ дар ин савдо,*
*Ку дӯст, ба хушҳолӣ бинад назаре моро.*

(Балоғати нур, саҳ. 33)

*Замзама дорам ҳама дар сози Ҳақ,*
*Замзами мастур биё пеши ман.*

(Ҳамон ҷо, саҳ. 40)

*Саркаши ушшоқ дил, манзари муштоқ дил,*
*Аз сари худ меравад, сӯйи Худо мерасад.*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 16)

**Дар маснавӣ:**

*Эй зи худ н-огоҳ, худогоҳ бош!*
*Чашми Ҳақро сурати дилхоҳ бош!*

(Балоғати нур, саҳ. 59)

*Ишқро дар худ баландовоза гир,*
*Дар иродат бош рӯҳе муқтадир.*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 1047)

*Ишқро дорӣ далел аз иҷтиноб,*
*Рав, худи худро бадар кун аз ҳиҷоб.*

*...Сурати маъшуқ бояд з-ишқ сохт,*
*Аз ҳамон ишқе, ки оламро шинохт.*

*Аз ҳамон ишқе, ки Одам офарид,*
*Пардаҳои отифат дар вай дарид…*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 119)

Аз ин нигоҳ шеърҳои Салими Хатлонӣ дар хонанда ҳисси дарунандеширо, ҳисси худсозӣ, ҳисси худогоҳӣ, ҳисси шинохти ҳақиқатро тарбият мекунад. Шоир рози ишқро, рози зиндагиро, дар шеър ҷустуҷӯ мекунад, ки як шеваи он ҳамон дарунандешист. Салими Хатлонӣ дар умқи андеша фурӯ меравад, барои шинохти мақоми ишқ дар зиндагии башар. Ба камоли ишқ, ба камоли рӯҳ роҳи расиданро меҷӯяд, то тасвире аз ишқро, аз рӯҳро дар шеър биёрад. Шоир дар ин ковишҳо, бар он меояд, ки рози ишқ, рози рӯҳ дар худи инсон ниҳуфтааст. Инсон бояд, ки ин розро аввал дар худ кашф кунад, дар худ бишносад. Ин рози ҳамешагӣ дар худи инсон Ватан дорад. Инсон бояд дар худ ин розро пайдо кунад ва аз баракати ишқ файзбор шавад, зеро асли ишқ, худ инсон аст:

*Савдои дигар пеша кунам дар талаби ишқ,*
*Дар сози ҳавас ҷилва диҳам тарки адабро.*

(Шикастанҳо… на бастанҳо, саҳ. 61)

*Талаби васл салоҳ аст зи соҳибназарон,*
*Ҳавас аз ишқ маро сози Худо манзур аст.*

(Балоғати нур, саҳ. 25)

*Саҳар аз боди сабо ёди туам боз омад,*
*Ки зи ғайбам ба раҳи ишқи ту овоз омад.*

(Ҳамон ҷо, саҳ. 27)

Ба ин тариқ, нақши ишқ дар фазосозии шеъри Салими Хатлонӣ бисёр муассир аст. Инсон вақте ҳақиқати ишқро мешиносад, худро мешиносад ва маънии зистанро. Ҳанӯз, ки ҳанӯз аст башар ин ҳақиқатро он гуна, ки бояд дарк на-

кардааст, ё намехоҳад дарк кунад. Шеъри Салими Хатлонӣ, офаридаҳои ӯ, ормонгароиҳои ӯ дар мадори ҳамин ҳақиқат мечархад. Ва шеъри ӯ инсонро ба сӯйи ҳамин ҳақиқати ҷовид ҳидоят мекунад.

Бихонем:

*Эй накӯрафтор, эй марди фақӣ,*
*Тоати дил дор, ёри мутлақӣ.*
*Бигзар аз худ, то ба сози худ расӣ,*
*Бингарӣ дар хеш, оё чун касӣ?*
*Шеваи Ҳаллоҷ хоҳӣ, дор гӯ,*
*Гар «Аналҳақ» мезанӣ, бедор гӯ.*
*Ҳар кӣ сӯйи ростон по каҷ ниҳод,*
*Сӯйи Ҳақ девори худро каҷ ниҳод.*
*Чун тавонӣ рӯзи майдон монд ҷон,*
*Чун зи ин навъе надорӣ дар дукон?*
*Ҷон, ки қурбонӣ ҳамебояд ба ҳол*
*Чун фароҳам шуд зи шӯре эътидол.*
*Гар ба танҳоӣ расӣ, аз ҷамъ гӯ,*
*Ҳарфи дил дар пеши аҳли самъ гӯ.*
*Ман, ки дар танҳоии худ маҳшарам,*
*Зарраам дунёст, ҳар ҷо бингарам...*
*...Завқи хушбинро асои роҳ кун,*
*Поят аз дасти талаб огоҳ кун.*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 125-126)

Салими Хатлонӣ низ чун ҳар шоири андешаманду ҳунарманд дар хиттаи зеҳни худ инсонро ба тасвир кашидааст. Ва инсон аз нигоҳи Салими Хатлонӣ қабл аз ҳарчи нек ва накӯкирдор бояд, ки буда бошад. Ҳар он ки чунин аст, ишқро, муҳаббатро, дӯстиро, Худовандро риёӣ тоат намекунад, балки тоати ӯ тоати дил аст. Орзуи инсоне чунин дар андешаи шоир танин меандозад ва дидани чунин инсонро дар зеҳн мепарварад. Инсоне, ки ҳақ мебинад, ҳақ мегӯяд ва ҳақ зиндагӣ мекунад. Ва ҳар он ки хилофи ҳақ аст, дар ростӣ пой каҷ мегузорад ва «сӯйи ҳақ девори бино

кач ниҳад». Яъне пеши худ девор бардорад, девори кизб. Пушти ин девор фарде чунин ҳақро намебинад, ҳақро намешиносад ва дар соясори сохтаи худ рӯшании ҳақиқатро барои ҳамеша гум мекунад. Ҳузури инсон дар шеъри Салими Хатлонӣ баҳонае барои гуфтан нест, балки ҳақиқати зистан аст ва шоир ҳамин ҳақиқатро дар шеър ба тасвир гирифтааст:

*Ин умр қатра-қатра нисори чакидан аст,*
*Оғозро ба нуқта маҷоли расидан аст.*

*Эй аҳди сарфароз, ки кӯтоҳ шуд нафас,*
*Бе мунтаҳост осмон, вақти хамидан аст.*

*Соҳибдилон қадам ба тамошо намебаранд,*
*Меъёри ақли он ҳама ақсои дидан аст.*

*Фарёдро, хамӯш, нисори гулӯ макун,*
*Зеро ки дил гувоҳи садову шунидан аст.*

*Пирӣ ба ранҷи ҳавсала дил мубтало кунад,*
*Оваҳ, қабои ғунча нисори даридан аст.*

*Аз шохсори орзу бедоғ мева чин,*
*Фасли баҳор рафт, хазон оҳи чидан аст.*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 31)

Ҳузури инсон дар шеъри Салими Хатлонӣ ҳолатҳо ва давраҳои мухталифро дар бар дорад.

а) Инсони озодихоҳ, истиқлолталаб, инсоне, ки ҳамоса меофарад, саршор аз ифтихори миллист:

*Миллати ман борҳо дар хун нишаст,*
*Дар азои хеш пайвасту шикаст.*

*Ҷабр дид аз ниливу зарду бунафш,*
*То ба даст овард ин рангиндарафш.*

б) Инсони ориф, солик, марди роҳи ҳақ, инсони аз худ гузашта ва раста аз қайди дунё:

*Сӯфиён аз софӣ мақдам кардаанд,*
*Аз раҳи номаҳрамон рам кардаанд.*

*Дида аз бас хоксорӣ дар вуҷуд,*
*Хокро болонишин кам кардаанд.*

*Хокшинонанд волоҳимматон,*
*Ҳиммати мардӣ фароҳам кардаанд.*

*Фарш меҷӯянд дар арши баланд,*
*Дар фазои ваҷд олам кардаанд.*

*Аз бақои жарф ҳарф овардаанд,*
*Ҷомро сармояи ҷам кардаанд.*

*Завқ шуд меҳроби олимашрабон,*
*Шамъро дар ҷамъ хотам кардаанд.*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 53)

в) Инсони фидоӣ дар роҳи аҳду паймонҳо:

*Ҳарки дар кирдори худ омад ғаюр,*
*Рӯзи майдон ӯст марди сарсупур.*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 130)

г) Инсони ошиқ:

*Охир, эй ишқ, маноз аз ҳашами садри баланд,*
*Ёди хокат набарад гар ба кафи по нарасӣ.*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 17)

д) Инсони ҳушёр ва бедор:

*Кист, ки маст мерасад аз дари ман ба ҳою ҳу,*
*Ҳамчу шароби қулқулӣ бар сари соғар аз сабӯ.*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 58)

Ҳадди мушоҳида, ҳадди нигоҳи шоир дар тасвир ва тавсифи инсон аз шеър то шеър тозатару ғанитар мегардад ва фазои шеърҳои ӯро аз ҳолу ҳолатҳо саршор месозад.

Ҳузури инсон дар корҳои шоир шеър то шеър рангинтару диданитар мешавад. Албатта шоир ҳаққи бештарро дар тавсиф ва сифат ба мардони бузург медиҳад. Ва сифати мардони бузургро дар ҳунари шоирии худ улгу медонад. Чунин аст, ки шеърҳои шоир, тафаккур ва андешаҳои шоир ба иҷтимоъ ва мардум сахт пайванд аст. Ва ин ҳампайвандӣ бофта нест, балки соф асту зулол ва самимиву табиӣ. Бингаред, ӯ дар як шеъри баланди худ аз устод Лоиқ Шералӣ чӣ гуна ёд мекунад:

*Эй «Марди раҳ», ки «Хонаи чашм» аст ҷойи ту,*
*«Ном»-е накӯст дар «Вараҷи санг»-ҳои ту.*
*Лоиқ куҷост? «Хонаи дил» бар салои ту,*
*Сад чашм роҳ шуд, ки ба маҷлис биёӣ ту.*
*Соғар тиҳист бе ту, сари хон наомадӣ.*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 83)

Мутаассифона, дар як сӯҳбати фишурда, наметавон аз ҳузури инсон дар дар шеъри шоир фароху густарда ҳарф зад. Бо ин вуҷуд ҳузури инсон дар шеъри Салими Хатлонӣ бисёр чашмгир аст. Ҳузури инсон дар саросари шеъри шоир ҳукумат дарад. Бо итминон мешавад гуфт, ки Салими Хатлонӣ дар чигунагии сифат ва навъи ҳузури инсон дар шеър шоири муваффақ аст. Ҳузури рӯҳонии инсон шоирро дар қаламрави шеър ба ҳақиқати офариниш ошно месозад ва дар ниҳоят то қаламрави ишқ меоварад. Ва ин меъроҷ, меъроҷи ишқро ба шоир бо як ғазал аз худи ӯ муборак мегӯям:

*Омадаӣ, омаданат бод муборак, бахудо!*
*Ёд ки аз мост туро, ёд муборак, бахудо!*

*Чанд наомад хабарат, бод нарафт аз гузарат,*
*Ҳастиву бунлоди манӣ, лод муборак, бахудо!*

*Бе ту маро чин ба ҷабин, дошт ҳаме хаста, ғамин,*
*Менигарам чеҳраи ту шод, муборак, бахудо!*

*Ҳай дилакам зор будӣ, бе ту гирифтор будӣ,*
*Ёфт зи бедодии ту дод, муборак, бахудо!*

*Ҳиммати мардони аҷаб, баршудан аз хона аҷаб,*
*Роҳ расо, рӯҳ қавӣ, род… муборак, бахудо!*

*Тобиши зарроти ҷаҳон, бе ту намегашт аён,*
*Тифли азобам ба фараҳ зод муборак, ба худо!*

(Дар гуҳарбори садаф, саҳ. 57)

Дар ин ҳошия бояд ҳам арз дошт, ки малоҳат, балоғат, зебоӣ ва расоии шеъри Салими Хатлонӣ бар мабнои маърифати ақл ва маърифати дил поярезӣ шудааст. Ҳузури инсон дар шеъри шоир аз ҳамин ду хат убур мекунад. Шеъри тоҷик то шоироне чунин дорад, пурбор, бедор ва мондагор аст.

## ОВОИ ШЕЪР АЗ ОН СӮЙИ ЗИНДАГӢ...

Дигар бояд донист, ки шеър каломи мактуби манзум ба маъшуқ, ба дӯст, ба ҳамдил нест, агарчи вақте буд, ки шеърро чунин медонистанд. Ҷавҳари шеър на дар авзон, на дар қофия ва на дар шакл аст. Ҷавҳари шеър дар асл чизи дигар аст ва ҳамон чизи дигарро шоир дар кори шеър бояст, ки кашф кунад. Ва он чизи дигар, ки аслияту айнияти шеър аз он аст, фарогири фалсафа, илм ва дониш дар ҳунари шоирист. Яъне шеър илм, дониш ва огоҳист, ки ҳувияти инсон буданро дар инсон комил месозад. Шоирӣ майдони рақс нест, ҳар ки дилаш бихоҳад, ба он ворид шавад ва дар ҳавои зеру бами арӯз дасту по бизанад, хами абрӯ бипаронад. Шеър сафарест аз худ то бехудӣ, аз остони тан то осмони рӯҳ, аз кул ба ҷузъ, аз ҷузъ ба кул, аз гумроҳӣ то огоҳӣ. Шеър тасбеҳи калимот аст ба даргоҳи офариниш. Ин назар ҳам ба куллӣ ғалат аст, ки кофист ғуссадору парешонҳол бошӣ ва ҳам афсурдаву хаёлӣ шоир хоҳи шуд. На, чунин нест, шеър ҳафт шаҳри ишқ аст ва шоир бояд аз он убур кунад, то ба симурғи маъно бирасад:

*Ҳафт шаҳри ишқро Аттор гашт,*
*Мо ҳанӯз андар хами як кӯчаем...*

Шомлу ҳам дар ин робита фармудаи зебое дорад. Ӯ мефармояд: «Шеър гуфтан тунел задан дар кӯҳи номумкинҳост». Ҳар он ки мехоҳад дар кӯҳи номумкинҳо нақби шеър бишкофад, ногузир бояд, ки бо абзорҳои шоирӣ мусаллат бошад. Ва абзорҳои шоирӣ ҳамон дониш, илм, огоҳӣ, ҳунар, истеъдод, нерӯ ва фалсафа аст, ки ҳар касро бар он дастрасӣ нест. Дар шеъри муосири тоҷикӣ як тан аз он қаламдастон, ки мусаллат ба абзорҳои шоирист ва шеъри хуб мегӯяд Сиёвуш аст. Сиёвуш ба сабру

таҳаммул, ҳунармандона дар кӯҳи номумкинҳо нақби шеър мешикофад. Барои он ки бидонем, ин ҳарф чӣ қадар сиҳат дорад, маҳшур мешавем бо шеъри ӯ. Сиёвуш бо шеър ошиқ аст, чуноне як зиндонӣ озодиро. Вақте ӯ даст ба дасти шеър медиҳад ва ё шеър ба ӯ даст медиҳад, аз дигар қайдҳо озод аст. Аз мову манҳо мегузарад ва дар ҳарами озодагӣ, ҳарами ишқ, ҳарами ғурбатҳову ҳасратҳо ба эътикофи шеър менишинад. Шеър дар ӯ нерӯмандтар, амиқтар ва пурбортар буруз мекунад:

*Бисоти ҳуснро дар ҳасрати шабҳои ман чидӣ,*
*Суботи васлро дар фурсати фардои ман чидӣ.*
*Чӣ боронӣ, ки боридӣ ба ин маҷнуни танҳоят,*
*Чаманзоре чунин хунин зи нақши пойи ман чидӣ.*
*Чӣ хуршедӣ, ки чун лабҳои хушкамро ба ҳам бастӣ,*
*Ҳазорон шабнами шодоб аз ҳай-ҳойи ман чидӣ.*
*Чӣ фарёдӣ, ки тӯфоне чунин дар синаи мурдор*
*Зи лабҳои хамӯшу дидаи гӯёи ман чидӣ.*
*Чу сар бар пойи ту бигзоштам чун шохаи гандум,*
*Гуноҳе тоза аз ҳар хӯшаи ғамҳои ман чидӣ.*
*Бурунам кардӣ аз дунёи якранги Дилу Ақлам,*
*Биҳиштеро чунин аз Одаму Ҳаввои ман чидӣ.*
*Ба поят уфтодам ҳамчу Санъон, то шудам хокат,*
*Фишондӣ остину доман аз расвои ман чидӣ.*

(Сафинаи умед, №11, саҳ. 14)

Сиёвуш дар ин ҳолу ҳаво, аз ҳолатҳои ҳис, аз зиндагии худ, аз ғурбату ҳасратҳои худ тасвирҳо месозад ва ин тасвирҳоро мегузорад рӯйи дасти шеър.

Як нуктаи муҳим ва бисёр ҷолиб дар кори Сиёвуш он аст, ки ӯ дар шеър воқеиятҳоро намесозад, балки воқеиятҳост, ки шеъри ӯро месозанд. Бештари он воқеиятҳоро худ дар зиндагӣ таҷруба кардааст ва ҳамон воқеиятҳоро ҳунармандона сурати шеър медиҳад:

*Ғами ҳаҷри туро дар ин шаби мастона мегирям,*
*Бар он паймон, ки бишкастӣ, дар ин паймона мегирям.*

*Ману ин дарди бедармону ин тақдиру пешонӣ,*
*Ҳар он чи пеш меояд, манаш пешона мегирям.*
*Ватан вайронаву аз ёру ағёр домангир,*
*Ман он мурғи ҳақам имшаб, дар ин вайрона мегирям.*
*Чӣ даъво доштам, оҳ эй рафиқи роҳ, о, эй дӯст!*
*Ҳақиқатро ту ҷон додиву ман афсона мегирям.*
*Ба номи он шаҳидон, ай Худо, бар ман бубахшоӣ,*
*Ки бар марге чунон мардона номардона мегирям.*
*Ватан, эй ёри хушбовар, ба ман дигар макун бовар,*
*Ки ман марги туро, эй ошно, бегона мегирям.*

(Ба ёди дӯсти азизам Аҳрор Шариф,
Сафинаи умед, №11, саҳ. 15)

Ҳамчунин маънии зистан ва ҳақиқати зистан ҳарфи аввал аст дар шеърҳои Сиёвуш. Ӯ ин фалсафа, ин маърифатро дар кори шеър бисёр ҷиддӣ мегирад ва онро аз ҷилваҳои муҳим дар шеър медонад. Ҳар он ки ин ҷилва ва ин хатти андешаи шоирро дарк кард, беҳтар метавонад ба шеъри ӯ иртибот барқарор кунад. Сиёвуш дар тасвири ҳолатҳои равонӣ ва шикофҳои равонии инсони муосир шеваҳои мухталифи баёнро ба кор мегирад. Ӯ метавонад шоирона, ҳунармандона, вайрониҳои рӯҳи инсони муосирро дар шеър тасвир кунад. Хатти маъно дар бештари шеърҳои ӯ дарунзеҳнист, дар ин навъ аз шеърҳои худ Сиёвуш кашфи маъно ва бозгушоии гиреҳи маънoро дар ихтиёри мухотаб қарор медиҳад:

*Қасам ба раҷъати он кафтарони поку сафед,*
*Қасам ба қурбати он навпарони тозашаҳид.*
*Қасам ба чеҳри малаквор поки он кӯдак,*
*Ки дасти хоини миллат ба хуну хок-ш кашид.*
*Ба он ҷавон, ки чу бо хуни худ гувоҳӣ дод,*
*Ва Ҷабраил каломи шаҳодаташ бишунид.*
*Ва он фаришта, ки чун болу пар ба бод кушуд,*
*Ғубори ҷисм аз он рӯҳи пок боз такид.*
*Қасам ба сӯзиши он лолае, ки фасли хазон,*
*Зи чоки синаи модар хамӯш сар бикашид.*

*Ба он падар, ки зи дунёи дун бубаст нигоҳ,*
*Чу марги нутфаи худро ба чашми хеш бидид.*
*Ки хоинони туро хоҳам, эй Ватан, охир*
*Ба доварии Худо пеши боргоҳ кашид!*

(Ҳамон ҷо, саҳ. 14)

Сиёвуш дар халқи шеър мафҳумгароиро дӯст дорад, мафҳумҳои оканда аз тасвирро. Ӯ бо ин равиш, бо ин шева шеър мегӯяд ва дар сохтори шеърҳои худ гоҳ кулро дар ҷузъ ва гоҳ низ ҷузъро дар кул тасвир мекунад. Хатти аслии шеъри шоир дар ин равиши андеша ва тафаккур шакл мебандад. Ҳаракати маъно, ҳаракати тасвир, ҳаракати ҳис, ҳаракати андеша дар шеърҳои шоир дупаҳлӯист. Яъне ҳаракат дар ҳавзаи шеъри Сиёвуш ба сурати даруни ва ба сурати буруни анҷом мегирад. Ӯ ангораҳои зеҳни ва ҳиссиро дар ин ду хатти ҳаракат шеърият мебахшад. Ҳаракат дар шеърҳои ӯ гоҳо низ чандсӯйи мешавад, вале маҷмӯи ин ҳаракатҳо дар як гардиш ногаҳони ба ҳам меояд, ки номи он ҳаракати шеър аст:

*Гуфтам туро, к-аз ин дили зору ҳазин марав,*
*В-ар рафти аз камина, вале дар камин марав.*
*Эй дар гумон, ҳазор камон дар камини туст,*
*Бо ишқ ошкор биё, сӯйи кин марав.*
*В-ар мерави, баҳор бирав сабзу пуршукӯҳ,*
*Чун тирамоҳ ин ҳама зарду ғамин марав.*
*Гуфтам туро, ки сард шав, ин ҷо даме бимон,*
*Дар инфиҷори фитнаи давр оташин марав.*
*Тарсам гурези аз ману дар хеш бишкани,*
*Аз ин мадори ҳасрати ман, эй замин, марав.*
*Тарсам равиву боз ба хокат кашад фалак,*
*Эй дар самои чашми ман болонишин марав.*
*Эй бод, з-ин чаман чу чамон мерави, ба хайр,*
*Шоду шукуфарез бирав, баргчин марав.*

(Ҳамон ҷо, саҳ. 15)

Сиёвуш мантиқ ва таносуби дарунии шеърро ба гунае тарроҳӣ мекунад, ки хонанда лаҳзаҳои мухталифи ҳолат ва ҳаракатро дар шеър ҳис мекунад. Равиши ҳаракат, фазои ҳолатҳоро ба роҳатӣ метавонад дар зеҳн бигирад ва дар фазои ҳолатҳо ва равиши ҳаракот ноогоҳ бо шеър ҳамнафас шавад. Хонандаи шеъри Сиёвуш дар фазои ҳолу ҳаво, аз ҳаракоти маъно ва ҳолатҳои шеър намехоҳад дил бардорад, зеро ҷаззобият, магнитии ҳаракат, энержии ҳаракат, ҷозибаи ҳолатҳо дар шеърҳои ӯ сахт ва бисёрвол-тист:

*Худои ман! Ту нигаҳ дор хоби нози варо,*
*Ба фитна шӯр мадеҳ чашми нимбози варо.*
*Ҳазор гуфтаму андӯҳи дил тамом нашуд,*
*Чӣ гуна субҳ кунам ин шаби дарози варо.*
*Табассуми гули сурӣ ту ҳеҷ донӣ зи чист?*
*Ба гӯши ғунча бигуфтаст бод рози варо.*
*Баҳор! Рашк бар аз нози сабзи чашмонаш,*
*Чу бинӣ хестани сабзаи банози варо.*
*Даме, ки фориғ аз андӯҳи ман намоз кунад,*
*Ба атри ёди касе хуш бикун намози варо.*
*Барои худ накунам ҷаҳд, эй ниёзраво,*
*Ниёзи ман, ки барорӣ ҳама ниёзи варо.*

(Ҳамон ҷо, саҳ. 15)

Сиёвуш дар фазои маҳдуди калимаҳо метавонад саҳнаи фарох ва густурдае аз шеърро тасвир кунад. Ӯ бо ишороти зариф тасвирҳои тамошоӣ дунёи холии зеҳнҳоро аз тароватҳои зебоӣ, балоғати маонӣ саршор ва бедор месозад. Ӯ бо нигоҳи бадеъ шеърро дар хирмани тасвирҳо ранг медиҳад. Сиёвуш дар рамз ва истиораи рангҳо маъноро ба тасвир мекашад ва гоҳе низ маъноро дар рангҳои тасвир, тасвирҳои ноб печида дар рамз ва истиора баён месозад. Ӯ ҳамеша дар корҳои худ дар пушти тасвирҳо чанд вожаи ногуфта дорад. Ё худ он вожаҳоро амдан дар пушти рангҳои тасовир пинҳон медорад. Сиёвуш бар он аст, ки хонанда худ он вожаҳои пинҳонро бояд, ки ҳис кунад ва

дарёбад. Хонанда он вожаҳои пушти тасвирҳоро худ метавонад мутобиқ ба тавони дарк дар зеҳн бисозад. Ва он вожаҳои пинҳон калидест барои кушодани дари маъниҳои ниҳуфта, розҳо ва рамзҳо дар шеъри шоир. Дар ин маъноҳои ниҳуфта ва рамзу розҳо ниҳояти шеъри шоир тафсир мешавад. Сиёвуш хонандаро бо шеър танҳо мегузорад, то хонанда битавонад бо тамоми шуур шеърро дарк кунад ва аз шеър бардошти ниҳоиро бигирад.

*Интизорони туро субҳи дамидан дер шуд,*
*Дӯстдорони туро пайғоми дидан дер шуд.*
*Чашми Яъқуб аз ғубори дидани ту кӯр гашт,*
*Сабр теғе шуд ба ҷон, пайки расидан дер шуд.*
*Ёди ту дар лобалову тӯ ба тӯям ҷо гирифт,*
*Ин кабӯтар нома шуд, аммо паридан дер шуд.*
*То сарахборе задам, хун рехт аз нохуни ман,*
*Захми дил худ нағма шуд, аммо паридан дер шуд.*
*Он нигоҳи шавқ аз чашмони ошиқ рехт рехт,*
*Омадӣ, дер омадӣ, ҳангоми дидан дер шуд.*
*Як қиёмат орзуи қомати ту доштам,*
*Куштаатро бо нигоҳе ҷон дамидан дер шуд.*
*То ҳанӯзам дашти ғам аз интизори ту пур аст,*
*Ин чаман сабз аст, аммо он чамидан дер шуд.*
*Ҷуз пушаймониям аз меҳмонии дунё набуд,*
*Пушти дасте то газидам, по кашидан дер шуд.*
*То зи гарди ҳастиям, гуфтам, фишонам остин,*
*Аз ғубори нестӣ доман кашидан дер шуд.*
*Бас ҳунар кардӣ, аё сайёд, инак шод бош,*
*Бо қафас хӯ кард ин ваҳшӣ, паридан дер шуд.*
*Он қадар пар-пар задам дар ин қафас, к-эй вои ман!*
*Ҳам қафас бишкасту ҳам болам... паридан дер шуд...*

(Ҳамон ҷо, саҳ. 14)

Майдони дид, нигоҳ, тасвир, баёни ҳис, маъносозӣ ва мафҳумгароӣ дар ғазали фавқ тоза аст. Дар ин майдон Сиёвуш ҳулули шеърро дар фазои тасвир, баён, маъно, калима ва таркибҳо тавониста ҳунармандона фаро созад. Дар

ҳар байт аз ғазал як таҷрибаи тозаи шоир дар баён, тасвир, забон, маъно ба мушоҳида мерасад. Бихонем:

*Ёди ту дар лобалову тӯ ба тӯям ҷо гирифт,*
*Ин кабӯтар нома шуд, аммо паридан дер шуд.*

Сиёвуш дар ин байт фазои як ҳолати ёд ва пазмон буданро зебо ба тасвир гирифтааст ва ин фазо дар меҳи ҳузн пӯшидааст. Дар қадим нома дар кабӯтар мебастанд ва кабӯтар номаро ба он ҷой, ки лозим буд, мерасонид. Кабӯтар нимоди эътиқод аст, нимоди ғурбат аст, нимоди инсон аст, ки дур аз пайвандон ба сар мебарад ва сахт пазмони дӯст, ошно ё азиз аст. Нома ишора аст ба дидор, аммо дидоре, ки дер расида ва дигар таъсир надорад. Шоири ғариб аз як нигоҳе шояд азизони худро гум карда ва шояд ҳамон эътиқодеро, ки муштоқ буд, дар онон намебинад. Ва афсӯс аз он дорад, ки «кабӯтар нома шуд», вале чӣ суд, ки дигар ҳоҷат ба парвоз намонда. Дар байти баъдӣ омадааст:

*То сарахборе задам, хун рехт аз нохуни ман,*
*Захми дил худ нағма шуд, аммо паридан дер шуд.*

Дар ин байт қофияи «паридан» бозгӯи маънӣ нест, зеро он ба калимоти «сарахбор», «нохун», «нағма» ва … таносуби маъноӣ надорад. Нағмаро мешавад шунид ва агар он ба калимаи дамидан иваз шавад, таносуби маъноии миёни калимот ба ҳам меояд. Яъне байт дар ин шакл саҳеҳтар ва солимтар талаққӣ мешавад:

*То сарахборе задам, хун рехт аз нохуни ман,*
*Захми дил худ нағма шуд, аммо дамидан дер шуд.*

Тақсимбандӣ, зарб ва мусиқӣ бо идора шудани ҳарфи дол дар байт якдаст ва шевотар мегардад. Дар луғат ҳам калимаи дамидан бар маъноӣ хоҳад дамид, фут кардан дар чизе, вазидан ва сар аз хок баровардан аст.

Ҳофиз мегӯяд:

*Расид мужда, ки омад баҳору сабза дамид,*
*Вазифа гар бирасад, масрафи гул асту набид*

Ҳамчунин таъбири дамидани сури Исрофил ҳам роиҷ аст. Дар ғазали фавқ дар ин қофия боз ду байти дигар дар мақтаъ ва қабл аз он дида мешавад, ки ҳусни баёнро ба ҳам мекашад. Дар кори ғазал дар ҳолати зарур то се бор истифодаи қофия равост ва аз он бештарро қубҳ медонанд. Бо ин ҳама Сиёвуш дар ин ҷаҳони пур аз фитна, кина, шарр ба мафҳуми инсон, эътиқод ва имон дорад. Ӯ дар шеърҳои худ ҳисси инсон буданро дар инсонҳо бедор месозад ва шеър мегӯяд барои инсон будан ва инсон зистан. Барои ӯ арзишҳои маънавӣ, инсонӣ муқаддам аст ва ҷаҳони ҳамин арзишҳоро дар шеър ба тасвир мекашад. Дар кори Сиёвуш фурми шеър ҳарфи аввалро намезанад, ӯ дар қолабҳои суннатӣ ва озод шеърро ҳунармандона тавониста таҷруба кунад. Ҳарфи аввалро дар таҷрубаҳои шоир ҳамеша умқи маъно, парвози хиёл, вусъати тафаккур, тасвир, рангҳои тасвир ва мӯҳтавост, ки таъйин месозад:

Нимоӣ:

*Шабе, ки шаб будам,*
*Шаби гирифтаи андӯҳбори пойизӣ,*
*Ва танҳоиям,*
*Кашидатар аз арзу тӯли дардам буд,*
*Ва ҳеҷ ёд дигар,*
*Ва ҳеҷ ишқ дигар*
*Ва ҳеҷ даст дигар наметавонист*
*Гармӣ бубахшадам, зеро*
*Ҳазорсола сардам буд,*
*Ҳазорсола дардам буд!...*

Суннатӣ:

*Дар шоми чашмҳои ту пайки саҳар набуд,*
*Моро бар он сиёҳии золим гузар набуд.*
*Гуфтӣ қадам ба роҳи хато мондаем мо,*
*Оре, вале чӣ чора, ки роҳи дигар набуд.*

*Чашмат гапи дигар заду зулфат гапи дигар,*
*Дурӯтар аз дувони ту дар баҳру бар набуд,*
*«Мо шиша сӯхтему дар ин ҷом рехтем,*
*В-арна шароби ноб чунин коргар набуд...»*

(Рӯзномаи Сипеҳр, №16, 2003)

Сиёвуш дар худ зеҳни халлоқиятро дорад ва дар ҳолу ҳавои тоза, шеър мегӯяд. Ҳамин таҷаллии ҳунар ва ҷилваҳои завқу шавқ қабл аз ҳарчи шеъри ӯро хонданӣ кардааст ва тасвирҳои ӯро тамошоӣ. Рангҳои тасвир дар корҳои ӯ гоҳе воқеиятҳоро пинҳон медорад, гоҳе таҳриф мекунад, аммо муҳим он аст, ки бавосита ё бевосита ба воқеиятҳо муносибат дорад. Тасвир вонамудае аз зеҳн ва тахайюли шоир аст, ки ҷилва, баён, маъно ва таҷаллии шеър аз онҳо ранг мепазирад. Аз нигоҳи Сиёвуш саросари ҷаҳон печида аст дар шеър, маънои аслӣ дар ин шеъри печида инсон аст. Бидуни ҳузури инсон, ин шеър холӣ аз ранг, аз тасвир, аз маъно ва рамзу розҳост. Инсон дар ин шеъри печида бо ҳасрат, ғурбат, орзу, шодӣ ва ғамҳои худ умр ба сар мебарад. Инсон бо ҳузури худ ин шеъри печидаро саршор аз ҳақиқати зиндагӣ месозад. Инсон дар ин шеъри печида, ҳақиқати зиндагӣ ва ҳақиқати будан аст ва инсон халқ шуд, то ин ҷаҳон (шеъри печида) маъно бигирад. Сиёвуш ҳамин ҳақиқати офариништо дар шеърҳои худ вонамоӣ мекунад. Шеър барои ӯ зиндагии рӯҳонист, зиндагии муташаккил аз калимот, ки ҳақиқати буданро дар мавриди инсон ва ҷаҳон баён медорад. Вуҷуди ҷаҳонҳои мутанаввеъ дар инсонҳо, ба худии худ, шоирро бар он вомедорад, ки шаклҳои мухталифи баёни адабиро дар забони шеър тарҳ бирезад. Ба ибороти дақиқтар сохтори забон ва баён дар шеърҳои шоир аз ҷаҳони мутанаввеи зиндагии инсонҳо таъсир мепазирад. Ҷанбаи ахлоқӣ, зеҳнӣ, равоншинохтӣ, ҳувият, аслият, ҳақиқати инсон дар шеър бештар мавриди таваҷҷӯҳи шоир қарор мегирад. Хонанда дар шеърҳои ӯ қабл аз ҳарчи дар қиёс ба ҷилваҳои дигари шеърӣ ҳамин фалсафа ва ҳамин ҳақиқати воҳидро кашф мекунад. Ин фалсафа, ин ҳақиқати воҳид дар шеърҳои

Сиёвуш тобеи як мантиқ аст, мантиқи офариниши башар ва саргузашти башар дар фарозу фуруди гардишҳои рӯзгор. Ва дар ин гардиш ҳамеша садои инсон аст, ки аз шеърҳои шоир баланд мешавад:

*Нарав!*
*Дигар ба пеши чашми ман*
*Китоби рӯйи худ кӣ боз мекунад?*
*Нарав!*
*Дигар кӣ ин сукути наҳсу тираи маро*
*Пур аз садои рӯшани намоз мекунад?*
*Нарав!*

(Сипеҳр, №16, 2003)

* * *

*Чашмат каломи тозае аз мусҳафи Худост,*
*Оҳ, ин башоратест, ки андар хабар набуд.*

(Ҳамон ҷо…)

* * *

*Баъд аз ҳазор сол, ки кар буд гӯши ман,*
*Овози ту расид аз он сӯйи зиндагӣ.*

(Ҳамон ҷо…)

* * *

*Эй меҳрубон, садои маро бишнаву шинос,*
*То аз дигар тарона шавад нолаи алам.*

(Ҳамон ҷо…)

Яке аз вижагиҳои аслӣ дар шеърҳои Сиёвуш ҳаракати таодул байни фурм ва мӯҳтавост. Гиройиши ӯ дар тасвири масоили иҷтимоӣ, дар баён ва кашфи маъно, ҳаракати андеша бештар дарунист. Сиёвуш дар сабки баён, тасвир, забон, мехоҳад сабки хоси худро бисозад ва дар ин ҳошия тавониста, то ҷойе муваффақ ҳам бишавад. Ҳарчанд ин равиш дар шеърҳои ӯ ҳанӯз он гуна ки бояд шакл нагирифтааст. Сиёвуш гоҳе дар як шеър чанд мавзӯъро ба баҳс ме-

кашад ва дунбол мекунад. Мавзӯъҳои тикка-тиккаро дар як хулосаи мантиқӣ ба ҳам меорад ва хатм мекунад, дар фазои бисёр зебову шево ва шеърияти баланд. Ва он хулосаи мантиқӣ дар шеърро метавон ҷавҳар ё бунмояи аслии мавзӯоти боқӣ донист. Сиёвуш дар халқи шеърҳои худ дар хатти текнулужии шеър бештар аз таъбирҳои нодир, тасвирҳои тоза, баёни фишурда кор мегирад. Шоир бо нерӯи зеҳнӣ дар вуҷуди шеър ба тасвир, маъно, калимот, ҳаводис, ҳис, айният мебахшад. Инсони имрӯз дучори бӯҳрони ҳувият аст, ҳувият на бар маънои решапайвандӣ, балки бар маънои фароҷаҳонӣ. Ва ин мавзӯъ низ дар шеърҳои шоир ҷойи баҳс дорад:

*Ҷоно! Манат фарор зи фармон надоштам,*
*Ҷуз сӯзи ту шарор ба шарён надоштам.*
*Ман аз камоли шавқи ту доман даридаам,*
*Дигар магӯ, ки поси гиребон надоштам.*
*Назри қабули лутфи ту дар боргоҳи ноз*
*Ҷуз ашки сарбазери пушаймон надоштам.*
*Ин доғро ба номаи аъмоли мо магир,*
*Ғафлат зи туст, ман сари исён надоштам.*
*Бо он, ки зери теғи аду сабр кардаам,*
*Дар пеши як ишорати мижгон надоштам.*
*Аз инзиво ҳавои туам мебарад бурун,*
*В-арна ҳавои сайри гулистон надоштам.*
*Дил доштам баҳои ту, нашнохтӣ баҳош,*
*Ҷон хостӣ зи ман, чӣ кунам, он надоштам.*
*Даврон шиор хосту дар шеъри ман надид,*
*Дар базми давр бодаи арзон надоштам.*

Ва ин чанд ишора хулосаи нисбист аз вижагиҳои шеъри шоир:

1. Сиёвуш фазои шеъри худро боз мегузорад, вале дар ҳавои розҳо;

2. Фазои шеъри шоир гоҳ боронӣ, гоҳ офтобӣ ва гоҳ меҳолуд аст, ки ҳар кадом як рамз аз зиндагии инсони муосир аст;

3. Сиёвуш аз як тараф шоири таърихи ғурбатҳои хеш аст ва аз тарафи дигар шоири таърихи Ватан ва ҳасратҳои халқи худ;

4. Сиёвуш бисёр зариф ҳолатҳои зеҳнии худро дар шеър шакл мебахшад, аз худ фосила мегирад, то ҳақиқати зистанро дар шеър маза кунад;

5. Дар халқи шеър аз воқеият дар гурез нест;

6. Ғаму дард, ғурбату ҳасрати инсонҳо дар шеърҳои ӯ талх, талхи дӯстдоштанӣ, талхи ишқангез, оканда аз сидқу садоқат баён мешавад.

Аҳли таҳқиқ ҳамеша саъю талош кардаанд, ки дурусттарин ва дақиқтарин таърифро барои шеър пайдо кунанд. Аммо бо ин ҳама боз ҳам таърифи шеър нотамом мондааст ва фикр мекунам, то ҳамеша чунин хоҳад буд. Шеър ҳаракати ҳамешагист дар замони рӯҳ ва рӯҳи замон. Дар ин ҳаракати ҷовид шоири асил аст, ки шеъри асилро кашф мекунад. Шоироне аз қабили Сиёвуш.

# ДАР ЗОВИЯИ ХОТИРАҲО ВА КАЛИМАҲО

... Ду дафтари шеъри Сайёд Ғаффорро бо номи «Чашми об» (1995) ва «Намози ғам(1998) дар ихтиёр доштам. Барои ошноии бештар ба дунёи шеъри шоир ин ду дафтарро аз нигоҳи баррасӣ дақиқ мавриди мутолиа қарор додам. Дар ин мутолиа дарёфтам, ки шоир саропо тасвири дард, ғам ва андӯҳ аст дар ойинаи шеър:

*Ман дар диёри ғам парвардаи ғамам,*
*Сар дар канори ғам озурдаи ғамам.*

(«Чашми об»)

Ҳатто дар он абёт, ки барои ифода ва тобиши ғами худ шоир аз ин вожа кӯмак намегирад, дунёи ӯ печида дар ҷуди ғам аст:

*Эй ғӯраи талхи сиришк, эй ғӯраи талхи сукут,*
*Ин боғи сармобурдаро бонигаре ҷуз ман набуд.*

(«Чашми об»)

Шоир дар ин байт аз калимоти дард, яъс, ғам, андӯҳ барои шарҳи ҳоли худ истифода накардааст. Аммо байт тӯфоне аз дарду ғам, андӯҳ ва яъси шоирро дар худ гунҷонидааст.

Шоир саропо дард, андӯҳ аз зовиягоҳи хотираҳо ва калимаҳо убур мекунад ва дар қолаби шеър зоҳир мегардад:

*Ку дастгиру дастдеҳ дар моҷарои гиру неҳ?*
*Дасти ману банди гиреҳ, дасти ту андар кори ғам.*

* * *

*Орзуҳоро ба худ бурдан дареғ,*
*Эй Худо, беорзу мурдан, дареғ.*

(«Чашми об»)

Ман бар онам, ки муҳимтарин вазифаи шоир дар шеър тарҳрезии қолаб, шакл, тасвир ва сабк нест, гарчи ҳар кадом аз он дар сохтору устухонбандии шеър нақши ногузир дорад. Дар кори сухан, ҳамчунин шеър, муҳимтарин вазифаи шоир он аст, ки битавонад фалсафаи шеърро дар фалсафаи зиндагӣ гунҷоиш бидиҳад. Дар ин раста фалсафаи шеър ва фалсафаи зиндагӣ бояд, ки пайваста дар такмил ва рушди ҳам бошанд. Зиндагӣ ҳар гоҳ фалсафаи шеърро дар худ мегирад ва шеър фалсафаи зиндагиро, қолаб, шакл, тасвир ва баён дар сохтори шеър пойдортар мемонад. Бунмояи фалсафаи шеър, фалсафаи ҳастӣ, хилқат ва офариниш буду ҳаст. Шоир дар ҳавзаи ин маърифат завқ, шавқ, ҳолат ва балоғати сухани худро таҷриба мекунад. Ин таҷриба дар қолаб, шакл, тасвир, баён, сабк, калимот таҷаллӣ меёбад ва шеър дар ин таҷаллӣ рангиниву ширинӣ ва зебоиву шевоӣ бар худ касб месозад.

Шеъри Сайёд Ғаффор бо он ҳама дард, он ҳама андӯҳ баёни ҳамин ҳарфҳост. Шоир фалсафаи зиндагии миллатро ба фалсафаи шеър пайванд медиҳад. Аз дарди миллати худ, аз орзуҳои мурдаи миллати худ шеър мегӯяд. Он ҳама дарду ғами мардумро дарду ғами худ медонад. Бо ҳамин дард, бо ҳамин ғам зиндагӣ мекунад ва пилтаи хиёл дар фонуси шеър рӯшан месозад. Рӯғани фонуси шеъри шоир ҳамон дарду ғам ва ҳамон фалсафаи зиндагист. Шоир таҳ ба таҳ месӯзад, доғ мешавад ва парвонаҳои калимотро ба тавофи шеър мехонад:

*Чун ашк ба ҷӯи хат дарун хоҳам рафт,*
*Чун хома ба ҳарф сарнагун хоҳам рафт.*

* * *

*Эй ҳарфҳои мардкуш, бо ҷони ман дар кашмакаш,*
*Ё аз шумо берун шудан ё дар шумо вожун шудан,*
*Ё сар ба хоку хун шудан, ё пой бар гардун шудан.*

* * *

*То ҳиҷое бо ҳиҷо бастам, Худо,*
*Ҳамчу ҳарф аз хеш ворастам, Худо.*
(«Чашми об»)

Сайёд Ғаффор дар ин сӯхтанҳо, ғӯраи талхи сукутро ба гиря медиҳад. Гиряи шоир дар кӯҳи ҳасратҳо, дар кӯҳи қисматҳо, дар кӯҳи калимот табдил ба обшори шеър мешавад ва дар пои зиндагӣ фурӯ мерезад. Бояд арз дошт, ки обшори печидаи шоир, он қадар ки пур аз ғам аст, ҳамон қадарҳо пур аз зиндагӣ низ ҳаст. Дар пушти ин обшор худи шоир аст, ки доғи мардумро, доғи пайвандону ёронро мӯя мекунад. Шоир марди тӯфонҳост ва дар тӯфонҳои зиндагӣ ба сар мебарад. Дар тӯфони рӯҳ, тӯфони зиндагӣ, тӯфони марг ва тӯфони замон. Шоир дар ин тӯфонҳо гум мешавад, то дар шеър зуҳур шавад. Аммо убур аз тӯфонҳо сахт аст ва зуҳур дар шеър боз ҳам сахттар. Яъне шоир агар воқеан шоир аст, бояст ки аз ин тӯфонҳо бигзарад. Шоири воқеӣ то зинда аст, дасту пой дар занҷири калимот озодиву озодагиро месарояд:

*Рӯҳи ман мазмуни девони ғам аст...*

* * *

*Ойинаро шикастам, то аз тилисм растам...*

* * *

*Хоҳар ба кӯчаҳои ғамат об мезанад...*

* * *

*Ишқи ту намозу саҷдаву бахшиш,*

* * *

*Мо мӯҳраҳои меҳрем, дар пояи сипеҳрем…*

* * *

*Ҷомҳои чашми ман саршори нур...*

* * *

*Рафтему ба номи ту ибодат кардем...*

(«Чашми об», «Намози ғам»)

Сайёд як шаҳр шоири дард аст, як шаҳр шоири ишқ аст ва як кӯҳистон шоири сидқ, як кӯҳистон шоири рӯъёҳо... Ӯ дар хотираҳои талху ширин пушти як иттифоқ аст ва ба он иттифоқ билохира мерасад, ки номи он шеър аст.

Косаи маҳтоб дар чашми шоир пур аз ашки шеър мешавад, он гоҳ аст, ки бар он ҳама азизони аздастдода гиря мекунад. Балки гиря мекунад инсонро, ки рӯз дар рӯз аз ишқ, аз меҳр, аз сидқ фосила мегирад, балки мегиряд танҳо худро, орзуҳои худро ва зиндагии худро:

*Эй абр, магӯ зи барфу борон бо ман,*
*Кам қисса кун аз дурии ёрон бо ман.*
*Дар қиссаи ғам азизи раҳдури худам,*
*Ман дар таҳи барфи зиндагӣ гӯри худам.*

(«Чашми об»)

Гарчи шоир аз ғам, аз дард, аз марг бисёр шеър мегӯяд, боз ҳам батадриҷ ва андак – андак шеъри ӯ ҷиҳати дигаре меёбад. Он ҷиҳат дар шеъри ӯ ишқ ва зиндагист, ки инсонро ба орзуҳои рӯшан ва субҳи рӯшан мебарад. Рамзи рӯшанӣ дар шеър барои шоир хуршед аст:

*Аз худ хабаре деҳ ту маро чун хуршед,*
*Ояд зи шаби ғами ту берун хуршед.*

* * *

*Рангинкамони сози ту андар ҳавои хотира,*
*Хуршед мепурсад варо аз ман барои хотира.*

* * *

*Шеър мегуфтам барои моҳтоб,*
*Шеъри моро офтоб оҳанг баст...*

(«Намози ғам»)

Сайёд равзана мекушояд ба сӯи хуршед ва шабҳои ғамро дар рӯшании субҳ мешӯяд. Вақте хуршеди шодӣ бар ӯ метобад, калима дар шеърҳояш осмон мешавад, абр мешавад, борон мешавад, рангинкамон мешавад, дарахт мешавад ва паранда.

Осмон:

*Савту сози ишқи мо то осмон мерафт,*
*Худ суруди мо ба сӯи ҷовидон мерафт.*

Борон:

*Хуш биборӣ ба сарам, эй борон,*
*Гарчи аз ашк тарам, эй борон,*
*Чун ту як раҳгузарам, эй борон,*
*Чун ту рӯ бар сафарам, эй борон.*

Рангинкамон:

*Рангинкамони сози ту андар ҳавои хотира,*
*Хуршед мепурсад варо аз ман барои хотира.*

Дарахт:

*Эй дарахти сабз дар саҳрои хушк,*
*Дасти шохатро ба сар хоҳам гирифт.*
*Эй дарахто, эй бародар,*
*Ман дар ин саҳрои сӯзон*
*Бе ту дар хоҳам гирифт.*

Паранда:

*Ин саҳар падруд ман бо турнаҳо гуфтам,*
*То баҳорон турнаҳоро ман дуо гуфтам.*

(«Чашми об», «Намози ғам»)

То осмон ҳасту рангинкамон, то дарахт ҳасту паранда, ранги сурх гули лабханд мешавад ва фасли сабз аз роҳ мерасад. Фасли ишқ, фасли парвозҳо, фасли шукуфтанҳо. Инсон дар нигоҳи Сайёд ққнуси ишқ аст дар хокистари марг ва оташи зиндагӣ. Шоир мехоҳад, ҳамин ишқро биш-

носад, ҳамин ишқро мехоҳад, биомӯзад. Сайёд дар ин ковишҳо ва ҷустуҷӯҳо вақте ба хуршед мерасад, осмонро, дарахтро, боронро, парандаро, рангинкамонро бовар мекунад. Яъне бовар мекунад ишқро, зиндагиро, меҳрубониро.Яъне бовар мекунад инсонро, хуршедро ва рӯшании субҳро. Шоир дар ҷонамози ғам ба иқрори зиндагӣ, ба иқрори ишқ, ба иқрори субҳ ва рӯшанӣ намози шеър мегузорад. Намози эътиқод ва бовар... Инсонро дар ин ҳолу ҳаво ба зистан ва шинохтан ҳидоят мекунад. Ба шинохти ишқ, ба шинохти марг, ба шинохти зиндагӣ, ба шинохти ҳастӣ:

*Хилвате, к-он ҷо маро месохтанд,*
*Ҷону дилро бар сарам мебохтанд,*
*Рӯшан аз нури муҳаббат будааст,*
*Сер хокаш з-оби раҳмат будааст.*

Он чи маро дар ин ҳама ҳумҳумаҳои маъно ва баён дар шеъри Сайёд нигарон сохт, такрори мисраъ ва байтҳо бо тағйири андак аст. Дар сурати такрори беш аз ҳад арзиши воқеии таркибҳо, калимаҳо дар шеър мешиканад. Шоир дар кори такрор бояд ду нуктаро қатъан риоят фармояд, то латофат, малоҳат ва балоғати суханро дар сохтори шеър битавонад ҳифз кунад. Нахуст шеър бояст, дорои арзишу нукоти маҳз ва хос бошад. Нукоти дигар, ки дар такрори калимаҳо ва таркибҳо муҳим ба назар меояд, баёни ширин, шево, зебо ва равон аст. Дар ин шакли такрор асл ва қимати калимаҳо поин намеояд. Ҳол он ки дар кори тасвир ва тахайюл чунин нест. Такрори тасвир ва тахайюл дар шеър шеъриятро тира месозад. Сайёд дар шеърҳои худ бар ин ҷилваҳо диққат медиҳад. Бо ин ҳама такрор дар шеър бояд ҳадди хешро дошта бошад.

Такрорро дар ҳунари шоирӣ таҷнис ҳам гӯянд. Анвоъи таҷнис беш аз нӯҳто аст. Аз шеваи такрор шоирон зиёд суд бурдаанд, аммо дар ҳадди хеш. Такрор дар шеърҳои Сайёд зебо ва хотирнишин аст, аммо риояти ҳадди он ҷозибаро дар ҳарфи шоир бештар хоҳад кард:

*Модар гӯям, садои ман об шавад,*
*Додар гӯям, садои ман об шавад.*

* * *

*Ҳарфи ману хуршед ба ҳам мепечад,*
*Ҳарфи ману хуршед ба ғам мепечад.*

* * *

*Ҷуз шеър касе ҳой нагӯяд бар ман,*
*Ҷуз шеър касе вой нагӯяд бар ман.*

(«Чашми об»)

Хонанда дар шеърҳои «Чун замзамаи об нарав, эй додар», «Шеъри нотакрор», «Ман номи туро гираму гирям дар худ», «Мурғи ҷонро ба саҳар андозем», «Хаймаи сабзи фалакро биканам» ва... бар ин шеваи такрор бештар рӯ дар рӯ меояд. Аммо равонӣ, шевоӣ, зебоӣ, бори маъно дар баён, бахусус дар маснавии шоир бо номи «Пайғоме аз худ» қобили таваҷҷӯҳ аст. Сайёд Ғаффор дар маснавии фавқ ба куллӣ шоири дигар аст. Шоире, ки аз кӯҳи баланди андеша ба зиндагӣ, ба хилқат, ба ҳастӣ, ба офариниш менигарад. Ҳаяҷон, эҳсос дар шеърҳои шоир печида аст дар фазои як ҳолат, аммо дар маснавии «Пайғоме аз худ» ҳаяҷон ва эҳсоси шоир печида дар фазои ҳолатҳои мухталиф аст. Сайёд Ғаффор дар ин маснавӣ шоири ҳолатҳо дар ҳолатҳост. Дар маснавии «Пайғоме аз худ» фазои хаёл ва ҳоли шоир ғарқ дар нур ва ғарқ дар ҳаракатҳост. Нуктаи дигар, ки дар кори маснавӣ таҳсин ба шоир аст, он аст, ки ҳарф бевосита аз шеър шурӯъ мешавад. Шоир дар ин шакли баён бисёр муваффақ аст. Сайёд Ғаффор дар маснавии «Пайғоме аз худ» бо як шурӯъ шеърро кашф мекунад ва дар қолаби байт мерезад:

*То ки бурдам роҳ бар меъроҷи худ,*
*Ин ҷаҳонро дидаам мӯҳтоҷи худ.*

* * *

*Ҳамчуноне дар замин ман будаам,*
*Дидаам, он сӯ ҳамин ман будаам.*

* * *

*Чарх омад бар сарам охир фурӯ,*
*То ба худ рафтам чу як шоир фурӯ.*

* * *

*Рангам аз ойинаи ҷомам шикаст,*
*Дар нигин чун ояти номам шикаст.*

(«Пайғоме аз худ»)

Домани андеша, нигоҳи Сайёд Ғаффор дар маснавӣ фароху густарда аст. Дар маснавии «Пайғоме аз худ» танҳо ширинӣ ва равонӣ хатти фарқ нест, балки муҳтавои пурбор, сувари хиёл ва қиёми андеша аст, ки маснавиро табдил ба як шеъри баланд кардааст.

Ангезаи хаёл ва рӯҳи шеър дар ин маснавӣ дар авҷ аст ва саршору пурбор аз тобишҳо ва ҷилваҳои шоирона.

Чаро Сайёд Ғаффор дар кори маснавӣ як шоири муваффақ аст?

Шоир то расидан ба маснавӣ ҳолу ҳавои онро дар чаҳорпораҳои хеш таҷриба кардааст. Тарҳи хаёлбандӣ ва қофиябандии Сайёд Ғаффор дар чаҳорпораҳо ба шеваи маснавист ё худ бо андак тағйир:

1. а-а, б-б, в-в, г-г
2. а-б-б-б
3. а-а-а-а ва...

**а-а-б-б:**

*Рафтиву ғами ту монду Сайёди ғазал,*
*Дар хотири шеър астиву дар ёди ғазал.*
*Ёдат ҳама ғам будаст дар синаи шеър,*
*Меҳрат ҳама нур аст дар ойинаи шеър.*

**а-б-б-б:**

*Ай шаршара, тасвиргаре воло ку?*
*Тасвир намояд, ки чунон мерезӣ.*
*Ту шеъри баландиву равон мерезӣ,*
*Дар синаи ман шӯру фиғон мерезӣ.*

**а-а-а-а:**

*Ту омадиву шеър дигар бенизом нест,*
*Кас дар намози шеър чу ту дар қиём нест.*
*В-андар намози шеъри ту ҷойи салом нест*
*В-аз шеъри хушҳавои ту беҳтар паём нест.*

Ҳамин таҷриба дар чаҳорпораҳост, ки дар эҷоди маснавии «Пайғоме аз худ» ба шоир кор додааст. Шоир дар маснавии «Пайғоме аз худ» ойинаи шеър дуруст мекунад ва дар ин ойина ба худ менигарад. Шоир нек медонад, ки шинохти инсон осон нест ва шинохтан бояд, ки як ҳосили мантиқӣ дошта бошад. Ин аст, ки дар ойинаи шеър он фардеро, ки шоир бояд бишиносад, худи ӯст. Шоир бар он аст, ки худро бишиносад, то ҳақиқати инсонҳоро бидонад. Фалсафаи шинохти ҳастиро, хилқатро ва сириштро Сайёд Ғаффор аз худ шурӯъ мекунад, то ба дигарон бирасад. Он гуна ки арз шуд, Сайёд дар маснавии «Пайғоме аз худ» шоири ҳолатҳост. Ҳолатҳои печида дар фазои мутафовит. Фазои ҳолатҳои шоир аз нури шеър таҷаллибор аст. Ин таҷаллӣ ва ин рӯшанӣ дар калимот ва сифатҳо реша бастааст.

Маснавии «Пайғоме аз худ» ба ковиш ва сӯҳбати умда ниёз дорад, ки аз ин сӯҳбат берун аст. Сайёд Ғаффор дар кори маснавӣ таҷриба ва лаёқати фитрӣ дорад, метавонад бо маснавиҳои тозаи худ шеъри муосири тоҷикиро пурбортар бисозад. Бетардид пайғомҳои тоза ва хуш аз ӯ ба шеъри тоҷик хоҳад расид.

# СУРАТИ ТАНҲОИИ ЯК ШОИР

Ҷаҳон, башар сареъ, тунд дар ҳаракат аст ва пайваста дар ҳоли тағйир. Шоир ё ҳар ҳунарманди дигар қодир нест, ҳамгом бо ин ҳаракати тунд, битавонад чизи шоистае халқ кунад. Шоире, ки дар ин вазъи печида даст ба қалам мебарад, чӣ кореро метавонад анҷом диҳад? Посух ба суол ин аст, шоир қабл аз ҳар чи бояд ба ҳолати рӯҳии инсон андеша кунад!

Шоири амрикоӣ Лоренс Фроленгти дар як сӯҳбат бо Порис Ревию чунин мегӯяд: «Дар охирин марзи ҷаҳон, миллатҳо дар ҳоли нопадид шудани комил ҳастанд. Миллатҳо, пеш аз поёни қарни бисту якум дигар вуҷуд нахоҳанд дошт. Миллатҳо ҳамин алъон ҳам наметавонанд мавҷудияти марзҳояшонро мушаххас кунанд. Текнелужии воқеӣ ба марзҳои милал по мениҳад, олудагӣ, интернет, факс, ширкатҳои чандмиллатӣ ҳеч кадом ба марзҳои милал аҳамият намедиҳанд… Вале шоир, ҳунарманд ҳанӯз инҷоянд ва мекӯшанд ба фарҷоми инсон роҳ пайдо кунанд… ва дар лабаи ҷаҳон ба рақс машғуланд…» Озарро дар шеъри муосири тоҷикӣ ҳамин гуна дарёфтам. Алорағми ҳаракати тунди замон ва пайваста дар ҳоли тағйир, дар лабаи ҷаҳони худ машғул ба самоъи шеър аст.

*Гулафшон кун, биё, аз нав баҳори ошноиро,*
*Биёвар аз бароям як табассум рӯшноиро.*
*Ба ҷуз рухсори ошиқ нест девоне, ки дил дорад,*
*Ба ранги канда иншо мекунад шеъри ҷудоиро.*
*Суроғи мо биё боре, ба дунёи гирифторон,*
*Тараннум карда зери лаб ғазалҳои раҳоиро.*
*Ба ёди шамъи рухсори ту дар шабҳои танҳоӣ*
*Дилам аз шамъҳо омӯхт дарси шӯълазоиро.*

*Гаҳе аз шеър дилгирам, вале ночор мегӯям,*
*Нагуфтан сахт душвор аст абёти атоиро.*
*Сухан аз ҷаҳд чун хун гашт, Озар, кор осон шуд,*
*Ба ангушти қалам бастем мазмуни ҳаноиро.*

(Як саҷда гул, ғазал, саҳ. 13)

Дар ҳошияи ин ғазали саршор аз «мазмуни ҳаноӣ» мехоҳам арз бидорам, ки то шоир ҳаст, забоне низ ҳаст. Дар ин бархӯрдҳои фаромӯшиҳову бегонагиҳо ҳофизи забон шоиронанд. Озар ошиқ ва дилбохтаи шеър аст, шеър ӯро дар ин рӯзгори бегонагиҳо ба кӯйи ошно, ба кӯйи дӯст мебарад. Аз фаромӯшиҳо фаромӯш мекунад ва ба ёди дӯст аз хуршеди ишқ дарси сӯхтанро, дарси рӯшноиро меомӯзад. Озар мекӯшад сафарҳои ҷисмонии хешро бо сафарҳои рӯҳонӣ ҳамоҳанг кунад, то битавонад дар халқи шеър кори шоистаеро анҷом бидиҳад. Ҳарфро дар шеър тоза ва нав мегӯяд, маърифат ва рӯҳониятро дар баён бештар сифат мекунад. Чунин аст ки таҷаллии рӯҳоният дар шеърҳои ӯ диданӣ, тамошоӣ ва нурбор аст:

*Эй Худо, ҳаргиз мадеҳ аз дасти кас нони маро,*
*Достон бофанд, агар гиранд дастони маро.*
*Эй фаромӯшӣ, саломе аз мани дарвеш бар*
*Хандаҳои пушти сад девор пинҳони маро.*
*Савти қул-қул рафтааст аз сӯҳбати аҳбоби вақт,*
*Шиша танҳо ёд дорад дарси Қуръони маро.*
*Баски сад хумби шароби ишқ меҷӯшад ба дил,*
*Маст гардад, ҳар кӣ мебӯяд гиребони маро.*
*Мо куҷову остони хоҳиши ёрон куҷо,*
*Оҳ, агар ёрони ман донанд имкони маро.*

(Ғазал, саҳ. 17)

Озар дар кори шеър ва бознамоии мавзӯъ аз фазоҳои ғариб, ҳолу ҳавоҳои наҷиб кор мегирад:

*Шеъри нур бинвисад ҷони ман барои ту,*
*Муждаи саҳар дорад сози ҳар садои ту.*
*Бод чидадомон аст, ҳар тараф хиромон аст,*
*Машқ мекунад шояд тарзи рафтуои ту.*
*Сафҳаи ҷамоли ту ҷилвагоҳи ирфон аст,*
*Шарҳи «Гулшани роз» аст ҳусни бебаҳои ту.*
*Нусхаи баҳоронӣ, тозатар зи боронӣ,*
*Ҳусни сад чаман дорад ғунчахандаҳои ту.*
*Чун хироми мавзунат ҳаст машқи мавзунӣ,*
*Шеър мекунад эҷод хок зери пойи ту.*
*Норавост бар Озар тӯҳмати сияҳбахтӣ,*
*То сапеда меборад чашми сурмасои ту.*

(Ғазал, саҳ. 14)

Озар дар бархе аз шеърҳо ҳам бо мухотаб ҳарф мезанад ва ҳам бо худ. Дар кори шеър аз ӯ чунин нест, ки танҳо калимот бимонад, тасвири ноб, рангҳои рӯшан, мӯҳтавои бикр, баёни зебо, рӯҳоният аз беҳтарин нимодҳост, ки ба шеъри ӯ ҷаззобият мебахшад. Ӯ дар шеваи кор ва сабки баён гоҳе низ талош мекунад ҳузури худро дар лояҳои калимот, тасвир ва рангҳои тасвир пинҳон бидорад:

*Печ дар ҳалқаи зулфи ту зи бас бисёр аст,*
*Дили мо обилаи ин раҳи ноҳамвор аст.*
*Чун хироми қади сарви ту ба он зебоӣ*
*Шеъри мавзун бинавиштан чӣ қадар душвор аст.*
*Ҳеч кас мисли ду абрӯи ту як байт нагуфт,*
*То қиёмат ғазали ҳусни ту нотакрор аст.*
*Биравам, ғунчаи таъбир биҷӯям ҳама ҷо,*
*Ки ҷаҳон як чамани хоби пур аз асрор аст.*
*Оҳ, эй дӯст, агар ҳарфи маро нашнидӣ,*
*Ҷурм он нест, ки байни ману ту девор аст.*
*Зи назокат суханам ҳеч ба гӯше нарасид,*
*Ки садо аз қадаҳи ғунча ҳамин миқдор аст.*

(Ғазал, саҳ. 15)

Озар дар ин ғазал ҳам бо мухотаб ҳарф мезанад, ҳам худ мухотаби худ аст. Дар байти аввали ғазал ин ҳолатро мешавад мушоҳида кард. Бихонем:

*Печ дар ҳалқаи зулфи ту зи бас бисёр аст,*
*Дили мо обилаи ин раҳи ноҳамвор аст.*

Ишораи «ту» дар мисраи аввал мухотаби шоир аст ва ҳолати мухотаб дар ин тасвир таъбир мешавад. Печиш дар ҳалқаи зулфи ту бисёри бисёр аст.

Дар мисраи дувуми ин байт Озар худро ба худ мухотаб қарор медиҳад ва аз ҳолати хеш ба мухотаби аввал хабар медиҳад: Дили мо обилаи ин раҳи ноҳамвор аст. «Мо» шоир аст ва ин мо ба худ мухотаб аст. Дар байтҳои баъдии ғазал шоир ҳузури худро дар лояҳои ин калимот ва ин тасвирҳо пинҳон медорад.

Калимот: шеър, ғазал, дӯст, девор, сухан.

Тасвир: ғазали ҳусн, ғунчаи таъбир, чамани хоб, қадаҳи ғунча.

Таҷаллии дигар дар шеърҳои шоир нигоҳи шоирона ва зебои ӯ ба ҷаҳону зиндагист. Забони ин нигоҳ иҷозат додааст, ки тасвир, маъно, ранг, ишора, иҳом, ташбеҳ, маҷоз ва дигар рукнҳои бадеӣ дар шеърҳои шоир маҷоли сухан гуфтан дошта бошанд. Чунин нигоҳи шоирона ва дақиқ худ абдои таъсирбахш ва ҳунармандона аст дар сохтан ва офаридани шеъри баланд.

*На зоҳидам, ки чу як ҳур дӯстат дорам,*
*Ту бодаиву чу махмур дӯстат дорам.*
*Барои хотири бишкаставу малули хеш*
*Чу як таронаи пуршӯр дӯстат дорам.*
*Зи ёди мурғ муҳол аст, к-осмон биравад,*
*Асиргаштаву маҳҷур дӯстат дорам.*
*Ба ёди он ки қиёмат карашмае аз туст,*
*Агар равам ба дили гӯр, дӯстат дорам.*
*Сарам ба ҳалқаи оғӯши дор менозад,*
*Аналҳақиву чу Мансур дӯстат дорам.*

(Ғазал, саҳ. 6)

Бо ин далел метавон гуфт шеъри Озар шеъри таҷруба, тафаккур ва халлоқият аст. Агар шеър аз меъёрҳои ҳиссӣ, меъёрҳои ҳунарӣ бархурдор бошад, сифатҳои ҳунарӣ ва сифатҳои ҳиссиро низ дар хеш хоҳад дошт. Озар дар офариниш, тасвир, ранг, маъно, таркиб, ҳаракат аз беҳтарин василаи баён, нигоҳ истифода мекунад.

Тасвир:

*Бояд аз шаҳр бурун рафт,*
*Бояд аз шаҳр бурун рафт, пайи дидани кӯҳ.*
*Кӯҳи аламсафед,*
*Кӯҳ шайхест, ки дар чашма таҳорат карда,*
*Дорад андеша, ки саҷҷода куҷо гум кардаст,*
*Шоири хубтар аз кӯҳ, аз ин шайхи бапо рост куҷост?*
*Шеър саҷҷодаи гумкардаи ӯст.*

Ранг:

*Хонаи ту хонаи субҳ аст*

* * *

*Аз сеҳри сафеди назм озодӣ нест,*
*З-ин мадраса ҳеч хатти иршоде нест…*

* * *

*Саҳаргоҳон даруни чодари чиркин*
*Яке аз хоби худ бо гунаҳои зард мехезад.*

(Як саҷда гул, саҳ. 24,32,37)

Маъно:

*Ба масҷид ҳар гаҳе по мениҳам, майхона механдад,*
*Ба паймоне, ки бастам бо Худо, паймона механдад.*

* * *

*Зи бас ҷамоли ту бар ҳар касе писанд шудаст,*
*Ба ҳурмати қади ту осмон баланд шудаст.*

(Байтҳо, саҳ. 40)

*Бинозам теғи нохунро, ки бар дил,*
*Ба хуни баста номаш канда мекард.*

(Ғазал, саҳ. 18)

Ҳаракат:

*Равон аз ҷодаи худ роҳии кӯйи киӣ дарё?*
*Таманнои кӣ дорӣ, ошиқи рӯйи киӣ дарё?*

* * *

*Гирдбод чун сӯфӣ рӯйи роҳ мечархад,*
*Аз фироқ менолад, нолааш найистонист.*

(Ғазал, саҳ. 4,5)

Таркиб: найи мижгон, соқаи даст, ҷамоли факр, хуморошно, бӯйи об, ангушти қалам, мазмуни ҳиноӣ, як табассум рӯшноӣ, як чаман хоб, садо аз қадаҳи ғунча, як саҷда гул. Озар дар ин равиш дар офариниши шеър шаклҳои мухталифи баён, кашфи маъно, шеваи тасвир ва балоғати забониро таҷруба мекунад. Дигар аз шеваҳои бисёр ҷолиб дар кори шоир он аст, ки қодир аст тасвирҳои дарунӣ, берунӣ, мӯҳтавои дарунӣ ва беруниро дар шеър буруз диҳад. Муҳаммад Озарм, мунтақиди шинохтаи эронӣ чунин ҳарфе дорад: «Ҳар шеъре таҷрибаест, ки фақат як бор иттифоқ меафтад ва қарордодҳои забонии он, ҳамзамон бо шакл гирифтани ин таҷриба ба тавҷияи худ ва мавқеияти худ ба машобеҳи шеър мепардозанд». Ҳар кадом аз шеъри Озар низ дар ин маънӣ иттифоқи як таҷриба аст. Таҷрибае, ки дар шеър шакл мегирад, дар шеър хулоса мешавад ва саршору пурбор аз зебоиву шевоист:

*Эй, ки абрӯи ту ҳусне зи хати Қуръон дошт,*
*Дилат оё хабар аз ҳоли мусалмонон дошт?*
*Доштам з-омаданат вусъати он шодиро,*
*Ки биёбон ба дил аз омадани борон дошт.*
*Ту магар ҳамқадами боди баҳорӣ, ки саҳар*
*Шаҳр аз омаданат бӯйи гулу райҳон дошт.*

*Остин дар нигаҳам «Маснавӣ»-и сонӣ буд,*
*Нақш мекард ҳуруфе, ки найи мижгон дошт.*
*Озаро, ойинае буд баёзи ғазалат,*
*Ки ба худ сурати танҳоии як инсон дошт.*

(Ғазал, саҳ. 1)

Шоир дар иттифоқи таҷрибаҳо бо шавқ, ҳолу ҳавои аҷиб ва бадеъ хонандаро мафтун ва шефтаи маъно, тасвир ва баён месозад. Озар дар халқи шеър аз такрор ва якнавохтӣ, ноҷӯрии таносуби маъно парҳез дорад. Маъно, тасвир, саноиъи бадеъ дар шеърҳои ӯ пайваста дар ҳоли тағйири ҳис, ҳолат, ҳаракат аст. Ӯ дар шеър ҳарфи шеърро мезанад, тасвир, маъно ва баёни қобили қабулро ироа медиҳад. Шоир дар ҳавзаи шеър пайбанд ба қолаби калимот нест, балки ба таври дақиқ, ҳунармандона,шоирона шеърро дар калимот зинда месозад:

*Дастҳоят,*
*Дастҳои бебаҳоят,*
*То барангезанд рӯҳи ишқро дар устухонам,*
*Нарм мелағжанд рӯйи бозувонам.*
*Дастҳоятро миёни дастҳоям*
*Мебарам оҳиста рӯйи дидаҳоям.*
*Дар тамоси дасту лабҳо бӯсаҳои нарм-нарме мерабоям.*
*Дастҳои ту баҳори ишқ,*
*Датҳои ту гули зебои афсона.*
*Рӯйи ин гул*
*Лаб маро чун парри парвона.*
*Ҳамчу як парвонаи хушбахт*
*Шаҳд меҷӯям миёни барги ангуштони дастат,*
*Порсо ҳастам, ки баъди рӯзадорӣ,*
*Зӯр мегирам зи дастархони дастат.*
*Дастҳоят,*
*Дастҳои бебаҳоят*
*Бо гули зебои ишқам дар тамосанд,*
*Навбаҳори сабзи эҳсосанд.*

(Дастҳоят, саҳ. 26)

Шоир ба масоили иҷтимоӣ, масоили печидаи зиндагӣ амиқу рӯшан менигарад ва дар ин ҳолу ҳаво бо шеър ҳамнафас мешавад. Бозтоби масоили иҷтимоӣ, масоили зиндагии мардумро дар иттифоқи таҷрубаҳои худ нишон медиҳад:

*Дареғ аз шуҳадое, ки лолу хомӯшанд,*
*Кунун ба сӯги азизон ҳама сияҳпӯшанд.*
*Ҳазор номаи рангин навишта хоҳад шуд,*
*Магӯ, гузаштарафиқони мо фаромӯшанд,*
*Ки мондаҳо ҳама авлоди поки Фирдавсӣ,*
*Гузаштаҳо на кам аз Рустаму Сиёвушанд.*
*Китоби қисмати эшон китоби бемаргист,*
*Куҷо ба дасти аҷал ин китоб мепӯшанд?*

(Ёди шуҳадо, саҳ. 33)

Озар бо пуштивонаи фикрӣ ва дидгоҳе, ки дорад, ба ҳувияти инсон нигоҳ мекунад ва ҳосил аз онро ба шеър меоварад. Шоир иқрор бар он дорад, ки шеър дар зиндагии башар, дар рӯҳонияти башар аз худ таъсирҳое дорад. Озар аз ин назар ба шеър канор меояд ва даст ба дасти шеър медиҳад. Дар сохтори шеъри ӯ тасвир, ранг, мӯҳтаво, саноиъи бадеӣ ҳар кадом худро метавонад ба намоиш бигзорад, ҳар кадом метавонад аз худ ҳарф бизанад. Дар ҳавзаи шеъри Озар ҳолатҳое низ дида мешаванд, ки ҳолати аввалмаъноӣ ба канор меравад ва мерасад ба ҳолати фаромаъноӣ.

Ҳолати аввалмаъноӣ:

*Эй бор Худоё, ки ҷаҳон зодаи туст,*
*Бахшой касе, ки ошиқи содаи туст.*
*Ҳарчанд на хос асту на озодаи туст,*
*То хеш шинохт, пой дар ҷодаи туст.*

Ҳолати фароимаъноӣ:

*Авсофи туро шунида мафтун моем,*
*Лайлоии ту надида Маҷнун моем.*
*Ойинаи шарҳи кунфаякунем чун,*
*Ҳар лаҳза дигаргуна дигаргун моем.*

(Рубоиҳо, саҳ. 37)

Шарҳи муфассали рубоии дувум сӯҳбатро ба дарозо мекашад, вале фишурда ба ин тартиб аст. Озар дар ҳолати фароимаъноӣ ишорат дорад ба қудрати Худованд. Ҳолати фароимаъноӣ дар банди дуввуми рубоии фавқ рух нишон медиҳад. Дар банди дувум дар ҳолати фароимаъноӣ шоир ба ояти 82-83-и сураи Ёсин аз Қуръони карим ишорат мекунад. Худованд (дар олам) чун иродаи хилқат чизеро ба маҳзи ин, ки гӯяд мавҷуд бош, билофосила мавҷуд хоҳад шуд. Худое, ки мулку малакут, ҳар мавҷуд ба дасти қудрати ӯ ва бозгашти ҳамаи халоиқ ба сӯйи ӯст. Барои тасаввури рӯшан ва бештар ба манзури шоир боз ҳам он ду бандро бо ҳам мехонем:

*Ойинаи шарҳи кунфаякунем чун,*
*Ҳар лаҳза дигаргуна дигаргун моем.*

Ойина инсон аст, Худованд инсонро офарид ва таҷаллии худро дар ӯ ниҳод. Кунфаякун, яъне Худованд ҳарчиро гӯяд «бишав», мешавад. Ҳар лаҳза дигаргуна шудани инсон бар маънои ҳидояти Худованд аст, дар фарозу фуруди зиндагӣ, ки дар ниҳоят бозгашти ҳама ба сӯйи ӯст. Ҷараёни фикрии Озар дар ҳолати фароимаъноии камтар ранг дар тасвирҳо дорад. Аммо қиёми тасвирро калима дар калима дар ҳолати фароимаъноӣ дар шеърҳои шоир собит ва устувор мемонад. Зеҳни шоир дар калимот, дар таркиб, дар тасвир, дар рангҳо, дар маъно зариф ҷорӣ мешавад ва аз ҳар гуна лағзиши ғайримантиқӣ ба дур аст:

*Не зулфу на қомат аст дар дафтари мо,*
*Як мушти надомат аст дар дафтари мо.*
*Сад ҳасрати мурда дар қиём омадааст,*
*Фардои қиёмат аст дар дафтари мо.*
(Рубоиҳо, саҳ. 37)

* * *

*Ҳарчи кардам,*
*Пеш аз ин баҳри Худо не, баҳри худ кардам,*
*Мисли он марди қаландар,*
*Ки ҳақиқат неву нони ишкамашро ҷустуҷӯ мекард,*
*Баъд аз ин ҳар лаҳзаро бояд*
*Бо намозу шукри Ҳақ пайванд зад,*
*Баъд аз ин монанди гул бояд*
*Хун шукуфту байни гул лабханд зад,*
(Лабханд, саҳ. 36)

Инсон ба ҳар амали худ фардо дар пеши Холиқи хеш посух хоҳад гуфт. Ҳар нафас барои инсон неъмат ва ғанимат аст. Озар дар мароҳили нахуст мегӯяд, ҳарчи кардам, барои худ кардам, на аз барои Худо. Ба ин васила иқрор мекунад ба бепарвоии худ ва худро мазаммат месозад. Дар мароҳили баъд шоир ҳар лаҳза аз зиндагии худро мехоҳад ба намоз ва ибодат пайванд бизанад. Чун лаҳзаҳо мегузарад ва барои банда ҳамин ибодат, ҳамин намоз аст, ки мемонад, дигар ҳеч. Инсон ҳеч гоҳ намедонад дар лаҳзаи баъд чӣ ба вуқӯъ меояд, воқифи асрор танҳо ӯст. Чунин аст, ки Озар мегӯяд ҳар лаҳзаро чун гул бояд истиқбол кард ва аз лаҳзаҳо онро мебояд гирифт, ки арзиш дошта бошад. Умри гул кӯтоҳ аст ва ниҳояти он шукуфтан, аммо гул бояд заҳмати шукуфтанро бикашад, ба лаззати шукуфтан бирасад. Ва ин шукуфтану лабханд бояд дар лаҳазоти лозим сурат бигирад, вагарна шукуфтан дар лаҳазоти нолозим ба дарде намехурад. Хун шукуфтан бар маънои аз ботин дар худ шукуфтан аст ва ин шукуфтан осон нест. Бояд хуни дил шуд, заҷрҳо кашид, он гоҳ дар

худ метавон шукуфтан. Вақте инсон ба сарнавишти худ огоҳ нест, роҳат метавонад зиндагӣ кунад. Аммо инсоне, ки дар зиндагӣ фақат мехурад, мехобад ва дар ниҳоят мемирад, чӣ гуна метавонад худро бишносад?! Рози офаринишро андеша кунад ва парвардгори худро тасбеҳ гӯяд. Яъне шукуфтан ва лабханд задан тасбеҳ аст ба даргоҳи офаридгор ва хун шукуфтан заҳмати тоату ибодат метавонад, ки бошад. Таъбири «монанди гул» ишора аст ба фурсати кам, ки инсон дар ин дунёи гузарон дар ихтиёр дорад. Ин маъно ҳамон аст, ки Бедил гуфтааст: «Дар сари мижгон чу ашк истодаӣ, ҳушёр бош». Аммо Озар ин маъноро дар калимоти гул, хун, шукуфтан ва лабханд пӯшиш додааст. Шеъри шоир дар ҳаллу фасли мавзӯъҳои печидаи башар дар хатти андеша, ҳаракат, таркиббандӣ ба зебоӣ ва шевоии лузум мерасад, то ҳама чиз дар шеър қобили дидан бигардад. Бо ин ҳунармандӣ Озар шеърро кашф мекунад бо ҳушмандӣ ва ҳидояти дуруст аз бурун ба даруни шеър роҳ мекушояд. Чунин аст, ки шеърҳои ӯ дар рангҳои рӯшану гарм маънои баланд, тасвирҳои ноб хулоса мешавад. Озар заҳмати шеърро осон намегирад, дар кори шеър умқбин ва жарфнигар аст. Ҳарфи ӯ бетардид дар шеъри муосири тоҷикӣ тоза аст ва тароватҳои худро дорад. Ҳушмандӣ ва шуури шоирона имкон бар ӯ додааст, ки воҳае барои падидаҳои навзуҳури зиндагии имрӯз дар шеър боз кунад. Дар шеъри Озар мешавад авҷи ҳунар, андеша, баён, тасвир, маъно ва ишораҳои чанднавъиро ҳис кард. Бояд ҳам арз дошт, ки ин сабки андеша, баён, кори як шоири ҳунарманд аст. Бо ин ҳама, мутаассифона, садои шоир, шеъри шоир дар доираи андаке аз хонандагон маҳсур мондааст. Дар ин ҳошия як намуна аз корҳои шоир:

*Биё шабеву салому чароғи моҳ биёр,*
*Бағал-бағал ҳавасу бӯсаву гуноҳ биёр.*
*Ба ошиқони хуморошно чу мегузарӣ,*
*Чу армуғони сафар ҷуръае нигоҳ биёр.*

*Сафо наёфт дилам аз ҳазор оташи сурх,*
*Зи чашми хеш ба ман оташи сиёҳ биёр.*
*Табассумест зи эҳсос чоки пираҳанам,*
*Ба зери пираҳанат ҷони бӯсахоҳ биёр.*

(Ғазал, саҳ. 3)

Зеҳни шоир дар ин ғазал аз сабки шукуфабори хуросонӣ башорат медиҳад. Аммо чун баён ва забони шеър ба сабки андеша дар шеър мерасад, нармтар, гуворотар, шевотар ва зеботар мешавад. Забони шоир дар марҳалаи андеша аз авҷи сабки хуросонӣ, ки атри бостонро дар худ дорад, камокам аз ҳолу ҳавои мудернизм гулфишон мегардад. Озар шоирест, ки ба табиат, ба зиндагии инсонҳо, дарахтҳову гулҳо аз даричаи калимаҳо ва чашми рангҳо менигарад. Бо табиат, зебоӣ ҳамнишин мешавад ва мисли рӯдҳо поку зулол, мисли дарахтҳо ботамкину ботаҳаммул. Озар дар халқи шеър бештар шеърнигар аст, камтар шеърнигор. Шеърҳои шоир аз ҳисси зебошиносӣ саршор аст ва ҳисси зебоӣ, зебогароиро дар хонанда бедор месозад. Ҳолати дигар дар кори шоир садои дарунии шеър аст, ки дар зеҳни калимот, дар зеҳни тасвир, дар зеҳни маъно, дар зеҳни рангҳо орому зариф ҷорист. Шеъри шоир дар чархаи ҳамин садо мечархад ва хонандаро дар хеш мечархонад. Ҳарфи асил, маъно дар маъно, тасвир дар тасвир, ранг дар ранг печида дар фазои шеър аст, ҳарчи хонда шавад, жарфояш дастноёфтанитар мешавад. Дар дафтари шеъри Озар аз ин таҷрубаҳо дида мешавад, ҳамин таҷрубаи лузум ва пухта дар қисме аз шеърҳои ӯ ҷаззобияти шеъриро нигоҳ медорад:

*Дар Карбалои сарват,*
*Дар Карбалои шӯҳрат,*
*Дар Каъбаи ғуруру тафохуру беғамӣ*
*Сад саҷдаи сияҳ*
*Кардаст одамӣ.*
*Эй ишқ, ишқ, ишқ...*
*Эй Каъбаи умед,*

*Дар Карбалои умр*
*Меҳроби хеш ҷониби кӯят кӣ мекунад?*
*Як саҷда гул ҳавола ба сӯят кӣ мекунад?*
(Гули саҷда, саҳ. 20)

Хонанда чун ворид ба дунёи шеъри Озар мешавад, нур мебинад ва ишқ ба меҳрубонӣ, сидқ, садоқат аз ҳамеша наздиктар мешавад. Хонанда дар ин ҳолу ҳаво худро аз ёд мебарад, худро фаромӯш мекунад, аз худ ҷудо мешавад ва пайванд мехурад ба шеър. Озар аз боядҳо ва набоядҳо мегузарад, ҳалқа-ҳалқа занҷири ҳасратро мешиканад, то бирасад ба ормонҳои волои худ. Волотарин ормони шоир расидан аст ба шеъри асил, ба шеъри ноб, ба шеъри зиндагӣ. Шоир сабкҳои мухталифи баёнро дар кори шеър таҷруба мекунад. Озар дар шеър талош дорад, то ба ҳақиқати шеър бирасад ва ба тамоми маъно зовиёти пинҳони рӯҳи инсонҳоро шарҳ диҳад. Ӯ рангҳои пароканда, мухталиф, шод, ғамоварро дар тасвирҳои худ ба кор мегирад. Ва агар ҷамъи ин рангҳоро аз шеърҳои шоир ба ҳам биоварем, сурати танҳоии як шоир дар тарҳ зоҳир меояд, танҳоие, ки печидааст дар зиндагии мардум, дар шодиву дар ғамҳои мардум, танҳоие, ки шоир аз он шеърро, ишқро мазза мекунад, мешиносад, танҳоие, ки дар ин ҷаҳони тунд ва пайваста дар ҳоли тағйир дар лабаи ҷаҳони худ самои шеър меравад, то сиришти башарро беҳтар бишносад.

*Дили ман як ғазали тӯлонист,*
*Ки дар ӯ вазн ҳамоҳанг ба фарёди най аст.*

# ШЕЪР АГАР ЭЪҶОЗ БОШАД...

Як нигориши комил ба ҷараёни шеъри муосир ҳанӯз сурат нагирифтааст. Дар ин ривол бурду бохти шеъри шоирони ҷавон ҳам дур аз таваҷҷӯҳ монда ва ё бисёр кам аз шеъри онон баҳсе ба вуқӯъ омада. Шеъри шоирони ҷавон бозтоби шабакаи зеҳнӣ ва бозтоби забони шеъри онҳост дар он хат, ки ҳастанд. Ҳувияти зеҳнӣ ва шеърии шоирони ҷавон дар он хат, ки ҳастанд, ё ба камол мерасад ё ба завол. Дар ин таҳоҷуми фарҳанги бегона эҷодкори ҷавон аз худ ҳатто бегона мешавад, то чӣ расад ба ойин ва суннати миллӣ. Аз ин рӯ, аҳли пажӯҳиш бояд ҳидоятгари эҷод кардани ҷавонон бошанд дар худогоҳӣ ва худшиносии онҳо. Ховар Абдулҳай аз қабили он эҷодкорони ҷавон аст, ки бо кӯлборе аз ишқу муҳаббат ба ватани сухану шеър дар ҳоли сафар аст.

Интишороти «Деваштич» бо фотиҳаи шоир Гулназар дафтари шеъри ӯро бо номи «Шафақи шавқи нигоҳ» манзури ҳаводорони сухани мавзун гардонидааст. Дафтари шеъри Ховар Абдулҳай шомили ин қолабҳои шеърист: ҳашт шеъри нимоӣ, ду шеъри чаҳорпорагӣ, бист ғазал, ду рубоӣ ва чаҳор дубайтӣ. Ба мутолиаи дафтари шеъри Ховар нишастам, то бидонам қабл аз ҳарчи манобеи таъзияи завқӣ ва мӯҳтавоии ӯ аз куҷост. Ва донистам, ки зиндагии мардум аст. Ҳамчунин ончи худ зиндагӣ кардааст ва ё мехоҳад зиндагӣ бикунад. Зиндагии мардум:

*Дунёи фониро бубин, гоҳе чунону гаҳ чунин,*
*Гаҳ қасрҳои маҳнишин, гаҳ пармаи мисморҳо.*

Зиндагии шоир:

*Нигоҳи ман ба раҳи бод хира мемонад,*
*Ва ман тапида ба худ*

*Ба шамъи зеҳн дар ин шоми хотироти куҳан*
*Фурӯғи ахтари чашми туро ҳамеҷӯям.*

Доираи манобеи завқӣ ва мӯҳтавоии Ховар дар шеър ба ҳадди ҳамон таҷриба аст, ки аз он ба мардум ва иҷтимоъ менигарад. Шеър ҳамеша дар робита бо мардум ва иҷтимоъ пойдор аст. Ин пайванд вобаста ба авзои замон гоҳе бештар аст ва гоҳе низ камтар. Вале дар ҳар сурат ҳеч вақт ва ҳеч гоҳ пайванди шеър бо иҷтимоъ ва мардум нагусастааст. Дарбортарин шоирон ва хилватнишинтарин шоирони пешин ин пайвандро дар шеърҳои худ нигаҳ доштаанд. Ин аст, ки пайванди шеър бо иҷтимоъ ва мардум ҳамеша буд ва ҳамеша ҳаст. Ҳатто дар он замон шоирони дарбор бо он ки аз зиндагии мардум дур буданд, аз иҷтимоъ иттилои кофӣ надоштанд, натавонистанд пайванди шеърро бо иҷтимоъ ва мардум қайчӣ бизананд. Ҳамин пайванд дар шеърҳои Ховар Абдулҳай ҷо-ҷо дида мешавад ва ба ҳар сурат тасвир ёфтааст. Ӯ кӯшидааст, ҳам дар корҳои нимоӣ ва ҳам дар кори ғазал ин пайванди ҳамешагии шеърро бо мардум ва иҷтимоъ таъбир кунад.

Ховар Абдулҳай медонад, ки шеъри озод ё нимоӣ танҳо дар шикастани авзон нест. Забони фаъол, мӯҳтавои пурбор, парвози баланди андеша, ё сувари хаёл аз аносири муҳим аст дар шеъри озод. Аммо мутаассифона, дар шеърҳои нимоии худ ӯ бештар ба дунболи қолаби калимот ва таркибҳост. Яъне шеър дар ин қолаб тобеъ аст ба хатти сайри фикри шоир. Шеърро дар ин навъ аз қолабҳо хатти андешаи ӯ таъйин мекунад. Аммо дар кори ғазал хатти андешаи Ховар ба шеър тобеъ аст. Яъне дар қолаби ғазал шеър хатти андешаи ӯро таъйин мекунад. Бинобар ин, Ховар Абдулҳай дар робита ба навъи қолаб дар ду хат сайри андеша дорад. Яъне дар қолабҳои нимоӣ дар калима шеърро меандешад, аммо дар қолаби ғазал дар шеър калимаро:

*Омад баҳор, пичаи кӯҳи фусурдаёл*
*Аз гармии назораи хуршеди безавол*
*Чун кокулони дилбари ман печу тоб хӯрд,*
*Дар пойи кӯҳсор*
*З-ин нақши ҷовидонаи наққоши рӯзгор*
*Наргис кушод чашми ҳавасрову об хӯрд.*
*Боди сабо димоғи маро мушкбор кард,*
*Дар дил ҳавои софи саҳаргоҳ ҷо гирифт,*
*Чун рақс бо навои сабо шохсор кард,*
*Ҷонро нишот низ ба хубӣ фаро гирифт,*
*Эй тозатар зи пичаи тарсанда з-офтоб,*
*Як дам шитоб кун,*
*Дар фасли зудгард*
*Боз ою чашми мунтазирамро пуроб кун,*
*Дар фасли ишқу дард*
*Нақше ба лавҳи хотира афкан ту низ,*
*К-он*
*Наққоши рӯзгор*
*Бо ин диёр кард.*

Дар ин қолаб нигоҳи Ховар дар ҷустуҷӯи шеър аст. Бо ҳисси зеҳн зебоиҳои зиндагиро мехоҳад ламс кунад. Аммо як дасти ғам бар лавҳи хотираҳои ӯ нақш мекашад. Сояи ин нақши ҷовидона аз зеҳни ӯ мегузарад. Шоир зариф ишора мекунад ба он хотираҳои ғамбор, ки дар ин диёр буд. Бо ин ҳама, эҳсос болотар аст аз шеър дар ин навишта. Ховар Абдулҳай тавониста аз силсилаи калимот пардаи ҳарири эҳсос барандозад. Аз пушти ин пардаи ҳарир шеър нимрух ба хонанда менигарад. Ҳар он шеър, ки аз бадеъ оғоз мешавад ва дар бадеъ анҷом меёбад, аз беҳтарин шеър аст. Аз чунин навъи шеър хонанда ҳам мутаассир мешавад, ҳам лаззат мебарад ва ҳам чизе аз шеър меёбад:

*Эй барфи навбаҳор,*
*Таскини сард дар рухи ошуфтаам бибор,*
*То шавқи лабкушодани андӯҳи ғунчаро*
*Боре ҷафо кунем.*

*Эй беҳтар аз баҳор,*
*Сӯзи димоғхор,*
*Чун кӯрдуди вораи озар ба бод рафт,*
*Шуд, ончи пор рафт,*
*Боз о, ки гарди ойинаҳо пурсафо кунем.*
*Ман зери осмон*
*Аз чеҳраат сабоҳати ҳар рӯз хостам,*
*Аз милаат малоҳати Наврӯз хостам,*
*В-ин низ хостам*
*Дар рӯзи нав ба ваъдаи порин вафо кунем.*
*Варзоби чашмҳом*
*Бо шиддат аз ғароми нигаҳ сӯйи зиндагӣ*
*Бар сахраҳои ҳодиса бармехурад, ки ҳон:*
*Андеша дар нигоҳ ба сӯйи қафо кунем!*
*Эй барфи навбаҳор,*
*Акнун дигар мабор.*
*Чун ҷомаҳо ба қомати ҳар ғунча пора шуд,*
*Шуд ҳоҷате, ки қиссаи моро хафо кунем.* (саҳ. 9)

Ин шеър аз навъи ҳамон шеърҳоест, ки аз бадеъ оғоз мешавад ва дар бадеъ анҷом меёбад. Оғози шеър, ки саршор аз тасвири зебоист ва пурбор аз бадеъ:

*Эй барфи навбаҳор,*
*Таскини сард дар рухи ошуфтаам бибор,*
*То шавқи лабкушодани андӯҳи ғунчаро*
*Боре ҷафо кунем.*

Ва поёни шеър, ки печида аст дар латофат ва балоғати бадеъ:

*Эй барфи навбаҳор,*
*Акнун дигар мабор.*
*Чун ҷомаҳо ба қомати ҳар ғунча пора шуд*
*Шуд ҳоҷате, ки қиссаи маро хафо кунем.*

Ин ҳама зебост, аммо дар бархе аз шеърҳои Ховар соярӯшанҳо вуҷуд дорад. Кор рӯйи он соярӯшанҳо боз ҳам шеъри ӯро беҳтар хоҳад кард. Бигирем барои намуна ин бандро аз як шеъри нимоии шоир:

*Сарат хамида рӯйи китфи ман зи рӯйи ноз*
*Ва шохи беди кокулат ба шона рехта...*
*Ва гӯйӣ хоб мебарад ду чашми шӯхи ту,*
*Вале хаёли бӯсаҳо аз ӯ гурехта. (саҳ 13)*

Аввали баҳор, дар он ҳангом, ки шохбед тоза ба худ ранги сабз мегирад, духтаракони русто ҷилдҳои сабзрангро аз шохчаҳо ё навдаҳои бед дармеоранд. Ба шумори гесувони худ он ҷилдҳои сабзрангро дар гесӯ мебофанд, чунон ки ҷамолак ё чорбандро. Аммо шохбедро дар гесӯ намебофанд, зеро бофтани он дар гесӯ мушкил аст. Аз шаъшаъаи нури хуршед он ҷилдҳои сабзранг дар гесӯи духтаракон мавҷ мезананд. Аз ин лиҳоз, агар Ховар байтро ба ин шакл тағйир бидиҳад, фикр мекунам ҷаззобият дар шеър бештар мешавад:

*Сарат хамида рӯйи китфи ман зи рӯйи ноз*
*Ва мавҷи беди кокулат ба шона рехта...*

Дигар аз шеърҳои зебо ва хонданӣ дар кори Ховар шеъри «Умеди сӯхта» аст. Шеър зебо ва шевост, дар як хондан ба дил менишинад. Ин аст, ки нахостам аз он сатҳӣ бигзарам. Намуна аз шеър:

*Биё чу фасли баҳор,*
*Ки обу хоки танам аз ҳарорати нафасат*
*Нишоти дам задани сабзаро таманно кард.*
*(саҳ. 15)*

Ин бандро метавон дар ин шакл низ қабул дошт ё писандид. Аммо дил мехост, Ховар ин бандро дар шеър чунин менигошт:

*Биё чу фасли баҳор,*
*Ки обу хоки танам аз ҳарорати нафасат*
*Нишоти сар задани сабзаро таманно кард.*

Зеро ки дам як дам аст ва кайфияти сабзидан, рустан ва растанро надорад. Ҳамчунин сар задани сабза равонтар ва мантиқитар дар зеҳн ва андеша менишинад. Дар ин ҳол, ҳам таносуби калимот ва ҳам саволи мантиқ дифоъ мешавад. Ҳоло бингарем ба ғазалҳои ӯ дар ин дафтар. Ховар Абдулҳай дар кори ғазал ба ҳинҷори гуфтор ва шеваи баёни худ ангезаи дигар бахшидааст. Андеша, тасвир, баён, забон ва мӯҳтавои шеъри ӯ дар қолаби ғазал сурати таҳаввул ба худ касб мекунад. Чунин бармеояд, ки сиришти шоир бо обу гили ғазал бештар созгор аст. Ғазал баъд аз дахолати устод Лоиқ Шералӣ дар ҳавзаи шеър таконе дигар хӯрд. Ва то имрӯз дар кори шоирон ба ҳаёти худ идома медиҳад. Бархе аз шоирон дар ғазал ба ҳамон забони қадим ва мӯҳтавои қадим кор мекунанд. Бархе дигар бо ғазал муносибати нимсуннатӣ доранд ва дигаргуниҳои ғайрирасмӣ дар он дохил кардаанд.

Иддаи дигар низ ба ғазал бо нигоҳи нимоӣ рӯй овардаанд. Дар забон, дар бадеъ, шакли тоза ва ҷадиде ба ғазал бахшидаанд. Дар ин ҷамеъ ғазалҳои Ховар Абдулҳай дар васат аст, аммо андак-андак бо булуғи андеша дар ҳоли пайвастан аст ба дастаи севуми шоирони ғазалсаро. Андешаи ӯ дар байтҳои ғазал ба мӯҳтавои ҷадид гиреҳ мехурад ва забони ғазали ӯро ба як забони қавӣ табдил медиҳад. Забони ғазалҳои Ховар дар тасвир, дар тахайюл, бадиипараст ва шеваи баёни ӯ ҳунармандонатару зебост. Ховар дар кори ғазал қобилияти тозаеро бештар аз худ ба маърази тамошо мегузорад:

*Эй нури дида, тавсани ғам сина тай зада,*
*Мастӣ бубин, ки каъбаи риндон чӣ пай зада.*
*Дигар ту ҳоли хастаи ҷонро зи ман мапурс,*
*Дар дида бин талотуми дилро, ки хай зада.*

*Похӯрда аз замона нигаҳ кун, ки пушти по*
*Бар афсари тилоии Ковуси кай зада.*
*Масте зи бода дар ҷилави бод меравад,*
*Латхӯрдаи риёи дигарҳо, на май зада.*
*Ин ҳой-ҳойи ғулғула тифли нишот нест,*
*Ҷоне, ки бар лаб омада, оҳанги най зада.*

Ба ин тартиб Ховар Абдулҳай дар кори ғазал камокам ҳинҷори гуфтор ва чашмандози худро ҳам дар мӯҳтаво ва ҳам дар шеваи баён тағйир медиҳад. Ӯ бо он ки ҷавон аст ва дар кори ғазал аз таҷрибаи кофӣ бархурдор нест, бо калимот муносибати созанда ва пӯяндаро соҳиб аст:

*Эй моҳрух, бубин, зи лиқоят шукуфтаанд*
*Дар сарзамини тира нигоҳи ситораҳо.* (саҳ. 20)

*Мастии домани намхӯрдаи Варзобам гуфт:*
*Бохабар бош, ки сарчашмааш аз Ҳушёрист.* (саҳ. 24)

*Аз қайд чу ворастем, ранҷури риё ҳастем,*
*Эй ҳабси риёи ман, дар кишвари озодӣ.* (саҳ. 27)

*Чашми хуршеди туро нест қарор,*
*Дар хами шамсияи мижгонат.* (саҳ. 33)

*Акси мижгон чу бар нигаҳ афтод,*
*Пойи андешаам ба раҳ афтод.* (саҳ. 39)

Баррасии ин абёт сӯҳбатро ба дарозо мекашад. Аммо мехоҳам бигӯям Ховар Абдулҳай бо калимот дар ин абёт муносибати бисёр дақиқ ва бисёр санҷида дорад. Ҳар калима дар ин абёт, ҷуз он маънои вижа, ба маънои дигаре низ печидааст, яъне ҳар калима дар ин абёт дар худ боз як ҳақиқати ниҳуфта дорад. Ховар бо услуб ва ин василаи кор

дасту дили хонандаро ба калом гарм медорад. Аз ин нигоҳ, тафаккури Ховар ҷилваҳои мухталифи андешаро дар худ дорад. Замзамаи ишқу муҳаббати ҷавонӣ яке аз он ҷилваҳост. Аммо ин замзамаҳо гоҳе бисёр лухт ва урён аст, ҳол он ки ишқ мастур аст ва ишқбозӣ мастуртар аз он.

Бо ин ҳама Ховар Абдулҳай дар шинохт ва кашфи шеър бархурдор аз лаёқати фитрист. Бо супоридани фурсати корӣ ва андӯхтани таҷориб шеъри ӯ пурбортар хоҳад шуд. Шино дар як рӯдхона саҳл аст ва дар дарё душвортар аз он. Ховар аз рӯдхона дар ҳоли вуруд ба дарёст, дарёе, ки пур аз мадду ҷазрҳост. Дигар бо ӯст, ки дар ин дарё то куҷо шиновар мешавад.

*Шеър агар эъҷоз бошад, бе баланду паст нест,*
*Дар яди байзо ҳама ангуштҳо якдаст нест.*

# ДАР МАНЗАРИ ТАСВИР ВА РАНГҲО

Ба шеъри Исфандёр бори нахуст дар Ҷумҳурии Исломии Эрон ошно гардидам. Аз шумо чӣ пинҳон, дар аввалин мутолиа аз шеърҳояш ӯро шоир дарёфтам. Ӯро шоир тасаввур кардам, аммо шоиртар аз он тасаввур дарёфтам. Исфандёр шоирест, ки аз шеърҳои ӯ ҳузн дар зовияҳои зеҳн ҷорӣ мешавад ва сангинтарин сукути эҳсосро мешиканад. Ӯ дар ҳавзаи андеша мекӯшад фаҳми тозае аз ҳастӣ ва замонро дар шеър тасвир кунад. Барои баёни ҷаззоб ва ноб хати андешаи Исфандёр дар мароҳили аввал аз манзари тасвир ва рангҳо мегузарад. Дар мароҳили баъд вуҷуди инсон, ҳастӣ, ҳаракати замонро дар ҳолаи тасовир ба наққошӣ мегирад. Исфандёр дар ин шеваи баён ба кашфи мафоҳими тоза ва баланд муваффақ мешавад ва паҳлӯҳои ҷадид аз шеъри худро бознамоӣ мекунад. Мавзӯи бахси замон дар корҳои ӯ мустақим, ба гунаи бадеъ шурӯъ мешавад ва ба гунаи бадеъ поён меёбад. Исфандёр дар ҳавзаи андеша, баён, тасвир, забон аз шеваҳои нигориши мудерн кор мегирад. Бо ин шева ӯ мехоҳад ҳақиқати ҳастӣ ва маънии ҳастиро дар замон жарфтар, амиқтар, фарохтару густардатар таҳқиқ кунад. Хилъати рӯшанфикрӣ, озодӣ, озодагӣ дар шеърҳои шоир барои ороиши зоҳир нест. Ҳақиқатнигорӣ, зебохоҳӣ, маънавият, додхоҳӣ дар корҳои ӯ саршор аз шеърият аст:

*Эй шеър,*
*Дар чашмҳои маъюси модарам мебинамат,*
*Вақте дар сӯги Ҳангома мегирист.*
*Дар кафидагиҳои дастонаш,*
*Ки дерест*
*Аз занонагӣ маҳруманд.*

* * *

*Қад мекашӣ ҳамроҳи гелоси ҳавлии падарам,*
*Вақте ки сорҳо бармегарданд*
*Ва гуруснагиро ҳикоят мекунанд.*

* * *

*Дар пероҳани фарсудаи додарам мебинамат,*
*Ки ҳамроҳи модарам интизор аст.*
*Тӯфон мекунӣ дар ҷонам,*
*Ашки ғам мешавӣ дар чашмонам*
*Гоҳе ки аз кӯмак ба онҳо маъзурам.*
*Аз ночорӣ,*
*Аз нодорӣ*
*Дар худ меҷӯшам,*
*Тӯфон мекунам,*
*Мерезам пеши пойи худ.*
*Маро бармедорӣ.*
*Эй шеър,*
*Ғубори танамро меафшонӣ,*
*Маро ба худам бармегардонӣ.*

* * *

*Оҳ, эй шеър,*
*Худо туро нигаҳ дорад!*
*Туро дар ашки ҳамватанҳои мазлумам мебинам,*
*Ки ғурбатро*
*Таҷруба мекарданд…*

* * *

*…Ба сайри ҷаҳон мебароям,*
*Дар Фаластин мебинамат.*
*Эй шеър!*
*Тазвират мекунанд*
*Дар хиёбонҳои Теҳрон*
*Рӯйи дасти бонуҳо фарёд мекашӣ:*
*«Марг ба Исроил!*
*Марг ба Омрико!».*

*Дар Бағдод мунфаҷират мекунанд,*
*Дар Кобул шаҳид.*

* * *

*Расули ростинӣ,*
*Вақте ба ибодат мехезам,*
*Аз донаҳои тасбеҳам мерезӣ,*
*Аз хутути ҷойнамозам мечинамат!*
(Эй шеър, саҳ. 4)

Исфандёр дар шеъри фавқ чун як ҳунарманди асил зоҳир мешавад, на чун назарпардози ҳунарӣ. Шинохти маъно, баён, тасвир, кашфи шеър дар ин намуна бориз ба ин ҳарф аст. Шоир дар соярӯшанҳои андеша, тафаккур, баён, тасвир, лафз андак-андак лаҳни хоси худро шакл медиҳад:

*Нур гуфтам,*
*Ба ман аз пайраҳаи мисси башорат доданд,*
*Гармии ҷойнамозам пар чид.*
*Тур гуфтам,*
*Ҳама аз гург чу меш тӯриданд,*
*Рӯҳи Фиръавн ба дӯзах хандид.*
*Ҳур гуфтам,*
*Ҳама аз гармии оғӯши ду-се фоҳиша лаб лесиданд,*
*Шаҳр аз пайкари лухташ шармид.*
*Сухан аз покии дарё гуфтам,*
*Аз дами теғ маро оби таҳорат доданд,*
*Аз ман андешаи мавъиза рамид,*
*Раҳ гирифтам тарафи майкада аз масҷидашон,*
*Аҷз ҳам оҷизиямро фаҳмид…*
(Пурсишу посух… саҳ. 35)

Шеъри фавқ аз рӯшанӣ, аз зебоӣ, аз шевоӣ, маъно, сидқ, садоқат саршор аст ва рухдодҳо дар шеър бе таҳриф сифат мешавад. Исфандёр дар сифат бахшидани маъноҳо дақиқ аст ва мантиқро дар таносуби зоҳир ва ботини калимаҳо

нигоҳ медорад. Ӯ маъноро дар кори шеър аз нигоҳи таҳқиқ шеърият мебахшад. Аносири андешаро дар шаклдиҳии шеър ҳунармандона, шоирона ва огоҳона ба ҳам пайванд медиҳад. Исфандёр бо ин равиш дар шеър чигунагии зиндагиро зиндагӣ мекунад ва чигунагии шеърро бар ин зиндагӣ таҷруба мекунад. Исфандёр бо ин шева ва сабк мехоҳад ба хонанда равиши андешаро ёд бидиҳад. Ба ин тариқ, ӯ барои хонанда роҳро ба печидагиҳои мавзӯъ, маъно, тасвир нарму ҳамвор месозад. Шоир ба тасвир, ранг, маъно, калимот, таркиб, воқеиятҳо имкон медиҳад, то худро дар беҳтарин ҳолат нишон диҳанд.

Исфандёр чӣ дар шеъри сапед ва чӣ дар шеъри суннатӣ аз шигифтангезтарин бозтобҳои андеша ва тафаккур суд мебарад.

Ӯ дар шеърҳои худ ба масоили отифӣ, вале аз ёдҳо рафта андеша мекунад ва он масоилро дар беҳтарин ранг, дар беҳтарин ҷилва дар шеър зарробкорӣ мекунад. Масоили фалсафӣ, динӣ, ахлоқӣ, ирфонӣ дар ҳавзаи шеъри шоир дар ҳолатҳои мухталиф ҳаллу фасл мешавад:

Фалсафа:

*Ҳафт саҳифаи покиза, ки бо вожаҳои*
*тирожедӣ навишта шуд.*
*Саҳифаи ҳаштум…*
*Муқова ҷойи набиштан нест!*

(Сабзпӯшҳо, саҳ. 36)

Дин:

*Ай Худо, ай соҳиби буду набуд,*
*Ай Туро аз бандаи хокӣ дуруд.*
*Ай ба номи он, ки дар арши яқин*
*Номи ӯ кардӣ Сайиди мурсалин.*
*Ай ба номи чор ёри мустафо,*
*Аз ман эшонро дуои бериё,*
*Ҳам ба номи пешвои мазҳабам,*
*К-ӯ сабақ омӯхт дар ин мактабам.*

(Маро супору бирав, саҳ. 14)

Ахлоқ:

*Ба мосаҳо аз покии дарё гуфт,*
*Ба роҳзанҳо аз саодати лабханд.*
*Ба обу сабза тараф гашту модиёнҳои ташнаро*
*Ба субҳи шабнам бурд.*
*Ва худ*
*Ба шакли тозатарин қатра хокро бӯсид.*

(Сӯҳроби Сипеҳрӣ, саҳ. 36)

Ирфон:

*...Нав нест, ин ки Робиъа бе хеш Каъба рафт,*
*Инаш нав аст, ки Каъба зи ҷо пеши ӯ равад.*
*Ту дастрас найӣ маро чун орзу, вале*
*Хушҳолам, умр агар паят, эй орзу, равад.*
*То рӯшноӣ мерасад аз рӯйи ту маро,*
*Ғам нест, меҳр агар ба қиёмат фурӯ равад.*

(Дар паноҳи дӯст, саҳ. 48)

Таҳқиқ ва баррасии масоили фалсафӣ, динӣ, ахлоқӣ, ирфон дар ҳавзаи кори ӯ урён, беҳис нест, балки дар ҷилва ва рангҳои шеър ба таҷаллӣ мерасад.

Таҷаллии ин ҷилваҳо ва ин рангҳо дар шеърҳои ӯ фаровон ба чашм мехӯрад. (Ба он намунаҳо, ки оварда шудааст, дубора таваҷҷӯҳ шавад). Исфандёр бо равиши хос тавонистааст масоили фалсафӣ, динӣ, ирфонӣ ва ахлоқиро дар зиндагии воқеии мардум ҷустуҷӯ кунад. Ӯ дар ин зиндагии сардаргум ва печида наҷоти инсони муосирро аз гирдоби гирифториҳо дар худогоҳӣ, бедории дил, отифа, покӣ ва ростӣ медонад. Аз нигоҳи Исфандёр инсони муосирро аз бесуботиҳо, аз шикастанҳо танҳо ҳамин ҳақиқатҳои мавҷуд метавонад наҷот бидиҳад, дигар ҳеч. Ба ин тариқ, Исфандёр шоирест ки озодагӣ, озодӣ ва ворастагии инсонро дар корҳои худ бештар аз ҳар чизи дигар тафаккур мекунад. Ӯ зарфияти андешаи худро дар меъёри ҳамин тарозу бармекашад. Яъне, инсон бояд, ки ба сарчашмаҳои отифии хеш баргардад. Исфандёр ба ин тартиб дар кори шеър дар кашфи маъниҳои тоза, шеваи баён, халқи тасвирҳои ноб аслияти шеърро умқ медиҳад:

*Эй субҳи ошиқӣ,*
*Эй лаҳзаи шигифт.*
*Аз ту ҳар ончи монда ба ҷо дар дилам ғам аст.*
*Ҷуғдест дар дилам*
*Хонад шабу саҳар*
*Ин ҷо барои нола намудан фазо кам аст…*
*Эй боғбони меҳр,*
*Ку лутфу дини ту?*
*Дарвозаат ба рӯйи мани хаста маҳкам аст!*
*Дигар сахӣ мабош,*
*Эй абри чашми ман,*
*Болинам аз ту то ба қиёмат пури нам аст.*
*Бори дигар биханд,*
*Эй субҳи ошиқӣ.*

(Андама, саҳ. 37)

Кори шеър гом задан аст дар водии ҳолатҳо ва нукоти муҳим дар ин гом задан он аст, ки шоир бояст, ки аз роҳи ковиш ҷанбаҳои тозаро дар шеър намоён кунад. Дар ин равиш ва дар ин ривол шоир бояст, ки тафаккури мустақили хешро дошта бошад. Шоир бидуни тафаккури мустақил наметавонад дар водии ҳолатҳо гом бизанад ва он ҳолатҳоро диданӣ, тамошоӣ, зебо, шево дар қолаби шеър шакл бидиҳад. Аз ин лиҳоз, Исфандёр дар халқи шеър тафаккури хоси худро дорад. Ӯ дар коркарди шеър ба навҳи мустақил ва асил маъно меофарад аз роҳҳои вижаи худ ба шеър фикр мекунад. Ҷилваҳо ва паҳлӯҳои тозаро дар офаридани шеър матраҳ месозад. Андак-андак Исфандёр бо ин равиш роҳро бар таовили ирфонӣ дар шеърҳои худ мекушояд. Пайкари андеша, сухан ва шеърро бо дебои ирфон меорояд. Ин ҷилва дар шеърҳои ӯ шабоҳатҳои зоҳир ва шабоҳатҳои ботинро дар бар дорад:

*Мо ба ӯ то боғи ирфон меравем,*
*То ба зери чатри найсон меравем.*
*Боғи ледан мекунад эҷод ӯ,*
*Даштҳоро вусъати иршод ӯ…*

*Ӯ амини ормонҳои ман аст,*
*Ӯ яқине дар гумонҳои ман аст.*
*Номи ӯро ман шунидам дар Қунут,*
*Ашки ӯро дидаам дар захми тут.*
*Сабр кун то фасли ревоси дигар,*
*Эй замин, эй ростӣ, уммулбашар!*

(Оғози таҳаввулот, саҳ. 10)

Исфандёр аз он шоиронест, ки кам шеър мегӯяд, аммо дар кори шеър андеша, маъно, тасвир ва таркибро бисёр ҳунармандона, ҳайратангез ҳалқабандӣ мекунад. Шеър фарзанди андешаи шоир аст ва дар гарави халлоқияти зеҳнӣ, умқнигарӣ, таҳқиқу таҳлил ва тафаккури баланд таваллуд мешавад. Исфандиёр бо ин нигоҳ дар офаридани шеър ҳамвора дар ҳоли кашфи матолиби тоза ва ҷадид аст. Ӯ мутобиқ ба шакл ва фурми баён, тасвир, андеша рӯҳи шеъри худро халқ мекунад. Бихонем:

*Мо миёни ашкҳои хеш ғарқидем,*
*Ту миёни мавҷҳои тираи Варзоб.*
*Мо ба дунё,*
*Ту ба дарё, бе мазор, эй дӯст.*
*Дасти тақдир аз авоил хоксорат кард,*
*Хоксорӣ оқибат беэътиборат кард.*
*Кошкӣ, ҳаргиз набудӣ хоксор, эй дӯст,*
*Бода мехӯрдӣ ту ҳамвора,*
*Бода аз минои ирфон…*
*Менамудӣ «ҳиммати дарёрикоб»-и соқиро таъриф,*
*То шудӣ дар ёди мо дарёгусор, эй дӯст.*
*Сарвро сарвода кардӣ,*
*То насозандаш чалипо,*
*Ё раҳини миннати тобуту дор, эй дӯст,*
*Бодҳоро бода кардӣ,*
*То ки бӯйи хун наоранд*
*Бар машоми хонуми сабзи баҳор, эй дӯст.*
*Ту ба ёди меҳрубонии Муноҷот,*
*Ман ба ёди васли Гулрухсори худ мурдам…*

*Ту ба дарё…*
*Ман ба маҳбасхонаи Парвардигор, эй дӯст.*
*Зиндагӣ шояд ишқ асту ҳиҷрон,*
*Зиндагӣ, шояд… намедонам…*
*Балки мебошад канори сабзи ёр, эй дӯст…*

(Ғазале дар сӯги Парвиз, саҳ. 31)

Хонанда дар ин шеъри ноб ва ҷаззоб, ки мухтасар аз як шеъри баланд аст, истиқлолу мавқеияти хатти андешаи шоирро як даст, аммо фасл дар фасл ташхис медиҳад.

Агар фаразан бихоҳем чанд меҳвари муҳим барои ин шеър бино кунем, бешак, ташхиси мавзӯъ яке аз он се меҳвар хоҳад буд. Шоир бо тамоми вуҷуд дар меҳвари мавзӯӣ ҳақиқатҳои ҷориро зиндагӣ мекунад ва бо тамоми вуҷуд аз таҳаввули ғайривоқеӣ фосила мегирад. Ва таҳаввули воқеӣ дар шеъри ӯ бо ин таъсир шурӯъ меёбад. Ин таҳаввул дар хатти андешаи шоир ва дар сохтори шеър бо такрори феъли «ғарқидем» ҳамроҳ аст. Ва он дучори замон гардида ва дар ҳамон гузашта боқӣ мемонад. Меҳвари дувум дар ин шеър ҳисгароист. Ҳаракати ҳис дар вуҷуди шеър мутобиқ ба ҳолатҳои рӯҳист. Ҳаракати ҳис дар тамоми шеър, калима дар калима, тасвир дар тасвир, маъно дар маъно ҷараён дорад. Меҳвари севум дар фазои шеъри фавқ, ки бисёр муҳим ба назар меояд, эътиқод ба тақдир аст. Маҳз ҳамин эътиқод метавон гуфт, тағйирдиҳандаи ҳормунӣ аст дар сохтори шеър. Хеле аз шоирон аз канори мавзӯъҳои рӯшан ва диданӣ ба роҳатӣ мегузаранд бо он хиёл, ки ин навъ аз мавзӯъҳо чандон ҷиддӣ нест. Аммо шоири ин сӯҳбат ҳамин мавзӯъҳои дурмондаро ҷиддӣ мегирад ва аз онҳо шеър меофарад. Ва чӣ шеъре, шеъре, ки амиқан дар рӯҳу ҷони хонанда менишинад. Исфандёр ба фалсафаи зиндагӣ, иҷтимоъ, ҳастӣ, офариниш аз ҳамин манзар менигарад. Чунин аст, ки хонанда аз шеъри шоир азамат, шукӯҳ ва бузургии офаридгорро дубора ба хотир меоварад. Шеъри Исфандёр хонандаро ба ирфон, фалсафа, ҳикмати офариниш наздиктар мекунад:

*Талаффузи дарҳо ҳақорат асту кисаи гадо холӣ,*
*Бод заҷҷаи кӯдакони бемодарро меорад.*
*Ҳаҷми дашт*
*Аз ташнагии Ҳусейн лабрез аст,*
*Куҷост Хайруннисо, ки ашк бифшонад?*

(Ин ҷо, саҳ. 35)

* * *

*Беҳуда гиря кардаам пеши дарат, Худо,*
*Ин субҳи тоза низ,*
*Хуршед аз ғилофи сиёҳаш бурун кашид*
*Шамшери нурро,*
*То ки фалак туҳӣ шавад аз фавҷи ахтарон.*
*...*
*Ин фоҷиа кирои гиристан намекунад,*

(Дар ин фоҷиа, саҳ. 35)

Исфандёр бархе мавзӯъҳои содаро ба шеър мекашад, вале дар кори шеър содасозиро намепазирад. Мавзӯи содаро асолати шеър медиҳад ва нигоҳро низ дар фарозу фуруди мавзӯъ печида мегирад:

*Ҳарфест маро бо ту, ки гуфтан натавонам,*
*Ҳам дар дилам ин роз нуҳуфтан натавонам.*
*Эй фасли шукуфтан, ба ман аз хуррамӣ кам гӯ,*
*Ман ғунчаи яъсам, ки шукуфтан натавонам.*
*То домани ту рахти сафар мекашам, эй гул,*
*Чун хор наям пеши ту, хуфтан натавонам.*
*Аз гиря чунонам, ки дигар бо кафи мижгон*
*Ёқути ҷигар пеши ту суфтан натавонам.*
*Беҳуда зи бедод магӯ, эй дили мазлум,*
*Ман гӯши амирам, ки шунуфтан натавонам.*
*Чун қофия танг омадаам дар ғазали хеш,*
*Ногуфта басе дораму гуфтан натавонам.*

(Эй фасли шукуфтан, саҳ. 46)

Ӯ шеърро ҳушмандона, ҳунармандона, шоирона аз зовияи дидҳои ҷадид кашф мекунад ва аз ин роҳ дақиқтар ба

дарки асолати шеър мерасад, ки амре бадиҳӣ аст. Зербинои худогоҳӣ, худшиносӣ ва бедории ҳар миллат фарҳанги ӯст, фарҳанги пӯё. Шеър як бурҷ, як толори ойинабандӣ дар ин биност. Шоирони пешкисвати ҳар замон, ҳамвора барои бедорӣ ва ҳушёрии башар қаламфарсоӣ кардаанд. Ва ҳар шоир, ки дар ҳавзаи кори худ дур аз ин мавзӯъ аст, бешак худро аз дарахти бузурге ба номи башар бубридааст. Исфандёр ба ин мавзӯъ бисёр ҷиддӣ ва огоҳона менигарад. Аз ин лиҳоз, мабдаи фикрии шоир омехта бо навъе реолизми иҷтимоӣ ва башарист.

Реолизми иҷтимоӣ:

*Бигзашт умр бехабар аз пеши дар маро,*
*Аз гумраҳӣ накард бадар бехабар маро.*
*Борону сабзаҳо ҳама ӯро шунидаанд,*
*Аммо дареғу дарду ғам аз гӯши кар маро.*
*Ин чархи русиёҳ дигар рӯ ба рӯ накард,*
*Як лаҳзае ба мардуми соҳибназар маро.*
*Ҳар мӯй аз танам ба ман ба кина андар аст,*
*Ҳар рӯз беҳисоб занад нештар маро.*
*Акнун, ки то лаҳад зи ман як оҳ фурсатест,*
*Эй марг хоки пойи ту, оҳиста бар маро.*

(Ҳадафи бало, саҳ.41)

Реолизми башарӣ:

*Ва шояд баъди чандин солҳо аз рӯзгори мо,*
*Ки дар он рӯз рӯи хоки нарми мо лола мерӯяд.*
*Касе баҳри тафарруҷ мерасад пойи мазори мо…*
*Касе, ки фарди ҳоло нест,*
*Касе, ки сода чун мо нест.*
*Касе, ки фарди фардоҳост,*
*Касе, ки сураташ зеботар аз андешаҳои мост…!*

(Баъди мо, саҳ. 44)

Шоири асил ҳамеша аз зовияи ковиш, аз зовияи таҳқиқ ба қазияи шеър менигарад. Мо, ки тоза мехоҳем аз шеъри мудерн ҳарф бизанем, даврони он дар адабиёти Ғарб тай шудааст ва ё тай мешавад. Дар ҳоли ҳозир дар адабиёти

Ғарб шеъри мудерн шаклҳои ҷадиде аз худро нишон медиҳад. Шеъри ҷаҳон имрӯз дар шаклҳои маъно, андеша, баён, ифода, мавзӯъгароӣ таҳаввулоти ҷиддиро пушти сар мекунад. Мутаассифона, аз анбӯҳи шоирони мо андак бо ин таҳаввулоти адабӣ ошно ҳастанд. Исфандёр аз ин таҳаввулотҳои адабӣ он гуна ки аз шеърҳояш дарёфтам, огоҳ аст. Таъсири ин огоҳиро дар шеърҳои ӯ метавон мушоҳида кард. Чунончи, истиқлоли ақлӣ ва истиқлоли ҳиссӣ дар корҳои ӯ шеърро ба ҳам мепайвандад ва ин баҳамойии тасвир, маъно, баён, забон ва таркибро шакл мебахшад:

*Эй кош хок будем,*
*Ва ташнагиямонро сароби*
*фиристодаҳои дурӯғин намеафзуд!*
*Кош, дастҳои хунолудамон сабза мебуданд,*
*Ва мижаҳоямон*
*Чарогоҳи барраҳои ширмаст.*

(Дар дӯзах, саҳ. 35)

Ин тикка дар шеъри Исфандёр ҳамон «Ҷеғи кабуд»-и Ҳушанги Эронист. Ин таркиб дар шеъри Ҳушанги Эронӣ оғозгари гуфтумони ҷадиде дар шеъри форсӣ буд. Имрӯз ин шеваи нигариш дар ҳавзаи андешаи шоирон як воқеият аст. Ҳар он шоир, ки замонро дар ҳангоми худ намебинад ва намеёбад, наметавонад шаклҳои ҷадидро дар шеър кашф кунад. Исфандёр замонро дар ҳангоми худ мебинад, чунин аст, ки шеъри ӯ ҳамвора дар ҳоли тоза шудан мебошад. Ӯ дар кори шеър ҳаракати пӯё дорад ва ба ҳар ҳаракат фазои шеъри худро густариш медиҳад. Дар ин ҳошия шеърҳои Исфандёр саршор аз нидои дарун аст. Ҷавҳари шеърҳои ӯ дар ботини таркиб, тасвир, маъно ва калимаҳо ниҳуфта аст ва ҳамин рози ниҳуфта дар шеърҳои шоир ҳамон садои ботин, ҳамон садои шеър ва ҳамон садои зиндагист.

# ҶИЛВАҲОИ МАВЗУНИ АНДЕША…

Фитрати инсон дар ҳар навъ аз ҳунар бо ковишгарӣ фалсафаи ишқ, ниёиш ва парастишро ҷӯё мешавад. Ин шева иборат аст аз парастиши ҳақ, ишқ, зебоӣ покӣ. Дар ин меҳроб инсон талош мекунад ҳақҷӯӣ ва камолталабиро аз ёд набарад. Ҳунари шеър ва шоирӣ низ аз доираи ин парлгор берун нест. Шоир ҳақ надорад дар бораи ҷаҳон ва ҳастӣ як шаҳодати дурӯғин бидиҳад. Муҳтавои аслӣ дар ҳунар он аст, ки ҳунарманд бояд ҳунари хешро дар ҷиҳати раҳоии инсон дар тамоми абъоди моддӣ ва маънавӣ ба роҳ монад. Ҳунари ҳунарманд бояд ҳунаре бошад раҳобахш, на ҳунаре боздоранда. Шоир аз ҳамин нигоҳ бояд шеър бигӯяд, зеро шеър забони эҳсос аст ва эҳсос дар бархӯрд ба ҳақиқат ва воқеиятҳои зиндагӣ бедор мешавад. Абдуллоҳи Раҳнамо дар ҳамин қаламрав даст ба дасти шеър додааст. Дафтари шеъри ӯро бо номи «Оғози дӯстдорӣ» мекушоям ва дар саҳифаи аввал мехонам:

*Бомдодон, ки саропои ту нуронӣ буд,*
*Олам аз файзи нафасҳои ту рӯҳонӣ буд.*
*Баракоти ту ба офоқ парешон мешуд,*
*Ба насиме, ки ҳама накҳати райҳонӣ буд.*
*Эй хуш он гаҳ ки зи хубии ту огаҳ гаштем,*
*Оҳ, то омаданат даҳр чӣ зулмонӣ буд.*
*Бе ту хуршед ҳам эҳсоси ятимӣ мекард,*
*Ва ҳаво низ дар андӯҳи ту боронӣ буд.*
*Шояд аз баъди ҳазорон шаби ашкафшонӣ*
*Шаби мелоди ту як ҳадяи раҳмонӣ буд.*
*Бе ту ин қавм ба гумгаштани худ бовар кард,*
*Сарнавишташ чӣ нависем, ки сарсонӣ буд…*
*Ё Раб, ин байт чӣ розест, ки ифшо омад,*

*Ё ки тафсири кадом ояи раббонӣ буд.*
*Ишқ аз синаи хунгаштааш эҳё мешуд,*
*Раҳнамо ташнаи як бӯсаи ирфонӣ буд.*
*Бомдодон, ки саропои ту нуронӣ буд…*

Ин ғазал рӯҳро мепалояд, ҷисмро софӣ мебахшад. Ҳунари тавоноии шоир дар баён, тасвир, зебоӣ, маъно, таркиббандӣ, интиқоли ниёиш ошкортар мешавад. Шоир, ки рамзи ишқ, садоқат ва ростист, аз файзи ҳузури дӯст худро дар худ кашф мекунад. Худро мешиносад ва аз сарсониҳои сарнавишт наҷот пайдо мекунад. Он гуна, ки дар оғоз ишора рафт, шоир дар ин ғазал ҳақҷӯ ва камолталаб аст. Дар меҳроби ғазал ба ниёиш нишастааст ва шукр гузоштааст ба файзи қудуми дӯст. Дӯсте, ки саропо нуронист ва «олам аз файзи нафасҳояш рӯҳонӣ» мебошад. Ишқ ҳамон ҳақҷӯист, ки аз синаи хунгаштаи ошиқ эҳё мешавад ва шоир рози он ҳақиқатро, рози ишқро дармеёбад. Ва аммо таъбири «бӯсаи ирфонӣ» ҳамон камолталабист. Ирфон, яъне инсони комил ва инсони комил ҳамон дӯст аст. Бихонем:

*Ишқ аз синаи хунгаштааш эҳё мешуд,*
*Раҳнамо ташнаи як бӯсаи ирфонӣ буд....*
(Ҳамон ҷо)

Абдуллоҳи Раҳнамо ҳақиқат ва воқеиятҳои равониву замониро дар пӯшишҳои тахайюл ва тасвирҳои тамошоӣ баён медорад. Хонанда дар корҳои ӯ дар доираи тасвир пӯшишҳои хаёл маҳдуд намемонад, балки ҳақиқату воқеиятҳоро дар умқ ҳис мекунад ва бо он ҳама ҳамнафас мешавад.

Бихонем:

*Эй хуш он гаҳ ки зи хубии ту огаҳ гаштем,*
*Оҳ, то омаданат даҳр чӣ зулмонӣ буд.*
*Бе ту хуршед ҳам эҳсоси ятимӣ мекард,*
*Ва ҳаво низ дар андӯҳи ту боронӣ буд.*

*Шояд аз баъди ҳазорон шаби ашкафшонӣ,*
*Шаби мелоди ту як ҳадяи раҳмонӣ буд...*

(Ҳамон ҷо, саҳ. 6).

Вақте аз даричаи эътиқод ва алоқа ба ин ғазал нигоҳ шавад, худшукуфоии шоир дар кашфи маъно, кашфи тасвир, кашфи шеър бештар ва рӯшантар пеши чашм меояд. Дар ин ғазал ҳамдилии рӯҳонии як инсон бо инсони дигар, бидуни риёву худнамоӣ, бидуни озору миннат, яъне софу зулол ва самимист. Беш аз ҳар чӣ рӯҳоният ҳаст, ки ин ду танро ба ҳам қарин кардааст. Эътимоди рӯҳии як инсон ба инсони дигар дар адабиёти ниёкон таърихи тӯлонӣ дорад. Барҷастатарин намунаи он ишқи рӯҳонии Ҷалолиддини Румӣ бар Шамси Табрезист. Фикр дорам, камокам ин суннат дар шеъри муъосири тоҷикӣ эҳё мешавад.

Намунаи бориз аз он ҳамин ғазал аст, ки эътимод ва ишқи рӯҳии шоирро ба як фарди дигар нишон медиҳад. Хонанда зимни лаззати хондан дар фазои шеъри шоир ҳақиқат ва воқеиятҳоро дар зеҳн мегирад, мутаассир мешавад. Хонандаи бедор ва ҳушёр дар ин ҳолу ҳаво аз тарҳу басти шеър мегузарад ва менишинад ба гиреҳкушоии маърифат, ирфон ва муҳтаво дар шеър. Абдуллоҳи Раҳнамо бо истифода аз тасвир, иҳом, талмеҳ, маҷоз ба ҳақиқатҳо ва воқеиятҳо пӯшиши шеър медиҳад. Чунин аст, ки баёни ҳақиқатҳои зиндагӣ дар шеърҳои ӯ хушку беранг нест, балки дар рангҳои тасвир зебо, шево, тамошоӣ оварда шудааст. Яъне шеъри шоир як ҳақиқати хушк ё як вақеъияти хушк набуда, саршор аз шеърият ва рӯҳоният ва самимият аст. Зеҳн ва ҳисси хонанда дар корҳои ӯ саршор аз шеър мешавад ва ба воқеъиятҳои зиндагӣ баст пайдо мекунад. Абдуллоҳи Раҳнамо он қадар, ки дар кори шеър ба хаёл, тасвир, зебоӣ, муҳтаво аҳамият медиҳад, ҳамон қадар ҳақиқату воқеъиятҳоро ҷиддӣ мегирад.

Аз ҳақиқат ва воқеъиятҳои зиндагӣ шитобзада рад намешавад:

*Гар ба дастат теғ омад, меҳрубониро макуш,*
*Ин паёми арҷманди осмониро макуш.*
*Рӯҳу рӯҳонияти бигзаштагонро пос дор,*
*Ҳикмату ирфону панди ориёниро макуш.*
*Гарчи бозу сахт дорӣ, ҳар гулӯеро магир,*
*Суннати мардонагиву паҳлавониро макуш.*
*Нахлҳои сабзро аз батни нахлистон макан,*
*Дар ҷаҳони пир оҳанги ҷавониро макуш.*
*Хуб медонам, ки бори рӯзгорон мекашӣ,*
*Лек лабханде бифармо, зиндагониро макуш.*
*Важаҳои хастаро аз лутф ҷони тоза деҳ,*
*Риштаи пайвандҳои ҷовидониро макуш.*
*Бодҳо ҳам имшаб оҳанги муҳаббат доштанд,*
*Орзуи синаҳои ормониро макуш.*

(Оғози дӯстдорӣ, саҳ. 8).

Абдуллоҳи Раҳнамо ончиро ҳис мекунад, дар полоишгоҳи тафаккур меполад ва дар қолаби шеър меорад. Ӯ ҳолати ҳисро, ҳақиқату воқеъиятҳоро бо ишора, гоҳе ошкор ва гоҳе пинҳон баён мекунад:

Ошкор:

*Пас биё, эй соҳиби дасти булӯрӣ,*
*Пас биё, эй соҳиби чашмони обӣ,*
*Пас биё, эй осмонӣ, эй гулобӣ,*
*Ишқи мо ишқи заминӣ буд.*

*Ишқи мо ишқи заминӣ буд,*
*Як фурӯғе дошт – номаш дӯстдорӣ,*
*Як дурӯғе дошт – номаш интизорӣ,*
*Як қароре дошт – номаш беқарорӣ.*

(Ишқи заминӣ, саҳ. 24)

Пинҳон:

*Ту тасвири як моҳии кӯчакӣ,*
*Ки дар мисраъҳои равон шино мекунӣ.*
*Ва дар ҳеч як бирка пайдот нест,*
*Ба дарёт нест.*

*Ту танҳо як оинаӣ,*
*Ба зангори тасвир ноошно.*
*Ба ҷуз отифа*
*Ба ту ҳеч чизе падидор нест,*
*Ҳароина зоти ту такрор нест.*

(Ба дарёт нест, саҳ. 28).

Абдуллоҳи Раҳнамо бо баёни дақиқтар агар бигӯям, намехоҳад дар тавсиф ва сифат ба ҳақиқат ва воқеъиятҳо шаҳодати дурӯғин бидиҳад. Аммо ӯ ба худ ҳақ медиҳад, ки дар тавсифу сифати воқеъиятҳо ва ҳақиқатҳо аз рангҳои хиёл ва рангҳои тасвир суд бигирад. Шоир ба тавсиф ва сифати ҳақиқатҳо, мехоҳад мавқеъи инсонро дар ҷаҳони кунунӣ дарк кунад.

Абдуллоҳи Раҳнамо ба фурм ва забони шеърҳои худ диққат медиҳад ва ин шеваро ҷузъи муҳим дар сохтори шеър медонад. Маъно ва муҳтаво дар навиштаҳои шоир, дар умқ ва фарохӣ беназир аст. Хонанда ба дарки як маъно (маънои аввал) метавонад маънии дигарро ҳалқа-ҳалқа дар зеҳн ва хотир бигирад. Бояд низ арз дошт, ки дарки маъно ва муҳтаво дар шеъри шоир барои хонандаи шитобзада сангинтар аст. Абдуллоҳи Раҳнамо дар халқи шеър аз ҳақиқат ва воқеъиятҳое, ки инсон дар он қарор дорад, фосила намегирад. Ӯ дармондагӣ, хастагӣ, ҳасрат, орзу, раҳгумзаданҳо, нобасомониҳои рӯҳии инсони муъосирро ҳунармандона дар ҳолаи ҳақиқату воқеъиятҳо тасвири шеър мебахшад: шоир худ дар ин парешонӣ, хастагӣ, дармондагии инсони муъосир рӯҳан зиндагӣ мекунад, то рӯҳи инсони муъосирро бештар, хубтар бишносад ва дарк кунад:

*Рӯзе, ки тарк гуфтам ёрони хушгиламро.*
*Ёдам бирафт, гирам ҳамроҳи худ диламро.*
*Рӯзе, ки дастхолӣ аз доманат бирафтам,*
*Эй кош дар ду чашмам як акс мегирифтам.*

*Пурсидам аз азизон аз ҳоли Тоҷикистон,*
*Бар чеҳраи афифаш ин доғ чун нишаста?*
*Гуфто, аз он вилоят як қисса метавон гуфт,*
*Ниме ба хок рафта, ниме ба хун нишаста…*

*Шаҳрест орамида дар обҳои дида,*
*Бо ёди чашмаҳояш шабҳо наметавон хуфт.*
*Ҳам берун аз канораш осон наметавон мурд,*
*Ҳам қиссаи фироқаш осон наметавон гуфт...*
(Шаҳрест орамида, саҳ. 33)

Абдуллоҳи Раҳнамо дар тавсиф ва сифати воқеъиятҳо зиндагии инсонҳоро бозҷӯӣ мекунад ва зиндагии инсонҳоро бознамои зиндагии худ медонад ва зиндагии худро бознамои зиндагии мардум.

Бихонем:

*Шеъри ман лаҳҷаи борон дорад,*
*Шеваи мурғи куҳистон дорад.*
*Шеъри ман лаҳҷаи мотам дорад,*
*Ва насими хунуки ғам дорад.*

*Хонаи мисраи ман торик аст,*
*Чунки ӯ як бачаи тоҷик аст.*
*Он ки симои чу гандум дорад,*
*Хайма дар кишвари мардум дорад.*

*Хони шеърам, ки тиҳӣ аз нон аст,*
*Хони як пирзани Хатлон аст.*
*Дидаи шеърам агар нам дорад,*
*Як бадахшист, ки мотам дорад.*

*Сари шеъри ман агар бар санг аст:*
*Рӯзи овораи тоҷик танг аст.*
*Дили шеъри ман агар ғамгин аст,*
*Дили овораи тоҷик ин аст.*

*Ман агар ҳарфи парешон гӯям,*
*Ту мапиндор, ки ҳазён гӯям.*
*Ҳарфҳои ман агар беватананд,*
*Ҳамватанҳои парешони мананд.*
(Шеъри муҳоҷир, саҳ. 32)

Абдуллоҳи Раҳнамо дар шеърҳои худ қабл аз ҳар чӣ мехоҳад инсонро аз дилмурдагӣ наҷот бидиҳад. Ӯ аз дилмурдагии инсонҳо ранҷ мекашад, то он ҷо ки аз ҳар чӣ ҳаст, мехоҳад фирор кунад, фирор то бениҳоят. Фирор мекунад аз дилмурдагӣ ба сӯи зистан ба сӯи рӯҳоният, ба сӯи ҳақҷӯӣ, ба сӯи камолталабӣ:

*Боз рӯзе аз пайи рӯзе гузар дорад,*
*То биёмезад ба ҳам пасту баландиро.*
*Боз рӯзе аз пайи рӯзе гузар дорад,*
*То ситонад ё бубахшад дардмандиро.*

*Ман надонистам, ки ниме аз шумоён зиндадаргӯр аст,*
*Ман надонистам, ки ниме аз шуморо чашми дил кӯр аст.*
*Зинда будан бо шумо сахт аст,*
*Зинда будан бо шумо зӯр аст.*
(Ситам, саҳ. 37)

Хатти андеша ва тафаккури Абдуллоҳи Раҳнамо пинҳону ошкор дар ин фалсафа, фалсафаи ҳақҷӯӣ ва камолталабӣ гиреҳ мехурад. Рӯи ҳамин фалсафа сиришт ва хилқати башарро дар шеърҳои худ таҳқиқ мекунад. Ӯ бо истифода аз сувари хаёл, саноиъи бадеъӣ воқеъият ва ҳолатҳоро зебову ҷаззоб шеърият мебахшад. Баён дар корҳои ӯ хушк, урён ва беҳис набуда, балки рӯи шонаи калимот, зарфияти шеър маҳкаму устувор аст, ки арзишҳои шеъриро метавонад нигоҳ бидорад. Зарфияти арзишҳо, дид, фурми андеша, сувари хаёл, кашфи тасвирҳои тоза ва дарёфти шеър аст дар кори сухан.

Бихонем:

*Агар дар беҳтарин тасвир муште устухонам ман,*
*Вале дар матлаъи парвози худ боре гаронам ман.*
*Битарсам аз замоне к-ӯ маро бар кӯи худ хонад,*
*Вале побанди банди тан, дар ин зиндон бимонам ман.*
*Бувад рӯзе, ки аз рози муҳаббат парда бикшоям,*
*Ки худ як парда аз рози ҳакими роздонам ман.*
*Ва ё рӯзе ба гесӯи малоик панҷа андозам,*
*Ки хокизодае аз наслҳои осмонам ман.*
*Халоиқ рӯзу шаб тадбири бадномии ҳам дорад,*
*Худоё дар ҷавонӣ сужаи сад достонам ман.*
*Чаро бояд шикаст ин орзуҳои баландамро,*
*Гуноҳе ҳам, агар бигзашт, эй пирон, ҷавонам ман.*
*Маро дарёб дар андӯҳҳои сабзи боронҳо,*
*Ки бо ҳар қатраи ашки равони худ равонам ман.*
*Куҷоед, эй парастуҳои то зеҳни Худо рафта,*
*Ки имшаб бо баландии шумо ҳамдостонам ман.*
*Агар дар беҳтарин тасвир муште устухонам ман.*

(Ғазали саҳ. 11)

Тарҳи ин ғазал аз навъи тасвир аст. Тасвири ирфонӣ, яъне ҳақҷӯӣ ва камолталабӣ, ки реша дар рӯҳонияту фитрати азалии инсонҳо дорад. Сохтори ғазал ва фурми ғазал зарфияти тамом дорад, ки гулоби саноиъи бадеъиро дар худ гунҷоиш бидиҳад. Як шеваи баён дар ғазали фавқ корбурди ҳунармандонаи тасвир аст, ки ғазал аз ин ҷанба ҷолибияти беш бар худ гирифтааст. Тасвир дарунмояи аслии ғазал аст, ки фалсафаи зистан ва ирфони худогоҳиро дар худ ҷабидааст ва ранг додааст.

Тасвир,
*а. агар дар беҳтарин тасвир муште устухонам ман*
*б. андӯҳҳои сабзи боронҳо...*
*в. парастуҳои то зеҳни Худо рафта…*

Дар ин се хатти тасвир тамоми ғазал ба муҳтаво мерасад. Шинохти фалсафа ва ирфони ҳақҷӯӣ, камолталабӣ дар ин ғазал пушти рангҳои тасвир маънои дигар аст, ки

ҳар хонанда худ бояд онро дарёбад, дарк кунад. Дарки он ҳис, зеҳн ва эътиқоди хонандаро ба марҳалаи болотар мебарад. Ва он марҳала марҳалаи зиндагии рӯҳ ва бедории рӯҳ дар инсон аст. Хонанда аз назари равонӣ дар ин марҳила, ки марҳилаи исор ва байъат аст, зиндагӣ, бедорӣ ва бузургии рӯҳро дар ҷисми торики худ ҳис мекунад. Шоир дар ҳар байт аз ин ғазал фарох, амиқ, густарда ба чархиши зиндагӣ менигарад. Дар ин чархиш, ки самоъи рӯҳ аст, худро гоҳе гум мекунад ва гоҳе дубора боз меёбад бо ҳамон хилқат, бо ҳамон сиришт, аммо дар зиндагии болотар, ки саршор аз рӯҳоният аст. Абдуллоҳи Раҳнамо хилқатро, зиндагии рӯҳро дар қайди чаҳорчӯби замонҳо гирифтор намедонад, балки зиндагиро растохези рӯҳ медонад. Ва инсон дар ин растохез ҳамеша ҳаст, ҳамеша зиндагӣ мекунад ва он зиндагӣ такрори дубораи инсон аст дар қаламрави хилқат:

*Бувад рӯзе, ки аз рози муҳаббат парда бикшоям,*
*Ки худ як парда аз рози ҳакими роздонам ман.*
*Ва ё рӯзе ба гесӯи малоик панҷа андозам,*
*Ки хокизодае аз наслҳои осмонам ман...*
*Куҷоед, эй парастуҳои то зеҳни Худо рафта,*
*Ки имшаб бо баландии шумо ҳамдостонам ман.*
(Ҳамон ҷо, саҳ. 11)

Дар шеърҳои Абдуллоҳи Раҳнамо хонанда ворид ба як дунёи тасвир мешавад, дунёи саршор аз ҷилва ва таҷаллии рангҳо. Бо ин вуҷуд хонанда дар фазои шеър, аз аслияти маъно, аз аслияти андешаи шоир фосила намегирад. Хонанда аз шеър то шеър ғарқ дар тасвирҳои нобу тоза мешавад ва ҳақиқати воқеъиятҳоро дар зеҳн метавонад ҳифз кунад. Ҳамин хатти маъно дар ҳамдастӣ бо тасвирҳои зебо дар ҳисси хонанда таъсири воҳид мегузорад. Таъсири воҳид, яъне шеър ба тамоми вуҷуд дар чашми хонанда падид меояд. Дар шеърҳои шоир маъно ва муҳтавои баланд зарбоҳанги аслист. Ва ин зарбоҳанг дар тамоми шеърҳои ӯ мунташир мешавад.

Дарунмояи шеърҳои шоирро ҳамин зарбоҳангҳои маъно шакл мебахшад. Абдуллоҳи Раҳнамо дар шеърҳояш дар ду чеҳра зоҳир мешавад ва дар ду чеҳра фалсафаи зиндагиро, маънии офариниширо ба мушоҳида мекашад, яъне дар ҳастии хаёлӣ ва ҳастии воқеъӣ зоҳир мегардад. Ӯ ба ҳар мавзӯъ ки даст мебарад, онро мешикофад, бо ишқ ва алоқа ба он ворид мешавад. Бо баёни дақиқ, мантиқи рехта, тасвири хаёл, як мавзӯъи хушкро пур аз шукуфаи шеър месозад. Ӯ бештар дарунмояи шеърро дар таносуби дарунии калимот шакл медиҳад, ки ин равиш шеърҳои ӯро хушоҳанг, хушсохту ҷаззоб кардааст:

*Чу ёдҳои ту биншаст дар гулӯ имшаб,*
*Шароб мешаваму медарам сабӯ имшаб.*
*Майи фурӯғ ба ҷонам бирез, ай хуршед,*
*Ки дар сиёҳии ғам меравам фурӯ имшаб.*
*Чӣ сахт зистам ин чанд рӯзи гетиро,*
*Магар раҳо кунадам дасти орзу имшаб.*
*Сари баландтар аз ҳар чӣ буд, моро буд,*
*Ба дор медиҳадаш қавми ҳоюҳу имшаб.*
*Зиҳӣ умеди чу мӯи шумо дароз имрӯз,*
*Зиҳӣ хаёли чу рӯи шумо накӯ имшаб.*
*Биёву бо лаби нӯшини худ хамӯшаш кун,*
*Ки Раҳнамо нанишинад зи гуфтугӯ имшаб.*
*Чу ёдҳои ту биншаст дар гулӯ имшаб.*

Шеърҳои шоир аз тадовули мантиқӣ бархурдор буда, аз гусастагиҳои андеша ва маъно ба дур аст. Ӯ дар кори худ маъноро, тасвирро ба калимот таҳмил намесозад, балки калимотро дар кори маъно ва тасвир табиӣ, ҳунармандона ба кор мебарад. Шоир ҳамон гуна, ки ба тасвирҳои зеҳнӣ, рухдодҳои айнӣ дар шеър нақш қоил аст, ҳамон андоза ба забон ва баён ҳам дар шеър ҳақ медиҳад ва забонро дар кори шеър бисёр ҷиддӣ медонад. Назари Абдуллоҳи Раҳнамо бар он аст, ки аслият ва айнияти шеър бар кашф аст ва ин кашф баёни зебо ва забони шево низ мехоҳад:

*Чу қоматат ба назар ҷилваҳои мавзун зад,*
*Рухат ба ними ҷаҳон партави ҳумоюн зад.*
*Сарои чашми маро ашк сарнагун овард,*
*Ғалат кӣ кард, ки ин хаймаро ба Ҷайҳун зад.*
*Ту, эй ғарибтар аз сабзае миёни кавир,*
*Кият ба сурхии як навбаҳор дар хун зад?*
*Бародарони рубобӣ, навои меҳр куҷост?*
*Магар ба тори шумо дасти ғайр нохун зад?*
*Дареғи домани поку намозии Меҳан,*
*Ки фарқ то ба кафаш доғҳои гулгун зад.*
*Чу майсаҳои сари гӯр рози синаи ман*
*Ба лутфи хоҷасаро байт– байт берун зад.*
*Чу қоматат ба назар ҷилваҳои мавзун зад.*

(Ғазал, саҳ. 13)

Абдуллоҳи Раҳнамо шеърро пурмоя мегӯяд ва дар офариниши мафоҳими тоза ҳунарманд аст ва дар ин фазо таҷрибаи кофиро андӯхтааст. Калимот, тасвир, таркиб, маъно дар корҳои шоир саршор аз ҳайсият ва эътиқод аст, ки хонандаро ногузир ба ҷустуҷӯи шеър мебарад. Дар як калом метавон гуфт, шеъри Абдуллоҳи Раҳнамо шеъри раҳоибахш аст, на шеъри боздоранда, шеъре ки имрӯз башар ба он беш аз ҳар вақти дигар ниёз дорад.

# ФЕҲРИСТ

Х.Шарифов. Диди тоза дар нақди шеъри тоҷикӣ.....3
Пешгуфтор ..........................................................9
Хиттаи муаттари шеър ..........................................14
Тафаккур ва ҳис дар калимот ................................32
Шеър кӯчидан аст аз худ ........................................48
Мо завқи худодод ба ҳар бод набахшем ................62
Қиёми офтобии шеър ..............................................77
Ҳафт чарху як самоъ ...............................................88
Нигоҳи дигар, шеъри дигар ...................................105
Борони раҳмат.........................................................118
Эътиқод ва бовар дар шеър ..................................132
Дар сабзтарин фасли вожаҳо................................142
Надорам такя ҷуз бар хомаи худ ..........................157
Фурӯғи ишқ дар сукути шеър ...............................175
Қиёми шеър аз ҷонам дамида...............................188
Пардаи розе, ки суханпарварист ..........................198
Аз қаламрави шеър то қаламрави ишқ.................208
Овои шеър аз он сӯйи зиндагӣ ..............................231
Дар зовияи хотираҳо ва калимаҳо ........................243
Сурати танҳои як шоир..........................................252
Шеър агар эъҷоз бошад.........................................265
Дар манзари тасвир ва рангҳо...............................273
Ҷилваҳои мавзуни андеша....................................284

**Муҳаммадалии Аҷамӣ**

**ТАФАККУР ВА ҲИС ДАР ШЕЪР**

*(Маҷмӯаи мақолаҳо)*

Муҳаррири ороиш *Р. Лоиқзода*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Ҳуруфчин *Р. Атоева*
Мусаҳҳеҳ *З.Неъматова*

Ба матбаа 20.08.2008 супорида шуд. Ба чопаш 5.09.2008 имзо шуд. Коғази офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопии шартӣ 18,5. Адади нашр 700 нусха. Супориши № 77/08

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а.

Нашриёти «ЭЇОД»
734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36
Тел.: 221 95 43. E-mail: ejod@mail.ru